СОТИМ УЛУҒЗОДА

# ФИРДАВСӢ



Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj



# СОТИМ УЛУҒЗОДА

# ФИРДАВСӢ

РОМАН

КНИГОХРАНЕНИЕ

ДУШАНБЕ
Нашриёти «Адиб»
1988

ББК 84 Тоҷик 7-4

456665
Ленинабадская областная
Библиотека им. Т. Асири

**Улуғзода Сотим**

У-37 Фирдавсӣ: Роман.— Душанбе: Адиб, 1988.—272 саҳ.

Романи «Фирдавсӣ» андешаест рӯи воқеоти таърих, ки гузаштаро бузург медорад, ба дарди имрӯз даво мешавад ва бо саволҳои фардо ҷавоб мегӯяд. Ба ин маънӣ роман ҳам таърихӣ, ҳам кунунӣ ва ҳам дар хизмати оянда.

**Улугзаде Сотим.**

Фирдоуси: Роман

Роман посвящен жизни и деятельности классика таджикско-персидской литературы Абулкосима Фирдоуси. В книге, в частности, рассказывается об истории создания главного произведения поэта знаменитой «Шахнаме».

**У** $\frac{4702050020-48}{М 501(13)-88}$ 124—88

**ББК 84 Тоҷик 7—4**

© Нашриёти «Адиб», 1988

## Қисми якум

### Хонаводаи деҳнишин

Шаҳри Тус дар дараи Кашафрӯд дар мобайни ду силсилаи кӯҳи мувозӣ қарор гирифта, пас аз Нишопур дуввумин шаҳри калони Хуросони Ғарбӣ будааст. Иқлими вилоятро нафаси ҳар ду кӯҳи қулласафед ва насими рӯди пуроби тезҷараён мӯътадил медоранд. Обу ҳавои мусоид дар саросари вилоят парварандаи зироату боғдорист. Тус ва рӯстоҳо — деҳкадаҳои атрофи он ҳама хушбоду ҳаво, сердолу дарахтанд. Шаҳр ҳамноми қаҳрамони машҳури «Шоҳнома» аст: тусиён Тусн паҳлавонро буньёдгари шаҳрашон медонистанд. Аз рӯи ривоятҳо, замоне он паҳлавон ва лашкаркаш ба ғазаби шоҳ Кайхусрав гирифтор шуда, гурехта ба Хуросон паноҳида, дар он диёр ба канори Кашафрӯд он шаҳрро буньёд карда будааст. Тусро шаҳри шоирон ва олимон меномиданд: дар маҳфилҳо овози шоирон баланд, дар масҷиду мадрасаҳо мунозираи олимон дар авҷ буд.

Шаҳр аз пайвасти ду шаҳраки самти шарқию ғарбӣ ба ҳам омада буд, шаҳраки самти шарқӣ Тобирон ва ғарбӣ Навқон ном дошт. Разон номи яке аз дарвозаҳои Тобирон буд, зодгоҳи Абулқосими Фирдавсӣ деҳаи ҳамсоя Шодоб ва бошишгоҳаш деҳаи Бож буд; ин деҳа дар пушти дарвозаи Разон буда ва боғистонаш ба он дарвоза мепайвастааст. Обову аҷдоди шоир низ дар Бож ва Шодоб зистаанд. Онҳо деҳқонон — мулкдорони калон будаанд, ки дар Эрони пеш аз ислом табақаи ҳукмрон ҳисоб меёфт. Аҳли ин табақа озодон номида мешуд ва асилзодагон ба шумор мерафтанд. Дар замони ҳокимияти арабҳо ин табақа аз нуфузи сиёсиву иқтисодии худ маҳрум гар-

дид. Аҷдоди шоир ва худи вай дар ин давра аз мақоми тавонгарӣ фуромада ба мулкдорони хурд табдил ёфта буданд.

Падари шоир Мавлоно Фахриддини Аҳмад марди бофазлу дониш буда, амале аз амалҳои девони молиёти Хуросонро ба ӯҳда доштааст. Ӯ барои илм омӯхтани писараш кӯшиши бисьёр мекард. Дар солҳои нахустини шуғли Фирдавсӣ ба назми «Шоҳнома» чунин ривояте пайдо шуда буд: гӯё дар овони хурдсолии шоир падараш ба хоб мебинад, ки писараш ба бом баромада ва рӯ ба тарафи қибла карда наъра мезаду дар ҷавоби наъраи ӯ аз ҳар ҷониб овозҳо шунида мешуданд, бомдод Мавлоно назди муаббир (хобгузор)-и машҳур шайх Наҷибуддин рафта хоби дидаашро нақл мекунад ва таъбирашро мепурсад, шайх китобҳояшро дида хоби ӯро чунин таъбир мекунад, ки овозҳои шунидашуда овозаи оянадаи писари туст, ин писари ту сухангӯе мешавад, ки овозааш ба чаҳор рукни олам мерасад ва дар ҳамаи атрофу акноф сухани ӯро ба қабул истиқбол мекунанд. Ба ҳамин тарз ровиён достонсаро шудани Фирдавсиро ба сарнавишти азалӣ нисбат дода ва мардумонро ба ин бовар кунонда будаанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки Ҳасани Абулқосим дар айёми таҳсилаш ба илмомӯзӣ майлу рағбати азим зоҳир карда, донишманди мумтозе шуда ба воя расид. Вай забони паҳлавӣ медонист, забони адабии модариаш ва арабиро ба хубӣ фаро гирифта буд. Истеъдоди фитрии ӯ дар гӯяндагиву шоириаш зуҳур кардан гирифт. Дар солҳои талабаи мадраса буданаш аз «Худойномак»-и бостонӣ (китобе, ки баъдан пас аз тарҷума шудан ба форсии нав, «Шоҳнома» ном гирифт) баъзе порчаҳои барояш писандомада ва шавқангезро назм мекард.

Дар он вақт ки ҳикояти мо аз он сар мешавад, Абулқосими Фирдавсӣ бо ҳамсараш Фотимабону, писари бистудусолааш Ҳушанг ва духтарчаи ҳаштсолааш Манижа дар Бож ба ҳавлии меросии худашон мезистанд. Падару модари шоир якчанд сол пеш вафот карда буданд. Ҳавлӣ калон, даруну берундор буд, дар ҳавлии берун саис ва дигар хизматгорони даргоҳ иқомат доштанд ва ҳам анбору дигар биноҳои лозимаи рӯзгор дар вай буд. Дар боғ як дар хонаи пешайвондор — ҳуҷраи кори шоир воқеъ ва пеши ҳуҷра гулзор буд, дар гулзор садбаргҳои рангоранг, гули тоҷихурӯс, райҳон, савсан, бунафша ва ғайра руста буданд. Ҷӯйбори аз Кашафрӯд баровардашуда аз наздики ҳавлии Фирдавсӣ гузашта сӯи шаҳр ҷорӣ мешуд, шохобе аз он ҷӯйбор ба боғи ӯ медаромад ва аз он баромада ба боғоти ҳамсояҳо мерафт.

Абулқосим баъд аз намози бомдод аз масчид баргашта дар ҳавлӣ аҳли хонавода ва хизматгоронашро монанди ҳамеша дар чунбучӯли пагоҳонӣ ёфт. Саис дар ҳавлии берун назди тавила ду аспро қашав мекард. Абдуллоҳи дастьёр ду модагови дӯшой ва ғуночинҳоро аз дарвоза бароварда ба пода меронд. Дар ҳавлии дарун Равшани каниз дар ошхона сари дегу оташдон андармон буд. Манижа дар суфаи рӯи ҳавлӣ як духтарбача ва як писарбачаи хурдсолро ширбиринч «зиёфат» мекард. Онҳо кӯдакони Равшан буданд. Равшан пештар зани яке аз барзгарони Абулқосим буд, шавҳараш барвақт вафот карда, зани чавонашро бо ду кӯдакаш бева гузошт. Равшани чаққону чобукдаст агарчи дар хонаи худаш мезист, ҳар рӯз бо кӯдаконаш ба ҳавлии Абулқосим омада аз пагоҳ то бегоҳ хизмати рӯзгори ӯро мекард, хӯроки худаш ва кӯдаконаш дар хонаводаи шоир буд, пӯшокашонро ҳам Фотимабону медод.

Ҳушанг дар кати паҳлуи суфа хобида буд,— панчшанбе дар мадраса рӯзи таътил. Рӯзҳои таътил чавонаки хобдӯст баъд аз он ки Фотимабону ӯро саҳар бо душворӣ бедор мекард, одатан намози бомдодро хоболудона бо ҳамроҳии модараш мехонду боз ба чогаҳаш даромада, кӯрпаро ба болояш кашида то аз масчид баргаштани падараш хоб мерафт. (Абулқосим одатан пас аз намоз фурсате ба пурсупосу гуфтугӯ бо ҳамдеҳагиён андармон шуда, ба хона дертар меомад). Фотима бо шунидани шарфаи пои шавҳараш Ҳушангро хезонд. Кӯдакон аз ширбиринчхӯрӣ фориғ шуда дар поёни суфа бо гурбачаи малла бозӣ мекарданд; Абулқосим назди онҳо ҳам шуда Манижа ва он ҳар ду кӯдакро як-як бӯсид.

Гирди дастархон чойгир шуданд. Равшан дар косаҳои чинӣ шири гарм овард. Ҳарсеяшон порахои нонро реза карда, дар косаи шир андохта бо чумчаҳои чӯбини сурхранги мунаққаш тановул мекарданд. Шоир аз дарсхонии писараш пурсон шуд. Ҳушанг дар мадраса илоҳиёт, сарфу наҳви арабӣ ва тафсир, дар пеши мударрисоне, ки дар ҳучраҳои шахсии хонагиашон дарс мегуфтанд, илми нучум ва ҳисоб меомӯхт. Абулқосим аз дигар талабагони божӣ, ки шарикдарсони Ҳушанг буданд, мешунид ки писараш баъзе рӯзҳо ба дарс ҳозир намешавад, соатҳои дарсхониро бо чӯраҳои айёши худ сарфи вақтхушӣ мекунад ва чӯраҳо пинҳонӣ шароб ҳам менӯшанд. Бояд аз ҳамин сабаб бошад, ки вай аксар вақт ба дарсхона тайёр нашуда меояд ва ба пурсишҳои мударрисон чавоб дода наметавонад. Падар ба ӯ гуфт:

— Ҳушанг, мешунавам, ки ту дар шаҳр ба худ рафиқони

нав ёфтаӣ ва бо онҳо ҳарифбозӣ карда, вақти гаронбаҳои таҳсилатро зоеъ мекунӣ?

Ҷавон безобита шуда пурсид:

— Кӣ гуфт?

— Гуфтанд ва ман шунидам,— ҷавоб дод падараш.

— Абӯ Дулаф гуфтагист?

— Чӣ магар аз ҳарифбозии ту Абӯ Дулаф ҳам хабар дорад?

— Маҳмуд хабар кашидагист,— тез шуда ба суол ҷавоб надода гуфт Ҳушанг,— ман даҳони он хабаркашро хок пур мекунам.

— Вале ту ба пурсиши ман посух надодӣ,— бо лаҳни тундтар гуфт Фирдавсӣ.

— Ҳар кас гуфта бошад, дурӯғ гуфтааст, ман ҳарифбозӣ накардаам.

— Дурӯғро ту мегӯӣ, Ҳушанг. Ту алъон аз Абӯ Дулаф ва Маҳмуд ба хабаркашӣ гумонбар шудӣ, вале агар чизе набошад, онҳо аз чӣ чиз хабар мекашанд? Ҳарчанд ки ту ба пурсиши ман посух надодӣ, бо гумонбар шуданат аз Абӯ Дулафу Маҳмуд ба гуноҳат иқрор кардӣ. Акнун бигӯ, рафиқони нават, ҳарифонат кистанд?

— Шумо онҳоро наме...

— Бигӯ, киҳоянд? — сахтгирона сухани писарашро бурид падар.

Ҳушанг ночор ду нафарро ном гирифт, ки аз талабагони мадрасаҳои дигар ва аз оилаҳои савдогарон буданд.

— Рост бигӯ, хулқу атвори онҳо чӣ гуна аст? Хушахлоқанд? Айёш нестанд? Май наменӯшанд? — боз суолҳо дод Абулқосим.

Ҳушанг ба ӯ чашм боло накарда, суханро канда-канда ба ҷои ҷавоби суолҳо чизи дигаре гуфт:

— Фақат як... фақат ду дафъа... ҳарифона кардем... Саид шароб овард... Ба дарс ҳозир шуда натавонистам...

Сипас ӯ ногаҳон бо қаҳру ситез:

— Хуб, чӣ шудааст? Осмон ба замин фурӯ ғалтид магар? Ин итобу истинток барои чист? Ҷаро маро шиканҷа мекунед? Ман худ медонам чӣ бояд кард ва чӣ набояд кард! — гӯён бархосту ба хона даромада ғайб зад.

Чеҳраи Абулқосим хира гашт.

— Аз вай озурда нашав,— шавҳарашро тасаллӣ доданӣ шуд Фотима,— ман худ бо вай гуфтугӯ мекунам. Вай гоҳо ҳамин тавр қаҳр мекунад, меситезаду боз зуд ба худ меояд, пушаймон мешавад. Зотан ӯ бачаи баде нест, туро дӯст медорад. Охир, ҷавон аст, хом аст, пухта мешавад.



— Ман медонам,— қаҳрашро фурӯ нишонда гуфт Абулқосим,— вай аз ту зуд-зуд пул мепурсад ва ту медиҳӣ. Дидӣ, пулро ӯ ба куҷо сарф мекунад?

Вай бархоста ғур-ғуркунон ба боғ, ба ҳуҷраи худ равон шуд.

## Шаби эҷод

...Дар хилвати ҳуҷраи даруни боғ сухан офарида мешавад. Насри хушку беранги достонҳо ба назми тари рангин табдил меёбад. Достонҳо мисли дарахте, ки аз зимистон баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешавад, ба зевари шеър ороста мегарданд. Силсилаи достонҳо аз қаъри торики асрҳо сар зада, аз ёд ба ёд, аз авлод ба авлод гузашта, то ба замони шоир расидааст. Шоир ба он силсила шаддаҳои дурру гавҳари сухан ҳамоил месозад. Маҷмаъи достонҳо «Шоҳнома»-и мансур — китоби ғафси дарозрӯя, дигар китобҳои таърихӣ, ахборҳо, вақоеъномаҳо ба форсию арабӣ бар рӯи мизи таҳрири шоир, дар токчаҳои ҳуҷра хобидаанд ва чандин сол инҷониб пӯшида намешаванд. Дар варақҳои назми мутантани размии шоир шоҳон ва ҷаҳонпаҳлавонони бостонии Аҷам зинда гардида, корномаҳои аҷоибашонро ба шоир нақл мекунанд. Тапотапи суми аспони ҷангӣ, шиҳаи раъдосои онҳо, ҳаёҳуи размоварон, чакочаки шамшерҳои хунрез, бонги ваҳмангези таблу дуҳулҳо, наъраи фалакпечӣ карнайҳо мудом дар гӯши шоир танинандозанд. Дар фароғи ҷангу набардҳо хирадмандон ва донишварони бостонӣ ҳам ба меҳмонии ӯ меоянд, мусоҳибаш мешаванд, панду ҳикматҳояшонро баён месозанд. Боз рӯи мизи пасти васеъ дафтари борику дарозе хобидааст, саҳифаҳои дафтар пур аз хатти майдаи нимкӯр — қайдҳои хотиротии шоиранд аз мутолиаи ахбору осори форсӣ, арабӣ, паҳлавӣ ва ҳам ривояту афсонаҳо, ки достонсарои пурҳавсала дар шаҳрҳои Эрону Тӯрон гашта, онҳоро аз нақли ровиёни зинда навишта гирифтааст.

Дар сукути шабонгоҳӣ вай ба дами даричаи ҳуҷра нишаста дар рӯшноии шамъ қалам меронад. Аз берун чирроси чирчиракҳо ва шаввоси Кашафрӯд ба гӯш мерасад. Шоир гоҳ-гоҳ найқаламашро гузошта, як даст ба ришу ба дасти дигар тасбеҳи зарди ёқутӣ, аз дарича ба боғи торик, ба ситоразори осмон ва ҳилоли моҳ назар дӯхта, фурсате ғарқи фикр мешавад ва боз даст ба қалам мебарад. Ба назм гардонидани қиссаи писарони Фаридун бисьёр дароз кашид. Шоир ин қиссаи ға-

мангезро якчанд сол пеш шурӯъ карда, вале ба охир нарасонда, ба назми достонҳои дигар машғул шуда буд. (Вай гоҳ-гоҳ ҳамин тавр мекард: агар дар навиштани достоне душворӣ, сакта, норавонӣ пеш ояду кораш пеш наравад, онро ба вақти дигар гузошта достони наверо ба даст мегирифт). Инак вай аз нав ба қиссаи Эраҷу Салму Тур баргашта буд. Онро як моҳ боз менависад ва акнун ба фоҷиаи кушта шудани қаҳрамон расидааст. Эраҷи софдил, накӯкор, хайрандеш он қадар ба дили шоир нишаста ва он қадар барояш азиз гаштааст, ки вай аз кушта шудани ӯ ба даҳшат меояд, мисли ин ки хуни фарзанди худашро мерехта бошанд. Вай дар рафти иншои достонҳо ба қаҳрамононаш дилбаста мегардид,— охир, онҳо муддатҳои дароз ҳамдаму ҳамнишинаш, ёрони шабҳои бедорхобиаш буданд, ба ӯ роз мегуфтанд, Эраҷ низ инчунин. Суханоне, ки қаҳрамон дар аснои теғ кашидани бародари бадкинаш бояд ба вай бигӯяд, дар тафаккури шоир кайҳо тайёр ва ҳатто қариб манзум шудаанд, аммо вай дар навиштани онҳо даранг мекунад, гӯё ба овардани он сатрҳои даҳшатангез ба рӯи коғаз дил намекунад. Ниҳоят Эраҷ ба Тур гуфт: «Ба хуни бародар чӣ бандӣ камар? — Чӣ сӯзӣ дили пиргашта падар? — Маёзор мӯре, ки донакаш аст.— Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст!» Ин суханон нидои дили худи шоиранд, бо ин вай гӯё мехост дасти Турро аз фуруд овардани теғи барафрошта ба сару гардани Эраҷ боздорад. Вале дасти қотили сангдил боздошта нашуд: «Бад-он теғи заҳробгун ханҷараш — ҳамекард чок он каёнӣ бараш»... Қалам аз дасти шоир афтод, вай бархоста берун баромад. Тоби ситораҳо ва фурӯғи доси борики моҳ аз байни анбӯҳи шохаҳои дарахтон базӯр гузар карда, гулбуттаву шукуфаҳои ду бари пайраҳаро хира-хира ба чашм намудор месозанд.

Сипас ӯ ба ҳуҷра баргашт. Сари бурида ва тани ба хун оғуштаи Эраҷи навҷавон аз дидаи хаёлаш дур намешаванд. Шоир ба дил аз дуньёи дун шиква мекунад, ки кораш ҳамеша чунин аст: одамиро аввал мепарварад, пас он мефиребаду мекушад... Ӯ боз паси хонтахта нишаста қалам баргирифт ва қиссаро бо гилаи пурҳасрате аз ҷаҳони ҷафокор ба поён овард: «Ҷаҳоно, бипарвардияш дар канор,— Аз он пас надодӣ ба ҷон зинҳор.— Ниҳонӣ надонам туро дӯст кист,— Бар он ошкорат бибояд гирист».

Дариҷаро пӯшонд, абои нимдошти сабзгунро, ки одатан дар вақти кор мепӯшид, аз танаш баровард ва шамъи фурӯзонро, ки аз он танҳо ба қадри сеяки ангушт боқӣ монда буд, пуф кар-

ду пахлӯи хонтахта бар рӯи якандози пахтанок пахлӯ зада, аборо ба болояш кашид. Чашмони хастаашро пӯшида ба хоб рафтанӣ шуд.

Аммо хоб куҷо? Шаб кайҳо аз ним гузашта, вале ӯ ҳанӯз бедор аст. Хотири ошуфта ва сари пур аз хаёлоти парешон хобро намепазиранд. «Э кош Фотима меомаду як дам чангашро менавохт ё достоне мехонд,— ба дил мегузаронд шоир.— Шояд нағмаи чангаш, овози маҳини диловези худаш ҳамчун аллаи модар хоби гурехтаамро ба ман бозмеовард».

Ба шодии ӯ Фотима худ ногаҳон ҳозир гашт. Гӯё ки садои замири шавҳаршро шунида буд.

— Ҳушангҷон! — шавҳарро бо номи писараш ном гирифта аз пушти дар овоз дод ӯ.— Хобат бурда?

— Бедорам, бедор! — аз ҷой ҷаста дарро кушод Абулқосим.— Биё, меҳрубонам, ҳамин дам ёди туро мекардам.

— Дилам гувоҳӣ медод, ки ту бедорӣ. Охир, чаро хобат намебарад? Олам ҳама дар хоб, мурғу моҳӣ ҳама хуфта...

— ... ба ҷуз ман ва Фотимаҷонам,— суханро аз даҳони занаш гирифт Абулқосим.— Худат чаро нахобидаӣ?

— Хоби гурезаи ту азони маро ҳам аз думболаш бурд,— хандид зан.— Хуб, шамъат куҷост? Барафрӯзам?

— Шамъ сӯхта тамом шуд.

— Дигарашро биёрам?

— Қошкӣ.

— Алъон меорам.— Фотима гашта рафтанӣ шуд.

— Чӣ хуш буд агар каме шароб ҳам меовардӣ,— аз паси ӯ хоҳишгарона гуфт Фирдавсӣ.

— Дилат шароб мехоҳад? Дар ин ними шаб?

— Аз моҷарои Фаридуну писаронаш ба танг омадам; тафовут надорад — ба ин қарибӣ хобам намеояд. Чӣ мешавад, ки як дам дилхушӣ кунем. Фотимаҷон. Умедворам, ки чангатро ҳам фаромӯш накунӣ!

Баъди ним соат шамъу кӯзачаи шароб бо ду ҷоми нуқрагин ва анору турунҷу биҳӣ — ҳама дар лаълӣ ниҳодаву чанг дар бағал — кадбону ҳозир гардид.

Вақте ки шамъ афрӯхта шуд, Фотима ба чашми шавҳараш беш аз пеш зебои дилрабо намуд. Хурраму хандон занашро оғӯш карда якзайл «нозанинам, меҳрубонам, моҳи тобонам» гӯён рӯю мӯяшро мебӯсид. Фотима аз соҳибҷамолони таърифӣ набошад ҳам, чеҳраи сабзинаи дилкаше, чашмони шаҳлои бануре дошт, миёнақади борикандом буд. Тарбиятдида ва хушсавод, монанди шавҳараш деҳқоннажод буд, аз мусиқӣ низ бебахра

набуд, чангро хуб менавохт. Баъзан шабҳангом аз ҳавлии дарун ба ҳуҷраи шавҳараш омада бо хоҳиши ӯ чанг менавохт ё барояш афсонае мегуфт,— Абулқосим шунидани афсонаҳои ӯро дӯст медошт,— ё ки аз «Шоҳнома»-и мансур достоне мехонд. Аз шавҳараш ҳафт сол хурдтар буда, дар муқобили марди панҷоҳсолаи тануманди каллакалони паҳнриш ҳамчун духтари нозуке менамуд. Солҳои заношӯӣ гӯё ки ҳамвора муҳаббати шавҳарро ба занаш афзун мекарданд.

— Кирдори бародарони Эраҷ маро ба хаёлоти ғамангез андохт,— мегуфт шоир.— Додари худашонро куштанд... Инсон ба дунё ҳамчун фаришта пок ва беайб меояд, пас ин даррандахӯӣ дар табиати вай аз куҷост?—пурсид ӯ ва худ ҷавоб дод:— Аз ҳирси ҷоҳ, нуфуз, сарват, ҳирси забардастӣ бар ҳамҷинсони худ.

— Чӣ ҷои ҳайронист? — гуфт Фотима.— Магар ин ҷаҳонро ҷаҳони ҳирсу оз нагуфтаанд? Инсон пок омада, дар касофати ин ҷаҳон олуда мешудааст. Маълум ки ҳар чӣ ба кони намак афтод, намак шуд.

— Одамизода ба ақлу хуш ки даромад,— фикрашро давом дод Абулқосим,— дар ибтидо сари дуроҳае қарор мегирад: роҳи хайр ва роҳи шарр. Ду ҳодии роҳ, Ҳурмуз ва Аҳриман, яке ӯро ба ин сӯ, дигарӣ ба он сӯ мекашанд. Он ки ҳодияш Ҳурмуз аст, Эраҷ шуд, ва оне ки роҳбараш Аҳриман буд, Тур ё Салм гардид.

Дар дили шаб ба рӯшноии шамъ шавҳару зан базми ширине оростанд, май нӯшиданд. Шоир аз нашъаи май сархуш ва аз навои чанг маҳзуз, ба мақоми мусиқӣ сари дарозмӯяшро алвонҷ медод.

- Аз Эраҷ фориғ шудӣ? Баъд аз ин чӣ менависӣ? — чангро гузошта пурсид Фотима.

— Ровиёни ахбор аксар воқеаҳои таърихро саҳл гирифта, бештар ба зоҳири онҳо аҳамият додаанд; қиссаҳоро ба назм тавре бояд баён кард, ки муассир ва омӯзанда бароянд.

— Интиқоми хуни Эраҷро менависӣ? Боз куштор, лашкаркашӣ, ҷанг?

— Охир, ман таърихи Аҷамро назм мекунам.

— Салм ва Тур бедодгар буданд, бедодгарии шоҳон аз бехирадии эшон аст, ҷое ки хирад бо дод пайванд нест, пайовардаш ба ҷуз зишткорӣ, ба ҷуз балову офат бар сари кишвар ва мардумон нахоҳад буд. Ман бояд инро нависам, то панду ҳикмати қисса ошкор шавад.

— Хушангҷон, ман пештар ба ту гуфта будам ва акнун ҳам

мегӯям, ки чӣ хуш буд, агар ту гирди ҷангҳои шоҳону паҳлавонон камтар мегаштӣ ё ҳеҷ намегаштиву достонҳое монанди Рустаму Таҳмина, Золу Рӯдоба менигоштӣ. Чунин достонҳо хонанда ва шунавандаро ба шавқу завқ меоранд, мегирьёнанд ва механдонанд, дилу ҷонро рӯшноӣ мебахшанд. Аз ҷангнома чӣ суд? Худат медонӣ ки бе он ҳам замона пур аз ҷангу ҷидолҳост, халқи олам аз онҳо безоранд.

— Безоранд. Рост мегӯӣ. Вале бояд донист, ки сабабгори ин ҳама ҷангу ҷидолҳои хонумонсӯз чист ва кист... Дар тӯли қарнҳо балою офате, ки пайваста аз ҷангу ҷидолҳо мехезад, ҳазор карат беш аз офати зилзилаҳо ва селҳост.— Шоир тавре сухан мегуфт, ки гӯё пеши худ андешаи шунаво мекард. Суханашро давом дод: — Имрӯз ҳам Аҷам дар вартаи кашмакашҳои хунин аст. Туркони қарохонӣ дар тараддуди лашкаркашӣ ба мулки Сомониёнанд... Аслан ҷӯшҷ нави ҳамон ҷангҳои бадфарҷоми Эрону Турон... Ман акнун ҷангу ҷидол, харобию табоҳиеро, ки аз фитнаи он ду бародари тоҷдори Эраҷ бархост, менависам, чунон ки аз ин пеш ҳамин гуна оқибати нобихрадиву нооқибатандешии Ковусшоҳ, Афросиёб ва шоҳони дигарро навиштаам... Навиштам ва менависам, то шояд савобу хатои пешиниён ба имрӯзиёну фардоиён дарси ибрат шавад...

— Дар боби додгарӣ ҳам?

— Албатта. Гузашти рӯзгорон омӯзгори хубест, ҳар кӣ аз ӯ таълим гирифтан хоҳад, ин омӯзгори пурдоннахуст ба вай ситамгорӣ бар зердастонро манъ мекунад. Панди шоҳони некусиришт ва додгар, ҳикматҳои Бузургмеҳри ҳакимро ман дар «Шоҳнома» ба назм зикр кардам ва хоҳам кард, то шоҳони ситампеша агар надонанд, бидонанд, ки баҳраашон дар ду олам лаънати худо ва нафрини халоиқ асту бас... Абӯ Дулаф шунидааст, дар шаҳр баъзе касон маро ғоибона таъна мезадаанд, ки умри азизро ба қиссапардозӣ зоеъ мекунад, аз қисса чӣ суд? Ҷоҳилон намедонанд, ки достонҳои ман ҳама панду ҳикматанд... Таҷрибаи рӯзгоронанд. Устод Рӯдакӣ гуфтааст: «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд»...

Гӯянда торафт овозаш пасттар мешуд ва аз хастагӣ пинак мерафт. Фотима ба ғундоштани дастархон шурӯъ кард.

— Ту хаста шудӣ, акнун роҳат бикун, хоб рав,— гуфт ӯ ва бархост. Шавҳар ӯро аз доманаш гирифта боздошт:

— Нарав, як имшаб ҳам бо ман бош, Фотимаҷони ширинам, ман туро пазмон шудам.

Зан дам назада бо табассуми ҳаёомез сӯи дар равон шуд.

— Меравӣ? Чӣ тавр дилат мешавад, ки дар ин гуна шаби муродбахш ошиқатро танҳо бигузориву биравӣ, дилситонам?

— Хуб, меоям,— хандида гузашт кард дилситонаш,— аз хоби Манижа хабар мегираму меоям.

Рафт ва баъд аз ним соат баргашт. Ҷои хоб андохт.

...Субҳидам бо ҳам таҳорат карданд. Бону агарчи он шаб аз хоб монда буд, боз ҳам хушу хуррам шавҳарашро ба масҷид ба намози бомдод гуселонда, худ ба ҳавлии дарун шитофт.

## Иғво

Фотимабону боре ба муносибати маросиме ба Шодоб ба хонаи холааш рафта буд, аз он ҷо бегоҳрӯзӣ баргашта дар ҳуҷраи шавҳараш ба ӯ чунин нақл кард:

— Дар байни меҳмонон Бибихолида зани охунди шодобӣ ҳам ҳозир будааст. Ин занаки ҳавобаланд ба ҳар чиз хурдагирӣ мекунад, ба ҳама панд мехонад, гуфтораш ҳама аз набию васию имоми шаҳид аст, мисли ин ки онҳо амухояш * мебошанду вай ҳадисҳои ононро аз забони худашон шунидааст. Дар маъракаи занон ба ман рӯ оварда гуфт: «Шунидем ки шавҳаратон қиссаҳои замони ҷоҳилия менавиштаанд, маҷусҳоро меситудаанд?» Пурсидам, аз кӣ шунидед? Гуфт, охунд боре дар саҳни ҷомеъи Тобирон дидаанд, ки Абӯ Дулаф дар ҳалқаи талабагон қиссае мехонад, пурсидаанд — ин қисса нигоштаи кист? Абӯ Дулаф ҷавоб додааст, ки нигоранда Абулқосим Фирдавсист ва ӯ монанди ин достонҳои дигар ҳам навиштааст ва менависад. Охунд талабагонро сарзаниш кардаанд, гуфтаанд: шумо мӯмину мусулмононед, дар оянда соҳибони дину шариат мешавед, магар аз гуноҳ наметарсед, ки чунин қиссаҳои маҷусиро мехонеду мешунавед? Ба оташ афканед онҳоро, зеро онҳо боиси ихтилоли имон ва залолат мешаванд. Баъдан ман аз холаам шунидам, Бибихолида пас аз рафтани ман гуфтааст, ки охунд аз Фирдавсӣ ба шайхи бузург Абулқосими Гургонӣ аризаи шикоят навиштанд: эшон далелу ҳуҷҷат доранд ва метавонанд исбот кунанд, ки шоир Фирдавсӣ ба дил мӯътазилӣ, қарматист ва мазҳабашро пинҳон медорад. Имом як-ду достони туро дар кӯчое хонда ва қисман рӯбардор карда гирифта будааст...

Ин хабар дар воқеъ хавфангез буд,— касони ба мӯътазиливу

---

* *Аму* — амак

қарматигӣ муттаҳамшударо ҳам арбоби ҳукму фармон ва ҳам асҳоби дину шариат радди маърака ва сахт таъқиб мекарданд. Акнун биншину нигарон бош, ки бадхоҳонат чи фитнае бар зиддат мехезонда бошанд.

Шоир ду-се поси он шабро бо шабзиндадории пурфикру хаёл гузаронд. Аз шикояти Абдуннабии имоми шодобӣ ва умуман аз хулқу атвори ӯ дар тааҷҷуб буд. Чанде пеш имом ҳамдеҳаи худ Аббоси бофандаро ба хондани рисолае аз рисолаҳои Ихвонуссафо гунаҳкор карда, ба шайхи Абулқосим ва ҳоким хабар кашида зиндон кунонд. Мегуфтанд, ки дар Шодоб агар касе бо сабабе дар намози ҷамоат ҳозир нашавад, Абдуннабӣ ӯро фавран ба кофирпешагӣ муттаҳам сохта ҷарима мекунондааст ё ба раиси шаҳр гуфта дарра мезанондааст. Дар кӯчаҳо бачагони хурдсолро навозиш карда, шириниҳо дода мепурсидааст, ки оё модару хоҳаронашон намоз мехонанд, ва агар маълум шавад, ки намехонанд ё боре нахондаанд, ё ки маросиме аз маросимҳои диниро баҷо наёвардаанд, охунд шавҳарон ва падарони онҳоро ба кӯча садо карда, дар байни мардумон таҳқир менамудааст. Худ дар сари хирманҳои кашоварзон вақти кафсангирӣ ба болои ҳар як кафи ғалла ҷанҷол мебардошта, ё ки бе огоҳии ӯ хирманбардоштагонро дар ҷамоати масҷид дашномҳои қабеҳ дода шарманда мекардааст. Бошандагони Шодоб аз шарри имоми худ ба дод омадаанду додрас намеёфтаанд. Акнун ин фитнаангези арбадаҷӯ ба мани гӯшанишин дасти бӯҳтону иғво ёзондааст,— ошуфтахотир шуда ба дилаш мегуфт Фирдавсӣ.

Вай мунтазири даъват ба назди шайх Абулқосим буд: имоми шодобӣ дар ҳақиқат агар ба шайх ариза фиристода ё балки худи ӯро дида аз шоир ба он мазмун, ки зани имом ба Фотима гуфтааст, шикоят карда бошад, шайх ӯро барои таҳқиқ ба ҳузураш даъват хоҳад кард. Охир, шайхи бузургвор, фақеҳ ва охунди калони шаҳр ин гуна шикоятҳои ба дину шариат дахлдорро беоқибат намегузорад.

Вале аз байн як ҳафта гузашт, шайх ӯро даъват накард. Он гоҳ Фирдавсӣ қарор дод, ки худаш назди шайх рафта ҳақиқати ин корро фаҳмад.

Ҳуҷраи хоссаи шайх дар ҳавлии беруни ӯ буд. Фирдавсӣ аз дарвоза даромада ба хизматгори ӯ — мардаки солхӯрдае бархӯрд, ки барраи сафедеро аз арғамчини гарданаш кашида сӯи собот мебурд, барра аз рафтан саркашӣ мекард.

— Ҳазрат ҳастанд? — пурсид ӯ.

— Ҳастанд,— барои чӣ бошад ки як навъ ситезаомез ҷавоб дод хизматгор. (Шояд ба ваҷҳе аз шайх танбеҳ шунида бошад, ба дилаш гуфт Фирдавсӣ).

— Дар пешашон одам ҳаст?

— Ду чӯпон. Аз кӯҳ барои дуо гирифтан омадаанд. Ба рамаҳошон офате расида бошад магар...

Шоир донист, ки барраро ҳамон чӯпонҳо ба музди дуои шайх ба вай овардаанд.

## Шикоят

Вақте ки хизматгор ба шайх хабар дод, ки Абулқосими Фирдавсии шоир ба зиёрат омадааст, шайх як қадар бесаранҷом шуда монд: деҳқон ва шоири божӣ дербоз ба зиёрати ӯ наёмада буд, бешак ин омаданаш бо аризаи Абдуннабии имоми шодобӣ алоқаманд аст. Фармуд,— дарорандаш.

Марди сиёҳчурдаи чашмкалон, фарбеҳҷусса — шайх Абулқосими Гургонӣ саломи шоирро ба оҳистагиву тамкин алайк гуфт, Фирдавсӣ чунон ки расм буд рафта дасти ӯро бӯсид, шайх бо ишораи даст ӯро ба нишастан таклиф карда наздики худаш дар пешгаҳ ҷой нишон дод. Чӯпонҳои дуоталаброрухсати рафтан дода ҳуҷраро аз онҳо холӣ кард. Фирдавсӣ дар намад зону зада, суханро якбора аз муддаои худ сар кард:

— Ҳазрат, шунидам, ки Абдуннабӣ, имоми масҷиди Шодоб, аз ман ба шумо шикояте навиштааст. Мехостам бидонам, ки оё ин рост бошад, ва агар рост бошад, шикояташ аз чист?

Шайх як он сукут карду баъд ба токча даст ёзонда як китоби ғафсро, ки дар он ҷо истода буд, гирифт ва аз қабати он вароқи коғазеро баровард.

— Бале, навишта буд,— гуфт ва коғазро ба Фирдавсӣ дароз кард.

Шоир варақро кушода ба он чашм давонд.

Имоми шодобӣ қироат кардани талабагони мадраса «қиссаи маҷуси»-и Золу Рӯдоба ва танбеҳ кардани худаш он талабагонро баён намуда, навишта буд, ки аз он баъд вай аз таснифоти Фирдавсии шоир ин қисса ва боз як қиссаи дигарро ба даст оварда мутолиа кард ва дид, ки «ҳама тамдеҳу тамҷиди габрон ва маҷусон ба шеваи мӯътазила ва фалосафа аст, ки бидуни шак мӯҷиби залолат ва ихтилоли имони муслимин мешавад» ва ғайра ва ҳоказо. Аз «шайхи бузургвор ва фақеҳи кибор» талаб мекард, ки мусулмононро аз хондани чунин қиссаҳо манъ


Ленинабадская областная Библиотека им. Т. Асири
КНИГОХРАНЕНИЕ
95665

ва шоири «эътизолпеша ва фалсафимашрабро тавбех ва танбеҳ» намояд, ва навишта буд: «Банда мӯътақидам, ки ин шоир муставҷиби итоб аст».

Фирдавсӣ аризаи шикоятро бо ғазаб ба рӯи намад партофт.

— Иҳонати маҳз! Ҳазьён, сафсатаи ҷоҳилона! — шӯрида гуфт ӯ.— Оё шумо, ҳазрат, ба ин сафсатаҳо бовар кардед?

Оҳанги гуфтори ӯ ба шайх дурушт ва ҳатто беҳурматӣ намуд, вале ӯ ки тундӣ, ғазабу ситезро ба рӯҳонияти худ нораво медонисту ба пайравонаш низ ҳилм ва бурдборро таълим медод, ҳиссиёти худро зоҳир накарда, бо мулоимат гуфт:

— Банда ба имом гуфтам, ки ба исботи даъвояшон далел биёранд, зеро худам маатавсуф достонҳои шуморо нахондаам, аз маъниву мазмуни онҳо бехабарам.

Шоир аз қиёфаи шайх ба нохушнидии ниҳонии ӯ пай бурда, ҳарчи оромтар гуфт:

— Маро маъзур доред, ман аслан шӯридатабъам, хазрат, овозам дурушт, суханонам аз ғайри ихтиёри худам тунд бармеоянд... Хуб, ман мехостам бидонам, ки ҳазрат дар бораи шикояти Абдуннабӣ чӣ коре пеш мегиранд?

— Имом то далелу бурҳон наёранд, мо ба шикояташон эътибор нахоҳем кард,— гуфт шайх.

— Эшон чи далелу бурҳоне оварда метавонанд? Албатта, аз достонҳо якчанд байтро мегиранду ба дилхоҳи худашон маънидод карда пеши шумо меоваранд. Ҳар гоҳ ки кина роҳбари ақл шуд, ҳосилаш ба ҷуз дасисаву иҳонат нахоҳад буд. Охунд чи касе ҳастанд ва чи рафторҳое бо мардум мекунанд, шумо, ҳазрат, инро аз бошандагони Шодоб бипурсед.

— Ҳаройина, охунд аз ҷумлаи уламоянд, имом ва хатиби ҷамоатанд, моро аз шунидани мулоҳизаи эшон чора нест. Мо далелу бурҳон талаб кардем. Албатта, худ медонанд, ки ҳар даъворо далоили сотеъ мебояд, вагарна даъво беоқибат хоҳад буд.

— Эшон ҳар далеле ки оваранд, албатта, худашон онро сотеъу қотеъ хоҳанд донист, вале дар ҳақиқат ҳамин тавр аст ё на, умедворам, ки инро ҳазратам холисона мутолиа хоҳанд кард.

— Магар шумо шак доред, ки банда холисона мутолиа хоҳам кард?

— Арз кардам ки умедворам.

— Аслан, назар ба он чи маълумам шудааст, иддае аз уламо ва фузалои шаҳр назм кардани шумо қисаси замони ҷоҳилияро намеписанданд, мегӯянд он қисас на ба истиқрори дин

аст. Шумо худ на фақат шоир, балки олим ва зоҳид ҳам ҳастед, мусалмонон аз шумо ашъору достонҳое чашм доранд, ки бар қуввати ислом афзоянд. Аз қисасу ривоёти ҷоҳилия чӣ суд?

— Суд — шинохтани ниёгон, рӯзгори эшон, ойинҳои эшон, донистани ҳикматҳои эшон аст. Ин — суди кам нест, ҳазрат.

Фирдавсӣ гуфтугӯро тамомшуда ҳисоб карда, бархосту бо таъзими эҳтиромкорона шайхро хайрбод гуфт.

Дар бозгашт вай дар роҳ ба худ мегуфт, ки шайх Абулқосим марди оқилест, вай соҳибандешатар аз он аст, ки ба иғвои ҷоҳиле ҳамчун Абдуннабӣ эътибор кунад.

Ҳол он ки шайх ба шоир на ҳама гапро гуфта буд. Оре, вай ҳақиқатан аз имоми шодобӣ далелу ҳуҷҷат талаб карда буд, аммо чӣ гуна ва бо чӣ мақсад талаб карда буд, инро вай ба Фирдавсӣ нагуфт. Ин ҳоли ҳозир рози пинҳони ӯ буд.

Роз ин ки баъд аз расидани шикоятномаи Абдуннабӣ шайх дар вақти ба зиёраташ омадани ҳокими Тус Абдулқодири Меҳрон бо вай дар ин бора мусоҳиба карда, гуфта буд:

— Банда ҷаноби олиро огоҳӣ дода будам, ки дар шаҳр ва дар атрофу акноф қарматиёну исмоилиён дар хуфья анҷуманҳо сохта, таълимоти саросар куфру бадъаташонро шоеъ мекунанд.— Шайх ду-се нафарро, ки гумон карда буд қарматӣ ва исмоилӣ мебошанд, номбар кард.— Назар ба хабаре, ки,— суханашро давом дод шайх,— аз як мусалмони покдин, ки худ имоми ҷамоат аст, расид, шоир Абулқосими Фирдавсӣ, зоҳиран, ба мазҳаби онҳо тамоюл дорад. Ӯ қиссаҳои габрону маҷусон нигошта, ба шеваи фалосафа эшонро меситояд. Банда чун инро шунидам, гуфта будам, ки Абулқосим марде зоҳид ва аз уламои дин буд, акнун аз сирати худ баргашта ситоишгари бадбуньёдон шудааст, ки ин роҳ ӯро ба куфру бидъат мебарад. Баъзе қиссаҳои ӯ акнун дар байни хосу ом ва алалхусус толибилмон ошкоро қироат карда мешавад. Дар ҳаққи нигорандаи чунин қиссаҳо итобу сиёсат кардан лозим ва воҷиб аст.

Сарҳанги собиқ Абдулқодири Меҳрон баҳсҳои роҷеъ ба «куфру бидъат»-ро шунавад, сараш гаранг мешуд, вай ин масъалаҳои ба қавли худаш «печандарпечи бесарубун»-ро намефаҳмид, ба вай аз шамшеру камон ва сипару синон гап заданд буд!

Ӯ гуфт:

— Пирам, илм ба дасти худатон, китоб ба дасти худатон. Он шоир агар ҳамин навъ бидъатҳо мекарда бошад, пирам ҳастанд, уламо ҳастанд, қозии шариат ҳаст, бидъатҳояшро дайн карда ба вай ҳар ҷазое ки шариат фармояд, додан метавонанд.

Порсол бо саъйи ҳамон имоми шодобӣ ва далолати пирам якеро аз ҳамон қасаба * оварда зиндон кардем, ман ҳанӯз аз дарди сари ин амр халос нашудаам: ҳафтае намегузарад, ки аёлаш, хешу табораш, ҳамкасабаҳояш ба додхоҳӣ наоянду озодии ӯро талаб накунанд.

Ҳоким бофандаи шодобӣ Аббосро дар назар дошт, ки бо хабаркашии Абдуннабӣ ба хондани рисолаи исмоилия гунаҳгор шуда ба зиндон ғалтида буд.

Шайх ба исботи дурустии «итобу сиёсат» талаб карданаш боз чанде лому мим гуфт, аммо гардани шахи сарҳангро нарм карда натавонист. Он гоҳ ӯ ба худ қарор дод, ки аввалан ба «бидъаткории» Фирдавсӣ тавассути имоми шодобӣ ва шахсони дигар далелу бурҳони лозима ҷамъ кунаду сониян ӯро ба масъулият кашонад. Агар ин муяссар шавад, обрӯ ва нуфузи «шайхи бузургвор» чи қадарҳо баланд хоҳад шуд. Бо ҳамин мақсад вай ба имоми шодобӣ супориш карда буд, ки қиссаҳои Фирдавсиро пурратару амиқтар мутолиа намуда «далелу ҳуҷҷатҳои қотеъ» ҷамъ оварад...

Фирдавсӣ баъд аз гуфтугӯ бо шайх Абулқосим як қадар осудахотир шуда бошад ҳам, дар бораи Абдуннабӣ як кунҷи дилаш ғаш буд. Аз имоми фитнаангез ҳар бадиро чашм доштан мумкин. Як бор бо вай ҳам вохӯрда гуфтугӯ кунад чӣ шавад? Аммо аз гуфтугӯ бо он бадтинати баддимоғ ғайр аз ранҷи хотиру пушаймонӣ чӣ ҳосил? Магар ин ки гуфтугӯ дар пеши ҷамоат вокеъ шавад. Он гоҳ вай, Фирдавсӣ, ӯро дар ҳузури мардумон аз кирдораш шармсор карда метавонад.

Шоир фикр карда, рӯзе бо ягон баҳона ба Шодоб рафтанӣ ва яке аз намозҳоро дар масҷиди он ҷо хонданӣ шуд. Дар он ҷо вай пеш аз намоз ё баъд аз он имомро дида дар пеши ҷамоат бо вай гуфтугӯ, ва агар даъво пеш оварад, ба даъвояш ҷавоби муносиб дода, вайро мулзам хоҳад кард.

## Баҳс бо имом

Рӯзи дигар вай бо баҳонаи аёдати холаи занаш, ки бемор буд, ба Шодоби ҳамсоя равон шуд. Абӯ Дулафро, ки ба дидани устод омада буд, ҳамроҳ гирифт. Омадани ровии ҷавон айни муддаост — ӯ метавонад шахсан гувоҳӣ диҳад, ки Абдуннабӣ дар Тус толибилмони мадрасаро аз хондани достони Зол ва Рӯдоба манъ кард.

* *Қасаба* — деҳа



Ба намози пешин ҳар ду дар масҷиди Шодоб ҳозир шуданд. Ҷамоат ҷамъ буд, ҳама ба ҳурмати шоир даст ба пеш гирифтанд, нишастагон ба по хестанд. (Маълум, ки дар ҳама замонҳо дар кишварҳои ба истилоҳ мусулмонӣ халқи оддӣ ба шоирон қариб ки нисбати валигӣ ва соҳибкароматӣ дода, онҳоро иззату икром мекарданд). Бештарини шодобиҳо баъзе достонҳои шоирро дар қироати ҳамдеҳагиёни босаводашон шунида буданд.

Абдуннабӣ шоирро дида ҳайрон ва «гӯш ба занг» шуд. Фирдавсӣ бо вай бо чеҳраи кушод салом-алайк кард ва гуфт:

— Ба аёдати бемор омада будам, иҷоза диҳед фаризаро дар пушти шумо адо кунам.

— Марҳамат фармоед,— бо рӯи хира ҷавоб дод имом.

Баъд аз намоз вақти аз масҷид баромадан Фирдавсӣ бо овози аз муқаррарӣ баландтар, то ки ҷамоат ҳам шунавад, ва бар ҳасби одати худ якбора ва рӯирост гуфт:

— Ҷаноби охунд, шунидам, шумо дар ҷомеъи Тобирон талабагонеро, ки машғули хондани қиссаи Зол ва Рӯдоба будаанд, танбеҳ дода аз хондани он қисса манъ кардаед?

Намозхонҳо, ки ҳаракати пароканда шудан доштанд, ин гапро шунида бозистоданд. Гап воқеаи нав ва ғалатӣ буд.

Абдуннабӣ чашм аз чашми Фирдавсӣ канда сӯи Абӯ Дулаф теғи нигоҳ кашид. Имкони инкор нест — шоҳид ҳозир аст.

Имом марди миёнсоли ниҳоят қаддарозе буд, қади Фирдавсӣ базӯр то нӯги риши ӯ мерасид. Он қади дароз бо он риши дароз туғи мазорро мемонд. Шоире ки дубайтии зеринро гуфтааст, шояд ба ҳамин гуна марди қаддарозе муроҷиат карда гуфта бошад:

Эй хоҷа, дарозет расидаст ба ҷое,
Қ-аз аҳли самовот ба гӯши ту расад савт,
Гар умри ту чун қадди ту будӣ ба дарозӣ,
Ту зинда бимондиву бимурдӣ маликулмавт.

Абдуннабӣ бо лаҳни истиғноомез ҷавоб дод:

— Бале, танбеҳ кардам. Ба ҳар ҳол саҳни ҷомеъ ҷои қироати қиссаҳои оташпарастон нест, ҳам мусалмонон он гуна қиссаҳоро нахонанд беҳтар.

Фирдавсӣ суоли дигар дод:

— Ҳамчунин шумо бандаро ба маҷуспарастӣ гунаҳгор карда ба шайхи бузургвор шикоят бурдаед?

Ҷавоби суол чунин буд:

— Ҳар як мусалмони содиқро дар ҳифзи имони хеш ва ди-

ни мубини ислом ва шариати он кӯшо будан ҳам фарз ва ҳам суннат аст.

— Охунди кироми̅, биёед биншинему як каме дар ин боб сӯҳбат бикунем,— таклиф кард шоир,— то дурустии даъвои шумо ба ин мусалмонон ошкор бишавад ва агар дар нигоришоти банда хатое рафта бошад, банда ба шарофати шумо аз он хато огоҳ бишавам ваислоҳаш бикунам.

Мардумон бо ҳаваси шунидани мунозираи шавқовар зуд дар чамани саҳни масҷид давра гирифта нишастанд, Фирдавси̅ ҳам нишаст, акнун Абдуннабиро ҳам аз нишастан чора набуд.

— Мехостам бидонам, шумо дар нигоришоти банда чи̅ чизи хилофи шаръ ва дин мушоҳида кардед? — сари сӯҳбатро боз кард шоир.

Абдуннаби̅ ба шарҳи эродҳои худ шурӯъ кард. Гуфтори ӯ пур аз иборaҳои муғлақи араби̅ ва таркиботи мӯҳмали лафзи̅ буд,— имом фазлфурӯши̅ мекард, то мардумон бинанд ва донанд, ки вай олим аст.

— Он чи̅ дар мусаннафоти шумо ба мушоҳида расид, аввало тамдеҳ ва тамҷиди маҷусия ва габрия буд ва ин дар замири банда, ки мусалмони содиқ ҳастам, мӯҷиди истеъҷоб ва эътирозот гардид. Садое аз ғайб ба самъи банда мерасид ва он шояд садои фаришта буд, ки мегуфт: «Ҳон эй мусалмон, бохабар бош, ки мутолаа ва симоъи ин қабил мусаннафот ва ин навъ қисас мӯҷиби ихтилоли имони ту мешавад». Шоири кироми̅ маҷусони бадкешро тамдеҳ карда, эшонро соҳибдилу соҳибфазлу соҳибкамол хонда ва ба баъзе ҳатто ақлу ҳуши мӯбадонро нисбат додаанд...

Дар ин ҷо ба миёни сухани имом давида, Абӯ Дулаф аз ҷо бархост:

— Маъзарат мехоҳам,— гуфт,— ҷаноби охунд, албатта, Меҳроби Қобулиро дар назар доранд? Ин мисраъҳо дар бораи ӯст,— гӯянда азёд хонд:

Ба боло ба кирдори озодсарв,
Ба рух чун баҳору ба рафтан тазарв.
Дили бихрадон дошт, мағзи радон.
Ду кифти ялону ҳуши мӯбадон,

Ба чеҳру ба болои ӯ мард нест,
Қасаш гӯи̅ ӯро ҳамовард нест.

ва дар охир:

— Мазҳабашро намегӯям, вале худаш ҳам баандом, ҳам

ба хушу хирад ва хулқу атвор инсони комиле будааст, пас гуноҳи шоир чист? — гӯён ровӣ ба ҷояш нишаст.

— Хуб, оё ҷоиз аст, ки як нафар мусалмон ба он баддини заҳҳокнажод чунин мадҳу сано бихонад? — сӯи Абӯ Дулаф гардан ёзонд имом ва худ ҷавоб дод: — На, ҷоиз нест. Ҷоиз нест,— такрор кард ӯ.— Ва боз яке аз насвони * заҳҳокнажодро шоири кироми онҷунон васф кардаанд, ки бешак мӯҷиби фасоди ахлоқи қориву сомеъ нашудан наметавонад.

Абӯ Дулаф боз ба по бархост:

— Боз маъзарат мехоҳам,— гуфт,— манзури ҷаноби охунд, албатта, Рӯдоба духтари Меҳроби Кобулист,— ва боз шеърхонӣ оғоз кард:

Зи сар то ба пояш ба кирдори оҷ,
Ба рух чун бахору ба боло чу соҷ
Бар он суфту симин ду мушкин каманд,
Сараш гашта чун халқаи пойбанд.
Рухонаш чу гулнору лаб нордон,
Зи симинбараш руста ду норвон,
Ду чашмаш ба сони ду наргис ба боғ,
Мижа тирагӣ бурда аз парри зоғ.
Ду абрӯ ба сони камони Тироз,
Ба рӯи пур (?) пӯшида аз мушки ноз
Агар моҳ ҷӯӣ, ҳама рӯи ӯст,
В-агар мушк бӯӣ, ҳама бӯи ӯст.
Сари зулфи ҷаъдаш чу мушкин зирех,
Фикандаст гӯӣ гиреҳ бар гиреҳ.
Даҳ ангушт бар сони симин қалам,
Ба рӯ карда аз ғолия сад рақам.
Биҳиштест сар то сар ороста,
Пур оройишу ромишу хоста.

Шунавандагон ҳар дам баҳ! баҳ! гӯён сар меҷунбониданд, аз шеъри рангину сухани намакини шоир ҳаловат мебурданд.

Деҳотии кӯҳансоле овоз баровард:

— Он духтар монанди Аноҳид будааст! Шунида будам, Аноҳидро дар Авасто худованди рӯдҳо ва киштҳо гуфтаанд ва ӯ шабеҳи зеботарин духтаре будааст.

Фирдавсӣ гуфт:

— Ниёгони мо кундтабъони хушкидадимоғ набудаанд, мар-

* *Насвон* — занон.

думони хушзавқ будаанд, ки зебоиро дӯст медошта ва мепарастидаанд.

Имоми шодобӣ «кундтабъони хушкидадимоғ»-ро киноя аз худ дониста барафрӯхту чин ба абрӯ оварда, қариб дод зада сӯи шоир хитоб кард:

— Инсоф диҳед, охир ин алфоз,— гӯянда шеъри хондаи Абӯ Дулафро дар назар дошт,— бо ин шева аз забони як нафар ринди ҳавасбоз шоиста мебуд ба унвони зане, ки он ринд толиби мувонасат ва муошарат бошад бо вай! — гуфт ва боз дар борам он ки чунин ашъор сабаби «фасоди ахлоқ» ва «заъфи имон» мешудааст, варсоқӣ хонд, аммо ин дигар тамоман хилофи завқу ҳаловате буд, ки тӯдаи мардум аз шеър ва аз қироати Абӯ Дулаф бурда буданд. Онҳо имоми худро ба сабаби рафтору кирдори ношоистан ӯ, ки зикраш дар болотар рафт, бад медиданд ва акнун гуфтори ӯ дар бораи ашъори дилангези шоир дар онҳо ҳиссиёти нохуши наздик ба нафрат тавлид карда буд. Дигар ба гуфтори ӯ касе гӯш намекард.

Абдуннабӣ ба манзили худ баргашт. Аламзада буд, ба танг омада буд, намедонист чӣ кор кунад. Имом дар пеши чашми ҷамоати худ шарманда ва беобрӯ шуд, акнун имоматӣ чӣ мешавад? Зудтар, ҳарчи зудтар назди шайх Абулқосим бояд рафт, бояд аз вай маслиҳат пурсид, ки чӣ бояд кард.

Бедимоғ ва хиратабъ ба ҳуҷраи шайх ворид шуд. Дар пойгаҳ зону зад, фурсате сархаму хомӯш нишаст.

— Чӣ воқеа, охунд? — пурсид Абулқосим.— Чаро ғамгин менамоед? Ҳодисае рух дод магар?

— Ҳодисае тамоман хилофи интизор ва хеле нохуш,— сари ҳасрату надомот ҷунбонд имом ва пас он воқеаро як ба як нақл кард, тавре нақл кард, ки Фирдавсӣ дар он воқеа ҳамчун як шахси пуриддаои камхирад арзи вуҷуд менамуд.

Шайх ҳикояти дарози дарҳам-барҳами ӯро то охир хомӯшона гӯш кард ва баъд гуфт:

— Гуноҳ ба Фирдавсӣ нест, гуноҳ ба шумост, охунд. Қорро саҳл ангоштаед. Гуфта будед, ки ба фалсафию қарматӣ будани Фирдавсӣ далелҳо доред, куҷост он далелҳо? Ситоиши Соми зардуштӣ? Васфи хирадмандии Меҳроб? Шефтагӣ ба ҳусну ҷамоли духтари ӯ? Баҳ, баҳ! Охир инҳо далел намешаванд ва агар шаванд ҳам, далелҳои сустанд. Фармуда будем, қиссаҳоро амиқ мутолиа бикунед, маънои ниҳонии абьётро дарьёбед. Дузди манора аввал бояд чоҳ биканад. Бо Фирдав-

сӣ дар мунозира шудан кори осоне нест, вай донишманди гузарост, ҳаким аст... Қиссаҳоро ба мо биёред, бубинем шоир онҳоро барои чӣ назм карда ва манзураш чист.

Абдуннабӣ «Зол ва Рӯдоба», «Рустам ва Сӯҳроб» ва баъзе қиссаҳои дигарро ба Абулқосим овард. Шайх он қадар ба мутолиаи онҳо шавқманд шуд, ки гаштаю баргашта мехонду боз ҷӯён достонҳои дигар мешуд. Ба атрофиёнаш мегуфт:

— Бузург суханварест ин Фирдавсӣ. Вале афсӯс, ки истеъдоди худододашро ба васфи бадкешон сарф мекунад, агар ба васфи набию васӣ, Фотимаи Заҳро ва авлоди эшон сарф мекард, ҳаққо ки мартабаи пайғамбарӣ меёфт.

## Хироҷ

Ноиби подшоҳи Сомонӣ дар Хуросон — волӣ ва сипаҳсолор Абӯалии Симҷӯрӣ аз пушти ҳокимони вилоятҳо ҷосусони махфӣ гузошта буд. Ҷосуси туси ӯ хабар расонд, ки ҳокими Тус Абдулқодири Меҳрон ба воситаи мусодираҳо ва дигар ҳар гуна даромадҳои пинҳонӣ хазинаи калони шахсӣ гирд овардааст.

Дар вақти расидани ин хабар волӣ тараддуди шикор рафтан дошт — лашкариёнаш сагҳо, юзҳо ва бозҳои шикориро ба сафар тайёр карда буданд. Сипаҳсолор ба ҷосус пинҳон доштани ин хабарро фармуда, ба ҳоким фармон фиристод, ки ба нахчиргоҳи наздики шаҳри Сарахс ба назди ӯ биёяд.

Баъд аз як ҳафта Меҳрон бо якчанд нафар мулозими худ ба Сарахс расид ва сипаҳсолорро дар нахчиргоҳ пайдо карда, дар чодари даштии ӯ ҳозир гардид. Абӯалии Симҷӯрӣ бидуни муқаддима ба ҳоким амр кард, ки ҳарчи зудтар ҳазор-ҳазор (як миллион) дирам ба хазинаи ӯ супорад, зеро,— гуфт ӯ,— ҷанги калон дар пеш аст, барои оростани лашкар, таъмини маоши сипоҳиён ва таҳияи асбоби ҷанг симу зари бисьёр даркор аст.

— Фармон мебарам, аммо... — Меҳрон таъзим кард, суханаш бурида шуд.

— Чӣ «аммо»? — итобомез пурсид Абӯалӣ.

— Ҳазор ҳазор ба гуфтан осон аст, амирам... аз куҷо мегирам?

— Аз ҳамон ҷо, ки ҳар вақт мегирифтӣ, бигир.

— Хироҷи имсола билкул ситонида шуда буд.

— Оё бақья намондааст?

— Бақья, албатта, ҳаст, вале казоӣ нест, агар фаразан ситонида ҳам шавад, ба чаҳорьяки ин ҳазор ҳазор намерасад. Раиятҳое, ки ба ҷиҳати нодориашон ё камҳосилии зироаташон ба пардохтани тамоми хироҷ қодир набуданд, қисмате аз хироҷи эшон то соли оянда ба қарз монд.

— Чора биҷӯй ва пайдо бикун. Фармонро баҷо ор. То поёни зулҳиҷҷа ҳазор ҳазор бояд ба хазина бирасад.

Вай дигар чуну чораи Меҳронро нашунида суханро кӯтоҳ карду худи ҳамон рӯз ӯро ба роҳи омадааш бозгардонд.

Меҳрон бо шитобу ҷадал дар биёбон ва кӯҳсорон роҳ мепаймуду фикр мекард, ки ин ҳазор ҳазор дирамро аз куҷо бояд пайдо кард? Сипаҳсолор дар бораи сарчашмаҳои ҷамъоварии ин маблағ ҳеҷ чиз нагуфт, мабодо ки аз хазинаи пинҳонии ман хабардор шуда бошад? «Чора биҷӯй! Чӣ гуна чора?... Меҳрон ҳар қадар ки фикр мекард, ҳамон қадар ба танг меомад. Дар сари ӯ ҳатто хаёли ба ягон тараф, ба паноҳи ягон душмани Абӯалии Симҷӯрӣ гурехтан ҳам чарх мезад. «Ҷанги калон дар пеш?» Бо кӣ? Балки сипаҳсолор, ин турки пуркибру наҳват ва ҷангара нияти исьён дошта бошад бар зидди подшоҳи Сомонӣ? Ин маъниро дар хуфия ба подшоҳ хабар диҳам, чӣ шавад?! Он гоҳ шояд подшоҳ ӯро аз мансабаш ронаду ман ҳам аз додани ҳазор ҳазор дирам халос шавам? Вале хабаркашии ман мабодо ба сипаҳсолор маълум шуда монад чӣ? Он гоҳ вой бар ҳоли ман!»...

Меҳрон фикри хавфноки фирор ё ба Бухоро хабар кашиданро аз сараш дур кард. То ба Тус расидан дар дилаш нақшаи ҷамъоварии симу зарро кашид.

Дар дорулҳукумаи Тус пешкори худ — вакили молиёт Абӯиброҳимро ба боргоҳаш талабида фармуд:

— Амри сипаҳсолор аст, ба зудӣ ҳазор ҳазор дирам пайдо бикун.

— Ҳазор ҳазор? — ҳайрон шуд вакил.— Хок ба сарам! Аз куҷо, соҳиб?

— Аз куҷо мешуд? Аз ушр ва дигар хироҷҳо.

— Аз ғалла ушри сол рӯёнда шуда буд.

— Бақия мондааст?

— Албатта, соҳиб, аммо бақияро ба соли оянда гузаронда будем.

— Ҳамин сол талаб кун. Аз хироҷу закот боз чӣ монд?

— Закоти савоим *, хироҷи боғҳо.

---

* Закоти чорво

— Инро ҳам ба хироҷе, ки акнун меситонӣ, зам кун.

Вакил ба пеши пояш нигариста бо қиёфаи дармондагӣ чанде мижа ба ҳам зад ва сипас гуфт:

— Шӯру ғавғо мехезад, соҳиб.

— Аз ғавғои раиятҳо метарсӣ? Шӯру ғавғо одати раиятҳост, эътибор набояд кард. Бирав.

Абӯиброҳими вакил бар хилофи ҳоким аз шӯру балвои аҳолии хироҷгузор метарсид: шӯру балво хезад, ҳоким ба он боз худи вакилро гунаҳгор хоҳад кард. Аммо аз иҷрои фармон чора набуд, вакил на як бору ду бор дида буд, ки чӣ тавр мансабдорон бо ягон гуноҳи воқеӣ ё аксаран сохта аз тарафи ҳоким молу мулкашон мусодира ва худашон ба зиндон андохта мешуданд.

Вай ба девонхонаи худ баргашта бо ҳамроҳии амалдорони девонаш сари ҳисобу китоб нишаст. Аввал номнависи кашоварзон ва аҳли касабаро, ки бо сабабе аз пардохтани боҷу хироҷи давлатӣ оҷиз омада, қарздор шуда монда буданд, аз назар гузаронд ва ҳисоб карда дид, ки агар қарзҳо батамом рӯёнда шаванд ҳам, ба нисфи маблағи матлуби сипаҳсолор базӯр мерасанд. Вай ушрро, ки ба шароити замин нигоҳ карда аз даҳьяк то чорьяк буд, чорьяку сеяк кард. Хироҷеро, ки аз ҳар даҳ раъси чорво гирифта мешуд, аз ҳар ҳафт раъс кард, хироҷи мевазору токзорҳоро, ки аз ҳар бех як дирам то се дирам буд, аз ду то чаҳор дирам кард. Боз баъзе дигар манбаъҳои боҷу хироҷро ҳам ёфт.

Пагоҳӣ фармони мувофиқ ба имзои ҳоким пешниҳод шуд, ҳоким ки аз базму майгусории шабона сабӯҳӣ карда нишаста буд, фармонро нахонда имзо кард.

Рӯзи дигар омилони хироҷ, номнависи хироҷгузорон ба даст, ҳар яке бо мушояати ду-се навкари шамшеру тозиёнадор сӯи деҳкадаҳо ва иддае ба хонаву дӯконҳои косибони шаҳр шитофтанд. Онҳо мебоист ба хироҷгузорон мегуфтанд, ки сипаҳсолори Хуросонро ҷанге дар пеш аст ва фармони ситонидани хироҷи фавқулодда аз ӯст.

Рӯзи равшани офтобӣ Фирдавсӣ дар ҳуҷраи худ ғарқи эҷоди ашъор буд, ки баногоҳ сахт-сахт кӯфта шудани дарвозаи ҳавлӣ шунида шуд.

Баъди як дам хизматгораш як марди паҳнриши хирарӯйро сар карда ба ҳуҷра овард. Ин мард омили хироҷ буд. Ду навкари ӯ дар ҳавлии меҳтар (арбоб)-и деҳа, ки омил он ҷо

манзил карда буд, монда буданд. Мардак баъд аз саломалайк нишаста соҳиби ҳуҷраро аз фармони нави ҳоким огоҳ ва зарурати пардохтани хироҷи қарзӣ ва иловагиро эълон кард. Аз бағалаш вараки коғазеро баровард, ки дар вай қарзи Фирдавсӣ сабт шуда буд. Гандум фалон ман, ҷав фалон ман, нахӯд фалон ман, закоти савоим фалон пул, хироҷи токзору мевазорҳо фалон пул, ҷамъулҷамъ фалон ҳазор дирами нақд. Бигузор хоҷаи киромӣ ҷасорати омилро маъзур доранд, ки ӯ як нафар мулозими девон асту бас ва аз фармонбарии соҳиби девон чора надорад.

Шоир якбора аз малакути достонҳо ба олами қавну макон ғалтида ҳайрону ҳаросон монд. Дар охири баҳори он сол аз борону сел ва обхези Кашафрӯд бештарин қисми кишти ӯ нобуд ва қариб сеяки чорвояш маҳв шуда, ба токзору мевазорҳои ӯ низ зарари калон расида буд. Бад-ин сабаб ними хироҷи солонаро аз вай кам карда буданд. Чун ғаллаи ба даст омада то ҳосили нав барои зиндагонии хонаводаи ӯ камӣ мекард, ӯ дар фикри он буд, ки аз бақияи чорво як қисмашро фурӯхта ба пули он ғалла харад. Акнун ин хироҷи фавқулоддаи яғмогаронаро аз куҷо ва чӣ гуна бояд баровард?

Шоир дар парешонҳолӣ афтода аз кор бозмонд.

Дар намози пешин ба масҷид рафта, ҷамоати пурғавғоеро дид: ҳамон рӯз ба хонаҳои ҳамдеҳагиёни ӯ ҳам мисли балои ногаҳониву қазои осмонӣ омили хироҷ даромада будааст. Дар ҷамоат машварат карда, қарор доданд, ки аз ҷониби аҳолӣ якчанд нафар мӯътабарон ба додхоҳӣ назди ҳоким бираванд.

Бо ҳамроҳии шаш нафар мӯйсафед Фирдавсӣ низ ҳафтум шуда ба Тус рафт.

Дар пеши дарвозаи қалъа панҷоҳ-шаст нафар додхоҳони аз атроф омада мунтазири қабули ҳоким буданд. Баъд аз хеле интизорӣ мулозими даргоҳ баромада гуфт, ки мазмуни арзи онҳо ба ҳоким маълум ва ӯ ҳоло чи гуна қонеъ гардониданн илтимосашонро мулоҳиза карда истодааст. Ҳамаашон бираванд ва хотирҷамъ бошанд, ки арзашон беоқибат намемонад.

Лекин оқибат чунин шуд, ки омилон дар ситонидани хироҷ фишору тааддиро зӯртар кардан гирифтанд. Таҳдиди ҳабсу банд ва ҳатто тахтачаи занҷирбанд овехтан ба гардани қарздорон пайдо шуд.

Дар хонаи шоир Фотима фурӯши зеварҳои худаш — ёдгорин айёми ҷавониву арӯсиашро таклиф кард, шоир розӣ нашуд. Фақат ду илоҷ монда буд: замин фурӯхтан ё ба гарави

замин аз судхӯр қарз бардоштан. Судхӯрон (ки ба ҳамин гуна аҳвол ғалтидани мардумонро аз худо металабиданд) бо суди се дар сад то панҷ дар сад қарз медоданд. Баъзе хироҷгузорон аз ночорӣ ба қарз бардоштан аз судхӯрон розӣ ва баъзе ба фурӯши замину боғу роғи худ маҷбур шуда буданд. Фирдавсӣ бошад аз афтодани ба чанги судхӯрон метарсид. Дар хона зани гирьёнашро тасаллӣ дода мегуфт: «Азизам, меҳрубонам, ман намегӯям, ки ҳеҷ ғам махӯр, зеро ин ҷаҳон ғамхонааст, аз вай берун шудан наметавон; ман мегӯям сахт ғам махӯр ва ба дилат гаронӣ маёр. Мегузарад. Ҳар як бори одамӣ оқибат аз дӯш меафтад».

Дар поёни такопӯи чораҷӯиҳо вай донист, ки ғайр аз фурӯши замин чора нест. Панҷ-шаш ҷариб* замини корамашро қитъа-қитъа аз ҳар ҷо ба фурӯш монд. Аз худи Бож ва ду-се деҳаи ҳамсоя харидорон баромаданд, аммо чун заминҳо чандон ҳосилхез набуданд, баҳои як ҷариб аз чорсад дирам боло нарафт, фурӯшгор бошад, умеди панҷсаддирамӣ дошт, Вай рӯзҳо дар ҷустуҷӯи харидорони нав овора мебуд, шабҳо ба назми достон менишасту бо хотири мушавваш байте чанд менавишт, аммо саҳар он байтҳо ба назараш суст менамуданд, вай бо нияти ин ки шаби оянда суханони беҳтару рангинтаре хоҳад ёфт, бархоста аз нав ба ҷустуҷӯи харидорони замин мешитофт. Аммо харидорони нав ҳам баҳои матлубро намедоданд. Ягона роҳи дар пеш монда роҳи хонаи судхӯр буд. Савор шуда роҳи шаҳрро пеш гирифт. Дар Навқон ба тавассути ошноёнаш (зеро худаш то он вақт корафтодаи судхӯрон нашуда буд ва бо онҳо шиносоӣ надошт) Алиназари саррофномеро, ки бо суди на он қадар зиёд ба мӯҳтоҷон қарз медодааст, ёфта, ӯро ба гарави якчанд ҷариб замин ба додани қарз розӣ кард.

Судхӯр мебоист ба Бож омада қитъаҳои замини гаравиро андоза гирифта, сониян ҳамроҳи шоир пеши қозӣ рафта бо мӯҳри вай аз забони толиби қарз васиқаи расмӣ мегирифт.

Сарроф ба зудӣ наомад. Фирдавсӣ якчанд рӯзе, ки мунтазири омадани вай буд, як сатр ҳам навишта натавонист. Дар бораи худсарӣ ва бедодии ҳокимон фикр мекард: чаро онҳо ин қадар аз адолат дуранд, чаро аз худо натарсида дар ҳаққи раиятҳо чунин ҷабру ситам раво медоранд? Кӣ ба онҳо мефаҳмонад, ки охир кордориашон кордории девон аст, на одамиён? Шоир аз қиссаҳои «Шоҳнома» медонист ва бовар

---

* *Ҷариб* — тақрибан як гектар

дошт, ки дар қадим шоҳон, ҳокимони додгару фуқаропарвар будаанд, ки ҳаргиз «кажжию костӣ» намекарда ва ба зеридастон озор намерасондаанд. Чаро шоҳон, ҳокимони ин замон аз он гузаштагон ибрат намегиранд, ба роҳи онҳо намераванд?..

Ба сари шоир фикре омад ва ӯ он фикрро ба амал овардanӣ шуда фавран ба Алӣ Дайлами хушнавис кас фиристод.

Хушнавис бегоҳии рӯзи дигар дар ҳуҷраи Фирдавсӣ ҳозир гашт. Шоир як тахта коғаз ва давоту қаламро бо як қабза дастнависи худаш пеши ӯ гузошта, аз дастнавис якчанд саҳифаро нишон дода, хоҳиш кард, ки вай он саҳифаҳоро ҳарчӣ нағзтару хонотар рӯнавис кунад. Баъзе сатрҳоро ишора монда таъйин кард, ки ба ранги сурх нависад (яке аз ду давоти шоир сиёҳии сурх дошт). Сарлавҳаи як манзумаи дастнависи шоир «Андарзнома навиштани Баҳроми Гӯр ба коргузарони худ» буд, сарлавҳаи дигараш «Нома навиштани Нӯширвон ба кордорон дар бораи додгустарӣ». Хушнавис баъд аз хӯроки шом сари коғазу қалам нишаста то бонги хурӯсон покнависи ҳар ду манзумаро ба охир расонд.

Пагоҳи дигар Фирдавсӣ варақҳоро дӯлапеч карда бо худи Алӣ Дайлам ба дорулҳукумаи Тус ба номи ҳоким фиристод.

Ҳоким Абдулқодири Меҳрон, худ аз сараскарони собиқи волии Хуросон, марди ба фармонфармоӣ одаткарда, тундхӯ ва камфазл, танпарвар ва ишратдӯсте буд. Саводи ибтидоӣ дошт, аз китобҳо фақат «Сирати Абӯзайд» — саргузашту корномаҳои паҳлавони афсонавии арабро мехонду халос. Дар ҳукумати ӯ боргоҳи қасри дорулҳукума дар даруни қалъа ба ишратхона монанд гашта буд. Меҳрон дар суфаи пешгоҳ болои якчанд қабат якандози атласу бахмал ба дӯлаболиштҳо такья карда менишаст ва дар ҳамин ҳолат амалдорон ва дигар аҳли ҳоҷатро қабул менамуд. Ду навҷавони хушсурати заррин-қамар дар хизматаш ҳозир мебуданд: яке ҳар дам ба вай аз кӯзачаи нуқрагин ба ҷоми булӯрин май рехта медод, дигаре пояшро мемолид ва барояш қальён ҳозир мекард. Гоҳ-гоҳ каф ба каф мезад ва он гоҳ марди пастаки кӯсаи дастдарозе бо башараи пурочинг пайдо мегардиду бо амри ҳоким ду-се нафар духтаронро, ки канизаконаш буданд, ҳамроҳи танбӯриву доирадаст меовард, духтарони соҳибҷамол, пероҳани ҳарири шаффоф бар тан, ба сози мусиқӣ ба рақс медаромаданд ё ки созандаву сарояндагон даромада бо суруду нағмаашон табъи ҳокимро чоқ мекарданд.

Вакили молиёт Абӯиброҳим ба ҳокими ниммаст рафти ҷамъоварии хироҷро арз менамуд. Муншии пир, номаи дӯлапеч дар даст, ворид шуд.

— Нома аз Фирдавсии шоир, соҳиб.

Меҳрон дӯларо гирифта яла карда сутунҳои назмро дид.

— Ин чист? — коғазро ба дасти Абӯиброҳим дод.

Вакил сарлавҳаи манзумаҳо ва якчанд сатри онҳоро шунаво хонда гуфт:

— Ба гумон, аз достонҳояш порае ба соҳиб ҳадья фиристодааст.

— Ҳадья? Ба чӣ мақсад?

— Бихонем, шояд мақсадаш маълум шавад.

— Қу бихон.

Манзумаҳо ҳамон навиштаҳое буданд, ки хонандаи «Шоҳнома» дар он китоб меёбад: дар онҳо Анӯширвон ва Баҳроми Гӯр амалдорони мамлакатро ба худотарсиву додгустарӣ даъват карда ва мефармоянд, ки бе ҳеҷ ваҷҳ аз аҳолӣ зиёда аз муқаррарот боҷу хироҷ наситонанд ва ҳатто ба бечораву бенавоён аз хазина кӯмак расонанд, ҳатто қарзи раиятҳои аз адои қарз оҷизро аз хазина бидиҳанд. «Бикӯшед то ранҷҳо кам кунед, Дили ғамгинон шоду хуррам кунед», навишта буд Фирдавсӣ дар як манзума. Нӯширвон бошад илова бар ин дар ваҷҳи боҷу хироҷ ба мардум бедодӣ ва ситамгарӣ кунандагонро қатъи назар аз мақому мартабаашон бо зинда ба дор кашидану миёнашонро бо арраи тез буридан метарсонад ва мегӯяд «Ба бедодгар мармаро меҳр нест, Палангу ҷафопеша мардум якест».

Абӯиброҳим ба хондан сар кард. Хондаравон дар сатрҳои сурх тааммуле мекарду онҳоро ба Меҳрон нишон медод. Он сатрҳо байтҳое буданд, ки шоир мехост махсусан ба онҳо диққати ҳокимро ҷалб намояд.

— Чаро сурх навиштааст? — пурсид Меҳрон.

— Ба гумон, мехостааст, ки ҳоким-соҳиб ин байтҳоро азёд бикунанд,— бо истеҳзои ниҳонӣ ҷавоб дод вакил, ки аксар вакт дар дилаш ба бефазлию камфаросатии ҳоким механдид. Ӯ худ аслан аз хироҷи фавқулодда норозӣ буд. Вале Меҳрон ба истеҳзои ӯ пай набурда боз пурсид:

— Аз ёд кардан чӣ лозим будааст?

— Ман чӣ донам, соҳиб? — худро ба гӯлӣ зад вакил ва изофа кард: — Ҳамин қадараш маълум аст, ки дар ин байтҳо панд ҳаст.

— Чӣ, вай мехоҳад моро панд омӯзад?

— Дар достонҳои Фирдавсӣ панду ҳикмат бисьёр аст, соҳиб, чӣ аҷаб агар ӯ хоҳад, ки он панду ҳикматҳоро ҳарчӣ бисьёртар мардумон бидонанд?

Меҳрон мисли ин ки гуфтори вакилро нохолисона ёфта ба рамузи он пай бурда бошад, абрӯ каҷ карда, ба вай ало назар андохт.

— Яъне ҳокимон ҳам бидонанду панд бигиранд? Яъне ӯ моро нодон мешуморад?

— Соҳиб ба доноӣ ва хирадмандӣ дар шумори фаридони рӯзгоранд ва ба ақидаи банда фиристодани Фирдавсӣ ин манзумаро ба соҳиб на аз он сабаб будааст, ки вай ҳоким—соҳибро нодон мепиндошта бошад.

Хушомади чоплусона монанди ҳамеша ба ҳоким форид. Вай бо лаҳни нармтар гуфт:

— Дар борaи ин шоир чизҳо шунидаем; ту ҳам, албатта, шунидаӣ. Шайх Абулқосим ӯро ба р о з и ф ӣ айб кардаанд.

— Р о з и ф ӣ? Мехостед р о ф и з ӣ бигӯед?

— Рофизӣ, розифӣ... ман ба ин чизҳо балад нестам. Уламо медонанд... Боз он шоирро қарматӣ, фалсафӣ гуфтаанд. Маънии ин чист?

— Бидъат аст, соҳиб. Хилофи дини ислом. Аммо Фирдавсӣ аз бидъаткорон нест, шоир аст. Достоннавис аст.

— Достон менависад? Барои чӣ?

— Барои мардумон, албатта. Мардумон мехонанд ё ки дар маҷолису маъракаҳо ба қориён хононда мешунаванд. Завқ мебаранд, хушҳол мешаванд.

— Чӣ гуна достонҳо менависад? Аз фикри худаш мебарорад?

— «Сиярулмулук»-ро назм мекунад.

— Ин яъне чист? Ту фаҳмотар бигӯ, ман ба ин сияру пиярҳо балад нестам.

— Таърихи Аҷам, кори шоҳону паҳлавонони бостонӣ.

— Таърих? Ӯ инҳоро аз куҷо медонад? Аз китобҳо?

— Бояд аз китобҳо бошад. Ман напурсидаам, намедонам,— вакил худро ба нодонӣ зад, то ки ин пурсишу посухи барояш нохушро кӯтоҳ кунад.

— Ройгон * менависад? — аз пурсидан бознаистод Меҳрон.— Ё касе ба ин кори ӯ музд медиҳад?

— Ин ҳам ба ман маълум нест, соҳиб. Напурсидаам.

— Қас фирист, биёяд. Ба мо бигӯяд, аз фиристодани ин ашъор мақсадаш чист.

---

* Ройгон, яъне муфт.

— Мақсадаш маълум аст, соҳиб; хирочро, ки соҳиб фармуданд, аз раиятҳо биситонем, ӯ ноҳақ медонад.

— Пас чаро арз накард, ариза нафиристоду ин ашъорро фиристод?

— Бо якчанд нафар мӯйсафедон аз ҷониби аҳолии Бож ба арз омада буд, соҳиб қабули эшонро лозим надонистанд.

— Қас фирист, биёяд,— амри худро такрор кард ҳоким.

## Адолат чист?

Вақте ки навкари вакили молиёт ба Бож омада Фирдавсиро ба назди ҳоким бурданӣ шуд, шоир ҳайрон нашуд. Бонси даъват танҳо андарзномаҳои Баҳроми Гӯр ва Нӯширвон буда метавонист.

Меҳрон созандаву сароядагонашро раҳо ва аз дасти соқии ҷавон ҷоми шаробро гирифта холӣ карду ба пардадор рухсат дод шоирро дарорад.

Вай ба саломи Фирдавсӣ бо виқори сипоҳона алайк гирифта:

— Биёед, биншинед,— гуфт. Волонасаб ва донишвар будани Фирдавсиро ба вай гуфта буданд, бинобар ин аз дуруштӣ кардан бо вай худдорӣ менамуд.

Шоир дар рӯбарӯи ҳоким нишаст.

— Шумо шоиред... Олим ҳам ҳастед?

Фирдавсӣ ҷавоб надода ба замин нигарист.

— Таърихҳоро назм мекунед?

— Бале,— гуфт шоир.

— Барои кӣ назм мекунед? Сила кӣ медиҳад?

— Ҳеҷ кас.

— Пас ройгон менависед?

Шоир ба ин суол ҳам ҷавоб надода сукут кард.

Меҳрон аз таи болишт «нома»-ро баровард.

— Шумо ин ашъорро ба чӣ мақсад ба мо фиристодед?

— Хостам огоҳӣ диҳам, ки дар қадим шоҳон ва ҳокимони додгар будаанд, ба раиятҳо ҷабру ситамро раво намедидаанд,— ҷавоб гуфт Фирдавсӣ.

— Инро мо ҳам медонем. Хостед моро панд хонед! Таълим диҳед?

— Корҳои некон, родмардони гузашта ҳама панд аст барои пасояндагон.

Меҳрон қарор дод ки шоири густохро як қадар тарсонда дамашро пасттар карда монад:

— Мегӯянд, ки карматиҳо, фалсафиҳо ба мардумон панд хонданро дӯст медоранд,— бо киноя гуфт ӯ.

— Ман бо он тоифа мусоҳиб нашудаам, гарчанде ки ҳатто аз онҳо ҳам, агар панди судманде дошта бошанд, ба шунидан ҳозирам.

— Мусоҳиб нашудаед? Балки худатон бе мусоҳабати онҳо ҳам кармативу фалсафӣ шуда бошед? А? Ба мо ҳамин гуна хабар расид. Ҳамчунин шуморо зардуштии сиррӣ аст мегӯянд.

— Ҳам карматӣ, ҳам фалсафӣ, ҳам зардуштӣ? — лабханд кард Фирдавсӣ.— Ин се бор ба як дӯш гаронӣ мекунад. Вале ман на онам, на ин ва на дигар. Ман мусалмони мӯъмину мӯътақидам.

Ҳоким нармтар шуда суол дод:

— Ин карматигию фалсафигарӣ худ чист? Чӣ гуна мазҳабҳо? Боз исмоилия мегӯянд...

— Ман ин мазҳабҳоро баррасӣ накардаам, аз ҳақиқати онҳо огоҳ нестам,— гуфт шоир, зеро дар ин мавзӯъҳо бо ҳоким баҳс кардан намехост, ҳол он ки аз ҳақиқати «бидъатҳо» ба хубӣ огоҳ буд, таълимоти пешвоёни ин тариқатҳо ва инчунин рисолаҳои Ихвонуссафоро хонда буд, вале қабул намекард ё ба қавли муосири ҷавони вай Абӯалӣ ибни Сино гӯем, дилаш ба онҳо қарор намегирифт.

Меҳрон «варақ гардонд» — ӯ ба сари хироҷ омад:

— Шумо аз хироҷ норозӣ ҳастед? Ба шумо чӣ қадар андохтанд?

— Ин хироҷи фавқулодда ниҳоят гарон ва тамоман ноҳақ аст,— гуфт Фирдавсӣ,— раиятҳоро ба хонабардӯшӣ мекашад.

Меҳрон чин бар ҷабин овард:

— Намекашад. Мебардоранд. Чӣ магар ман хироҷро барои худам меситонам? Кори подшоҳист. Амри сипаҳсолор буд, ба сипаҳсолор фармон аз подшоҳ расидааст. Ҷанг дар пеш будааст... Аммо он чи ҳоло ситонида мешавад, аз хироҷи соли оянда кам карда хоҳад шуд.

— Пас аз он ки мардумон хонабардӯш шуда парешон гаштанду деҳкадаҳо холӣ монданд, хироҷашон хоҳ кам шавад ва хоҳ нашавад, тафовут надорад, соҳиб.

Ҳоким ба ғазаб омад:

— Шумо дар куҷо ва пеши кӣ нишастаед? Дар дорулҳукума пеши волии вилоят нишастаед, суханро дониста гӯед, хоҷа!

— Диниста мегӯям,— ҷавоб дод Фирдавсӣ.

— Ин ҷасорат аст! Аз ҳадди худ нагузаред. Шунида будам, ки шоирону олимон суханро санҷида мегӯянд, магар ғалат шунида бошам...? Аз андак зиёда шудани хироҷ, ки аз рӯи зарурат аст, ҳеҷ кас намурдааст. Он чи дар ин ҷо гуфтед, дар байни мардумон нагӯед, ки шӯру балво меангезед.

— Шӯру балво акнун ҳам бархостааст, онро хироҷи ноҳақ меангезад.

— Ба шумо чӣ қадар андохтанд?

Фирдавсӣ миқдори хироҷи андохташударо гуфт.

— Аз ноилоҷӣ буд, фармони сипаҳсолор буд,— такрор кард Меҳрон,— ӯро ҷанг дар пеш аст. Аммо он чи ҳоло ситонида мешавад, аз хироҷи соли оянда кам карда хоҳад шуд... Шумо хироҷро пардохтед?

— Аз судхӯр ба фоидаи чаҳор дар сад қарз бардоштам ва пардохтам.

— Хуб, мо хироҷро аз шумо кам мекунем,— бо чӣ андешае якбора ба инсоф омад ҳоким. Шояд аз он меандешид, ки мабодо шоир ӯро ҳаҷв кунад, зеро на як бору ду бор дида ё шунида буд, ки чӣ тавр баъзе соҳибмансабон ё тавонгарон, ки бо шоирон бадмуомилагӣ кардаанд, ҳадафи ҳаҷви онҳо шуда, масхара ва бадном гардида буданд.

— Мо ба вакил мефармоем,— суханашро давом дод ҳоким,— нисфи хироҷи ситонидашударо ба шумо пас бидиҳад. Гумон мекунам, ки бақияи он барои шумо чандон гарон нахоҳад буд.

— Ба соҳиб сипос мегузорам,— гуфт шоир,— аммо мехостам бидонам ки оё ин адолат ба ҳамаи хироҷгузорон аст ё фақат ба ман?

— Алъон сухан дар бораи шумост,— ҷавоб дод ҳоким.

— Эътиқоди ман бар он аст ки,— гуфт Фирдавсӣ,— агар ситам ба чандин кас рафта бошаду адолат танҳо ба яке аз онҳо карда шавад, онро адолат наметавон гуфт.

— Наметавон гуфт? Адолат ба як нафар — адолат нест? — бо лаҳни тунд суол дод Меҳрон.

— Адолати ҳақиқӣ он аст ки аз вай ҳамаи ҷабрдидагон баҳра бардоранд,— ҷавоб гардонд шоир. Ва илова кард: — Аз ин гузашта, ин адолати шумо, ки ба ман мекунед, албатта, бори хироҷи маро сабуктар мекунад, вале бори гарони маломат бар ман мениҳад: маломат аз ҷониби ҷабрдидагони дигар. Охир, онҳо чӣ хоҳанд гуфт? Хоҳанд гуфт, ки Фирдавсӣ шояд ба ҳоким ришва дода ё ҳатто ӯро ҷоду карда бошад ки

хирочашро кам кунонд. Ин магар на фақат ба шаъни ман, балки ба шаъни шумо ҳам иҳонат намешавад? Маъзур доред, ман ин «адолат»-и шуморо қабул кардан наметавонам...

Шоир медид, ки ҳоким дармонд ва намедонад чӣ ҷавоб гӯяд.

## Ваъзи шайх Абулқосим

Дар саҳни масҷиди одинаи Тобирон баъд аз намоз шайхи бузург Абулқосим ба ҷамоат ваъз мегуфт. Ӯ бо ҷӯшу ҷазаба қарматиёну исмоилиёнро муртад ва кофир хонд, раҳна кунандагони дини муҳаммадӣ номид, лаънаташон фиристод ва мусулмононро аз мусоҳибату муошироти эшон дарҳазар ва аз шунидани сухани онон манъ кард. Ним қарн аз ин муқаддам,— наттоқӣ мекард ӯ,— подшоҳи ислом Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ дар саросари кишвар қарматиёнро қатли ом намуд, вале иддае аз он бадкешон тавонистанд дар гӯшаю канорҳо пинҳон шуда аз теғи кофиркуши он подшоҳ ҷон ба саломат баранд. Эшон боз ҳамчу мору каждумҳо аз сӯроху ковокҳошон берун хазида камкам ба мусалмонон заҳри бидъаташонро задан гирифтанд. Онҳо махфӣ шудаанд, дар ҳуфья таълимоту таснифоти шанеъи хешро интишор медиҳанд.

Сипас шайх мӯминонро огоҳӣ дод, ки баъзе ашъори шоирони сустэътиқод, баъзе маҷозоту истиорот ва қиссаву ҳикоёти онон низ сабаби қувват гирифтани куфру бидъат мешаванд, чунончи ин вақтҳо дар «маҳофилу маорик» қироати қиссаҳое аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ расм шудааст ва ҳол он ки ин шоир дар он қиссаҳо мардуми замони ҷоҳилияро, оташпарастонро, маҷусону габронро васф мекунад. Мӯмину мусалмон ҳаргиз набояд он қиссаҳоро бихонад ва ё қироати онҳоро бишнавад. Ва ҳоказо ва монанди инҳо...

Абулқосими Фирдавсӣ низ дар маҷлиси ваъз ҳозир буд. Мардумони деҳкадаҳои наздики шаҳр намози ҷумъаро дар масҷиди одинаи Тобирон мегузаронданд. Шунавандагони ваъз ба тарафи вай рӯ гардонданд. Шоир аз ин пешомади хилофи интизор ҳайрону ошуфтаҳол буд. «Давоми иғвои имом Абдуннабӣ?» — мегуфт ӯ ба дилаш. Сухани шайхро, ки ба худаш гуфта буд, ба ёд овард: «Имом то далелу бурҳон наёранд, мо ба шикояташон эътибор намекунем». Пас чӣ шуд, ки шайх иғвои Абдуннабиро такрор мекунад? Фирдавсӣ пеш баромада ба наздиктари шайх, ки дар миёнаи сафи машоиху уламо ва мӯътабарони шаҳр рост истода сухан меронд, омад. Имоми шодобӣ

дар паҳлӯи шайх истода ва ба шоир фотеҳона чашм дӯхта буд.

— Ҳазрат! — мурочиат кард шоир ба шайх Абулқосим.— Як суол дорам, иҷоза фармоед, бигӯям.

Абулқосим сар ҷунбонид, ки яъне бигӯ.

— Оё ҳазратам ба масал Нӯширвон, Эраҷ, Рустами Достон, Сиёвуш, Қоваи Оҳангарро ниёгони худ медонанд ё на?

Шайх як лаҳза сукут карду гуфт:

— Шояд ниёгон ҳам бошанд. Чӣ буд? Мақсуд аз ин пурсиш чист?

— Балки мою шумо пушти даҳум, бистум ё сиюми Соми Наримон, Золи Зар, Туси Нузар ё Геви Қашводагон бошем? Гумон намекунед? — боз пурсид Фирдавсӣ.

— Оллоҳ аълам (худо донотар аст),— ҷавоб дод шайх.

— Модом ки онҳо замоне дар ин сарзамин зистаанд, албатта, аз худ авлоде боқӣ гузоштаанд, пас имрӯз авлоди авлоди он авлод киҳоянд? Магар на мардумонеанд, ки имрӯз дар ин сарзамин зиндагонӣ мекунанд?

— Оллоҳ аълам.

— Бидуни шак, мардумони ин сарзамин авлоди ҳамон ниёгонанд, ниёгоне, ки меҳани хешро азиз медошта, дар дифоъ аз он ва беҳдошти он ҷони худро дареғ намекарда, барои осудагиву беҳрӯзии ҳаммеҳанони хеш мекӯшидаанд ва ба ҳамин мақсад расму ойинҳои нек ниҳодаанд. Пас оё равост, ки мо имрӯз он ниёгони хешро баддину бадкеш хонему лаънаташон фиристем ва ба фаромӯшӣ супорем? Магар ин безотӣ ва бадгавҳарӣ намешавад?

Аз байни ҷамоат нидоҳо баланд шуданд:

— Мешавад! Мешавад!

— Ниёгонро ба некӣ бояд ёд кард!

— Ва бузург бояд дошт!

— Ин гуноҳ нест, айни савоб аст!

— Ҳақиқатан, пирам, маъзарат мехоҳам, ниёгони бузург агарчӣ кеши дигар доштаанд, зеро пеш аз зуҳури ислом зистаанд, ёди онҳоро накӯ доштан магар кори хайр нест, гуноҳ аст? — овози баланд баровард муфтии собиқи лашкар Муҳаммади Лашкарӣ аз байни мӯътабарон, ки дар ду паҳлӯи шайх саф кашида буданд,— ҳамон Муҳаммади Лашкарӣ, ҳамсол ва дӯсти қарини Фирдавсӣ, ки дар вақташ яке аз ташвиқкунандагони шоир ба назми «Шоҳнома» буда, мансураи ин китоби ниҳоят камьёбро аз куҷое пайдо карда оварда ба вай тақдим намуда буд.

Фирдавсӣ ба дӯсти худ бо назари сипосу миннатдорӣ нигоҳ кард.

Ҳамдиёрони Фирдавсӣ ҳам монанди вай эътиқод доштанд ба ин ки ҳамаи қаҳрамонони достонҳо,— на фақат онҳое, ки таърихӣ мебошанд, балки онҳое ҳам, ки мо асотирӣ ва афсонавинашон мешуморем,— дар қадим зистаанд ва ҳатто деву аждарҳо низ мавҷуд буда ва бо мардумон ҳар ранг муносибате доштаанд.

Фирдавсӣ аз нидоҳои ҳавохоҳонаи аз ҷамоат баландшуда дилаш қувват гирифта боз ба шайх рӯ овард:

— Шумо, ҳазрат, ба пурсиши банда ҷавоб надодед.

Шайхи бузург ба ҷои ҷавоби пурсиши шоир бо овози қаҳролуд ба ҷамоат чунин хитоб кард:

— Ҳеҷ як ҷамъияти мардум аз ҷоҳилон холӣ нест! Ман аз байни шумо овози ҷоҳилонро мешунавам. Ман аз соҳибони ин овозҳо мепурсам: шумо киҳоро бузург доштан ва ба некӣ ёд кардан мехоҳед? Маҷусонро, оташпарастонро, монанди Меҳроби Қобулӣ заҳҳокнажодонро? Онҳо ҳама мушрикони кофирпеша буданд, мункирони тавҳид буданд!

— Қаромат кардед, ҳазрат, онҳо на худои ягонаро мешинохтанд, на расул ва на китоби ӯро! — сӯи шайх таъзим карда илова намуд имоми шодобӣ.

— Расули худо ва китоби ӯро намешинохтанд? Ҳамин тавр фармудед, ҷаноби охунд? — гашта пурсид Фирдавсӣ.

— Бале,— фавран ҷавоб дод охунди шодобӣ ва ба мардумон олим будани худро нишон доданӣ шуда, аз қуръон оятеро дар бораи он, ки дар қиёмат кофирон дар оташи дӯзах месӯзанд, хонд.

— Оё ин оят ҳамчунин дар ҳаққи ниёгони дури мо, ки банда аз онҳо дар «Шоҳнома» ном бурдаам, гуфта шудааст? — боз суол дод Фирдавсӣ.

— Албатта,— гуфт охунд ва боз фазлфурӯшона афзуд: — Ҷои куффори алайхуллаъна нори ҷаҳаннам аст.

— Яъне он ниёгон ҳам ба дӯзах мераванд?

— Бидуни шак.

— Ба кадом далел? Ман қуръонро борҳо хондаам, медонам, дар вай дар бораи дӯзахӣ будани мардумони дар ҷоҳилият зиста ояте нест.

— Дар кутуби аҳли ҳадис ва уламои қубор ба ин нукта ишорат хаст.

— Дар кадом китоб? Кадоме аз аҳли ҳадис ё аз уламои қубор ба ин нукта ишорат кардааст?

— Биҷӯед, бихонед, меёбед,— дармондагии охунд дар ҷавоби суол аён буд.

— Банда ба арабӣ ва форсӣ китобҳои аҳли ҳадис ва дигар уламои куборро хондаам, вале дар ҳеҷ яке аз он китобҳо ишоратеро, ки шумо мегӯед, надидам. Ҳазрат! — боз ба шайх муроҷиат кард Фирдавсӣ.— Оё шумо гуфтаи ҷаноби охундро, дар бораи дӯзахӣ будани мардуми дар ҷоҳилият зиста, тасдиқ мекунед?

— Охунд худ аз зумраи уламоянд, надониста намегӯянд,— ҷавоб дод шайх.

Фирдавсӣ баланд хандид. Шайх Абулқосим ва дигарон бо назари тааҷҷуб ба вай нигаристанд.

— Иҷоза фармоед, ҳазрат, банда ду нуктаро арз кунам,— гуфт Фирдавсӣ.— Аввалан, шумо, ҷаноби охунд, инчунин, маъзарат мехоҳам, шумо ҳам, ҳазрат, бо кадом ақл мардумонеро, ки ҳазор — ду ҳазор сол пеш аз пайғамбари мо зистаанд, ба нашинохтани ӯ ва китоби ӯ гунаҳгор мекунед? Ба надонистани тавҳид, ки таълими пайғамбари охирзамони мо мебошад, гунаҳгор мекунед? Агар шумо он авлоди худатонро, ки ҳазор сол баъд аз сари шумо ба дуньё хоҳанд омад, пешакӣ шинохта метавонистед, ниёгони дури мо ҳам пайғамбари моро шинохта ва аз китоби вай огоҳ буда метавонистанд.

Аз байни ҷамоат ханда ва ҷо-ҷо қаҳқаҳа баланд шуд.

— Сониян,— гуфта суханашро давом дод Фирдавсӣ,— шумо, ҷаноби охунд, агар танҳо ба ман бӯҳтон мезадед, боке набуд, вале шумо ба худованд ҳам бӯҳтон задед: магар худованд мардумонеро, ки на бо айби худашон аз ислом бехабар будаанд, зеро садҳо қарн пеш аз ислом зистаанд, магар худованд он бегуноҳонро ба дӯзах мефиристад?.. Ҳазрат! Ҷаноби охунд! Чунин бехирадӣ ва золимиро ба худованди бахшояндаи меҳрубон нисбат додан...

Дар ин ҷо шайх Абулқосим даст афшонда бо овози баланди ғазаболуд:

— Бас аст! — гӯён сухани шоирро қатъ кард.— Ин чӣ гуфтори шанеъ аст, ки мешунавам?!

Муридон ва дигар мухлисони шайх якбора ғавғо бардоштанд:

— Хомӯш бош! — аррос мезаданд онҳо ба тарафи Фирдавсӣ.
— Бидъат гуфтӣ!.. Беимон!.. Осӣ шудӣ, тавба кун!.. Ба ҳазрати шайхи бузургвор беҳурматӣ кардӣ!.. Дур шав!..

Дигар мардумоне аз ҷамоат, ки дӯст ва ҳавохоҳи шоир буданд, ба ғавғогарони мутаассиб эътироз ва онҳоро хомӯш кар-

данӣ мешуданд, вале онҳо хомӯш нашуда, бо шӯру балво шоирро ҳар навъ дашному таҳқир ва ҳатто ҳаракати ба вай ҳуҷум кардан менамуданд.

Агар дар ин асно аз тарафи кӯча ногаҳон ғалоғула ва тапар-тапари сумми аспон баланд намешуд ва ҷавонмарде тозон вориди саҳни масчид шуда:

— Лашкар омад! Сипаҳсолор омад! — гӯён фарьёд намекашид, Фирдавсӣ шояд дучори ҳуҷуми муридони шайх мегардид.

Ҷамоат ба ҷунбиш омада зуд пароканда шуд, бузургон ба истиқболи нойиби хуросонии подшоҳи Сомонӣ, дигарон ба тамошои вуруди лашкари ӯ шитофтанд.

Фирдавсӣ бо ҳамроҳии Муҳаммади Лашкарӣ, Абӯ Дулаф ва якчанд дӯстони дигараш аз саҳни масҷид баромада, қад-қади хиёбон ба тарафи Регистон — майдони пеши қалъа равон шуданд.

Фавҷ-фавҷ саворони найзадор бо кӯчаи калон омада ба сӯи Регистон мерафтанд. Ҳар ду бари кӯча аз тамошогарон пур буд. Аз болои қалъа бонги нақораву карнайхо баланд гардид. Аз қафои фавҷи найзадор як тӯда саворони ҷавшану мискулоҳпӯш бо шофу шамшерҳои зарринқабзи мурассаъ ба ҷавоҳироти сурху сабз, аспони бо ҷулу сағирпӯшҳои гаронбаҳо дар ҳар қатор чаҳорнафарӣ саф баста ҳаракат мекарданд. Пешопеши ин тӯда дар мобайни ду савор, ки зоҳиран сарони лашкар буданд, марди танӯманди муғулсимо ва тунукриш, кулаҳхӯди тиллоранг бар сар, қабои сурхи зардӯзӣ ба тан, афзоли аспи сафедаш аз дигарон бошукӯҳтару назарработар бовиқору ҳашамат меомад. Ӯ волӣ ва сипаҳсолори Хуросон Абӯалии Симҷӯрӣ буд. Аз қафои тӯда фавҷҳои камону каманддорон, шашпардорон асп меронданд. Аз ҳама ақиб як даста сарбозон бо юзҳои занҷирбанду сагхову шоҳину бозҳои шикорӣ меомаданд. Аён буд, ки сипаҳсолор аз шикоргоҳ рост ба Тус омадааст. Дар кӯчаи дароз, то ҷое ки чашм мерасид, гарди ғализи печон ба ҳаво мехазид. Кулаҳхӯдҳои мисин, нӯги фулодини найзаҳо, рикоби аспҳо дар шуои офтоб медурахшиданд. Бо намудор шудани сипаҳсолор Меҳрони ҳоким бо як гурӯҳ мансабдоронаш пиёда сӯи ӯ давида ӯро бо таъзиму тавозӯъ пешвоз гирифтанд; Меҳрон дасти волиро ба ду дасташ гирифта бӯсид, домани қабояшро ба чашмаш молид. Ду ҳазор лашкари савора дар Регистон рӯ ба тарафи қалъа ба чандин қатор истода саф кашид.

Сипаҳсолор бо муқаррабонаш савора пеш-пеш, якчанд мансабдорони пиёда аз қафо ба даруни қалъа роҳ гирифтанд. Вақте ки саворон ба дарвозаи қалъа расиданд, вакили молиёт бо ду мулозимаш халтаҳои нимапур ба даст пайдо шуда ба роҳи сипаҳсолор тангаҳо пошиданд.

«Волӣ барои чӣ омада бошад? — монанди дигар ҳамаи тамошогарон ба дилаш мегуфт Фирдавсӣ.— Ва он ҳам якбора аз шикор, бо ин қадар лашкар? Ин тавр ногаҳон омадани вай, албатта, бесабаб нест, бояд ҳодисае рӯй диҳад».

Пас аз он ки Регистон аз издиҳоми халқ холитар шуд, Фирдавсӣ бо Муҳаммади Лашкарӣ хайрбод карда, ҳамроҳи Абӯ Дулаф ба манзили ӯ равон гардид. Дар он ҷо вай аспашро монда омада буд, онро савор шуда бо мушояати ровӣ роҳи деҳаи худро пеш гирифт...

## Узли ҳоким

Чоршанбе дар Тус рӯзи бозори калон буд. Дар майдони пеши қалъа издиҳоми мардумон ҷамъ шуда, ғавғо андохта талаб мекарданд, ки волӣ арзи онҳоро шунавад. Аз дасти ҳокими золим дод мегуфтанд; фарьёд мекашиданд, ки хироҷи фавқулодда ноҳақ ва хилофи шариат аст ва ноиби подшоҳ бояд онро бекор кунад. Абӯалии Симҷӯрӣ дар айвони болои қалъа бо як тӯда муқаррабонаш нишаста издиҳоми пуршӯру ғавғоро назора менамуд.

Дарвозаи баланди оҳанкӯби қалъа боз шуда, аз вай як даста навкарон як бандии нимбараҳнаи даст ба пушт бастаро бароварданд. Издиҳоми халқ дар он бандӣ Меҳрони ҳокимро шинохта, чӣ будани воқеаро нафаҳмида якбора хомӯш гардид. Як мансабдори ношинос, ки зоҳиран аз наздикони Абӯалии Симҷӯрӣ буд, ба болои суфаи сангини пеши дарвоза баромада бо овози баланд:

— Халоиқ! — гӯён ба издиҳом муроҷиат кард.— Ин одамро дидед? — бандиро ангуштнамо кард.— Ин Меҳрон аст, ки то имрӯз ҳокими шумо буд. Ӯ ба шумоён бисьёр зулм ва ба хазинаи давлат хиёнат кардааст. Аз волоҳазрати ноиби подшоҳ ба узл ва ҳабси ӯ фармон содир шуд. Золим ва хоин ба зиндон андохта мешавад. Сипаҳсолори одили фуқаропарварро дуо кунед!..

Аз издиҳом ҳаёҳуи шодӣ, нидоҳои офарину таҳсин ба унвони волӣ ва лаънату нафрин ба номи Меҳрони бандӣ баланд

гардид. Чун андаке хомӯшӣ барқарор гашт, мансабдор хитобаташро давом дода ва ба бандӣ ишора карда гуфт:

— Ин малъун хироҷи фавқулоддаро ба раиятҳо худсарона, аз ғайри фармони волоҳазрати нонби подшоҳ андохта будааст. Бо фармони олӣ аз ҳамин рӯз ин хироҷ бекор карда мешавад.

Аз издиҳом ғулғулаи шодӣ ва дуою ситоиши волии Хуросон боз баландтар гашт. Ба Абӯалии дурандеш ҳамин даркор буд: аҳолӣ ӯро дӯст дошта бошанд, то ки ҳар гоҳ ӯ алами исьён барафрозад, ӯро ҳаводорӣ намоянд. Ӯ фурсати мусоид мепоид, то ки Хуросонро аз давлати Сомониён ҷудо карда, худаш амири боистиқлол шавад. Гумони Абдулқодири Меҳрон дар бораи ҳамин гуна нияти ниҳонӣ доштани сипаҳсолор беҷо набуд. Исьёни Алптегини сарлашкар ва аморати худро пойдор кардани ӯ дар Ғазнӣ, аморате, ки акнун бар тахти он домодаш Сабуктегин нишастааст, инчунин аз давлати Сомонӣ қариб ҷудо шуда ё худ ҳаракати ҷудошавӣ доштани Хоразм, Исфиҷоб, Чағониён, Систон низ васвасаи истиқлолхоҳии Абӯалиро қувват медод. Инак, сипаҳсолор бо ҳила аввал Меҳронро ба ситониданн хироҷи фавқулодда водошт ва акнун он хироҷро бахшида, дар вақти исьёни оянда ба худаш ёрии тусиёнро таъмин кард. Вай мусодираи ганҷи ниҳонии Меҳронро аз халқ пинҳон дошт. Аз мусодира қариб як миллион дираму динор ва дигар зарринаю симинаи фаровоне ба даст оварда буд. Ӯ дар воқеъ ба масали «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» амал карда, ҳам хазинаашро пур ва ҳам халқи хироҷгузорро аз худаш мамнун сохт. Дусад-сесад ҳазор дирам ба унвони пардохти хироҷи ба ноҳақ ситонидашуда ба аҳолӣ баргардонда шавад ҳам, боз пулу моли фаровоне дар ихтиёри ӯ боқӣ мемонд.

Меҳрон ба зиндон андохта шуд. Абӯалӣ пас аз наззораи шодмонии мардумон дар Регистон ва шунидани дуоҳои хайр ва мадҳу саноҳои онон ба унвони худаш, бо ҳамроҳии муқаррабонаш айвони болои қалъаро тарк карда, ба боргоҳ гузашт. Дар он ҷо ботантана дар бораи таъин кардани Ҳусайни Қутайб ном дарбории нишопуриаш ба ҳукумати Тус ба ҷои Меҳрони маъзули зиндонӣ фармони худро эълом карда, ба ҳокими нав хилъати фохира пӯшонд.

## Шаби гирифтани моҳ

Ба ҳар ҳол пешомадҳои нохуш паси сар шуданд, гарчанде ки талхии онҳо дар дили шоир боқӣ монд. Онҳо ӯро муддате аз шуғли шоириаш боздоштанд. Акнун вай аз нав дар шуғли

худ ғарқ шуд. Рӯзону шабон дар ҳуҷраи худ аз сари китобу қаламу коғаз барнамехост. Фақат гоҳ-гоҳ баромада барои рафъи хастагӣ ба соҳили Қашафрӯд мефуромад ва соате дар соҳили он гардиш мекарду боз ба корхонаи худ бармегашт. Дар олами ахбору ривоятҳои бостонӣ сайр менамуд, аз онҳо барои худ муҳите сохта буд, ки ғаму ташвишҳои ин ҷаҳон ба он муҳит намеғунҷид. Ҳар гоҳ ки ба ҳуҷраи худ даромада сари мизи таҳрираш менишаст, ташвишҳои зиндагиро дар паси дар мегузошт. Маънӣ ва мақсади ҳаёташ, мавҷудияташро дар шоҳкитоби оянда худ медид. Азму ҷазми он дошт, ки ҷаҳони Аҷами кайҳо фавтидаро зинда гардонад ва ҳам забони модариашро чунон қуввату поянадагӣ бахшад, ки то абад ҳеҷ як қувваи беруна ба вай футур расонда натавонад. Ин кори худро бузург ва муқаддас медонист ва ҳозир буд, ки тамоми умр, тамоми неруи тану рӯҳ, тамоми хираду донишу заковаташро фидои он созад. Аз худояш чандон мӯҳлати зиндагӣ мехост, ки тавонад кори бузурги пешгирифтаашро ба анҷом расонад.

Ҳамехоҳам аз довари кирдигор,
Ки чандон амон ёбам аз рӯзгор,
Қ-аз ин номвар номаи бостон
Бимонам ба гетӣ яке достон,
Ки ҳар кас ки андар сухан дод дод,
Зи ман ҷуз ба некӣ наёрад ба ёд.

Достони Исфандиёри Рӯинтанро ба қалам гирифта буд. Дар аввал кор ба душворӣ пеш мерафт. Магар аз воқеаҳои нохуше, ки ба ӯ рӯй дода буданд, хирагии табъаш ҳанӯз тамоман рафъ нашуда буд, ки суханони муносиб ба зудӣ ёфта ва байтҳо ба дилхоҳи ӯ баста намегардиданд. Шоир дилтанг мешуд.

Аз дарича фурӯғи заррини моҳи пур ба ҳуҷра метофт.

Баногоҳ фурӯғи он хира гашт. Бар қуббаи заррини қамар оҳиста-оҳиста сояи сиёҳ хазидан гирифт, то он ки се ҳиссаи онро тамоман пахш кард. Торикӣ фуромад, шамоли сард вазид. Аз ҳавлиҳои ҳамсоягони дуру наздик дакодаку даранго-даранги ба ҳам хӯрдани зарфҳои мисину симин баланд гардид *.

Баъдан шоир он шаби гирифтани моҳро чунин тасвир хоҳад кард:

Моҳ «шуда тира андар сарои даранг,
Миён карда борик, дил карда танг.

---

* *Одати мусулмонон* — кӯфтани зарфҳо ва дигар чизҳои сахт дар вақти гирифтани моҳ (барои гурезондани деву аҷинаҳо).

Сипохи шаби тира дар дашту роғ
Яке фарш афканда чун парри зоғ,
Чу пӯлоди зангорхӯрда сипехр,
Ту гуфтӣ, ба кир-андар андуда чехр *
Хар он гаҳ ки барзад яке боди сард,
Чу зангӣ барангехт з-ангушт гард».

Шаби тор ва сафири боди сард бар дилтангии шоир меафзуд, вай бархоста аз ҳавлии дарун занашро садо кард:

«Хурӯшидаму хостам з-ӯ чароғ,
Даромад бути меҳрубонам ба боғ,
Маро гуфт «Шамъат чӣ бояд ҳаме?
Шаби тира хобат наёяд ҳаме?»
Бад-ӯ гуфтам: «Эй бут, наям марди хоб,
Биёвар яке шамъи чун офтоб,
Бинеҳ пешаму базмро соз кун,
Ба чанг ор чангу май оғоз кун»,
Бирафт он бути меҳрубонам зи боғ,
Биёвард рахшанда шамъу чароғ,
Май оварду нору турунҷу биҳӣ,
Зудуда яке ҷоми шоҳаншаҳӣ.
Гаҳе май гусориду гаҳ чанг сохт,
Ту гуфтӣ ки Ҳорут найранг сохт.
Дилам бар ҳама кор пирӯз кард,
Шаби тира ҳамчун гаҳи рӯз кард».

Он гоҳ ёри меҳрубонаш хост ки бо хондани қиссаи дилангезе аз китоб он базму сӯҳбати ширинро ширинтар созад:

«Маро гуфт он моҳи хуршедчеҳр,
Ки «аз ҷони ту шод бодо сипехр,
Бипаймой то ман яке достон
Зи дафтар барат хонам аз бостон,
Пур аз ҷораву меҳру найрангу чанг,
Ҳама аз дари марди фарҳангу нанг».

Хонанда ва гӯяндаи моҳира Фотима бо овози софу маҳинаш қиссаҳоро шавқангезтар, ҷозибаноктар мегардонид. Шоир таклифи ӯро чӣ тавр бо ҷону дил напазирад? Метавонист қиссаҳоро худаш хонда ба назм гардонад, лекин аксаран ба ҳамсараш хононда ба хотир мегирифту сипас ба китоб нигоҳ накар-

* Гӯё ки ба рӯяш кир молида шуда бошад (кир — моддаи нарми сиёҳ ва часпон, ки аз нафт ҳосил мешавад).

да дар риштаи назм мекашид. Дар хониши Фотима достонҳо бо рангу маъниҳои нави худ ҷилва мекарданд ва қаҳрамонони онҳо бо сурату сирати хосе дар дидаи хаёли шунаванда намудор мегардиданд.

«Бигуфтам: Биёр, эй маҳи хубчеҳр,
Бихон достону биафзой меҳр.
Магар табъи шӯрида бикшоядам,
Шаби тира з-андеша хоб оядам.
Зи ту табъи ман гардад ороста,
Аё меҳрубон ёри пероста!
Чунон чун зи ту бишнавам дар ба дар.
Ба шеър оварам достон сар ба сар».

Фотима аз китоб ба хондани достони Бежан ва Манижа шурӯъ кард.

Шоир ҳама тан гӯш ва ҳама ҷон ҳуш гардид.

Моҳ аз сояи сиёҳ баромада боз дурахшону хандон шуд, шаъшааи он пардаи чун «парри зоғ»-и шабро ба ҳарирй латифу шаффоф табдил дод. Шамол низ гӯё аз парвози пурҷадалу пуршаввушуввн худ хаста шуда, ором гирифт. Дар олами табиат осоишу сукут ҳукмфармо гашт.

Ҳар кӣ дар «Шоҳнома» ин достонро хонда бошад, медонад, ки Рустами Зол худро бозаргон сохта ба Турон меравад, то ки аз ҳоли наберааш Бежани ба чоҳ андохташуда хабар бигираду чораи халосии ӯро ҷӯяд. Манижа духтари шоҳи Турон ва маъшуқаи Бежан, ки падараш ӯро аз даргоҳи худ ронда буд, барои ошиқи тирабахташ гадоиро ба гардан гирифта, ҳар рӯз ноне ёфта меоварду ба даруни чоҳи ӯ мепартофт. Духтар бо «бозаргон»-и эронӣ дидор карда, аз вай мепурсад, ки оё дар Эрон хабар доранд, ки шоҳи Турон Бежани паҳлавонро бегуноҳ ба чоҳ андохтааст? Рустам барои худро пеш аз вақт ошкор накардан аввал ба Манижа тундӣ карда ӯро меронад ва баъдан аз вай саргузашташро мепурсад.

Вақте ки Фотима аз хониши достон танаффус карда, барои аз хоби духтарчааш хабар гирифтан ба ҳавлии дарун рафт, то баргаштани ӯ Фирдавсӣ ин воқеаи достонро дар фикраш назм карда буд ва онро ба ҳамсари ҳайронмондааш хонд. Манижа дар шеъри шоир дарду алами худро ба Рустам бо чунон сӯзу гудоз баён мекунад, ки ба чашмони Фотима об омад, ҳол он ки ӯ дар вақти аз китоб хондани ин лавҳаи достон хандон буд. Рустам:

Якояк сухан кард аз ӯ хостор,
Ки «Бо ту чаро шуд дижам рӯзгор?»
Манижа бад-ӯ гуфт к-аз кори ман
Чӣ пурсӣ зи ранҷу зи тимори ман?
Аз он чохсар бо дили пур зи дард
Давидам ба назди ту, эй родмард,
Ки аз ту бипурсам яке навхабар,
Зи Геву зи Гударзи пархошгар.
Задӣ бонг бар ман чу ҷанговарон,
Натарсӣ ту аз довари доварон.
Манижа манам, духти Афросиёб,
Барахна надида танам офтоб,
Кунун дида пурхуну дил пур зи дард,
Аз ин дар бад-он дар, ду рухсора зард.
Ҳаме нони кашкӣ фаро оварам,
Чунин ронд эзид казо бар сарам.
Барои яке Бежани шӯрбахт,
Фитодам зи тоҷу фитодам зи тахт.

Ба ҳамин тарз дар фосилаҳои қироати «қория»-и хушхон лавҳаҳои ҷудогонаи достонро назм кардани мустамеъи хуштабъ кам воқеъ намешуд.

То фарьёди бомдодии хурӯсон зан мехонду шӯ мешунид. Инак бонги муаззинони чаҳор масҷиди деҳа ба гӯш расид. Зану шӯ ба таҳорат бархостанд ва сипас бо ҳам дар ҳуҷраи шоир намоз гузорданд.

Фирдавсӣ Исфандиёри Руинтанро мувaққатан ба ҳоли худ гузошта, ҳоло ки достони Бежан ва Манижа дар хотираш тоза аст, ба назми он оғоз кард.

## Абӯ Дулаф

Вай ва Ҳушанг дар мадраса таҳсили илм мекарданд, шарикдарс буданд. Боре Ҳушанг аз «Шоҳнома»-и падараш қиссаи набарди Рустам бо Ашкабусро ба мадраса оварда дар ҳалқаи рафиқонаш хонд, онҳо бо шавқу завқ шуниданд, баъзе толибилмон қиссаро рӯбардор карда гирифтанд. Яке аз онҳо Абӯ Дулаф буд, вай дар байни толибилмон ба зеҳни тез ва ҳофизан қавӣ мумтоз буд, метавонист аз китобҳо варақ-варақ матни мансурро аз ёд кунад, порчаҳои манзум, қасидаҳои томро бо дусе бор хондан ҳифз мекард. Албатта, «Набарди Рустам бо Аш-

кабус»-ро ба зудӣ аз ёд кард ва ба оҳанги махсуси достонхонӣ моҳирона қироат менамуд. Овози дилчасп ва муассире дошт. Ҳофиз ва ровии хушхон дар шаҳр овоза шуд, ӯро барои достонхонӣ якзайл ба давраҳо ва маъракаҳо даъват мекарданд. Фирдавсӣ хост бо ровии ҷавони овозадор шинос шавад; писаронро фармуд, ки ӯро ба наздаш оварад. Ҳушанг як бегоҳ ӯро ба Бож оварда, дар ҳуҷраи падараш ҳозир сохт. Ҷавони миёнақади хушсурат, мешчашм, хати ришу мӯйлаби маҳин чеҳраи сабзинаашро пӯшонда буд, бо ҳаёву одоб бо шоир вохӯрдӣ кард.

— Шунидам, шеърро хуб мехонед, достонхонии шуморо таъриф мекунанд, чаро боре назди ман наёмадед? – гуфт Фирдавсӣ.

Абӯ Дулаф шармгинона гуфт:

— Мехостам биёям... ҷуръат накардам, устод... ибо кардам...

— Чаро ибо? Беҷо, беҷо. Аммо айб ба Ҳушанг ҳам ҳаст, ки то имрӯз шуморо ба меҳмонӣ нахондааст. Мегӯянд, шумо Рустаму Ашкабусро аз ёд кардаед?

— Оре, устод... Боз фасле аз Фаридуну Заҳҳок ҳам.

— Фаридуну Заҳҳок? Оё ин достон дар дастраси шумо буд? Аз куҷо пайдо кардед?

— Устод онро ба ҷаноби Муҳаммади Лашкарӣ тақдим карда будаанд, он ҷаноб ориятан ба ман дода буданд, ки фаслеро аз ёд кунам.

— Пас он фаслро барои мо мехонед,— гуфт шоир ва пурсид: — Мехонед?

— Ба чашм, устод,— қабул кард Абӯ Дулаф.

Фирдавсӣ аз насаб ва хонаводаи ӯ пурсон шуд, маълум гардид, ки ӯ писари Абӯ Дилоли баззоз буда, аз чордаҳсолагӣ ба таҳсили «улуми мадраса» шурӯъ карда, чанд вақт инҷониб ба қиссахонӣ шавқу ҳавас пайдо намуда ва аз пушти ин шуғл дарсхонии мадрасаро тарк кардааст. Оиладор буда ва писари яксола доштааст. Падараш ба қиссахонии ӯ розӣ набуда ва мехостааст, ки ӯ касби падарро пеш гираду дар дӯкон нишинад, вале Абӯ Дулаф аз шуғли нави худ дил канда наметавониста ва бад-ин сабаб байни падару писар низоъ ва хунукӣ пайдо шудааст.

Бегоҳрӯзӣ тафси ҳавои тобистон фуромада, садаҳои хиргоҳии боғ ба суфаи фарох соя густурда буданд, дар чунин бегоҳрӯзиҳо дар он суфаи лаби ҳавз бо дӯстон нишаста истироҳат ва сӯҳбат кардан хуш аст. Фирдавсӣ фармуд, хизмат-

горон суфаро рӯфта, палос андохта ҷои нишаст тахия карданд. Ҳарифи шоҳмотбозии шоир — меҳтари деҳа Хоҷа Солеҳ бо бародараш Хоҷа Боқир омаданд. Шоир меҳмононро дар суфа нишонд ва Абӯ Дулафро ба онҳо муаррифӣ кард. Дастархон андохта шуд, як ним соат ба гуфтугӯ, хӯриши нону меваю нӯши шарбат гузашт, пасон мизбон ва меҳмонон аз ровии ҷавон хондани қиссаро хоҳиш карданд. Ровӣ, ки одатан дар давраҳо ба по истода мехонд, аз ҷо бархоста, аввал номи қиссаро эълон кард: «Набарди Заҳҳок бо Фаридун ва банд кардани Фаридун Заҳҳокро ба кӯҳи Дамованд».

Парвардаи чӯпон Фаридуни шоҳнажод ва Коваи оҳангар дар сари лашкари халқие, ки ин оҳангар гирд оварда буд, бар Заҳҳоки истилогар зафар ёфта пойтахти Эронзаминро озод карданд, Заҳҳоки мағлуб ба тарафи Ҳиндустон гурехт ва дар он тарафҳо лашкар ҷамъ карда аз нав ба ҷанг омад ва ба шаҳр ҳуҷум овард...

Абӯ Дулаф хониши сурудмонандашро сар кард. Мисраъҳои шеъри размӣ ҳамчун шиҳаи аспони ҷангӣ, ҳамчун овои ҷанговарон, ҳамчун чакочаки шамшерҳо ба садо даромаданд. Боғи ором якбора гӯё ба шаҳри пуршӯру ошӯбе табдил ёфт, ки дар вай ба болои ӯрдуи истилогарон

Зи деворхо хишту аз бом санг,
Ба кӯй-андарун теғу тиру хаданг.
Биборид чун жола з-абри сиёҳ,
Касеро набуд бар замин ҷойгоҳ,
Сипохию шаҳрӣ ба кирдори кӯҳ
Саросар ба ҷанг — андарун ҳамгурӯҳ

Мехурӯшиданд ки:

Нахоҳем бар гоҳ Заҳҳокро,
Мар он аждаҳодӯши нопокро!

Абӯ Дулаф қироаташро ба поён оварда ба шунавандагонаш таъзим кард ва нишаст. Меҳтар ва бародараш бо шӯру шааф ба аҳ-аҳу баҳ-баҳ гуфтан даромаданд:

— Офарин, писар! Чӣ хуб хондӣ! — меҳтари пир дар воқеъ хеле мутаассир шуда буд.

— Валлоҳ, ки дар кӯю майдонҳои Тайсафуни қадим ҷангу ҷӯшро бар алония дидем, алолои ҷанговаронро шунидем, Фаридуни зинда, Коваи зиндаро дидем, овои ҳар дуро шунидем,— мегуфт бародари меҳтар.

— Ба гӯяндааш, ба достонсарои бузург ҳазор офарин! — гӯён меҳтар дасти Фирдавсиро гирифта бӯсид.

— Банда хиҷолат мекашам бигӯям, ки аслан намедонистам ҷашни Меҳрагон аз куҷо омада ва сабабаш чӣ буда,— иқрор кард деҳқони бесавод Хоҷа Боқир.— Маълум мешавад, ки ин ҷашн ба ёди зафари Фаридун бар Заҳҳоки Морон будааст?

Ҷанг бо Заҳҳоки хунхор ва сипоҳи яғмогари вай дар аввали моҳи Меҳр ба амал омада ва ба музаффарияти эрониён анҷомида будааст, онҳо ба ёди он ғалабаашон бар истилогарон ва ба шарафи рӯзи тоҷгузории Фаридуни фотеҳ сари моҳи Меҳрро бо номи Ҷашни Меҳрагон ҷашн гирифта, дар он рӯз гулханҳо меафрӯхтанд ва анбару заъфарон месӯхтанд, вале ба мурури асрҳо мардумони авом боису маънии ин ҷашнро қариб фаромӯш карда будаанд.

— Шунида будам ки,— гуфт боз Абӯ Солеҳи меҳтар,— шоирони бузург ашъори худашонро ба хубӣ ва бо овоз хонда наметавонистаанд, бинобар ин ҳар кадомашон ба худ як нафар ровӣ нигоҳ медоштаанд, то ки вай ашъорашонро он тавр, ки лозим аст, монанди ин ҷавони хушхону хушилҳон барои мардумон бихонад. Шумо, ҳазрат, ба «Шоҳнома»-и худ ҳақиқатан ровии шоиста ёфтаед...

Аз он рӯз беш аз ду сол гузашт, инак Абӯ Дулаф соли сеюм аст, ки вазифаи ровигии «Шоҳнома»-ро иҷро мекунад.

Як бегоҳ вай бо як «хабари нав» назди Фирдавсӣ омада, онро дар ҳуҷра ба шоир бо обутоб нақл кард:

— Парешаб як навкари чӯбдор маро пурсида ба меҳмонхонаамон омад. «Бароед,— гуфт,— шуморо ҷаноби ҳоким талаб доранд». Аввал тарсидам — барои чӣ талабидаанд? Магар аз ман гуноҳе содир шудааст? Навкар гуфт: «Шумо қиссахон будаед, қиссаҳоятонро бо худатон гирифта баред будааст». Ин гапро шунида дилам саҳл қарор гирифт — фаҳмидам, ки ҳоким толиби достони Рустаму Сӯҳроб шудааст. Ҳоким, албатта, шунида буд, ки ман ин қиссаро дар маҳфилҳо мехонам. Зуд ҷомаю салла карда, достонро дар бағал зада баромадаму ҳамроҳи навкар равон шудам. Дар қалъа маро аз даҳлезу долонҳо гузаронда бурданду ба як ҳуҷраи калони ороста ва сақфу деворҳояш мусаввару мунаққаш даров617данд, он ҷо ҳоким танҳо, дар пешаш бар рӯи чорпоя се-чор ҷилд китоб, ба лӯлаболиштҳо такья карда нишаста, наздаш дар шамъдони тиллоӣ ду шамъи дароз фурӯзон буд. Худ арабмонанд будааст, чашмҳош

калон ва ангиштвор сиёҳ, абрувонаш ғафс, мӯи сараш фатила, бинниаш калон.

— Мегӯянд, ки падараш араб ва модараш эронӣ будааст,— илова кард Фирдавсӣ.

— Ҳамин тавр? Пас ман саҳв накардаам, ки ӯро ба араб монанд кардам... Хуллас, даромадам, салом кардам, ба хушӣ алайк гирифт ва пурсид: Абӯ Дулафи ровӣ туӣ? Гуфтам: Толиби илм ҳастам, ба ҳавас бо хоҳиши бузургон ва дӯстон баъзе достонҳои ҳазрати Фирдавсиро барояшон қироат мекунам. Гуфт: Хеле хуб, мо ҳам хостем, ки Рустам ва Сӯҳробро барои мо бихонӣ. Онро овардӣ? Гуфтам: Оре, соҳиб, достон бо ман аст. Гуфт: Пас биншину бихон, ҳамон тавре, ки дар давраҳо мехонӣ. Гуфтам «ба чашм» ва шурӯъ кардам ба хондан. Гӯш мекарду ҳар дам сар ҷунбонида «хеле олӣ, хеле олӣ» мегуфт. Вақте ки ба набарди Рустам бо Сӯҳроб расидам,— шӯхона хандида гуфт Абӯ Дулаф,— хонсолор хуриш овард, хоҷаи босаховат бандаро ба музди ровигиам бо кабоби кабку шароби ноб зиёфат карданд. Сипас фармуданд, ки қироатат имрӯз бас аст, боз фардо баъд аз намози пешин биё бихон. Дирӯз дар соати маъҳуд боз дар боргоҳашон ҳозир шудам ва бақияи достонро то наздики шом хонда хатм кардам. Аслан хондам гуфтан хатост, устод, зеро Рустаму Сӯҳроб аз бисьёрии қироат карданам ба ман қариб ёд шудааст. О, ваҳ, устод, кош медидед, ки достон чӣ шавқу шӯре дар ҳоким тавлид кард! Чӣ таҳсину тасанное, ки эшон ба номи шумо нахонданд! Мегуфтанд, то кунун ҳеҷ шоире чунин достони оламгир ва он ҳам бо чунин суханвариву балоғату фасоҳат нанигоштааст; фармуданд, ки ба шумо арзи сипос ва ихлосашонро расонам.

— Ба муборакбодии ин ҳокими нав рафтанам лозим буд,— гуфт Фирдавсӣ,— мутаассифона то кунун натавонистам, гирифтори «Шоҳнома» будам. Мегӯянд, ӯ рӯзҳои панҷшанбе бори ом медиҳад *, панҷшанбе меравам.

Абӯ Дулаф аз хӯрҷини худ (вай бо хӯрҷин даромада онро дар кунҷи ҳуҷра гузошта буд) як ҳамьёни чармини пурро бароварда назди Фирдавсӣ гузошт:

— Ин ба шумо, устод.

— Чист ин? — пурсид шоир.

— Ҳоким хизматона доданд. Лекин ман чӣ хизмате кардам? Достони шуморо хонда шунавондам вассалом. Ин ато барои достон аст ва ҳаққи шумост.

---

* Яъне мардумонро қабул мекунад.

Фирдавсӣ абрӯ чин кард:

— Хизматонаи худат. Ҳаққи ҳалоли худат. Бигир, ба ман даркор нест.

— Устод, ман бе ин ҳам назди шумо шармандаам: гоҳо дар маҳфилҳо достонҳои шуморо ки мехонам, ба ман чизе ё нақдинае инъом мекунанд — маълум мешавад, ки заҳмат шумо мекашеду баҳра ман мебарам. Дар хиҷолатам ман. Бо қабули ин маблағ шумо ба ман марҳамат мекунеду маро андаке ҳам бошад аз хиҷолат мебароред.

— Абӯ Дулаф! Ту ровии мумтоз ҳастӣ. Ровигӣ ҳунар аст ва аз пушти ҳунар музд ёфтан айб нест. Мебоист худам ба ту инъому эҳдо * мекардам аз барои он ки ашъори маро барои мардумон мехонӣ ва шоеъ мекунӣ. Инро пас бигиру дигар аз хиҷолат ҳарф назан,— Фирдавсӣ ҳамьёнро бардошта ба наздики ровӣ гузошт.— Акнун бихезу назди бону бирав, бигузор ӯ ба шодиёнаи хушхабарат туро як зиёфати хуб бикунад.

Абӯ Дулаф баромада буд, ки шоир аз нав ба дастнависҳои парешони ашъораш сар фурӯ бурд...

## Ҳусайни Қутайб

Ин боби ҳикояти мо боз аз кӯбиши дари Фирдавсӣ оғоз меёбад. Чӣ кор кунем, зиёраткунандагони шоири номдор бисёранд, онҳо вақту бевақт омада дари ӯро мекӯбанд; ба тавассути онҳо робитаи шоири гӯшанишини достонсаро бо олами берун бардавом дошта мешавад.

Инак, шабе аз шабҳои тор, ҳангоме ки чароғи хонаҳои деҳа хомӯш буданд (маълум, ки деҳотиён одатан аввали шаб бо фуромадани торикӣ ба хоб мераванд), баногоҳ дарвозаи ҳавлии шоир оҳиста кӯфта шуд.

Хизматгор ба ҳуҷраи шоир омада хабар дод ки:

— Қасе омадааст, шуморо мепурсад.

Фирдавсӣ ба ҳавотир афтод: дар ин вақти шаб касон ба суроғи ӯ намеомаданд.

— Кӣ будааст? Нашинохтӣ?

— Дарвозаро накушодам.

Фирдавсӣ бо ҳамроҳии хизматгор баромада дарвозаро кушоёнд. Дар берун якчанд нафар савору пиёдаҳо истода буданд. Баробари пайдо шудани ӯ яке аз пиёдаҳо савореро ёрӣ дода аз

---

* *Эҳдо* — ҳадья.

асп фуруд овард. Маълум буд, ки савор аз калонҳост ва пиёдаҳо навкарони ӯянд. Вай миёнақади чорпаҳлӯ, дастор ба сар, мӯи сараш дароз буд, пеш омада сӯи Фирдавсӣ ҳар ду дасташро дароз кард:

— Ассалом алайкум. Меҳмонони нохондаро қабул мефармоед? Ман амир Ҳусайни Қутайбам.

Фирдавсӣ як лаҳза бедаступо шуд.

— Ҷаноби олӣ? Во аҷабо! Худашон ба кулбаи фақир қадам ранча кардаанд? Марҳамат фармоянд.

Ба дарун даромаданд. Аз қафои ҳоким марди қаддарозе қадам мезад, ки зоҳиран мулозими ӯ буд. Пиёдае аз қафои мулозим як хӯрҷини пурро бардошта меомад. Фирдавсӣ онҳоро аз ҳавлии берун ва аз дариҷаи боғ гузаронда ба тарафи ҳуҷра бурд. Пиёдаи хӯрҷинбардор борашро дар даҳлези ҳуҷра гузошта берун рафт.

— Хӯш омаданд, қадами муборакашон болои дида,— таоруф ба ҷо овард мизбон.

Хизматгор, ки бо навкарони ҳоким аспҳои меҳмононро даровардa дар тавила баста буд, пайдо шуд, Фирдавсӣ ба вай ишорате карда буд, ки Қутайб маънии ишоратро фаҳмида гуфт:

— Тараддуди зиёд набояд кард, устод. Ман як сари қадам ба зиёраташон омадам, зиёд наменистам.

Абӯ Дулаф рост гуфта буд, ки чашмони ҳоким калон ва «ангиштвор сиёҳ» буданд, ришаш низ сиёҳ ва кӯтоҳи анбӯҳ. Ҳоким аз салобат холӣ набуд.

— Ҳарчанд ки ҷаноби олӣ фармонфармои моянд, вале бино ба таомули мамлакат аз фармонбарии мизбон чора надоранд. Нахустин бор аст ва илоҳо охирин бор мабод, ки ҳокими шаҳр ба меҳмонии банда меоянд, агар банда шарти ин меҳмондории боифтихорро ба ҷо наёрам, як умр дар ҳасрату надомат мемонам. Илтимоси оҷизона ин ки бандаро як имшаб аз файзи сӯҳбаташон баҳраманд гардонанд,— гуфт шоир бо лаҳни тамаллуқомезе, ки ба бузургон мефорад. Волотабори мағрур Фирдавсӣ умуман ба бузургон одати тамаллуқ гуфтан надошт, вале хабари аз Абӯ Дулаф шунидааш ин ки ҳокими нав суханофаринӣ ва достонсароии ӯро хеле тақдир карда ва аз ин маълум мешавад ки марди фозили хушсалиқаест, дар дили шоир нисбат ба вай ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтироме тавлид карда буд.

Хизматгори чобук аз ҳавлии дарун якандозҳои атласу шоҳӣ овард, Фирдавсӣ меҳмононашро хезонда якандозҳоро ба таги онҳо андозонд.

— Ровии хушхони шумо Рустам ва Сӯҳробро барои мо

хонд,— гуфт ҳоким.— Ваҳ, чи достони оламгире нигоштаед! Сухани шумо муфораҳат, далерӣ, муруввват, таҳаввур * меангезад. Ба форсии дарӣ чунин асареро ҳеҷ нахонда ва нашунида будам.

Дар ин ҷо мо як дам амир ва шоирро бо ҳам дар мусоҳиба гузошта, ҳокими нави Тусро ба хонанда бояд дурусттар шиносонем.

Ҳусайни Қутайб пеш аз таъйин шуданаш ба ҳукумати Тус дар хизмати волӣ ва сипаҳсолори Хуросон буда, девони рисолати ** ӯро ба ӯҳда дошт. Худ аслан ҳиротӣ, падараш сипоҳии араб, модараш тоҷик ва аз оилаи косиб — духтари шонатароши камбағале буд. Ҳусайн аз падар шашсола монд, модари ӯ, ки ҷавонзани соҳибҷамоле буд, баъд аз вафоти шавҳараш аз густохиҳои ошиқони ҳавасбоз, ки ӯро осуда намегузоштанду бисьёр ташвиш медоданд, гурехта ба хонаи дӯст ва муршиди шавҳараш шайх Абӯтоҳири олим ва сӯфӣ паноҳ бурд. Сониян худи шайх ҳам ошиқи зан шуда, ӯро ба никоҳи худ даровард. Вай зани барнои нозанинашро чӣ қадар ки дӯст дошта бошад, ба писари хурдсоли вай ҳамон қадар меҳрубон ва ғамхор буд, ӯро худаш таълим медод, дониш меомӯхт. Бача зирак ва хушзеҳн буд; калонтар ки шуд, ба хондани достонҳо ва ашъори ирфониву ахлоқӣ рағбат пайдо кард. Шайх Абӯтоҳир дар тафсир ва тасаввуф китобҳое тасниф карда буд, инсофу муруввват, ахлоқу атвори писандида, накӯкорӣ, хайрхоҳ ва ёрирасони мардумон будан дар таълимоти шайх ҷои муҳимме ишғол мекарданд ва Ҳусайн дар таъсири ҳамин таълимоти ӯ тарбият ёфта буд. Вай дар ҷавонӣ ба девони иншои ҳокими Ҳирот Абӯмансур ибни Абдураззоқ, ҳамон бонии «Шоҳнома»-и мансур, ҷалб карда шуд. Дар хизмати девон ба фазлу заковат ва қобилияти фавқулодда ном баровард. Абӯалии Симҷӯрӣ овозаи ӯро шунида, аз ҳокими нави Ҳирот, ки ба ҷои Ибни Абдураззоқ таъйин шуда ва аз парвардагони Симҷӯрӣ буд, хоҳиш кард, ки Ҳусайни Қутайбро ба хизмати ӯ фиристад. Қутайб ба Нишопур омада, чанд гоҳ дар девони иншои волӣ хизмат кард ва сониян Симҷӯрӣ девони рисолати худро ба вай дод. Меҳрон аз ҳокимии Тус маъзул шуда буд, ки сипаҳсолори Хуросон ба ҷои ӯ Ҳусайни Қутайбро таъйин кард.

Бармегардем ба мусоҳибаи ҳоким бо шоир.

Мулозими ҳоким бо ишораи ӯ аз остини ҷомааш ду варақ коғази лӯлапечро бароварда ба дасти ӯ дод. Варақҳо ҳамон

---

* *Таҳаввур* — камоли шуҷоат ва ҷасорат.

** *Девони рисолат* — идораи давлатие буд монанди Вазорати корҳои хориҷӣ.

дастнависи андарзҳои Нӯширвону Баҳроми Гӯр буданд, ки Фирдавсӣ ба ҳокими собиқи Тус фиристода буд.

— Ин манзумаҳо аз шумоянд? — пурсид ҳоким аз шоир.

— Оре, гуфт Фирдавсӣ.

— Ба ҳокими собиқ фиристода будед?

— Оре, ҷанобӣ олӣ.

— Аз харитаи * ӯ ёфта ба ман оварданд. Чун хондам, дар ман майли дидор кардан бо шумо пайдо шуд. Оё ин андарзҳои гузаштагонро худи Меҳрон аз шумо талаб карда буд, ки барояш навишта фиристед?

— На, худам ба ҷои ариза фиристода будам.

— Чӣ гуна ариза?

— Дар бораи хироҷи фавқулодда.

— Оё Меҳрон фаҳмид, ки ин манзумаҳо ба ҷои ариза аст?

— Фаҳмида будааст. Маро талабида буд, рафтам, мусоҳиба кардем. Гуфт «Ту хостаӣ носеҳи ман шавӣ, маро панд омӯзӣ?» Бо вуҷуди ин хост ки хироҷро аз ман кам кунад.

— Кам кард?

— Оре, аммо ман қабул накардам.

— Қабул накардед? Чаро?

— Аз он пештар ман бо ҳамроҳии шаш пирамарди мӯътабари деҳа ба додхоҳӣ ба дорулҳукума рафта будам, додро мо барои ҳамаи мардуми деҳа хостор будем, на ин ки ҳар яке барои худаш. Ҳокими собиқ моро қабул накард.

Қутайб сукуте карду гуфт:

— Ман «Шоҳнома»-и мансурро хонда будам, дар вай панднома Нушнрвон набуд, ин пандҳои судманд аз худи шумост; андарзномаи Баҳроми Гӯр ҳам дар Шоҳномаи мансур дигаргуна аст, шумо дар назм онро жарфтар ** бурда, ба вай чандин нуктаҳои ҳакимона афзудаед. Чунончи ин пандҳо,— гӯён Қутайб аз варақ хонд:

Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро ҳамон бар сар афсар кунед.
Зи чизи касон дур доред даст,
Беозор бошеду яздонпараст.
. . . . . . . . . . . . . . . . .
Маҷӯед озори ҳамсоягон,
Ба вижа *** бузургону пурмоягон.
. . . . . . . . . . . . . . . . .

---

* *Харита* — халтаи чармин барои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо.
** *Жарфтар* — чуқуртар.
*** *Ба вижа* — хусусан.

Ба покӣ гироеду некӣ кунед,
Дилу пушти хоҳандагон машканед.
Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ,
Зи дониш дари бениёзӣ биҷӯй,
Агарчанд аз ӯ сахтӣ ояд ба рӯй.
Агарчанд бад кардан осон бувад,
Ба фарҷом з-ӯ дил харосон бувад.

. . . . . . . . . . . . . .

Надорад нигаҳ рози мардум ҷаҳон,
**Ҳамон беҳ ки некӣ кунӣ дар ниҳон.**

Бисьёр хуб, бисьёр олӣ. Қошки ҳама ба ин пандҳо амал мекарданд.

Хизматгор дастархон овард, ки онро Фотима бо неъматҳои алвон ороста буд; кӯзаи шароб ҳам бо ҷомҳои нафис оварда шуд. Қадаҳи аввал ба ёди «подшоҳи бузург» (Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ) бардошта шуд, қадаҳи дуввумро бо таклифи Фирдавсӣ ба саломатии «амири бодонишу дод» Ҳусайни Қутайб нӯшиданд. Аз ҳар боб сухан рафт. Қутайб аз чӣ гуна ва ба чӣ мақсад иқдом кардани Фирдавсӣ ба назми «Шоҳнома», ки «коре бас бузург асту шояд аз иқтидори одамӣ барнаёяд», пурсон шуд.

— Чунон ки ба ҷаноби олӣ маълум аст,— гуфт шоир,— биной ин корро амир Абӯмансури Муҳаммад ибни Абдураззоқ, худо бар вай раҳмат кунод, ниҳода буд...

— О-ҳо, бузург марде буданд,— гуфта Қутайб сухани Фирдавсиро бурид,— мураббии ман буданд. Аз санаи 340 то 345 ки эшон волии Ҳирот буданд, ман аз муншиёни он ҳазрат будам. Миннати тарбият ва некиҳояшон дар зиммаи ман боқист. Хуб, шодравон чӣ тавр бонии «Шоҳнома» шуданд?

Фирдавсӣ ривоят кард, ки ибни Абдураззоқ, дӯстдорандаи ахбору осори Аҷам, чун нахуст волии Ҳирот ва сипас чанд гоҳе сипаҳсолори Хуросон шуд, пораҳои парешони «Худойномак» — ахбори шоҳон ва паҳлавонони бостониро аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ҷамъ оварда аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ гардонда, ривоятҳои қадимии то ба ин замон расидаро аз ровиён ва ноқилон нависонда гирифт, ҳамаро дар як китоб гирд оваронд ва китобро «Шоҳнома» ном кард, ки ба наср навишта шуда буд. Китоб дар саросари мамлакат шӯҳрат пайдо кард; дар ҳар ҷо ки «Шоҳнома» дастрас мегардид, онро бо шавқу ҳавас мехонданд; ҳар кӣ хонд, ба он дил бохт. Абулқосими Хасан (тахал-

луси Фирдавсиро вай дертар гирифт) дар соли пайдоиши он китоб дар Нишопур талабаи мадраса буд, яке аз шарикдарсони вай, ки падари соҳибмансабаш нусхае аз «Шоҳнома»-ро дошт, онро гоҳо ба мадраса оварда, дар ҳалқаи талабагон қироат мекард; ҳамон вакт буд, ки Абулқосим шефтаи он китоб гардид.

Шоир дар ин ҷои нақлаш мехост гӯянд, ки дар мадраса байни толибилмони аҷамӣ ва араб доим дар бораи таъриху тамаддуни ҳар ду халқ мубоҳиса мерафт, арабҳо таъриху фарҳангу забони аҷамиҳоро тамасхур карда ва паст зада, бар афзалияти арабҳо дар ин боб исрору ифтихор менамуданд. Он гоҳ «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ барои аҷамиҳо мояи ғурур ва ифтихори миллӣ гардид ва забони таъни арабонро баст. Ин суханон дар нӯги забони Фирдавсӣ буданд, аммо вай назди Кутайби арабнажод аз гуфтан худдорӣ кард.

Шоир нақли худро идома дода, ба болои таърихи назми «Шоҳнома»-и мансур омад. Ин китоб ниҳоят камьёб буд,— мегуфт ӯ,— якто-нимто касон, ки доштанд, бо доштани он фахр ва таҷаммуд мекарданд, онро ба касе намедоданд ва ба нусха бардоштан аз он монеъ мешуданд, то ки мояи ифтихору таҷаммулашон коста нашавад. Толиби илм ва шоири ҷавон Ҳасани Абулқосим аз ғояти шавқу шефтагӣ, ки ба «Шоҳнома» дошт, баъзе пораҳои онро аз ёд назм мекард ва ният дошт, ки як вақт нусхае аз он китобро ба даст оварда ҳамаашро назм кунад, вале пас аз чанде хабар расид, ки шоири бухороӣ Муҳаммади Дақиқӣ бо амри подшоҳи Сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ ба назми «Шоҳнома» пардохтааст. Он гоҳ Абулқосим ночор аз нияташ даргузашт. Аммо толеъ ба Дақиқӣ бевафоӣ карду вай ногаҳон ба дасти ғуломаш кушта гардид. Оташи қариб хомӯшшуда дар дили Абулқосим аз нав шӯълавар гашт. Вай ба ҷустуҷӯи нусхае аз «Шоҳнома»-и мансур афтода, ба суроғи он то Марв, Бухоро, Ҳирот ва Чоч рафт, наёфт, ба иваз дар Марв, Ҳирот ва Чоч чанде аз пирони донишвар ва мӯбадониро зиёрат кард ва аз забони онҳо тарҳи дигари ривоятҳои дар «Шоҳнома»-и мансур сабтшуда ва боз қиссаҳои нави дилангез шунид. Ва билохира ҳазор байти аз «Шоҳнома»-и мансур назмкардаи Дақиқиро, ки дар Бухоро ба даст оварда буд, роҳовард гирифта ба Тус баргашт. Аммо ҷӯянда ёбанда аст ва нияти хайр беоқибат намемонад. Дӯсти фозили ӯ Муҳаммади Лашкарии тусӣ як нусхаи китобро аз куҷое ёфта ба вай тақдим кард. Инак, сездаҳ сол инҷониб вай ба назми «Шоҳнома» машғул аст.

— Агар кори банда фақат назм кардани қиссаҳои тайёр мебуд, кор саҳл буд,— гуфт дар охир Фирдавсӣ,— аммо дар ҳа-

қиқат ин тавр нест. Маро лозим меояд, ки аз анвоъи ривоятҳои ҳар як достон бехтаринашро баргузинам ва сипас ин бехтаринҳоро аз ҳар гуна зиёдатиҳо, берабтиҳо ва ғайруҳу тоза, ноҳамвориҳоро ҳамвор кунам, ҷоҳои холиро пур кунам, миёни воқеаҳо равобити ботиниашонро дарьёбам ва барқарор созам, маъно ва мафҳуми онҳоро биҷӯям. Ба илова, чандин достонҳо дар «Шоҳнома»-и мансур нестанд, банда онҳоро аз дигар маъхазҳои хаттиву шифоҳӣ ба даст овардаам. Дар ривоятҳо воқеаҳои таърихӣ гоҳо ғалат баён шуда ё ғалат тафсиру ташреҳ шудаанд, ҳақиқати инҳоро низ дарьёфтан ё ба ҳадсу * қиёс барқарор кардан лозим меояд. Хулоса, маҷмӯъи ривоятҳо моддаи хоме беш нестанд, банда аз онҳо достони комил дармеоварам, ки аз «Худойномак» тафовути куллӣ дорад.

— Иҷоза диҳед бипурсем,— бо тавозӯъ бори аввал лаб ба сухан боз кард мулозими ҳоким, ки муншии девон буд,— ҳазрат ин корро кай тамом мекунанд? Назми «Шоҳнома» аз куҷо оғоз ёфта ва ба куҷо меанҷомида бошад?

— Ба гумонам, кор боз ягон даҳ сол тӯл хоҳад кашид,— ҷавоб дод Фирдавсӣ ва афзуд: — Албатта, ба шарте ки умрам вафо кунаду тандурустӣ ҳам тарки ман нагӯяд. «Шоҳнома»-и ман аз Қаюмарс, ки нахустин бор дар ҷаҳон расми подшоҳиро овард, оғоз шуда бо шоҳаншоҳи Эрон Яздигирди охирин анҷом хоҳад ёфт.

— Офарин,— гуфт Қутайб ва ҷом бардошт: — Барои пирӯзии комили шумо дар ин кори бузург, ки пеш гирифтаед.— Қадаҳашро холӣ карду дасти шоирро гирифта бӯсид.— Рустам ва Сӯҳробро умед дорам ки бори дигар аз сар бихонам ва инчунин достонҳои дигарро ҳам.— Каме сукут карду афзуд: — Аз ин баъд шумо аз ҳама гуна боҷу хироҷ озодед, устод. Фармон бо мӯҳри мо ба шумо расонда хоҳад шуд.— Бо ишорати вай муншӣ бархоста аз даҳлез хӯрҷинро, ки ҳар ду чашмаш пур буд, оварда ба наздики Фирдавсӣ гузошт.— Ин ба шумо инъоми мост, қабул фармоед,— гуфт ҳоким. Аз даруни хӯрҷин ҷирингоси тангаҳо шунида мешуд.

— То умр боқист, сипосгузори ҷаноби олӣ ҳастам,— нимтаъзим кард шоир.— Бар ман миннати беҳад ниҳодед.

Меҳмони олиҷоҳ бархоста бо мизбон хайрбод кард. Фирдавсӣ дар торикӣ ӯро то сари кӯча гуселонда баргашт.

— Фотимаҷон, бози давлат ба сари мо нишаст,— шодона ба хона даромада ба ҳамсараш гуфт шоир ва ба нақли он чӣ дар ҳуҷра гузашта буд, шурӯъ кард.

---

* *Ҳадс* — бо фаросат дарьёфтан.

Хабари озодӣ аз боҷу хироҷ Фотимаро он қадар шод кард, ки вай шавҳарашро оғӯш карда рӯи пурришу пешонии фароҳи ӯро якчанд бор бӯсид.

Хӯрҷин аз ҳуҷра оварда шуд. Хобро фаромӯш карда, соате симу зар шумурданд, панҷ ҳазор танга баромад, ки ду ҳазораш динори тилло ва боқӣ дирамҳои мазруб аз нуқраю мис буданд.

Албатта, байни шавҳару зан аз чи гуна ва ба кадом эҳтиёҷот сарф кардани симу зар сухан рафт.

— Аввалан, Ҳушангҷон, моро лозим аст, ки ин неъмати ху-дододро барои худамон ҳалол кунем,— гуфт Фотимабону.

— Оҳо, медонам, ту чӣ меҳоҳӣ бигӯӣ,— хандид Фирдавсӣ.— Садақа бидиҳам?

— Албатта.

— Худат гуфтӣ неъмати худодод аст, магар худодода ҳалол нест?

— Албатта, ҳалол аст ва садақаро ҳам фақат аз моли ҳалол медиҳанд.

— Валлоҳ ки садақа додан дар андешаи худам ҳам буд, Фотимаҷон, ту андешаи маро дуздидӣ,— бо ҳамон лаҳни шӯхиомез гуфт шоир.— Ваҳ, чӣ зани савобҷӯе дорам! Хуб, чӣ қадар садақа мекунем?

— Ба қадри ҳиммати худат.

— Пас биё ин зару симро чунин қисмат бикунем. Ду ҳазор дирам ба Алиназари сарроф, то ки заминамонро аз қабзаи гарави ӯ бираҳонем. Ҳазор динор ҳам ба ҳамон сарроф амонат мегузорем ба нияти ду ҷашни арӯсӣ, ки худо хоҳад дар пеш дорем, барои Ҳушангу Манижа. Ҳазор динору панҷсад дирам мегузорем барои харҷи рӯзгор. Боз чӣ қадар монд? Панҷсад дирам. Ин панҷсад ба ихтиёри туст, чи қадар ки хоҳӣ ба ятимон, беваю бечорагон садақа бидеҳ. Розӣ ҳастӣ?

— Сад бор розиам,— хушнудона гуфт Фотима.

— Бигӯ панҷсад бор,— боз шӯхӣ кард шавҳар,— яъне ба ҳар дирам як бор.

Хурсанду ризоманд ҳар ду баланд хандиданд.

— Акнун тараддуди арӯсии Ҳушангро ҳам бикунем, мешавад? — гапи як қадар кӯҳнашудаашонро нав кард Фотима. Ӯ пештар ин матлабро як-ду бор ба шавҳараш арз карда буд, аммо Фирдавсӣ бинобар тангдастии оила аз ваҷҳи пулу мол ягон сол ақиб партофтани ин корро салоҳ дида буд.

— Мешавад,— розӣ шуд ӯ,— аммо арӯс куҷост? Ту аввал барои ӯ як арӯси муносиб пайдо бикун.

— Духтари Хоҷа Боқири меҳтарро хостгорӣ мекунам,—гуфт Фотима,— духтарашон Зайнаб шонздаҳро пур кард, айни вақти арӯсиаш аст. Духтари зебо, таҳсилкарда, боақлу ҳуш. Маъқул?

— Агар ту маъкул донӣ ва падару модараш розӣ шаванд, ихтиёрат. Хостгорӣ бикун,— иҷозат дод шавҳар ва афзуд: — Бо хонадони обрӯманде ҳамчун хонадони Ҳоҷа Боқир хеш шавем, чи беҳтар.

## Шоири ноком

Рӯзе аз рӯзҳо як марди ношинос Фирдавсиро суроғ карда ба Бож омад.

Хизматгори шоир ӯро ба ҳуҷраи даруни боғ бурд. Ношинос дуқат шуда салом кард:

— Вааллайкумассалом,— Фирдавсӣ як лаҳза ба вай назар дӯхта, дар он марди қадпасти лоғарандом, бо ҷомаю дастори на он қадар покиза, рухсораи чӯкидаву риши паҳни жӯлида, ошнои мадрасагии биступанҷ сол пеши худро базӯр шинохт:— Найсонӣ? Магар шумо Ҳамдуллоҳи Найсонӣ нестед?

— Худам, устод.

Дуяшон аз нав вохӯрдии бағалкаш карданд.

— Шумо дар Тус? — пурсид шоир.— Хайр аст? Хеле дигаргун шудаед, ба зудӣ нашинохтам.

— Чӣ аҷаб ,охир бистуяк сол гузашт.

— Хайри мақдам, хуш омадед... баъд аз ин қадар солҳо... Найсонӣ бо вуҷуди таоруфи мизбон ба нишастани пеш аз ӯ ҷуръат накард ва фақат баъд аз нишастани ӯ бо тавозӯъ дар пойгаҳ зону зад, вале Фирдавсӣ ӯро хезонда дар паҳлӯи худ нишонд.

— Аз Нишопур омадед? Кай?

— Ду моҳ шуд. Аз қазову қадар алъон сокини шаҳри шумоям. Ҳамаро нақл мекунам, устод... Овозаи устод, албатта, кайҳо ба гӯши банда ҳам расида буд, дар маҳфилҳои нишопуриён ҳам достонҳое аз «Шоҳнома»-ро, ки баъзе ашхоси хуштолеъ тавонистаанд ба даст оранд, мехонанд, аҳсану офарин ба шоири муаззам вирди забонҳост.

Фирдавсӣ ба ӯ менигаристу собиқаи дури ошнояш бо вай аз дидаи хаёлаш мегузашт. Дар мадрасаи Нишопур дуяшон муддате шарикдарс буданд. Сонияи Абулқосим бо исрори падараш ба Тус баргашта, таҳсили илмро дар мадрасаи он ҷо идома дод. Ҳамдуллоҳ муллобачаи ғарибу бечорае буд, аз зод-

гоҳаш шаҳри Сарахс ба Нишопур, пойтахти Хуросон, барои илмомӯзӣ омада буд. Бо фаррошии масҷиду мадраса ва хизмати даргоҳи мударрисону талабагони пурқиса — писарони хонаводаҳои доро ризқи «бихӯру намур»-е меёфт. Аз талабагони пешқадам ба шумор мерафт, шеър мегуфт, гарчанде ки ашъораш ба фикри суханшиносон хом ва каммаънӣ мебаромаданд. Гоҳгоҳ аз Абулқосим ба вай кӯмаки моддӣ мерасид (падари Абулқосим мулкдор ва дар хизмати девони хироҷи Хуросон буда, ҳар моҳ ба писараш пул мефиристод). Ба Фирдавсӣ аз саргузашти бист соли охираш нақл кард, нақлаш шикоят аз толеъи наҳс ва хиссати аҳли карам (хасисии тавонгарон ва соҳибмансабон) буд. Баъд аз хатми мадраса ягон шуғле, ки маоши зиндагиашро барорад, пайдо накард. Ба муллои камбағал касе илтифот намекунад, «дар ин замонаи шум фазлу камол беқадр шудааст». Дар мадҳи давлатмандон ва соҳибмансабон қасидаҳо мегӯяд, аммо аз пушти ин шуғл сару сомоне пайдо накард, зеро кам воқеъ мешавад, ки мамдӯҳе* силаи** казоӣ диҳад. Атрофиёни каҷсалиқаи мамдӯҳ ё ки бахилони бадсиришт шеъри шоирони ғарибро назди мамдӯҳ хоки кӯча мекунанд.

Хизматгор дастархон овард. Нони гандуми хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмонро тафсонд. Зоҳиран ӯ хеле гурусна буд, ки хӯрданиҳоро бо ғояти иштиҳо меошомид, ширро ҳӯрт мекашид ва пораҳои калони нонро ба асал ғӯтонда ва нима хоида фурӯ медоду гап мезад. Хеле суханвар ва пургӯй буд.

— Аз мадеҳа гуфтан маъюс шуда будам, лекин шунидам, ки ҳокими Тус мадеҳадӯст ва марди сахист, ба худ гуфтам «майдон фарох аст, боз гӯё бизан» ва ба номаш қасида навиштам. Аз Нишопур то Тус пиёда тайи мароҳилу манозил кардам то қасидаро ба ҳоким гузаронам, аммо дарбонҳо ҷомаи даридаву кафши кафидаамро диданду ба қалъа роҳам надоданд. Иттифоқо дар пои қалъа ба марди шамшодқомати озодалибосе бархӯрдам, саломаш додам, пурсид «кистӣ?», гуфтам фалонии шоирам, аз Нишопур омадам, қасидае ба номи ҳоким дорам, мехоҳам ба вай гузаронам. Он мард аз мулозимони ҳоким будааст, гуфт ҳоким Бухоро рафт ва кай баргаштанашро худаш медонаду худо. Толеъи шум ин бор ҳам коршикан омад, ахтари иқболи ман аз бурҷи наҳс берун нашуд ки нашуд; қасида дар остину хун дар ҷигар, сарам рӯи шонаам афтод, нокому

* *Мамдӯҳ* — шахси мадҳ кардашуда.
** *Сила* (бар вазни гила) — музд барои шеър; ҳаққи қалам.

навмед мондам. Мулозим чун донист ки ғарибам, бекасу кӯям, ба ҳоли ман раҳм овард, гуфт назди қозӣ бирав, ки ӯ дирӯз як мулозими айёши качкулоҳашро аз кор рондааст ва шояд туро ба ҷои ӯ қабул кунад. Ба манзили қозӣ рафтам, аз бомдод то пешин дар интизори баромадани ӯ ба дараш нишастам, оқибат ба намози пешин берун омад, зору гирьён ба доманаш афтодам, офтоби пеши пояшро бӯсидам ва нолидам, ки ҳазрати шариатпаноҳро марди карим ва ғарибнавоз мегӯянд, ғарибам, бечораам, бо умеде ба ин шаҳр омада будам, ноумед шудам, агар ҳазратам ба ҳоли ман раҳм наёранд, ба хорӣ имрӯз ё фардо мемирам. Пурсид кистӣ, аз куҷо омадӣ ва чӣ мехоҳӣ, худро ҳамон тавре ки будаму ҳастам, муаррифӣ кардам ва илтиҷо намудам, ки маро хизмате фармоянд, то қути лоямуте ҳосилам шавам. Суханам дароз шуд, маъзур дорад, устод. Алғараз ҳазрат бандаро ба мулозимати худ сарафроз гардониданд.

Аз даруни остини чиркини ҷомааш коғази лӯлапечеро баровард:

— Қасидае, ки арз кардам, ин аст,— коғазро ба мизбон дароз кард.

Фирдавсӣ лӯларо яла кард — коғаз қариб ним кулоч ва саросар аз хати уреб пур буд. Ба сатрҳо хомӯшона чашм давонд. Найсонӣ бо ҳаяҷони ботинӣ ба ӯ назар дӯхта, дар чеҳраи ӯ фикрашро дар бораи қасида хонданӣ мешуд.

Хизматгор дар табақи сафолин палав овард; Фирдавсӣ аз рӯи одаташ химзатгорро ҳам сари таом нишонд. Ҳарсеяшон халтапалави бо гӯшти мурғ ва дорувор пухташударо тановул карданд. Дастархон ғундошта шуда буд, ки Фирдавсӣ боз қасидаи Найсониро ба даст гирифт. Бе овоз хондаравон гоҳ сари тасдиқ меҷунбониду аксаран сари инкор; маълум буд, ки дар манзума чизеро меписандад ва бештари онро намеписандад. Қасида тақлидӣ ва суст буд. Онро то охир хонду ба соҳибаш гардонд. Тааммул кард.

— Магар нуқсоне ба назар расид? — пурсид Найсонӣ.

— Ба хотирам гузашт ки фаразан қасидаатон ба ҳоким расид ва ӯ хонд. Ва фаразан аз шумо пурсад, ки ту маро нахустин бор мебинӣ, пештар боре мусоҳиби ман нашудаӣ, корафтода нашудаӣ, аз куҷо медонӣ, ки ман мазҳари хирад ва кони ҳикматам, ё ба фазл муваффақ ва ба илм ягонаам, ё ба адл бузурги даврон ва ба қувват Рустами замонам? Шумо чӣ ҷавоб медиҳед?

— Гумон намекунам, ки вай чандон ақл дошта бошад, ки чунин суоле диҳад,— хандид Найсонӣ.

— Фарз кардем, баногоҳ ақлаш расиду пурсид.

— Мегӯям, муддао ин ки ба ман чизе диҳӣ, аз он пас ту хоҳ соҳиби ин фазилатҳо бошӣ ва хоҳ набошӣ, ман коре надорам.

Найсонӣ инро гуфта боз баланд хандид. Фирдавсӣ нахандид. Гӯянда аз ханда бозистода буд, ки шоир ин суханҳо бар забон ронд:

— Хуб мешуд, ки шумо қасидасароиро ба шуарои дарборӣ мегузоштеду худ ашъори ирфонӣ ё ки ғазал машқ мекардед.— Сукут карду афзуд: — Медонам, шоиронро тангдастӣ ба мадеҳа гуфтан вомедорад, вале барои маоши зиндагӣ оё мумкин набуд ки шуғлеву касбе дигар пеш гиред?

— Қасбе ҷуз шоирӣ надорам, чӣ кунам? Замин надорам ки кашоварзӣ кунам, қувват надорам, ки ба дари деҳқоне биравам у барзгараш шавам; касб омӯхтанам дер шудааст. Аз шуғлҳои диния метавонистам имоматӣ кунам, вале куҷост масҷиде, ки имоматии онро ба мани бесомон бидиҳанд? Ҳусни хат надорам, ки шуғли китобат пеш гирам ё ки ба девони иншои ҳокиме ниёз барам...

— Дар шаҳр ҷои истиқомат ҳам ёфтед? Қозӣ дар ваҷҳи маоши зиндагиатон чизе фармуданд ё на?

— Фармуданд ҳар гоҳ ки дузде, қотиле, зиногареро ба маҳкама овардӣ, аз муддаиён хизматона мегирӣ,— бо табассуми дардомезе гуфт Найсонӣ.— Ҳоло ҷои истиқоматам даҳлези қозихона аст, дигар... «дарвеш ҳар куҷо ки шаб ояд, сарои ӯст».

Вай дар чеҳраи мизбонаш осори хастагӣ мушоҳида намуда, дигар давом додани гуфтугӯро раво надид ва бархоста бо вай хайробод карду рафт.

— Ғайб назанед, боз биёед, сӯҳбат боқист,— аз паси ӯ гуфт Фирдавсӣ.

— Албатта, меоям,— ваъда дод Найсонӣ.

Абулқосим ӯро гуселонда дар боғ як дам гардиш кард. Хост ҳавои тоза гирифта хастагиашро барорад. Ҳикояти меҳмонашро бодиққат шунида бошад ҳам, аз тӯлу тафсили он хаста шуда буд. Лекин гардиш мекарду хаёлаш боз ба саргузашти аламнок ва қисмати талхи Найсонӣ мерафт. Дар воқеъ мадеҳа гуфтани Найсонӣ ва амсоли вай шоирони дигар аз ночорист,— мегуфт ӯ дар дилаш.— Мӯҳтоҷанд, бенавоянд... Хуб мешуд, ки ӯро тавре дастгирӣ кунам...

Шоир ба ҳуҷра баргашта сари қоғазу қалам нишаст.

Аз он баъд Найсонӣ боз зуд-зуд назди Фирдавсӣ меомад. Дуяшон шоҳмотбозӣ мекарданд. Найсонӣ дар вақтҳои талабаи мадраса буданаш ҳам шоҳмотбози ҳарисе буд. Абулқосим ба вай унс гирифт. Гӯё ки дубора рафоқати айёми ҷавонии ҳарду барқарор гашт.

Боре шоир аз Найсонӣ пурсид:

— Фикри издивоҷ кардан надоред?

— Ин фикрро сӣ сол боз дорам,— хандид Найсонӣ,— аммо куҷост зане ки ба мани бесомон бирасад, ва агар расад ҳам, ман ӯро куҷо менишонам ва ба чӣ мепоям?

— Агар бароятон беваеро пайдо бикунем ва кулбае ҳам биёбему дуятонро биншонем, розӣ мешавед?

— Розӣ мешудам, вале рост бигӯям, метарсам: мабод ки дучори хархашаву дарди сари тозае бишавам.

— Албатта, зандориву кадхудоӣ бе ин намешавад, вале мумкин аст роҳаташ, саодаташ аз хархашаву дарди сараш бештар барояд.

— Ва мумкин аст бар акс ҳам шавад.

— Модом ки издивоҷи марду зан фарз аст, дар ин амр такья ба таваккал бояд кард.

— Дуруст, вале амр аввал бояд ки имкони воқеъ шуданаш бошад, то кас бо таваккал бар он иқдом бикунад.

Дар ин мавзӯъ бо Найсонӣ сухан ба миён овардани Фирдавсӣ беваҷҳ набуд: аз ҳамон рӯзи мулоқоти нахуст бо Найсонӣ дар сари шоир чунин хаёле пайдо шуда буд, ки агар хизматгорзанаки хонаводааш Равшан бо Найсонӣ издивоҷ кунад, чӣ шавад? Ҷавонзан ду сол боз бева аст, ба вай шавҳар, ба сағираҳояш мураббии мардина даркор аст, агарчи паяндар ҳам бошад. Марде ки то чилуҳаштсолагӣ хонадор нашуда ва дар орзуи оила умр ба сар бурдааст, албатта, бояд шавҳари ғамхору меҳрубоне бишавад. Ӯ дар хонаи Равшан зиндагӣ ва ӯро бо кӯдаконаш саровонӣ хоҳад кард.

Абулқосим дар ин бора дар хона бо ҳамсараш маслиҳат кард ва фармуд, ки ӯ раъйи Равшанро бифаҳмад.

Равшан занаки бекасе буд, хешу табор надошт, дар хонаи яке аз дӯстони падараш ятима калон шуда буд. Панҷ фарзанд ёфта буд, се нафари онҳо дар хурдсолӣ мурданд, модари беваи муштипар ду бачаи хурдсолашро бо хизмати хонаводаҳои касон дар машаққат парварид, сониян ба даргоҳи Фирдавсӣ омад. Занаки меҳнатӣ, бодаступой, ҳам озода, камгап, боҳаё ва ҳалимае буд. Фотимабону аз хизматаш розӣ, ба вай ва ҳам ба кӯдаконаш меҳрубон буд, дӯсташ медошт, аз вай ҷудо шудан

намехост, вале агар имкони шавҳар карданаш пайдо мешуд, на фақат мамониат кардани набуд, балки ҳозир буд ӯро ҳамчун духтар ё хоҳари худаш ба шавҳар барорад.

Фотимабону пеши ӯ Найсониро аз қавли шавҳараш ба хубӣ васф карда, ба издивоҷи бо ӯ раъяшро пурсид.

— То шумо маро наронед, ман аз хонаатон, аз хизмататон рафтан намехоҳам,— гуфт Равшан,— ман ба даргоҳи шумо омада ба ҷои модарам модар, ба ҷои падарам падар ёфтам, меҳрубонии шумо занги хориву кулфатҳои кашидаамро аз дилам зудуд. Ман он мардро намешиносам: кӣ медонад, бо вай аҳволи ману бачаҳоям чигуна мешуда бошад.

— Хоҷа ӯро ба хубиаш мешиносанд,— гуфт Фотима.— Худ шоир ҳам будааст, шоирон нармдил, ширинсухан мешаванд. ... Ихтиёр ба худат, боз фикр кун. Ман туро на фақат намеронам, балки агар тақдират бошаду шавҳар кунӣ ҳам, умедворам ки хонаи моро тарк накуниву омада хизмат карда гаштан гирӣ.

— То худатон маро наронед,— такрор кард Равшан,— ман хоҳ шавҳар равам ва хоҳ наравам, дар хизмати шумо мемонам.— Оби дида карду афзуд: — Хоҷа ва шумо ягона муттако, ягона сарвару сарпаноҳи ман ва бачаҳоям ҳастед, агар барои ман ҳаминро лозим ва муносиб медида бошед... ман чӣ ҳам мегуфтам?.. Тақдирам ба дасти шумост...

Чун Найсонӣ дафъаи дигар назди Фирдавсӣ омад, шоир ӯро як ҷомаи нави алоча, як дастор ва панҷоҳ дирам пул дода гуфт, ки ҷумъаи оянда ба никоҳ тайёр шавад.

Рӯзи ҷумъа имоми масҷиди Бож дар хонаи Равшан ӯро бо гувоҳии Фирдавсӣ ва яке аз ҳамсояҳо ба Найсонӣ никоҳ кард. Арӯсро Фотимабону аз бисоти худ сарулибоси лозима пӯшонда буд. Домод ғайр аз панҷоҳ дираме, ки Фирдавсӣ ба вай инъом кард, худ ҳамин миқдор пасандоз ҳам дошта ва қозии Тобирон ба муносибати издивоҷи мулозимаш якбора ба ҳиммат омада аз кисаи худ чиҳил дирам ба пасандози вай афзуда будааст. Аз ҳамин дастмояи домод зиёфатчаи ҷашни арӯсӣ барои панҷшаш нафар меҳмон тартиб дода шуд.

Найсонӣ рӯзҳо ба шаҳр ба мулозимати қозӣ мерафту бегоҳрӯзӣ ба оилааш бармегашт. Баъзе шабҳо дар ҳуҷраи Фирдавсӣ дуяшон шоҳмот мебохтанд. Найсонӣ қасидагӯиро тарк карда буд, барои ин шуғл на вақт меёфт ва на ҳавсалае дошт.

Ба марди оиладоршуда мулозимати қозӣ маъқул набуд, вай аз он хизматаш торафт дилгир мешуд. Ба Фирдавсӣ мегуфт, ки агар шуғли дигаре ёбад, девонхонаи қозиро тарк мекунад.

Шуғли дигар дар аввали тирамоҳ ёфт шуд. Дар Бож фақат якто мактаби писарбачагон буд, ки ҳамаи бачагони толиби мактабхониро фаро намегирифт, муаллими дуввум набуд, даҳ-дувоздаҳ нафар бача ба Шодоб рафта дар пеши муаллим (ба лафзи тоҷикии мо домулло)-и он ҷо сабақ мехонданд. Фирдавсӣ ба Найсонӣ таклиф кард, ки дар пеши масҷиди маҳалла мактаб кушода ба таълими шогирдон машғул шавад. Ин таклиф ба Найсонӣ маъқул афтод. Вай бачаҳои маҳалларо ғун карда фаррошхонаи назди масҷидро рӯбучин кунонд, ба фарши он пахолу бӯрьё андозонд, пораи намадеро ҳам дар пешгаҳи хона густурда, худ бар он нишасту омӯзгорӣ оғоз кард. Шогирдонаш як бист нафар, иддае навомӯз, дигарон муддате дар мактаби Шодоб таълим гирифта нимкора саводе бароварда буданд; баъзеашон қуръон ва бархе китобҳои дарсии форсӣ мехонданд.

Аз рӯи таомул, падару модарони шогирдон дар рӯзи муайяни ҳафта ба домулло дастархон ё бахшише мефиристоданд. Ғайра аз ин ба муносибати ҷашнҳо ва маросимҳо низ ба вай бахшишу тӯҳфаҳо мерасиданд. Як қисми ризқу рӯзии муаллим аз ҳамин дастархону бахшишҳо мебаромад. Ба илова Равшан низ ҳар бегоҳ аз ошхонаи Фотимабону хӯроке меовард. Найсонӣ дар вақтҳои фориғ аз муаллимӣ ва аз дигар ташвишҳои рӯзгораш дар корҳои боғу роғи Фирдавсӣ ширкат мекард. Ба ҳамин равиш акнун зиндагии ӯ сару сомоне ёфта буд.

## Хонандаи рисолаи мамнӯъ

Ташриф овардани ҳоким ба хонаи Фирдавсӣ ба зудӣ дар деҳа овоза шуд. Дар хонаҳо, давраҳо гапи ҳамин воқеа буд. Деҳқонони калон — ашхоси тавонгар ва мағрури аслу насаб аз шоир ҳасад мебурданд, ки ба чунин илтифоти хосе аз ҷониби ҳокими вилоят мушарраф шудааст; дар вохӯриҳо ӯро табрик мегуфтанд; баъзе аз онҳо, ки пештар ба Абулқосими камбизоат бо назари такаббур менигаристанд, акнун бо лаҳни хушомадомез аз вай хоҳиш мекарданд, ки онҳоро ғоибона бошад ҳам ба ҳоким муаррифӣ намояд ё ки дар бораашон назди ӯ сухани хуше бигӯяд. Мардумони фақир бошанд аз «ошнои ҳоким» гардидани ҳамдеҳаашон хушнуд шуда умед мекарданд, ки акнун ҳар гоҳ агар аз ваҷҳе ба ҳоким арзудод баранд, шоир назди ӯ барояшон додхоҳӣ ва хоҳишгарӣ хоҳад кард.

«Ошнои ҳоким» будани Фирдавсиро шунида, зани Аббоси маҳбус бо ду кӯдакаш аз Шодоб ба Бож шитофт. Шоир барои

сайру гардиши одатии худ ба соҳили рӯд рафта буд, занаки пойлуч ва жӯлидамӯ бо кӯдакони гуруснааш ба пои Фотимабону ғалтида оҳу нола оғоз кард:

— Қурбони шумо бишам, бонуи азиз, ба ҳазрат бигӯед, ба мани муштипар, ба ин кӯдакони бепаноҳ раҳм кунанду ба доди мо бирасанд. Ҳоли мо шӯрбахтонро ба ҳоким арза бикунанду аз ӯ озодии падари бегуноҳи инҳоро бихоҳанд. Мардаки бечора бо тӯҳмати охунди худобехабар инак як солу се моҳ мешавад, ки дар зиндон аст.

Фотимабону кӯшиш кард ӯро тасаллӣ диҳад, Равшан барои ӯ ва кӯдаконаш хӯрок овард ва худаш ҳам нишаста бо ҳамроҳии занак гирист. Вай ки аз шӯи ҷавонмаргшудааш ҳанӯз доғ дар дил дошт, худро бо зани Аббос ҳамдард ҳис кард. Бону ба занак ваъда дод, ки Фирдавсиро ба хоҳишгарии назди ҳоким дар ҳаққи шӯи ӯ розӣ хоҳад кард.

Фирдавсӣ омадани зани Аббоси маҳбус ва хоҳиши ӯро аз забони Фотима шунида мутаассир шуд. Ҳабси Аббоси бофанда ва сабабгори он, сабабгори бадбахтии аёлу фарзандони ӯ ба шоир маълум буд.

— Туро ба худо, Ҳушангҷон, ба занак ва кӯдакони гирьёнаш дилам сӯхт, ту дер макун, ҳарчӣ зудтар ҳокимро бубин, хоҳишгарӣ бикун,— шӯяшро ташвиқ кард Фотима.

— Албатта,— қабул кард Фирдавсӣ.

Дар субҳдами рӯзи сеюм Фирдавсӣ дар дорулҳукумаи Тус ҳозир шуда намози бомдодро дар масҷиди он ҷо гузорд ва бо ҳамроҳии мансабдороне, ки одатан баъд аз намоз ба саломи ҳоким мерафтанд, вориди боргоҳи Ҳусайни Қутайб гардид. Дар поёни маросими салом ӯро худи Қутайб нигоҳ дошт:

— Устод, албатта, бо муҳимме ташриф овардаанд? — пурсид ӯ.— Марҳамат, биншинед.

Фирдавсӣ нишаста:

— Бандаро кори як нафар бечораи бегуноҳ, ки бо тӯҳмати қарматигӣ ҳабс шудааст, ба ҳузури ҷаноби олӣ кашонд,— гӯён сухан оғоз кард ва ин воқеаро ҳамон тавре ки шунида буд, инчунин ҳоли табоҳ ва хории аёлу кӯдакони Аббос валади Алиакбари карбосбофи шодобиро арз дошт ва хоҳиш намуд, ки агар Аббос дар воқеъ ҳам гуноҳе дошта бошад, ҳоким ба карами худ гуноҳи ӯро афв фармуда аз ҳабс озодаш бикунад.

Волӣ аз кӣ будани нависандагони Ихвонуссафо, ки бофандаро ба хондани рисолаи эшон гунаҳгор кардаанд, пурсон шуд.

— Бояд тоифае аз уламо ва фузало бошанд,— гуфт шоир,— вале маълум нест киҳоянд: эшон номҳошонро пинҳон медоранд;

боиси пинҳон доштанашон шояд аз андешаи он бошад, ки зотҳое монанди охунди шодобӣ дар ҳама ҷо ҳастанд ва дар таъқибу саркӯбии ҳар касе, ки ба ақидаи онон қарматӣ, ё исмоилӣ, мӯътазилӣ, фалсафӣ мебошад, ҳеҷ кӯтоҳӣ намекунанд. Баъзе рисолаҳои ихвониёнро банда ҳам хондаам, дар он рисолаҳо аз ҳар гуна дониш, аз ҳикмати Афлотуну Арастотолис баҳс меравад. Мегӯянд, дар дигар рисолаҳои эшон аз касбу ҳунарҳои дастӣ низ сухан ронда мешавад ва ҳамин шояд ҷолиби таваҷҷӯҳи Аббоси бофанда шуда бошад, вагарна бофандаи омии камсавод куҷову ҳикмати Юнон куҷо. Ҳам гумон намекунам, ки ӯ ба фаҳми қарматияву фалсафаи он мерасида бошад. Банда бояд инро ҳам арз кунам, ки калону хурди аҳолии Шодоб ҳама ба диёнату покии ахлоқи Аббос гувоҳӣ медиҳанд.

— Хуб, мо арзи шуморо шунидем, устод, кори он бофандаро тафаҳҳус * мекунем,— ваъда дод ҳоким.

Пас аз ду рӯз вай Фирдавсиро ба ҳузураш хонда гуфт:

— Бофандаро аз зиндон оваронда пурсиш кардем. Рисоларо ба вай як нафар ошнои ҳамкасабааш барои якчанд рӯз амонат дода будааст. Аслан сабаби қайду ҳабси он бечора ин будааст, ки вай бо вуҷуди таҳдиду шиканҷа кӣ будани ошнои рисоладодааш ва номи ӯро нагуфтааст. Агар мегуфт, он ошнояш ҳам, албатта, гирифтор мегардид. Мо Аббосро имрӯз раҳо кардем. Аммо, устоди азиз, ба шарофати хоҳишгарии шумо, ки дар ҳаққи Аббос кардед, боз нӯҳ нафар бандӣ аз зиндон озод шуданд: мо тафаҳҳус кардем, эшон ё бегуноҳ ё ки гуноҳашон андак будааст, ҳамаро бахшидем.

Фирдавсӣ бо хушнудӣ ва мамнуният сипосгузорӣ кард:

— Худоё, чӣ хабари хуше мешунавам! Ҷаноби олӣ, бандаро раҳини миннати худ кардед. Агар подоши ин накӯкорӣ, ин лутфу марҳамати шумо аз банда ва аз он озодшудагон нагардад, аз худованд мегардад,— инро гуфта бархост ва бо таъзими эҳтиромӣ боргоҳи ҳокимро тарк кард.

Ба Бож баргашта аз дари ҳавлиаш бо овози баланд:

— Фотимаҷон! Шодиёна бидеҳ! — гӯён ворид шуд.— Ҳоким хоҳиши маро пазируфта, Аббос ва боз нӯҳ бандии дигарро аз зиндон озод кардааст. Зиҳӣ додгарӣ, зиҳӣ адолат!..

Баъд аз ду рӯз Аббос бо зану кӯдаконаш пагоҳӣ ба Бож омаданд, то ки ба Фирдавсӣ шукру сипос гӯянд. Абдуллоҳ онҳоро дар суфаи ҳавлии берун нишонд, Фирдавсӣ аз ҳавлии дарун баромад. Бо дидани бофанда андӯҳе ба чеҳраи шоир соя андохт: мардаки миёнсол, ки Фирдавсӣ ӯро аз он пеш на як

* *Тафаҳҳус* — тафтиш.

бору ду бор дида буд, ҳоло пири шастсоларо мемонд, ӯ хеле лоғар ва ришаш сафеди зардгуна шуда, рӯи зарди бехунашро тӯри очинг пахш карда, зери чашмони фурӯрафтааш варами балғамиранг баровarda буд. Ҳатто ранги чашмонаш ҳам парида буд, ки чӣ ранг доштани онҳоро муайян кардан душвор буд. Дар пояш чоруқи кӯҳнаи ямоқин дошт. Бечораро зиндон ба чӣ ҳоли табоҳе овардааст! Аббос пеши пои Фирдавсӣ афтода, домани абои ӯро бӯсида ба чашмонаш мемолид. Шоир ӯро «бархез, бархез, хуб нест!» гӯён аз китфаш гирифта ба по рост кард.

— Қурбони шумо... қурбони шумо бишам, хоҷаи бузургвор,— бо овози ҳазини гирьяолуд изҳори миннатдорӣ мекард мардак,— халосам кардед, умри дубораам бахшидед. Бақияи умрамро то дами охирин сарфи хизмати шумо кунам ҳам, боз шукри ин некиатонро баҷо наёвардаам...

Зани Аббос дар канортар истода буду мегирист ва ба кӯдаконаш — писараки чорсола ва духтарбачаи сесола мегуфт:

— Бобоҷони азизро салом кунед, бигӯед қурбони некиатон, қурбони рӯи муборакатон бишем, бобоҷони бузургвор, шумо моро аз ятимӣ наҷот додед, падарамонро бари мо овардед, илоҳо боз солиёни бисьёр ба тандурустиву саломат зиёду хушбахтии фарзандонатон ва набераву абераҳотонро бубинед.

Бачаҳо сӯи шоир пеш омаданд, вай аз пешонии онҳо бӯсид ва ба ҳар се гуфт:

— Ба андарун биравед, бонуро ҳам ба шодии худатон шод бикунед.

Занак бо бачаҳояш ба ҳавлии дарун равон шуд.

Фирдавсӣ Аббосро дар суфа рӯбарӯи худ нишонда бо вай пурсупос кард. Он чи бофанда аз воқеаи рисолаи Ихвонуссафо ва рафтори Абдуннабии охунд нақл кард, шоирро ба ҳайрат афканд.

— Банда кӯрсавод ки ҳастам,— гуфт Аббос,— рисоларо ҳиҷҷакунон ба душворӣ хондам, касбу ҳунарҳоро навиштаанд, маънии баъзе навиштаҳоро нафаҳмидам, пеши охунд бурдам, нишон додам, хоҳиш кардам: «Ҷаноби охунд, агар малол наёяд, ба ман бифаҳмонед, ин ҷо чи навиштаанду маънояш чист». Охунд рисоларо диданду шурӯъ карданд маро сарзаниш кардану дашном додан: «Ту, бадбахт, дар хуфья китобҳои куфру бидъат мехонӣ? Динат, имонатро фурӯхтӣ? Бигӯ, ин рисоларо ба ту кӣ дод?». Ман тарсидам, қариб буд номи ошноиямро, ки рисола аз ӯ ба ман амонат расида буд, бигӯям, вале нагуфтам, андешидам, ки мабод ӯро ҳам гунаҳгор кунанд. Баъдан ҷаноби

охунд аз банда ба ҳазрати шайх ва ба ҳоким хабар бурдаанд, ки фалонӣ қарматии сиррӣ аст...

Шоир бо он ки медонист охунд чӣ гуна шахсест, аз вай то ба ин дараҷа мунофиқиро чашм надошт.

## Итмоми «Шоҳнома»

Дар сояи ҳимояти Ҳусайни Қутайб, осуда аз ғами ризқу рӯзӣ ва қариб фориғ аз ташвишҳои зиндагӣ, шоир тамоман ғарқаи назми «Шоҳнома» гардид. Аз ҳуҷраи худ фақат барои намоз мебаромад ва шаб аз нисфи шаб то салои намози бомдод ягон чаҳор соат мехобиду бас. Бо як нишастан ҳафт-ҳашт соат аз сари кор барнамехост. Рӯз дар миён як бор ба соҳили Қашафрӯд фуромада соате гардиш мекард. Насими серуни рӯд ба асабҳои хасташудаи ӯ оромӣ мебахшиданд. Пирии бераҳм ба тани вай панҷа меёзонд, шоир аз наздик расидани нотавонии пиронсолӣ дар ҳарос ва ба вафои умр эман не, ба итмоми китоби бузурги худ шитоб мекард. Сол ба сол костани нури чашмонаш ва шунавоии гӯшаш низ ӯро ба ҳавотир меандохт. Барои ҳифзи бинишн чашм вай қиссаҳои «Шоҳнома»-и мансурро торафт бештар ба ҳамсараш мехононд.

Ба ҳамин тарз вай пас аз ҳаждаҳ соли меҳнати муттасил дар октябри соли 994 нусхаи (варианти) аввалини «Шоҳнома»-ро ба охир расонд. Октябрь ба моҳи форсии исфандармад рост меомад ва нигориши китоб дар рӯзи биступанҷуми ҳамин моҳ поён ёфт, ки он рӯз муборак ва рӯзи толеъи нек ҳисоб меёфт, бинобар ин шоир ва аҳли хонаводаи ӯ ба итмоми «Шоҳнома» дар ин рӯз шодӣ карданд. Фотимабону ба шодиёна сад дирам пул ба беваю бечорагон ва ятимон бахшиш кард ва ба баъзе аз онҳо сарулибос дод.

Дӯстон ва мухлисони шоир хабари хушро шунида бо ҳадьяву тӯҳфаҳо ба муборакбодаш меомаданд. Се рӯз пайдарҳам дар боғи ӯ маҷлисҳои зиёфат баргузор мешуданд.

Фирдавсӣ шод буд, аммо бинандаи зирак метавонист пай барад, ки шодии ӯ андешаолуд, андӯҳомез аст. Ва ин кайфияти шоир сабабҳои ҷиддӣ дошт. Чанде пеш сипаҳсолори нави Хуросон Маҳмуд ибни Сабуктегин ҳомии шоир Ҳусайни Қутайбро бо гуноҳи ёрӣ надодан дар ҷанги зидди Абӯали Симҷӯрии осӣ аз ҳукумати Тус маъзул ва ҳабс карда ба зиндон андохт. Ба ҷои ӯ Арслон Ҷозиб номе аз лашкариёни Маҳмуд ҳокими

Тус таъйин карда шуд. Ин ҳоким хироҷро зиёд кард. Хироҷи Фирдавсӣ ҳам, ки Қутайб шоирро аз он озод намуда буд, аз нав барқарор ва як қисми хироҷҳои пештараи напардохтааш аз вай бозхост карда шуд. Шоири пирсол, ки «ба наздики сар теғи шаст»-аш омада ва акнун умр анқариб ба дасташ «ба ҷои инон асо» доданӣ буд, бечорагию бенавоӣ дарашро мекӯфт.

Аз мобайн ду сол гузашт.

Фирдавсӣ баъд аз адои хироҷҳо тиҳидаст монд. Гӯё бар қасд зимистон ҳам он сол сахт омад, ҳол он ки шоир барои зимистон аз ваҷҳи озуқа захираи казоӣ фароҳам оварда натавониста буд. «Намондам намаксуду* ҳезум, на ҷав,— на чизе падид аст то ҷавдарав» — бо аламу яъс шиква мекунад шоир дар «Шоҳнома» он ҷо, ки аз вазъи рӯзгораш сухан меронад.

Ба ин ғами ӯ баъзе носозиҳои хонаводагӣ низ зам мешуд. Монанди ҳар падари дигар Фирдавсӣ ҳам орзу дошт, ки дар пириаш писари ягонаи ӯ такьягоҳаш мешавад, аммо аз бахти бад Хушанг ҳатто баъди зандор шудану фарзанд ёфтанаш ҳам айёшиву ҳарзагардии худро тарк накард. Ба шуғли мулкдорӣ, ба корубори рӯзгор на майле дошт ва на лаёқате. Ба болои ин вай мудом аз падараш шикоят мекард, ки умри худро сарфи қиссанависӣ карда, ҳама кори дигарро як сӯ гузошт ва оқибат ҳоли хонаводаро ба табоҳӣ оварда; ба падар таънаҳо мезад, ки чаро ту ба ҷои қиссаи пардози бесуд касидаҳо ба номи ҳокимон нагуфтиву намегӯӣ ва аз онҳо монанди фалону фалон шоирони қасидагӯй бахшишу атоҳо намегирӣ, ки агар чунин мекардӣ, имрӯз мо шояд ба нозу неъмат мезистем. Ин таънаҳои фарзанди носипос бар дили хастаи падар захмҳои дарднок мезад. Аламнок аст, вақте ки фарзандон аз мақсуду омоли волидайн бегонаанд ва онро намефаҳманд. Шоир дилтангу малул дар ҳуҷраи даруни боғаш худро ҳабси ихтиёрӣ намуда, ҳафтаҳо аз он берун намеомад ва намозашро ҳам дар ҳамон ҳуҷра мехонд. Дар хона ғамгусораш танҳо Фотимабону буд, ки кӯшиш мекард ӯро тасаллӣ диҳад, вай шавҳарашро аз дер ё зуд дигаргун шудани аҳволи ғамангез ва фаро расидани рӯзҳои хуш умедвор месохт. Манижа қариб ҳар рӯз аз мактаби духтарона баргашта назди падараш медаромад ва сабақҳои навашро ё шеърҳои аз модар ёдгирифтаашро мехонду бо чақчақи худ як қадар дили ғамзадаи падарро хуш мекард. Гоҳ-гоҳ Ҳамдуллоҳи Найсонӣ ё Абӯсолеҳи меҳтар омада бо шоир шоҳмот мебохтанд. Бофандаи шодобӣ Аббос ҳам ба назди Фирдавсӣ омаду-

---

* *Намаксуд* — гӯшт ё дигар озуқаи эҳтиётии намакзадашуда.

рафт дошт, вай сипосу миннатдории худро аз Фирдавсӣ, ки ӯро аз зиндон озод кунонда буд, бо ҳамин изҳор мекард, ки ҳафтае як бор — ду бор ба Бож омада аз шоир толиби хизмат мешуд ва ҳар хизматеро ки вай аз ваҷҳи обу ҳезум ё корҳои боғу роғ лозим донаду фармояд, ба ҷо меовард.

Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» тавассути нусхабардориҳо паҳн шуда буданд, онҳоро дар маҳфилҳои фозилону давраҳои қиссадӯстони Тус ва шаҳрҳои дигар бо шавқу ҳавас мехонданд, аммо касе намепурсид, ки офаридгори он достонҳо ба чӣ ҳол аст. Насиби шоир аз достонҳояш таҳсину офарин буду бас, дигар ҳеҷ. Оре, ба таҳсину офарин ҳеҷ кас хасисӣ намекунад. Дар сурате ки хушнависон бо нусхабардорӣ ва фурӯши баъзе достонҳои шоир музде меёфтанд, шоири асилзодаи ҳимматбаланд то вақтҳои охир аз «чаканафурӯшӣ»-и асараш ор кард, агар аз ҷое музд таклиф шавад ҳам қабул наменамуд. Фақат акнун аз фишори мӯҳтоҷӣ, агар харидоре пайдо мешуд, ӯ ба «фурӯхтан»-и китобаш розӣ буд. Вале куҷост чунин харидор?

Аммо шоирро аз ҳар чӣ бештар тақдири ояндаи «Шоҳнома»-аш парешонхотир месохт. Дар мамлакат талотӯб, ҳарачу мараҷ: туркони қарахонӣ, Сомониён, Ғазнавиён дар ҷангу ҷадол; ҳар гуна саркашон, толибони ҳокимият теғкаши сари ҳамдигар; дар гӯшаю канорҳо дастаҳои ғоратгарон ба такопӯ. Онҳо дам ба дам ба Тус ҳам дасти ғорату куштор меёзанд. Ҷону моли ҳеҷ кас дар амон нест. Мумкин аст дар як соати машъум аз шарри онҳо ба шоир фалокате расаду «Шоҳнома» ҳам дастбурди ҳаводис гардад, ё ки агар нохост худаш бимирад,— охир аҷал доим бар сари чун ӯ пири нотавон қоим аст,— он гоҳ китоби вай, самараи ранҷи бисьёрсолаи вай чӣ мешавад?

Замона ва анъана чунин буд, ки китобе агар ба номи амире, шоҳе нигошта ё ба вай бахшида нашаваду аз тарафи вай тақдир наёбад, эътибор пайдо намекард ва аксаран пора-пора дар дасти ҳар кас парешон монда ва ҳатто фаромӯш мегардид. Фирдавсӣ метарсид, ки мабодо чунин қисмати бадфарҷом насиби китоби бузурги вай ҳам шавад. Ба куҷо ва ба кӣ бояд паноҳ бурд? Китобро чӣ гуна аз дасти ҳаводис наҷот дод?

Дӯстон, хусусан Муҳаммади Лашкарӣ ба шоир маслиҳат медоданд, ки ба Шероз, ё Рай, ё Ироқ бираваду ба яке аз ҳукмдорони Бувайҳӣ паноҳад. Дар қаламрави бувайҳиён нисбатан осудагист, агарчи назар ба хабарҳои расида ин вақтҳо амир Баҳоуддавла бо бародари ёғиаш машғули ҷанг будааст. Бувайҳиёнро илмдӯст ва шоирпарвар мегӯянд, чунончи маълум

аст ки як вақт амир ба шоири араб Мутанаббӣ атои шигифт оваре бахшидааст, ки ҳаргиз ҳеҷ шоире аз ҳеҷ амире он миқдор ато нагирифтааст. Ё боз Абӯфараҷи олими исфаҳонӣ — вай барои китобе, ки дар бораи шоирони қадими араб навишта буд, аз амир ҳамвазни китобаш тилло гирифтааст. Дар байни тусиён дар бораи Муҳаммад ибни Исмоили Аскофӣ ном ноиби амири бувайҳӣ дар Бағдод гуфтугӯҳо буд — вай гӯё на фақат соҳибмақоми муқтадир ва хеле тавонгар, балки шеърдӯст ва шоирпарвар ҳам будааст. Дӯстони Фирдавсӣ бо паноҳи ҳамин Аскофӣ рафтани ӯро низ маслиҳат медоданд. Вале бе даъват ба даргоҳи ҳокиме рафтанро иззати нафси шоир қабул намекард.

## Даъват

Баногоҳ, тамоман аз ғайри чашмдошт, чунин даъвате ба шоир аз ҷониби худи Аскофӣ расид.

Яке аз мударрисони мадрасаи «Исфароина»-и Тус, ки ошнои Фирдавсӣ буд, ба ҳаҷ рафта, вақти бозгашт дар Бағдод бо Аскофӣ мулоқот карда ва ӯ аз ҳоҷӣ дар бораи Фирдавсӣ пурсон шудааст, ҳоҷии мударрис ба вай итмоми «Шоҳнома» ва ҳанӯз пайдо нашудани харидоре ба он ва аҳволи танги шоирро маълум мекунад, ноиб мегӯяд, ки хуб мешуд агар Фирдавсӣ як ба Бағдод меомаду рӯзе чанд меҳмони вай мешуд. Ҳоҷии мударрис баъди баргаштанаш ба Тус ба зиёрати ошнои шоираш омада суханони Аскофиро ба ӯ расонд. Фирдавсӣ ба андеша рафт, сукут кард. Найсонӣ бошад ин хабарро ҳама тан гӯш шуда чашмонашро аз даҳони гӯянда наканда мешунид (вай дар вақти омадани ҳоҷии мударрис дар ҳуҷраи шоир ҳозир буда бо вай шоҳмот мебохт). Омӯзгори мактаб, ки аз бадрӯзии дӯст ва ҳомиаш аз худи вай ҳам зиёдтар ғамгин буд, хабари овардаи мударрисро навиде ба беҳбудии аҳволи шоир донист. Мударрис қариб як сол боз шоирро надида буд, ҳоло ранги зард, рухсораи чӯкида, ришу мӯйсари сафедгаштаву дарҳампечида ва зоҳиран дер боз обу шона надидаи ӯро мушоҳида карда, дилаш ба ӯ месӯхт. Абои сафеди шоир дар китфаш ва дар остинаш ба қадри ним ангушт чок шуда ва ду ҷои паҳлӯяш ҳам дарида буд. Тахта ва донаҳои чӯбини шоҳмот аз чиркинӣ ранги чарми хушкидаву чингакшударо гирифта буд. Якчанд қабза дастнависҳо — мусаввадаҳои «Шоҳнома» — дар токча бетартиб хобида ва ба рӯяшон ғубор нишаста буд.

— Хуб, даъвати Аскофиро иҷобат мекунед? — пурсид ҳоҷӣ.

— Машаққати роҳ бештар аз он аст ки меҳмонии ду-серӯзаи ноиб кусури онро барорад,— ҷавоб дод Фирдавсӣ.

— Яқин дорам, ки ин фақат як меҳмонии оддӣ нест, хоҷа,— гуфт ҳоҷӣ,— ҳазрати вазир бешак мушкилоти шуморо осон хоҳанд кард.

— Албатта! — ҷунбиши изтиробомез карда гуфт Найсонӣ.— Ноиби фозили шоирпарвар шуморо қадр мекунанд, қимати «Шоҳнома»-атонро медонанд; ман аминам, ки шумо ба «Шоҳнома» аз он ҳазрат атои арзанда мегиред. Ноиб шояд «Шоҳнома»-ро ба шоҳи худ гузаронанд, дар ин сурат ба шумо аз хазина атои мулукона хоҳад расид.

— Бале, ин аз эҳтимол дур нест,— сухани Найсониро қувват дод мударрис.— Фикр кунед, хоҷа, ихтиёр ба худатон,— илова намуд ӯ ва хайрбод гуфта ҳуҷраро тарк кард.

«Хуб, фаразан даъвати Аскофиро қабул кардам ва рафтанӣ ҳам шудам, аммо харҷи ин роҳи дурро чӣ мекунам, аз куҷо меёбам?» — ба дилаш мегуфт Фирдавсӣ.— «Оиларо ба кӣ монда меравам? Ба Ҳушанг? Оё ин коҳили худхоҳ оиларо саробонӣ карда метавониста бошад? Аз вай дилам пур нест».

Найсонӣ ба ин андешаи шоир пай бурда гуфт:

— Харҷи сафаратонро қарз мекунед, ҳазрат. Ҳар гоҳ пулдорон донанд, ки шумо бо даъвати ноиби амири Ироқ ба Бағдод меравед, чӣ қадар ки қарз хоҳед, медиҳанд. Дар бораи хонаву рӯзгоратон хотирҷамъ бошед, мутасаддии ин, албатта, аввал писаратон, сониян ман худам ҳастам. Ба мо эътимод кунед, аз бешу кам, аз обу ҳезуми хонаводаатон хабардорӣ хоҳам кард. Боз Аббос ҳаст, вай ҳамвора фикру хаёлаш бар он аст, ки бароятон чӣ хизмате кунад, ки шумо аз вай розӣ бошед. Нигоҳубини киштзу боғу роғатонро ҳам ғайр аз Ҳушанг ба ману Аббос ҳавола мекунед... Акнун биёед ин бозиро тамом кунем,— Найсонӣ шоҳмотро пеш кашид.— Гаштан аз шумост, марҳамат.

Аз ин гуфтугӯ панҷ моҳ гузашт, дар ин муддат Фирдавсӣ дар бораи сафари Бағдод фикр мекард, вале ба як қарор омада наметавонист. Моҳи шаввол даромад, ки дар вай сафари ҳоҷиён ба тавофи Қаъба оғоз меёфт. Рӯзе Фотимабону, ки тарафдори рафтани шавҳараш ба Бағдод буд ва ҳатто ба ин исрор менамуд, зеро фикр мекард, ки агар ҳатто аз ин сафар натиҷаи матлуб ҳосил нашавад ҳам, шамоли сайру сафар занги ғаму андӯҳро аз дили шавҳараш мезудояд, ба ҳуҷраи ӯ як ҳамьёни пур оварда гуфт:

— Инак, сесад динор. Бигиру харҷи роҳ бикун.

— Аз кучо? — ҳайрон шуд Фирдавсӣ.

— Маро бубахш, зеварҳоро фурӯхтам, — гуфт Фотима.

Маълум шуд, ки вай зеварҳои айёми арӯсиашро, ки сию чанд сол боз дар сандуқ нигоҳ дошта ва сипас ба умеди арӯсии духтараш Манижа эҳтиёт карда меомад, ба тавассути холабачаи шодобиаш ба як заргари тусӣ фурӯхта ин маблағро ба даст оварда будааст. Абулқосим хост норозӣ шавад, занашро ҷанг кунад, аммо накард, ба ҷои ин бо як даст занашро оғӯш карда ва сари ӯро ба синаи худ ниҳода гирист. Ёд надошт ки аз он пеш кай гириста буд, шояд бори охирин сию панҷ сол пеш ба марги падараш гириста буд...

Дар охири моҳи шаввол, ба форсӣ даймоҳ, вақти ангурпазӣ, ҳангоме ки дар токзорон хӯшаҳои вазнини тиллорангу нуқраранги ангур аз қабати баргҳои сабзи ток ҷилва карда, дар шуоъи офтоби сунбула медурахшиданд ва дарахтони себ, шафтолу, биҳӣ аз гаронии бори мева шохҳояшонро ба замин хамонда буданд, Абулқосим як нусхаи китоби рӯбардоршудаашро ба хӯрҷин андохта бо корвони ҳоҷиёни хуросонӣ ба роҳ афтод.

Ӯро фақат пешхизмати ҷавонаш Абдуллоҳ мушоят мекард.

## Дар Бағдод

Дар пойтахти ҷонишинони пайғамбари ислом ба қабули ҳазрати Муҳаммад ибни Исмоили Аскофӣ (лақаби дигараш Муваффақ) мушарраф шудан осон набуд. Ноиби «шоҳаншоҳ» (амир Баҳоуддавла худро шоҳаншоҳи Эрон эълон карда буд) дар сарои махсуси воқеъ дар соҳили Даҷла истиқомат мекард. Ду ҳазор сарбози савора ва садҳо мулозиму хизматгор дошт ва дар ҳақиқати амр ҳокими Бағдод ӯ буд, зеро ҳукмдорони эронии мансуб ба хонадони Дайламии Бувайҳӣ дар соли 945 Ироқи Арабро, ки Бағдод дар вай аст, забт карда буданд; амир Баҳоуддавла ҳамчун мусулмон расман мавлои халифа бошад ҳам, аслан халифа дастнишондаи ӯ буд. Халифаи пир Алқодир бе савобдиди Баҳоуддавла ва ноиби ӯ Аскофӣ коре карда наметавонист.

Фирдавсӣ дар бошишгоҳи яке аз савдогарони хуросонии шинос манзил гирифта, нӯҳ рӯз интизорӣ кашид, то он ки ниҳоят ноиб амр кард ӯро ба сарой биёранд.

Сарои калоне бо чандин иморатҳои мӯҳташам, майдонҳои фарох ва боғу бӯстонҳои дилкушояш шаҳрчаи ободу зебоеро

мемонд. Шоирро аз зинапояҳои мармарин ва айвонҳои баланди оинабанд гузаронда ба боргоҳи Аскофӣ бурданд. Он ҷо боз соате дар пушти дар ба қатори якчанд мансабдору сипоҳиён дар интизории қабул нишастан лозим омад. Дари шамсадори мунаққаш бо катибаҳои нафиси хушхат гоҳ-гоҳ кушода мешуду аз дарун одамони босавлати хушлибос мебаромаданд ва шахсони дигаре аз ҷумлаи мунтазирони қабул медаромаданд. Навбат ба Фирдавсӣ ҳам расид.

Вай вориди боргаҳ шуда марди хурдҷуссаи сиёҳчурдаеро дид, ки дар танаш қабои зарбофти осмониранг ва бар сараш дастори сафеди ҷавоҳирнишон, дар пешгаҳ нишаста буд. Аскофӣ-Муваффақ бо виқору тамкин ба саломи шоир аллайк гирифта:

— Биёед, марҳамат,— гуфт ва дасташро барои вохӯрдӣ дароз кард, Фирдавсӣ онро хам шуда сабук фишурду ба расми дуо ду даст ба рӯй кашид. Чашми Аскофӣ як лаҳза бо нигоҳи хираи тааҷҷубомез ба рӯи шоир дӯхта гардид, шоир аввал бои си чунин нигоҳро нафаҳмид, вале пасон ба фаросат дарьёфт, ки сабаб — дасти вазирро набӯсидани ӯст. Ин бузургон одат кардаанд, ки ба ҳузурашон омадагон дасти онҳоро бибӯсанд ё саҷда карда ҷабҳа бар замин бисоянд.

Ҳамин тавр мекарданд баъзе шоирони араб, ки дар тамаъи силаву ато ба ноиб мадеҳа ва қасидаҳо меоварданд. Аскофӣ ба маддоҳони худ аз сила додан кӯтоҳӣ намекард. (Ҳамин буд, ки дар Тус ва баъзе дигар шаҳрҳои Хуросон, ки хабари атобахшии ноиби Баҳоуддавларо шунида буданд, номи ӯро ба шоирпарварӣ бароварданд).

Шоир дар рӯбарӯи ноиб дузону нишаст.

Боргоҳ иборат аз хонаи калони дарозрӯяи гаҷкорӣ буда, токчаҳои мунаққаши меҳробшакл дошт, дар шифти баландаш чилчароғи булӯрин овезон, фаршаш бо қолинҳои тиллоранги гулдор пӯшида буд. Дар токча бар пояи оҳанин миҷмар гузошта шуда буд, ки дар вай бухур ё дигар чизи хушбӯе дуд мекарду ҳавои хонаро муаттар месохт. Дар паҳлӯи дари даромад бози шикорӣ, як пояш ба занҷираки борики нуқрагин баста, бар дорчаи зарандуд истода буду чашмони хурди гирдаи тезбинашро аз одами ношиноси воридшуда намеканд. Гурбаи алое аз токча ба замин ҷаҳиду омада ба зонуи Аскофӣ баромад. Ноиб пушти вайро молида-молида бо меҳмонаш пурсупос сар кард. Дар ангушташ ангуштарини тилло бо нигини лаъл медурахшид. Марди панҷоҳсолаи хурдҷусса манаҳи камришашро боло ва чашмонашро нимпӯш карда, мутакаббирона гап мезад. Чаш-

монаш дар зери абрувони ғафси кӯтоҳи ӯ гоҳ нилобӣ ва гоҳ кабудранг метофтанд. Вай пурсид, оё сафари шоир аз Тус то Бағдод душвор набуд, ба хайрият гузашт?

— Албатта, осон набуд,— ҷавоб дод Фирдавсӣ ва афзуд: — Ин гуна сафарҳои дур бе машаққат намешаванд.

Аскофӣ гурбаро раҳо карда чин бар ҷабин оварду манаҳаш ва ҷашмонашро поин фуровард. Аён буд, ки ҷавоби шоир ба ӯ хуш наёмад. Шоир мебоист бо тамаллуқ чизи дигаре мегуфт, аз қабили ин ки иштиёқи дидори мубораки ноиб душвории роҳро осон кард, ё худ: касе ки ба хизмати ҳазрат мешитобад, магар душвориҳои сафарро ҳис мекунад? ва ғайра. Шоир инак бори дуввум ба таомул хилоф кард. Ноиб ба дилаш мегуфт, ки «Ин деҳотии нотарошида оё қасдан чунин мекарда бошад ё аслан аз одоби маҷлиси бузургон бехабар аст?» Шоир, албатта, аз он бехабар набуд, вале нафси асилзодаи аҷамӣ ва шоири номӣ ба риёву тамаллуқ тан намедод. Ақидаи ӯ бар он буд, ки аввалан мизбон бояд ҳурмати меҳмонро ва он ҳам меҳмонеро, ки худаш даъват кардааст, баҷо оварад.

— Абӯтуроби мударриси тусӣ аз тавофи Каъба баргашта моро зиёрат кард,— гуфт Аскофӣ,— мо аз ӯ дар бораи шумо ва кори «Шоҳнома» суол кардем, гуфт шоир назми «Шоҳнома»-ро хатм кард.

— Оре, ҳазрат, назми «Шоҳнома» поён ёфт.

Фирдавсӣ нигарон буд, ки Аскофӣ ӯро табрик хоҳад кард, вале ноиб ба ҷои табрик пурсид:

— Ба чанд абьёт хатм шуд?

— Панҷоҳ ҳазор байт,— бидуни майл ҷавоб дод шоир.

— Панҷоҳ ҳазор? — изҳори ҳайрат кард ноиб.— Ҳамосае * ба ин бузургӣ? Чанд вақт навиштед?

— Бист сол.

— Аҳсант. Азим ранҷе бурдаед... Овардед?

— Як нусха бо ман аст, дар манзил...

— Ба мо фиристед. Ман мехоҳам онро бубинам.

— Ба чашм.

— Мо хостем бо шоири шаҳири Хуросон дидор бикунем,— бо лаҳни нармтар ва ҳатто нимтабассум карда гуфт ноиб.— Ба ҳоҷии мударрис гуфтем, ки бад набуд агар Абулқосими Фирдавсӣ боре ба меҳмонии мо меомаданд. Мо аз омадани шумо шодем.

— Банда низ аз илтифоти ҳазрат ва аз дидори муборак сарфарозам,— муаддабона ҷавоб гардонд шоир.

---

* *Ҳамоса* (ҳимоса) — достони размӣ.

Ноиб аз болои курсичаи шашқирраи кандакоришуда зангӯлачаи тиллоиро гирифта занг зад, мулозим даромад.

— Бубин, Қанбар баргаштааст ё на? — фармуд ӯ.

Мулозим баромада баъди як дам бо ҷавони сиёҳпӯсти мавзунқомате ворид шуд.

— Номаро бурдӣ? Ҷавобашро овардӣ? — пурсид Аскофӣ аз ҷавон.

— Ҷавоб нанавиштанд, гуфтанд баъд навишта ирсол мекунем,— гуфт ҷавон.

— Туро фармуда будам ки бе ҷавоби нома барнагард ва то навиштани ҷавоб он ҷо бош,— итоб кард ноиб ва ба мулозим фармуд: — Хоҷибро бигӯ.

Мулозим рафт, марди ғуле, кулоҳи душоха бар сар, дар миёнаш камарбанди нуқракӯб ва ханҷари дарозе даро он овезон, даромада таъзим кард.

— Ӯро бигиру ба сутун бубанд ва биступанҷ дарра бизан,— сиёҳро нишон дода амр кард ноиб.

Хоҷиб ҷавонро бурд .

Фирдавсӣ ҳайрон шуда дар дилаш мегуфт: «Ин чист? Магар сиёсати ҳукмдориашро ба ман нишон додан мехоҳад? Агар ҷавоби номаро нанавишта, ин ғуломро пас фиристода бошанд, гуноҳи вай чист?»

Як навҷавони духтармонанд, дасторчае аз дебои кабудранг бар сар ва мӯзачаи сурх дар пой, қальён овард, Аскофӣ қальёнро кашида як-ду сулфиду ба шоир ногаҳон чунин суоле дод:

— Имрӯз вазъи Хуросон чӣ гуна аст? Волӣ Маҳмуд писари Сабуктегин аст? Ӯ чӣ касест?

— Банда ӯро надидаам,— гуфт Фирдавсӣ,— мегӯянд, ки ҷавони бистучаҳор-биступанҷсолаест.

— Падараш турк? — худаш турк будани Сабуктегинро донад ҳам, боз пурсид Аскофӣ.— Ғуломи Сомониён?

— Оре, дар ҷавонӣ ғуломи зархарид будааст.

— Зархариди дирӯза имрӯз амири Ғазнӣ? Аҷаб! Пас ғуломзода Маҳмуди ҷавон чӣ тавр сипаҳсолори Хуросон шуд ва ҳатто ба лақаби сайфуддавла * сарафроз гардид?

— Мегӯянд, ки ӯ дар ҷанги зидди Абӯалии Симҷӯрӣ ва Фоиқ аз худ мардонагӣ ва ҳунарҳо намоён сохтааст. Дар вақти ҳуҷуми Буғрохони қарохонӣ ба давлати Сомониён Абӯалӣ дар Нишопур ва Фоиқ дар Балх ба Нӯҳи Сомонӣ хиёнат ва бо Буғрохон мукотибат карда будаанд, Нӯҳ аз Сабуктегин мадад хос-

---

* Шамшери давлат.

тааст, Сабуктегин бо писараш Маҳмуд ба Хуросон лашкари гароне оварда Симҷӯрӣ ва Фоиқро шикаст дод. Ба подоши ин ғалабаашон Нӯҳ Маҳмудро ба ҷои Симҷӯрӣ сипаҳсолори Хуросон таъйин кард ва лақаби сайфуддавлааш дод, ба Сабуктегин ҳам лақаби носириддин в-ад-давла * дод.

— Моро аз Нӯҳ аҷаб меояд, ки аз хиёнати сипоҳсолорони турки худ Симҷӯрӣ ва Фоиқ ё аз он пештар аз хиёнати Алптегин сабақ нагирифта, боз ин турку туркзодаи дигарро сарафрозӣ додааст,— хандида гуфт Аскофӣ.— Гумон мекунад, ки инҳо ба вай содиқ хоҳанд буд? Ҳошо! Хоҳед дид, ин парвардагони Сомониён ҳам оқибат балои ҷонашон хоҳанд шуд. Агар ба давлати Сомониён завол расад, аз ҳамин парвардагони туркашон мерасад. Аз туркон сипоҳ оростан дар хона паланг парвардан аст, ки оқибат соҳиби худро ҳам медарад. Дар таърихи халифаҳои Бағдод, ки ҳамчунин одати аз туркон сипоҳи зархарид оростан доранд, мо ин ҳолро бисьёр дидаем ва акнун инак дар давлати Сомониён мебинем...

Мулозим даромада гуфт, ки фалонӣ ва фалониҳо мунтазири қабуланд, ҳазрат чӣ мефармуда бошанд?

— Бигӯ, фардо биёянд,— фармуд вазир.

Мулозим баромад, дари боргоҳ бори дигар ба тундӣ кушода шуда, сари ҷавони хушсурате бо ранги парида ва чашмони шаҳлои қаҳролуд намудор гашту боз дарро пӯшиданӣ шуд, Аскофӣ ба вай:

— Ворид шав! — гуфта ба даромаданаш водор кард.

Ҷавони ба назар бист-бистудусола авзоъаш як қадар беҷо менамуд.

— Бо меҳмон салом бикун,— фармуд вазир.

Ҷавон бо қадами оҳиставу сари хам пеш омада бо Фирдавсӣ дудаста коҳилона вохӯрдӣ кард.

— Меҳмон шоири машҳур Абулқосими Фирдавсианд. Шунидаӣ?

Ҷавон даст бар сина ниҳода сӯи Фирдавсӣ нимтаъзиме кард.

— Писарам,— гуфта Аскофӣ ҷавонро ба шоир шиносонд,— номаш Масъуд. Чандест, ки ба ҷиҳати як воқеа дилозурда ва қаҳрист.

Масъуд магар аз ҷумлаи охирини падараш норозӣ буд, ки ба вай як назари ало афканд. Истоду ҳарфе назад ва баргашта аз боргоҳ берун шуд. Аскофӣ боз занг зад, ба мулозими ҳозиршуда фармуд:

---

* Мададгори дин ва давлат.

— Меҳмонро дар меҳмонсаро ҷой бидеҳ.

Фирдавсӣ ин фармоишро аломати ба поён расидани қабул дониста аз ҷо бархост.

— Шумо истироҳат бикунед,— гуфт ноиб ба ӯ,— пас аз ду-се рӯз боз мулоқот хоҳад шуд.

Бинои калони дуошьёнаи меҳмонсаро дар даруни боғ буд ва сӣ ҳуҷра дошт. Қатори ҳуҷраҳо, ки Фирдавсӣ бо Абдуллоҳ дар яке аз онҳо ҷойгир шуданд, дару тиреза ва айвонҳошон ба тарафи Даҷла буда, меҳмонон метавонистанд ҷараёни пурмавҷи оби гилолудро назора кунанд.

Пагоҳии рӯзи дигар мулозими даргоҳ омада ба шоир аз номи ноиб сесад динор супурд. Фирдавсӣ ба воситаи хизматгорони даргоҳ як нафар бозаргони тусиро, ки тараддуди ба ватан бозгаштан дошт, аз корвонсароҳо дарак карда ёфта, бо гирифтани кафолатнома аз вай, нисфи атои ноибро бо ӯ ба Бож барои оилааш дода фиристод. Хизматгори даргоҳ рӯзе се бор барои меҳмон аз ошхонаи ноиб хӯрок меовард.

Ҳар пагоҳ баъд аз ношто Фирдавсӣ бо Абдуллоҳ ва бо мушояати яке аз мулозимони ноиб ба тамошои шаҳр мебаромаданд. Моҳи зулқаъда, ба форсӣ бахманмоҳ (сентябрь) даромада, гармии офтоб, гармие, ки бағдодиҳо аз вай «дар даҳаи якуми шаввол (август) меҳи оҳанини дарҳоро об мекунад, дар даҳаи дуввум ангурро шира мебандонад ва дар даҳаи сеюм дари зимистонро мекушояд» гуфта масал мезаданд, коста буд; шаҳриён ки дар шаввол ҳама аз гармии тоқатфарсо гурехта ҳамарӯза дар таххонаҳо пинҳон мешуданду шаҳрашон ба шаҳри мурда монанд мегардид, акнун кӯчаҳо, майдонҳо, растаҳоро пур карда ба ташвишу тараддуд афтода буданд. Дар ҳар сӯ издиҳоми мардумони сафедпӯст, сиёҳпӯст ва зарди қаҳваранг, авратҳои ба чодари сиёҳ печида дар ҷунбуҷӯл. Шаҳри бузургро Даҷла ду қисмат карда буд, ҳарду қисматро пули калону фароҳ ба ҳам мепайваст, ки дар воқеъ тамошоӣ буд. Дар ҳар ду соҳил кӯшкҳои зебо ва коххои мӯҳташами назаррабо афтода буданд. Дар рӯдхона киштиҳо, завраққо шиновар буда, аз ҳалқаи мардону занони дар он киштиҳо ба сайри обӣ баромада ғалоғулаи чакчақ, қаҳқаҳаи хуррамона ва ҷо-ҷо овози суруду нағма баланд мешуд. Дар фазои рӯд селаи чайкаҳо (моҳихӯракҳо)-и хокистариранг парвоз доштанд. Гунбазҳо, манораҳои кошинкории масҷиду мадрасаҳои бисьёр дар офтоб медурахшиданд; тамошои тоқу равоқҳои гаҷкорӣ ба тӯри катибаҳо печи-

дан қасрҳо барои тамошогар завқе дошт. Аммо дар қанортари ин ҳашамату шукӯҳи шаҳр маҳаллаҳои бекаронаи ифлосу бадбӯй бо зич-зич хонаҳои пастаки гилину пахсагин, бо кӯю кӯчаҳои тангу тор ва печдарпечи бешумор шурӯъ мешуданд. Ин ҷоҳо бошишгоҳ ва коргоҳи косибону ҳунармандон, беваю бечорагон, ҳаммолон, гадоён, шабгардон (duздон), фолбинон, шаъбадабозу морбозу маймунбозон, дӯкондорони майда, резаворфурӯшон ва дигар ҳар ранг мардуми бесарусомон буданд. Гоҳ-гоҳ дастаҳои сипоҳиёни савораю пиёда дучор меомаданд. Арабн мушоаяткунанда он чиро, ки Фирдавсӣ худ медонист, ба ӯ мегуфт, яъне ки шаҳри Бағдодро дар соли яксаду чиҳилуми ҳиҷрӣ халифаи дуввуми аббосӣ Абӯҷаъфари Мансур бино кардааст. Халифа дар саросари мамлакаташ гашта барои бунёди пойтахти нав ҷои муносиб меҷуст, ҷоеро меҷуст, ки дар соҳили рӯди киштигард воқеъ ва аз варача барӣ бошад; ниҳоят деҳаи Бағдодро ки дар ҷои шаҳри ҳозира буд, интихоб кард, ки баъдан номи пойтахти давлати муаззами халифаҳо гардид. Сад ҳазор хиштрезу чӯбтарошу гилкору меъмор шаҳри навро дар чаҳор сол сохта тамом карданд. Дар гирдогирди шаҳр аз хишти хом ду радда бора (девор)-и баланд бароварданд.

Қад-қади рӯд дар ҳар ду тараф ошхона ва қаҳвахонаҳо буданд. Саҳни онҳо аксаран чаманзор буд, ба вай дарахтони хурмо, нахлҳо (пальмаҳо) соя меандохтанд; мардумон дар катчаҳо ё ки дар чаман ба соя нишаста таом мехӯрданд, қаҳва менӯшиданд, нардбозӣ мекарданд. Аз хуришҳои бағдодиён Фирдавсӣ аз ҳар чӣ бештар газ ва масқуфро, ки дар ошхонаҳо мепухтанд, хуш кард,— газ як навъ кабоби ироқӣ буд, аз гӯшти барра ба таври махсус бо доруворе, ки фақат ба худи пазанда маълум буд, тайёр карда ва бо пиёз, сир, бодиринг, шалғаму қаланфури ширини дар сирко хобондашуда хӯрда мешуд; масқуфро аз моҳии зинда, ки худи муштарӣ дар ҳавзчаи назди ошхона хоста мегирифт, ҳамчунин ба тарзи махсус тайёр мекарданд. Ҳар ду хуриш ниҳоят бомаза ва хушгувор буд, шоир бо ҳамроҳонаш ҳар бор, ки ба сайругашт мебаромаданд, дар ягон ошхонаи соҳили рӯд дам гирифта, ҳатман аз ин ду хуриши лазиз тановул мекарданду сипас қаҳва нӯшида боз сайругашташонро давом медоданд.

Тамошои Бағдод шоирро ба хаёли шаҳри бостонии Тайсафун, пойтахти давлати Сосониён, шаҳре ки дар наздикии ҳамин Бағдод ва низ дар соҳили ҳамин рӯди Даҷла буду иддае аз қаҳрамонони «Шоҳнома» дар вай амал мекунанд, меандохт. Шоир ба қиёси пойтахти халифаҳо он шаҳри азими кайҳо но-

падидгашта ва аммо ёди аламнокаш дар дили эрониён боқимондаро тасаввур карданӣ мешуд.

## Зиёрати тоқи Кисро

Тайсафуни кадима, ба арабӣ Мадоин, шояд ба ҳамин Бағдод монанд буд. Харобаҳои он бо номи Тоқи Кисро мавҷуданд. Он харобаҳои барои эрониён муқаддасро бояд зиёрат кард...

Фирдавсӣ ба воситаи мулозим аз Аскофӣ ба зиёрати Тоқи Кисро иҷозат пурсид, ноиб иҷозат дод ва фармуд ду аспи роҳвор ба ихтиёри меҳмон вогузор карданд. Шоир бо ҳамроҳии Абдуллоҳ ва бо мушояати ду мулозими даргоҳ сӯи харобаҳо саворӣ намуд.

Дар соҳили чапи Даҷла, дар байни пуштаҳои рег, забонаҳои ёзидаи саксавул, бурганҳо, буттаҳои янтоқу кавар харобаи тоқу айвони қасри бузурге қад барафрохта, дар гирду пеши он шикастапораҳои мармар, лӯндаҳои гили гаҷолуд дар рег нимагӯр шуда хобида буданд. Манзарае бас ҳузнангез, гӯристони салтанатҳо ва давлатҳои бузурги қадимулайём. Ин буд боқимондаи шаҳре, ки дар бостонзамон калонтарин ва бойтарин шаҳре дар Осиёи Ғарбӣ, бошишгоҳи зимистонии подшоҳони Ашконӣ ва сипас дар тӯли чаҳорсад сол пойтахти давлати Сосонӣ буд. Ӯрдуҳои Саъди Ваққоси араб вақте ки онро гирифтанд, аз бузургиаш дар ҳайрат монда, фақат як номи мадина (шаҳр)-ро шояд ба вай номуносиб дида, Мадоинаш номиданд, яъне Шаҳрҳо. Вай дар тӯфони ҷангҳои Арабу Аҷам хароб ва кам-кам нопадид гашт. Намуди харобаҳои Тайсафун Фирдавсиро мутаассир ва маҳзун кард. Корномаи қаҳрамонони «Шоҳнома» Фаридун ва Коваи оҳангарро ба ёди шоир андохт: вақте ки озодкунандаи ватан аз фотеҳони бегона Фаридун бо даъвати Кова ва бо ҳамроҳии ӯ бар зидди Заҳҳоки истилогар қиём карда буд, лашкарашро ана дар ҳамин ҷоҳо аз Даҷла, ки аҷамиҳо Арвандрӯдаш меномиданд, гузаронда буд; сипоҳи Эрон бо сардории Рустами Ҳурмуз ва Фаррухзод бо ӯрдуи Саъди Ваққос ана дар ҳамин ҷоҳо, дар соҳилҳои ҳамин рӯд то охирин сарбоз ва охирин нафас ҷангида буд. Вай, Фирдавсӣ, он қаҳрамононро дар «Шоҳнома»-и худ зинда гардонидааст. Шоири бостоншинос, сарояндаи корномаҳои ниёгон ба ёди замонҳое, ки ба ақидаи ӯ кишвараш соҳиби истиқлол ва иқболи фаррух, муттаҳид ва муқтадир буд, беихтиёр мегирист. Вай рӯ ба сӯи Тоқи Кисро истода намоз кард...

# Асирон...

Ҳар чаҳор сайёҳ дар офтоби сӯзон ва ҳавои тафсон хеле монда шуда буданд. Дуртар аз қади роҳ деҳае ба назар менамуд, мулозим таклифи дар он деҳа дам гирифтан кард.

Саворон сӯи он деҳа равон шуда буданд, ки ногоҳ дар роҳи калони биёбон аз паси пуштаҳои рег корвоне пайдо гардид. Фирдавсӣ ва ҳамроҳонаш бо ҳисси кунҷковӣ дар сари дуроҳа қарор гирифта, донистанӣ шуданд, ки он чи корвонест ва аз куҷо меояд. Корвон ба наздикӣ онҳо расид. Фирдавсӣ бо дидани он ба даҳшат афтод: бар бистуҷанд шутур одамони нимбараҳнае, дастҳошон ба пушт ва таначон ба шутур баста, савор буданд. Корвонро як даста сарбозони аспсавор меронданд, ҳама мусаллаҳ ба найзаву шамшеру сипар. Дар ҳавои тафсон аз сарҳои бараҳнаву чеҳраҳои афрӯхтаи бандиҳо арақи хунолуд мешорид. Шутуре як марди миёнсол ва як ҷавонро мекашид, синну соли ҷавонро дар он ҳоле ки ӯ дошт, муайян кардан душвор буд, ӯро бистсола ҳам, сисола ҳам гумон кардан мумкин буд. Вай чаҳор савори ношиноси дар сари дуроҳа истодаро дида якбора фарьёд кашид ки:

— Эй мусалмонон, гувоҳ бошед, ки моро бе гуноҳ ба куштан мебаранд! Дод аз дасти халифаи золими хунхор! Моро қарматӣ мегӯяд, қарматии мурдор худаш!..

Сарбози аспсавор ӯро тозиёна зада аррос мекашид ки:

— Хомӯш, саг! Хомӯш!

Бандии ҷавон хомӯш намешуд, вай тамоми овозашро сар дода ба унвони халифа дашномҳои қабеҳ фиристодан гирифт. Бандиҳон дигар ҳам ғавғо андохта ба шеваҳои арабии худашон ким-чиҳое мегуфтанд, гуфторашонро шояд танҳо яке аз ду мулозими ноиб, ки араб буд, мефаҳмид. Сипас ҳодисае рӯй дод, ки Фирдавсӣ аз мушоҳидаи он ҳуш аз сараш парид. Корвон истод, якчанд нафар сарбоз ба назди шутуре, ки ҷавони саркаш савори он буд, асп ронданду ӯро кашида ба паҳлӯи шутур хобонданд, яке аз онҳо бо ду даст даҳони ӯро кушода нигоҳ дошта истод, дигаре як чӯби дарозиаш ду ваҷаб ва ғафсиаш ба қадри ангушти дастро ҳамчун маҳори шутур ё лаҷоми асп ба миёни дандонҳои ӯ ҷо кард, сеюмӣ ба ду нӯги чӯб ресмон баста, ресмонро ба пушти сари бандӣ гузаронду кашида дар гарданаш маҳкам баст. Бандии бадбахт бо дастҳои бастаи худ аз муқобилат кардан оҷиз буд. Акнун вай ҳамчун палангбачаи захмӣ наъра мекашиду сухане гуфта наметавонист. Дар асnoи ин

амали сарбозон Фирдавсӣ сабру қарор аз даст дода сӯи онҳо асп ронд ва:

— Накунед! Накунед! — гӯён фарьёд зад.— Ин чӣ бераҳмист! Шумоён инсонед ё ҳайвонҳои дарранда?!...

Як сарбози мӯйдарози ниҳоят серриш бо ваҷоҳате ваҳшатангез ба шоир рӯ гардонда ӯро дашном доданӣ ва ронданӣ шуд, аммо зоҳиран салобати пирона, риши сафеду чеҳраи нуронии шоир ба ин қасди он саффок монеъ гардид.

Корвон ба роҳ афтод.

Фирдавсӣ ҳамчун бемори бемадор аз зин фуромада дар канори роҳ нишаст. Сараш ба зер афканда ва чашмонаш пӯшида буданд. Ӯро ба ин ҳол дида ҳамроҳонаш низ пиёда шуданд. Абдуллоҳ фих-фих мегирист. Мулозими форсӣ ба Фирдавсӣ гуфт:

— Ҳазрат, ба дил нагиред. Ин қабил ҳодисаҳо дар ин мамлакат ба ҳукми одат даромадаанд. ~~Аз қарори маълум, сарбозон ба ҷанги қавме, ки ба карматиён мавсуманд, рафта ин мардумро асир гирифтаанд...~~ Аз сӯхтану гиристан чӣ суд? Ҳеҷ!... Биёед ба он деҳа биравем, он ҷо чашма ва дарахтони соядор ҳастанд, шумо соате роҳат бикунед.

Шоирро ёрӣ дода ба асп савор карданд.

Аммо коҳиши рӯҳии шоир бо ин тамом нашуд. Ҳодисаи аз ин ҳам мудҳиштаре дар пеш будааст.

Рӯзи дигар Абдуллоҳ, ки бо супориши Фирдавсӣ барои коғазу сиёҳӣ харидан ба шаҳр баромада буд, дер баргашт. Ӯ бо ранги паридаву чашмони ҳавлнок ҳозир шуд.

— Чӣ хабар? Чаро ҳолат парешон? — пурсид Фирдавсӣ.

«Гӯям ё нагӯям? — мутараддид шуд Абдуллоҳ.— Агар гӯям, боз дилашон сиёҳ мешавад». Вай пушт гардонда «ҳеҷ воқеа не» гуфта ба айвон баромад. Фирдавсӣ ӯро ба ҳуҷра хонд ва гуфт:

— Абдуллоҳ, ҳар чӣ дидӣ ё шунидӣ, ба ман бозгӯй, пинҳон накун.

Абдуллоҳ ҳамоно авзоъаш бечо буд, ба Фирдавсӣ чунин намуд, ки вай ноаён меларзад.

— Хуб, чӣ ҳодиса рӯй дод? — хавотир кашида боз пурсид шоир.

— Он ҷо... дар майдон... — Абдуллоҳ дам фурӯ бурд, мисли ин ки якбора забонаш аз гуфтор монда буд, ё вай аз гуфтани он чӣ бояд бигӯяд, метарсид, пасон як нафаси амиқ кашида боз ба забон омад:

— Дар майдон... мардуми бисьёр... тамошогарон буданд. Гуфтам биравам бубинам, чӣ ҳодиса... Сарбозон онҳоро овардаанд...

— Кихоро? Ба куҷо? Дурусттар, батартиб бигӯ,— танбеҳомез фармуд Фирдавсӣ. Он гоҳ Абдуллоҳ бо забони гӯётар нақл кард:

— Ҳамон бандиҳо... дирӯз дар роҳ дида будемашон. Оварда якеро ба суфа кашиданд, дар суфа ҷаллод, ба дасташ табарзин, бандиро ба кунда ҳобонд, аввал як дасташро бо як зарби табар бурид, баъд як пояш, баъд боз як дасту як пояш... сарашро бурид... Танашро лагад зада аз суфа ба замин афканд... Дар як тарафи суфа одамони ришдароз, дар сари ҳамаашон дасторҳои сафед, қатор нишаста буданд, ҳар бор ки ҷаллод даст ё пои бандиро мебурид, ҳамаашон якбора даст бароварда оллоҳ акбар мегуфтанд... Баъд боз бандии дигарро ба суфа кашиданд... Ман... гурехтам... дигар нигоҳ карда натавонистам...

Фирдавсӣ дар ҷои нишастааш шах шуда, якчанд дақиқа аз як нуқтаи фарши ҳуҷра чашм наканда хомӯш монд. Шоире ки дар достонаш ба мардумон «Маёзор мӯре ки донакаш аст, Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст» гӯён панд медод, ба чӣ хаёлҳои гарон рафту аз дилаш чиҳо гузашт, инро бо ибораи маъмул гӯем «худаш медонисту худо».

Аз ҳамон рӯз сар карда ӯро ба муолиҷаи пешхизматаш машғул шудан лозим омад: Абдуллоҳ васвосӣ шуда буд, гоҳо худ ба худ гап мезад ва шабҳо дар хобаш дод зада бедор мешуд. Фирдавсӣ бемории рӯҳии Абдуллоҳро ба дуохонҳои машҳури араб хононд, ҳам дар талаби шифо ба мазорҳои муқаддасе, ки дар Бағдод кам набуданд, назру ниёз бурд. Шоир ба мӯъҷизоти чунин мазорҳо ва ба шифобахшии «даму нафаси покон» эътиқод дошт...

## Сабаби даъват

Сабаби даъвати Фирдавсӣ ба Бағдод аз тарафи Аскофӣ вобаста ба як нақшаи ноиб буд.

Ин нақша дар фикри ӯ ҳангоми мулоқоташ бо ҳоҷии мударриси тусӣ пайдо гардид.

Чанд вақт инҷониб «шоҳаншоҳ» Баҳоуддавла нисбат ба ноиби бағдодиаш дилсард ва камилтифот шуда буд. Назар ба хабари аз як нафар дӯсти дарбории ноиб расида, Баҳоуддавла боре дар ҳузури надимону муқаррабонаш гуфтааст, ки Аскофӣ

ба худ шавкати амирӣ гирифта, ҳамчун амири боистиқлол кор мебарад ва дар иҷрои фармонҳои «шоҳаншоҳ» мусоҳила мекунад. Зоҳиран, зотҳое аз ҷумлаи дарбориёни ҳасуд ва бахил, ки суханчиниву наммомӣ пешаи онҳост, аз ӯ бадгӯӣ ва ӯро дар чашми фармонфармояш сиёҳ кардаанд; Баҳоуддавла, ки ба сухани наммомон бовар мекунад, ба ноиби худ ғазаб кунад ҳам, аҷаб нест,— фикр мекард Аскофӣ,— магар ин амир ба дурӯғу бӯҳтонҳо бовар карда чандин соҳибмансабони содиқу кордонашро ба зиндон наандохт? мусодира накард? накушт?.. Аскофӣ аз ғазаби вай андешанок буд.

Фикр мекард, чӣ коре кунад, ки гумони амир рафъ шавад ва эътимоду лутфи пешини ӯ нисбат ба ноибаш барқарор гардад? Магар ба вай пешкаши нави гаронбаҳое фиристад? Чӣ гуна пешкаш? Ё ки аз сук-ал-рақиқ * зеботарин канизакеро ба гаронтарин баҳо харида ба вай тӯҳфа барад?... Аммо инҳо пешкашу тӯҳфаҳои муқарарӣ ва оддианд,— мегуфт ба худ ноиб,— «шоҳаншоҳ» аз ин қабил «савғотиҳо» сер аст, бояд пешкаше пайдо кард, ки нодир ва ғайриоддӣ бошад.

Аскофӣ дар ҳамин андешаҳо буд, ки хоҷии тӯсӣ Абӯтуроб пайдо гашту бо вай аз итмоми «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва тангдастии шоир сухан ба миён омад. Он гоҳ ноиб андешид, ки шоирро ба Бағдод талабида ба вай назми «Йӯсиф ва Зулайхо»-ро фармудан лозим аст.

Чаро «Йӯсиф ва Зулайхо»? Чунки Аскофӣ медонист, ки «шоҳаншоҳ» ин қиссаро хеле дӯст медорад, ҳатто онро ба яке аз шоирон фармуда назм кунонд, аммо назми он шоир ба вай он қадар писанд наафтод. Устоди тусӣ, албатта, онро аз он шоири миёнаистеъдод ба маротиб беҳтару ҷозибтар назм хоҳад кард. Он гоҳ ӯ, Аскофӣ, достони манзумро ба наққошону лаввоҳони номӣ мунаққашу мулаввах кунонда, дар муқоваи нафиси зарҳалкорӣ андохта ба амир тақдим мекунад. Пиршоири тусӣ алҳол тангдаст, ниёзманд будааст,— ин айни муддаост! — супоришро ба бадали се-чаҳор ҳазор дирам анҷом хоҳад дод.

Аскофӣ ин қарордоди худро дар дилаш мутамаккин сохта, рӯзи дигар Фирдавсиро ба ҳузураш талабид.

Шоир вориди боргоҳ шуда падару писарро дар гуфтугӯ ёфт. Пеши Аскофӣ дар як тарафи хонтахта «Шоҳнома» хобида ва як пиёлачаи балғамӣ истода, дар рӯбарӯяш Масъуд нишаста буд.

— Биёед, марҳамат.

---

*Бозори ғуломфурӯшӣ.

Ноиб хушҳол менамуд, чеҳрааш афрӯхта буд, бо овози баланд гап мезад, гӯё пештар шароб нӯшида ва сархуш буд. Фирдавсӣ чашмаш дар таи пиёлача ба дурди сиёҳи қаҳва ғалтида, ба дилаш гузаронд, ки шояд хушҳолии соҳиб аз асари қаҳва бошад. Қаҳвае, ки бағдодиҳо ба таври махсус тайёр мекарданду Фирдавсӣ як-ду бор дар манзили савдогари хуросонӣ нӯшида буд, дар воқеъ ба кас як навъ хуррамиву хушҳолӣ мебахшид.

— Хуб, акнун бирав,— фармуд Аскофӣ ба писараш.

Масъуд бархоста сӯи шоир нимтаъзиме карду рафт.

— Хештандор бош, девонагӣ макун! — аз паси Масъуд гуфт падараш.

Сипас рӯ ба шоир овард:

— Савдои ишқ ба сараш задааст,— хандида, маломатомез сар ҷунбонида дар бораи писараш гуфт ӯ.— Он дафъа дилозурдагии ӯро ба шумо гуфта будам. Сабабаш ҳамин ишқи кӯдакона аст. Ишқи нораво ва ноком.

Гӯянда сукут кард, Фирдавсӣ пурсид:

— Нораво?

— Бале,— ҷавоб дод Аскофӣ ва ба ҳайрати шоир дар ҳамон вазъи хушҳолии беғамона чунин нақл кард: — Маъшуқааш духтари насронист. Як нафар табиби масеҳӣ ҳамсояи мост, духтари гесувонтиллои ӯ, Мария ном, ба пеши хоҳарони Масъуд омадурафт дошт, ҳамон вақт Масъуд шефтаи ӯ шуда, духтар ҳам ба вай дил бохта. Ҳар ду бо ҳам паймон кардаанд. Писарам шонздаҳсола буд, маъшуқааш понздаҳсола. Ҳар ду ба сабаби сағри син * аз мамнӯъ будани ошиқиву маъшуқӣ ё издивоҷ дар сурате, ки ихтилофи мазҳаб дар миён бошад, бехабар будаанд. Баъдан ман ӯро огоҳ кардам, гуфтам: издивоҷи шумо мумкин мебуд ба шарте, ки ту Марияро мусалмон бикунӣ, ё ақаллан ӯ қавл диҳад, ки мусалмон хоҳад шуд. Духтар ба қавл додан розӣ шудааст, аммо волидайнаш дар ин бора ҳатто ҳарфе заданро ба ӯ манъ кардаанд. Зани масеҳӣ ҳаргиз табдили мазҳаб намекунад, дар сурате ки марди масеҳӣ гоҳо ба ислом мегиронд, вале, албатта, ба манзури ягон манфиати дуньёвӣ, масалан барои соҳиби мансаб шудан ё ки барои сетоҳорто зан гирифтан. Масъуд ба ман чӣ гуфт? Гуфт: «Ман масеҳӣ мешавам».— Аскофӣ бо таассуф сар ҷунбонид.— Бехирад намедонад, ки дар ин сурат вай ба ҳукми шариати ислом кушта хоҳад шуд... Албатта, мулоқоти Масъудро бо духтар ва духтарро бо Масъуд ҳам ман ва ҳам хонаводаи табиб манъ

* *Сағри син* — хурдсолӣ.

кардем. Писарам Маҷнунвор саргашта, духтар низ ба шунидакнам ба холи Лайлӣ афтода. Аммо чӣ илоҷ?.. Масъуд ба ман мегӯяд: магар халифа, ҷонишини пайғамбари ислом ва муршиди мусалмонони олам, наметавонад бо ҳукми худ издивоҷи моро ҷоиз гардонад? Бирав, мегӯяд, аз халифа иҷоза бихоҳ. Намедонад, ки бо чунин арзе пеши халифа рафтан худро масхараи олам кардан аст...

Фирдавсӣ ба андеша рафту гуфт:

— Оре, хазрат, хақ бо шумост, вале ба ҷавони покдил ва он духтари маъсума раҳми кас меояд. Худ нодониста, бо ҳукми табиати башарӣ ва бо дили соф ба кӯи сарбаста даромада саргардон мондаанд. Афсус.— Сукут кард, ба ёдаш қиссаи Зол ва Рӯдоба омад.— Дар замонҳои қадим, пеш аз зуҳури ислом, издивоҷ дар мавриди ихтилофи мазҳаб мамнӯъ набуда, ё ки бо фармони шоҳ раво мешудааст. Мисол қиссаи Зол ва Рӯдоба аст, ки ровиён ба мо хабарашро додаанд ва банда онро дар «Шоҳнома» назм кардаам. Дар оғоз шоҳаншоҳ Манучеҳр издивоҷи Золи зардуштӣ ва Рӯдобаи бутпарастро манъ кард, вале сонияи иҷоза дод. Метавон гуфт, ки ишқ ба мазҳаб ғолиб омад. Вале дар замони мо як чунин ҳодиса, албатта, берун аз имкон аст.

Аскофӣ аз афти кор ба ёд овард, ки бо меҳмон ҳанӯз аҳволпурсӣ накардааст,— охир ӯро як ҳафта боз надида буд. Аҳволпурсикунон пайдарҳам якчанд суолро қатор кард:

— Кайфу хол? Дилтанг нашудед? Бағдодро хуб тамошо кардед? Ба зиёрати Токи Кисро ҳам рафтед?

— Оре, аз марҳамати ҳазрат...

— Чӣ гуна будааст? — шоирро ба тамом кардани ҷумлааш фурсат надода боз пурсид Аскофӣ.— Аз дидани харобаҳо маҳзун нашудед?

— Шудам, хазрат... Ба илова, фоҷиае, ки бандаро мушоҳидан он иттифоқ афтод...

— Бале, харобаҳои Мадоин дар воқеъ ҳузноваранд,— ба «фоҷиа» гуфтани мусоҳибаш эътибор накарда боз сухани ӯро бурид ноиб. Ба гумон, дар кайфияти хушҳолӣ ба миёни сухани мусоҳиб давидану онро нашунида қатъ кардан одати ӯ буд. Гуфторашро давом дод: — Дидед, араб бо Сосониён чӣ карда буд? Харобаи Тайсафуни бостонӣ дар дили ҳар як эронӣ ҳамчун реше буд, реше ки дар тӯли се қарн хуншор буд, то он ки дайламиён Бувайҳӣ ба зӯри шамшер Ирокро гирифтанд ва Бағдодро кушода интиқоми сесадсоларо ситониданду он реш беҳ шуд. Шоҳони Бувайҳӣ ба салтанати араб на фақат дар

Аҷам, балки дар ин мулки қадими Эрон низ хотима доданд. Халифа, султони араб, имрӯз гӯш ба фармони шоҳаншоҳи Эрон аст...

Ба хотиман салтанати арабӣ дар Аҷам ду қарн аз он пеш Тоҳириён ва Сомониён ибтидо гузошта ва муваффақ шуда буданд, аммо ноиб ин корро ба амирони Бувайҳӣ нисбат медод.

Гуфтугӯи дароз гӯё як навъ муқаддимае буд, ки баъд аз он Аскофӣ ниҳоят ба сари матлаб омад:

— Устод, ба шумо як супориш ҳаст,— шурӯъ кард ӯ,— агар қабул кардед, ба атову эҳсони мулукона мушарраф хоҳед шуд. Қиссаи «Йӯсиф ва Зулайхо»-ро барои шоҳаншоҳ назм бикунед. Аълоҳазратам ин қиссаро ниҳоят дӯст медоранд.

Фирдавсӣ ҳайрон шуд: вай мунтазир буд, ки ноиб дар бораи «Шоҳнома» сухан хоҳад ронд ва балки ба амир Баҳоуддавла тақдим кардани онро таклиф хоҳад кард, вале Аскофӣ дар бораи китоби вай чизе нагуфта, якбора чунин супориши ғайричашмдошт кард.

— «Йӯсиф ва Зулайхо»-ро аз ин пеш ду шоир — Абулмуайиади Балхӣ ва Бахтиёрии Аҳвозӣ назм кардаанд, чӣ ҳоҷат ки бори саввум назм бикунем? — гуфт шоир.

— Назми эшон чандон писанди табъи ҳумоюнӣ наяфтод, ман аминам, ки назми устод Фирдавсӣ аз он ду ба маротиб баландтар ва ҷозибтар хоҳад буд,— гуфт Аскофӣ. — Далел ҳамин «Шоҳнома» аст,— ниҳоят аз китоби мусоҳибаш ёдовар шуд ноиб,— ман мутолиа кардам — ба фасоҳату балоғат шояд ҳатто дар шеъри араб ҳам назир надошта бошад. Ҳиммат бигуморед ва ба кор шурӯъ бикунед. Барои ин кор ҳар чӣ қадар вақт лозим бошад, бемалол дар меҳмонсарои мо биншинеду машғул бишавед. Қиссаро шумо, албатта, дар Қуръон хондаед, ба фикратон назми он чӣ қадар вақт лозим дорад?

— Намедонам,— андешамандона гуфт Фирдавсӣ.

— Ҳарчӣ зудтар — беҳтар. Ман мӯътақидам, ки шумо ин корро дар ду моҳ ё дер кашад дар се моҳ ба анҷом мерасонед,— ба ҷои шоир мӯҳлати корро ҳам таъйин кард ноиб.— Хуб, розӣ ҳастед?— боз пурсид ӯ.

— Фурсат бидиҳед, фикр кунам,— гуфт Фирдавсӣ.

Вай аз назди Аскофӣ ҳам як дараҷа хурсанд ва ҳам андӯҳгин ба меҳмонсаро баргашт. Хурсандиаш аз он буд, ки Аскофиро некхоҳ ва ҳимоятгари худ донист. Аз нияти ниҳонии ӯ бехабар буд, вале магар суханони ноиб ба ғамхории ӯ дар ҳаққи шоир гувоҳӣ намедоданд?.. Аммо андӯҳи вай аз «Шоҳнома» буд: бузургтарин асари ӯ дар ҳақиқати амр боз ҳам

харидор наёфт, дар миёна муаллақ монд. Ба ҳеҷ кас даркор нест...

Вай, албатта, пешниҳоди ноибро дар бораи назми қиссаи «Йӯсиф ва Зулайхо» қабул хоҳад кард. Ба қабул кардан маҷбур аст, зеро чанголи бешафаққати мӯҳтоҷӣ дар гиребони ӯст. Шояд гуфтори ноиб рост бароядy ин достон дар пирии шоир ба вай бениёзӣ оварад.

Фирдавсӣ аз китобхонаи Аскофӣ Қуръон талабид, ба вай як нусхаи хушхати китобро оварданд. Агарчи қиссаи писари Яъқуб-пайғамбар бо маликаи Миср аз замони мактабхонии шоир ба вай маълум буд, вай аз нав ба мутолиаи он нишаст.

Ҳам шаби дигар ба назми он ибтидо кард.

Суханоне, ки бузургтарин шоири замон дар оғози ин достони худ дар бораи шоҳасари пешинааш мегӯяд, ба мо чигунагии кайфияти рӯҳии ӯро дар он давра ба хубӣ нишон медиҳад. Вай аз «Шоҳнома» маъюс шуда буд. Бистсола меҳнати шабонарӯзии дармоншикан ба вай чӣ овард? Бечорагӣ овард. Дар пириву бенавоии ӯ хорӣ овард. Дар ҳеҷ яке аз ҳукмдорони давр нишони донишу хирад пайдо нест, мурувvату додгустарӣ гумном, ҳукмдорон ҳама дар лойдони ҷангу ҷидолҳо дармонда ва саргум. Наззораи харобаҳои Мадоин бошад, дар шоир фикри нопойдориву бевафоии ҷаҳонро қувват дод. Оё ба корҳои ин ҷаҳон эътибор кардан, дар бораи онҳо бо хуни ҷигар достонҳо суруданд меарзад? На, намеарзад. Ин шуғл «тухми ранҷу гуноҳ» коштан асту бас. Оё беҳтар нест, ки суханвар «суханҳои пайғамбарони худой» бигӯяд?

Накорам кунун тухми ранҷу гуноҳ,
Ки омад сафедӣ ба ҷои сиёҳ.
Дилам сер гашт аз Фаридуни гурд,
Маро з-он чӣ к-ӯ тахти Заҳҳок бурд?
Гирифтам дил аз мулкати Қайқубод,
Ҳамон тахти Ковуси Кай бурд бод.
Надонам чи хоҳад буд ин ҷуз азоб
Зи Кайхусраву ҷанги Афросиёб?
Бар ин месазад гар бихандад хирад,
Зи ман худ куҷо кай писандад хирад,
Ки як нима аз умри худ кам кунам,
Ҷаҳоне пур аз номи Рустам кунам?

Дилам гашта серу гирифтам малол
Ҳам аз пури Ковусу ҳам пури Зол...

Ҳамин тавр мегӯяд шоир дар оғози «Йӯсифу Зулайхо». Аз забони шоири кабири хирадманд, ҳикматомӯз, ватанпарвар, инсондӯст, офаридгори «Шоҳнома»-и бемаргу безавол шунидани ин суханҳо аҷиб ва нохуш меояд, аммо Фирдавсӣ бо ҳамаи бузургии худ як нафар инсон аст, ба вай ҳолдон бояд буд: чӣ аҷаб, агар инсоне дар пирию нокомӣ чунин дилшикаста шуда бошад?

Нигориши достони нав бо тезӣ пеш мерафт.

Аммо асар ҳанӯз тамом нашуда буд, ки ногаҳон ба ҳимоятгари шоир завол расид: бо фармони Баҳоуддавла рӯзе аз рӯзҳо яке аз пешкорони ӯ бо як даста сарбоз омаду ноиби «шоҳаншоҳ»-ро гирифта ҳабс кард. Молу ҳоли ӯ мусодира карда шуд. Оилаашро ҳам аз сарой берун карданд. Масъуд «Шоҳнома»-ро ба вай пас дод ва худ ночор бо модару хоҳаронаш сар ба биёбон гирифта сӯи Кирмоншоҳ, ки ватани модараш буд, раҳсипор гардид. Хонавода якбора тамоман ғорат шуда буд; Фирдавсӣ аз панҷ ҳазор дирам, ки аз Аскофӣ расида буд, ду ҳазорашро ба Масъуд дод, ки харҷи роҳ бикунад. Ҳамсол ва дӯсти Аскофӣ Абулфараҷи табиб ҳам ба онҳо ҳазору панҷсад дирам инъом кард. Вай ба хотири дӯстии деринааш бо Аскофӣ ва барои дилдории Масъуди кулфатзадаи номурод ба вай иҷозат дод, ки бори охирин бо Мария дидор ва хайрбод кунад. Ҳарду дар ҳузури падару модари Мария бо ҳам дидор карданд, гиристанд.

— Чун дӯстон видоъ кунед,— гуфт Абулфараҷ ва ба ҷавон рӯ оварда афзуд:— Масъуд, ҳарчанд, ки дини мо дигар-дигар аст, вале худо якест. Ман туро дуо мекунам. Хуш бирав. Он чӣ аз қазо ба сари падарат омад, ту, модарат, хоҳаронат аз он дилшикаста нашавед, сабр пеш гиред; барои шумоён ибодат мекунам, умедворам, ки худованди меҳрубон шумоёнро аз лутфу карамаш бенасиб нахоҳад гузошт.

Мария сар ба паҳлу хам карда ба Масъуд даст ёзонд, ҷавон дасти ӯро фишурда, гирьён аз ҳавлии кашиш* бадар рафт.

Пас аз як сол Фирдавсӣ дар Тус шунид, ки Аскофиро аз зиндон фирор кардан муяссар шуда ва ӯ ба шаҳри Батеҳа ба паноҳи ҳокими он диёр рафт ва он гоҳ Масъуд модару хоҳаронашро назди падараш фиристода, худ бо корвони ҳоҷиён пиёда

* *Кашиш* — рӯҳонии масеҳӣ.

ба Макка равон шуда, дигар ба ватанаш барнагашта, дар ҳамон тарафҳо ғайб задааст.

Ноиби нави Баҳоуддавла Фирдавсиро ҳамчун дӯсти Аскофии ба ғазаби шоҳ гирифторшуда аз меҳмонсарои ноибхона берун кард. Шоир ночор ба ватани худ баргашт.

...Малул ва маҳзун баргашт. Ҳабсу қайди Аскофӣ ӯро хеле маъюс карда буд. Ваъдаи ҳимоят аз ҷониби ноиби Баҳоуддавла шоирро пас аз навмедиҳо умеди тозае бахшида буд, ки шояд аз ин баъд мушкилоти рӯзгораш рӯ ба осонӣ оварад, акнун ин умед ҳам барбод рафт. Дар он замонҳо хар як шоир ё олим ниёзманди ҳомӣ мегардид ва ҳомӣ мебоист шоҳ, ҳоким ё тавонгаре мебуд, ки тавонад он шоир ё олимро дастгирӣ кунад ва кӯмаки моддиаш расонад, вагарна дурудароз дар болои асаре кор карда онро ба охир расонидан душвор ва ҳатто муҳол мебуд. Фирдавсӣ ба дилаш аз «толеъи наҳс»-и худ шиква мекард: охир, аз се ҳомӣ ки шоир дошт, ду нафарашон пеш аз итмоми «Шоҳнома» як ба як аз байн рафтанд. Мансур ибни Муҳаммад, волии пешини Тус, он марди «хирадманду бедору равшанравон», ки нахустин бор шоирро ба назми «Шоҳнома» ташвиқ ва дар ин кори бузург ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард, ба зудӣ дар кадом як ҷанг кушта шуд, дуввумӣ — Ҳусайнӣ Қутайб ногаҳон маъзул ва зиндонӣ гардид. Акнун дар итмоми «Шоҳнома» ҳомии сеюми ӯ Аскофиро ҳам аз мансаби наёбат ронда ба зиндон андохтанд. Ба ростӣ ҳам қисмат бо шоир бозиҳои шум мекард.

Вақти бозгашти Фирдавсӣ аз Бағдод ба Тус тирамоҳ даромада буд, дар Бож намуди ҳузновари заминҳои аз ҳосил монда, аҷириқ пахшкарда, ҷӯйҳои хушкида бар ғаму яъси ӯ меафзуд. Ҷӯйборе, ки аз рӯд об мегирифту киштҳои кашоварзони Бождро обьёрӣ мекард, сарбандаш дар селҳои баҳорон вайрон шуда буд, кашоварзон ба воситаи ҳашар онро нимкора рост карда буданд; ин кор ба охир расида буд, ки тобистон даромада оби рӯд костан гирифт ва ба ҷӯйбор ба қадри даркорӣ намедаромад, бад-ин сабаб киштҳои ташнаи об дар гармои тобистон хушкиданд, сӯхтанд. Бе ин ҳам дар солҳои пеш зироати Фирдавсии деҳқон кам-кам рӯ ба табоҳӣ оварда буд: шоири ғарқа дар баҳри назми достонҳо ба назорати кишту дарав расидагӣ намекард, сол ба сол нотавонтар ва нодортар мешуд, баъзе солҳо ҳатто аз додани ғаллаи тухмӣ ба барзгарони худ оҷиз мемонд, барзгарон ба қадри зӯру тавони ху-

дашон дар заминҳои хароб чизе мекоштанду ҳосиле мебардоштанд. Қисми зиёди заминҳо ба иҷора дода шуда буд, иҷорадорон пас аз бардоштани ҳосили ночизи ғалла ҳаққи иҷора гӯён ба шоир чӣ қадаре ки худашон лозим донанд, меоварданд, шоир бошад на фурсате ва на ҳавсалае дошт таҳқиқ кунад, ки ҳаққи иҷора он миқдор ки мебояд, оварда шудааст ё на.

Зимистон даромад, хунукӣ мардумонро ба кодокҳои сандалӣ, ки дар Эрону Хуросон курсӣ меномандаш, тиққонд. Аҳволи хонаводаи Фирдавсиро дар он зимистону баҳор ин мисраъҳон вай аён месозанд:

Ҳаво пурхурӯшу замин пур зи ҷӯш,
Хунук * он ки дил шод дорад ба нӯш,
Дирам дораду нону нуқлу набид **
Сари гӯсфанде тавонад бурид.
Маро нест ин, хуррам онро ки ҳаст,
Бубахшой бар мардуми тангдаст.

На мондам намаксуду ҳезум, на ҷав,
На чизе падид аст то ҷавдарав.

Қолон бебаҳои шоир — дастнависҳои «Шоҳнома» ва «Йӯсифу Зулайхо» дар токча гард пахш карда хобида буданд, ба қимати ҳақиқии онҳо хазинаи подшоҳон намерасид, аммо шоир орзуи намаксуду ҷав мекард... Ӯ шастро пур карда, заъфи пирию нотавониаш торафт меафзуд, мӯй ва ришаш сафед, чашмҳош хира шуда буданд. Шоир ба назми «Шоҳнома» бо нияти тақдими он ба подшоҳи Сомонӣ шурӯъ карда буд, анҷоми нусхаи аввалини китоб ба айёми пирии шоир, ба замоне рост омад, ки Сомониён аз байн рафтанд, дар ватани ӯ Хуросон салтанати Маҳмуди Ғазнавӣ, дар Мовароуннаҳр ҳокимияти қарохониён пойдор гардид. Фирдавсӣ ин салтанатҳои нави туркиро бегона ва аз донишу хирад дур медонист, аз онҳо умеди ҳунардӯстиву шоирпарварӣ надошт, аз «фурӯш»-и асари бузурги худ навмед шуда буд. «Шоҳнома» назар ба он, ки мо имрӯз онро ба даст дорем, хурдтар буд, матнаш ҳам аз ҳозира тафовутҳо дошт, якчанд фаслҳо ва баъзе қиссаҳоеро, ки дар асари пурраи шоир ҳастанд, дар бар надошт. Фирдавсӣ акнун фақат барои ёдгори комиле ва арзан-

* *Хунук* — ин ҷо ба маънии хушбахт.
** *Набид* — шароб.

дае аз худ боқӣ гузоштан қарор дод, ки асарашро такмил диҳад ва пурра созад. Бо ин мақсад вай «Шоҳнома»-и мансур, дастнависҳои пешини худ ва дафтари ривоятҳои аз забони ровиёну гӯяндагони зинда навиштаашро аз нав ба даст гирифт.

Моҳ ба моҳ ва сол ба сол китоби ӯ бо қиссаҳои нав пурратар мегашту абьёташ аз қаламии таҳриру тасҳеҳи ӯ сайқал меёфт.

Ин шуғли ӯ фақат бо як сафари думоҳа муваққатан бурида шуд.

Ба ин сафар ӯро ҳамон бечорагиаш маҷбур кард. Дар як баҳор, баҳоре, ки хонаводии шоир ҳамчунин мебоист онро то «ҷавдарав» ба нимгуруснагӣ ба сар мебурд, вай яке аз нусхаҳои «Шоҳнома»-ро қисм-қисм дар карбос печонда ва ба хӯрҷин андохта, аспакӣ ба роҳ афтод. Мақсудаш шаҳрҳои Ироқи Аҷам ва Ҷибол буд. Шояд дар он тарафҳо аз байни ҳокимони маҳаллӣ ва давлатмандон ба ашъори ӯ харидоре ёфт шавад. Манзил ба манзил дар дашту дараҳо, санглохҳо роҳ паймуд, аз ақбаҳо гузар кард, аз рӯдҳо ва наҳрҳо убур намуд. Дар шаҳрҳову қарьяҳои қади роҳ ӯро бо иззату икром пешвоз мегирифтанд, зиёфат мекарданд, қироати достонҳояшро бо майлу ҳавас мешуниданд, зеро овозаи достонсарои бузург кайҳо то ба дурдасттарин гӯшаҳои мамлакат расида буд, аммо касе китоби ӯро харидорӣ намекард. Ба қавли худаш «сари бадраҳои* куҳан баста» буд. Ҳокимчаҳои маҳаллӣ ё кисахолӣ буданд ё хасис.

Аммо ба ҳукми он, ки ҳеҷ як қоида бе истисно намешавад, аз байни ҳокимчаҳои маҳаллӣ ҳокими Хонланҷон ном вилояте дар ҳаволии Исфаҳон марде дар воқеъ донишпарвар ва шеърдӯст баромад. Аҳмад ибни Муҳаммади Абӯбакри хонланҷонӣ ва хусусан писари ҷавони ӯ ба Фирдавсӣ меҳрубонӣ карданд. Шарти меҳмоннавозиву шоирдӯстӣ аз ҷониби онҳо бекамукост ва ҳатто беш аз он ки тасаввур мешавад, баҷо оварда шуд. Шоир ба шукронаи чунин пазироӣ нусхаи (варианти) дуввуми «Шоҳнома»-ро ба номи ҳокими он диёр кард ва ин корро дар 25-и муҳаррами арабӣ ё худ 27-и баҳманмоҳи форсии соли 389 ҳиҷрӣ (998—999 мелодӣ) ба поён расонда, аз ҳоким якчанд ҳазор дирам ато гирифт. Он чӣ дар мусофирати Хонланҷон аз ҳарҷӣ бештар дар хотири шоир монд, ба оби рӯд даромадану халосӣ ёфтанаш аз ғарқ шудан буд:

* *Бадра* — ҳамьён.

пири шастсола як рӯзи баҳорон ба ёди айёми ҷавониаш хост дар оби Заррипрӯд шиноварии худро имтиҳон кунад, вале ҷараёни рӯди кӯҳӣ аз ин ҳунари ӯ зӯртар баромад — об ӯро бурд. Агар писари ҳоким ба мададн ӯ намерасиду аз мӯяш кашида аз ғарқоб берун намеовард, ғарқ шуданаш муқаррар буд. Шоир ёди он ҳодисаро дар шеъраш сабт карда, ба халоскунандаи худ сипосгузорӣ ва ӯро дуои хайр менамояд:

Баҳорон сӯи рӯди Заррин шудам,
Зи баҳри нишоту поян... шудам (?)
Ба об-андар афтодам аз ногаҳон,
Зи ёрон ба пешам кеҳону меҳон,
Бимондам гирифтори гирдоби сахт,
Ту гуфтӣ ки баргашт бедор бахт.
Чу огоҳ шуд, бар сари ман давид,
Ба мӯям гирифту маро баркашид.
Дилаш гашт бар диданам нек шод,
Сабук гӯспанде ба дарвеш дод.
Пас аз хост (?) додори яздони пок,
Шуд эман аз ӯ ҷони ман аз ҳалок.
Кунун гар ба дастам бувад ҷону тан,
Надорам дареғ, ар биҳоҳад зи ман,
Ки яздони некидиҳаш ёр бод,
Бадандешу бадгӯи ӯ хор бод.

Балки мо ҳам мебояд аз он ҳокимзодаи ҷавон миннатдор бошем, ки ба туфайли ӯ шоири бузург баъд аз он боз бисту чанд сол зист ва нусхаи охирини (варианти чаҳоруми мукаммали) «Шоҳнома»-ро ба поён расонда ба ҷаҳониён ёдгор гузошт...

Вай ба деҳаи худ баргашта такмилу тасҳеҳи асарашро давом дод, ба «Шоҳнома» боз якчанд қиссаҳо изофа кард. Атои каримонаи ҳокими Хонланҷон ба вай имкон дод ки ду-се соли дигар ба тариқи сарфакорӣ, қариб бо хотири ҷамъ, қариб бемалол ба кори эҷодии худ машғул шавад. Он солҳо шоҳзодаи Сомонӣ Абӯиброҳими Исмоили Мунтасир бо истилогарони мамлакаташ меҷангид. Як силсила ғалабаҳои ӯ ҳавохоҳони сомониён ва гирьяндагони заволи онҳоро, аз он ҷумла шоири тусиро умеде мебахшид, ки шояд давлати Сомониёни донишпарвар аз нав барқарор гардад. Дар ин сурат Фирдавсӣ нусхаи пурраи «Шоҳнома»-ро ба ҳукмдори сомонӣ тақдим хоҳад кард. Ӯ ба шоҳзодаи ҷавон ва лашкаркаши ҷасур

Мунтасир алалхусус аз барои он ки вай шоир ҳам буд, ҳусни таваҷҷӯҳе дошт. Ситоишгари паҳлавониву паҳлавонон Фирдавсӣ қитъаи зерини аз забон ба забон гузашта дар байни фозилони Мовароуннаҳру Хуросон интишорёфтаи шоири ҷанговарро хеле писандида буд:

Гӯянд маро зи чи рӯ хуб насозӣ
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван?
Бо наъраи гурдон чи кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чи кунам маҷлиси гулшан?
Ҷӯши майу нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?
Ҷӯшидани хун бояд бар айбаи ҷавшан.
Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан.

Аммо ногаҳон ба дасти хоине кушта шудани Мунтасир умеди ҳавохоҳони давлати Сомониро барбод дод.

## √ Доғи фарзанд

Дӯстони Фирдавсӣ ба вай маслиҳат медоданд, ки «Шоҳнома»-ро ба султони нави Ғазнӣ Маҳмуд ибни Сабуктегин тақдим кунад. Ин султон ба замми шӯҳрати баҳодуриву ҷанговариаш ба шоирпарварӣ ҳам ном бароварда буд. Ба дарбори ӯ дар Ғазнӣ шоирони машҳури қасидагӯй гирд омада буданд. Ба маддоҳони худ атоҳои фаровон додани султон вирди забонҳо буд. Вале деҳқони асилзодаи эронӣ шоҳи турки ғуломзодаро сазовори «Шоҳнома»-и худ намедонист. Аз тарафи дигар вай аз суннии мутаассиб будани султон меандешид. Маълум буд, ки Маҳмуд шиаро бад мебинад, қарматиёну исмоилиёнро зоидаи шиа медонад ва дар куҷое, ки ёбад, мекушад. Ба чунин султон рӯ овардани шоири шиамазҳаб чӣ натиҷае хоҳад дод? Натиҷа ба эҳтимоли қавӣ надомату пушаймонии шоир хоҳад буд.

Ба тани шоири пир беморихо ориз мешуданд, вай ҳис мекард, ки поёни умраш наздик аст, дар ин ҳолат ба қавли худаш «даст ёзидан ба ганҷ»-ро бесуд, нодаркор мешумурд ва ба «фикри охират»-аш афтода буд. Дар бораи саровонии хонавода баъд аз сари вай умедаш аз писараш Ҳушанг ва домодаш Рустамзод буд. Шукр ки Ҳушанг соли сиюшашуми умрашро ба саломативу нерумандӣ пешвоз мегирад. Писар дар пиронсолии модараш такьягоҳи ӯ хоҳад шуд. Рустамзод,

шавҳари Манижа, ҷавони хушманд ба оиладӯст мебошад, иншооллоҳ духтару наберахои ӯ, Фирдавсӣ, бо чунин шавҳару падар хор нахоҳанд шуд... Ӯ ба зану фарзандону набераҳояш китоби бузурги худро ба мерос хоҳад гузошт. Ин буд фикру хаёли шоир, вале тақдир ба вай чизи дигаре пеш овард. Хушанг дар асари камдаромадии мулк ва мӯҳтоҷии пул гоҳо ба танг омада бо падару модараш дуруштӣ мекард. Мавридҳое мешуд, ки вай аз ранҷонидани падар худдорӣ намекард, ба ӯ таъна мезад, ки чаро умри худро ба қиссанависӣ зоеъ кардӣ, дар мадҳи ҳокимон қасидаҳо навишта силаю ато нагирифтӣ. Писари тундхӯ бо чунин таънаҳояш ба дили падари пир захмҳои дарднок мезад. Кор то ҷи ҷое расид, ки ӯ як пагоҳ сари як моҷаро қаҳр карда аз хона бадар рафт. Рӯзе чанд ғайб зад; дар хона надонистанд, ӯ куҷо рафт. Тирамоҳ буд, рӯзҳо сербориш ва сард шуда буданд, оқибат як бегоҳ Хушанг маст ва хастаҳол, саропо тар, ба хона баргашт. Шабҳангом таб баровард, табиб оварданд, давоҳои табиб ба бемор коргар нашуданд, табаш авҷ кардан гирифт ва фақат пагоҳии рӯзи чаҳорум фуромад, аммо бемор беҳол шуда буд. Бо ҳамон беҳолӣ шабона ҷон канда, падару модари бахтбаргаштаашро ба азои худ нишонд. Мусибати ногаҳонӣ Фирдавсиро ба бистари беморӣ афканд. Ӯ мегиристу менолид. Дӯстонаш аз шаҳр табиби ҳозиқеро оварданд, табиб фармуд, ки дору-даво даркор нест, ҳамин бас аст, ки дӯстони шоир дар наздаш бошанду бо вай аз ҳар дар сӯҳбат кунанд, латифаҳо бигӯянд, то бемор аз ёди марги писараш ҳаддалимкон фориғ шавад. Рӯзи чаҳоруми азодорӣ як пагоҳ Фотимабону, Манижа ва Рустамзод дар хона гирди болини бемор нишаста буданд, шоир баногоҳ аз домодаш хоҳиш кард, ки давот, қалам ва коғаз биёрад. Ҳозирон аз ин хоҳиши ӯ ҳайрон нашуданд, зеро ӯ бо вуҷуди бистарӣ будан гоҳ-гоҳ дар фикраш шеъре манзум мекарду онро ба ҳамсараш ё духтараш имло менамуд. Давоту қалам ва коғаз ҳозир карда шуд. Бемор боз хоҳиш кард, ки занон ӯро бо Рустамзод танҳо гузоранд. Зоҳиран, ӯ чизе фикр карда, вале онро дар ҳузури зану духтараш ба забон овардан намехост. Занҳо оҳиста берун рафтанд, домод бо фармоиши шоир омодан навиштан гардид. Рустамзод ҷавони хушсавод ва мирзои меҳтари деҳа буд. Шоир бо овози хаста имло мекард. Ҳамин тавр он пагоҳ марсияи пурдарду алами Фирдавсӣ ба марги писараш ба вуҷуд омад. Аз хонанда ба дарозии суханамон бахшиш хоста, дар ин ҷо аз он гирьяи падари мотамзада байте чанд меоварем:

«Маро буд навбат, бирафт он чавон,
Зи дардаш манам чун тани беравон.
Зи бадхо ту будӣ маро дастгир,
Чаро роҳ чустӣ зи ҳамроҳи пир?
Магар хамраҳони чавон ёфтӣ.
Ки аз пеши ман тез биштофтӣ?
Ҳамебуд хамвора бо ман дурушт,
Барошуфту якбора бинмуд пушт.
Бирафту ғаму ранчаш эдар * бимонд,
Дилу дидан ман ба хун барнишонд...

Дар тани пир неруи ҳаёт аз амал бознамонда буд, он неру бемориро мағлуб кард, шоир сиҳат ёфт.

Тасҳеҳу такмили «Шоҳнома» давом кард.

## Мулоқот бо вазир

Якчанд сол гузашт, умри шоир ба ҳафтод расид.

Боре вазири султони Ғазнӣ Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ бо муҳимме ба Хуросон омад. Ӯ ба Тус ҳам гузашт — мехост бибии кӯҳансолашро, ки дар Тус зиндагӣ мекард, бинад. Ба вай волӣ ва сипоҳсолори Хуросон додари султон — Наср ибни Сабуктегин, ки бо мақсади шикор ба навоҳии Тус рафтанӣ буд, ҳамроҳӣ намуд. Дуяшон сари роҳ дар Машҳад равза (мазор)-и имоми ҳаштуми шиаҳо Алӣ ибни Мусо-ал-Ризоро зиёрат карданд. Вазир аз Наср тааччуб кард, ки дар муддати сипаҳсолории бисьёрсолаи худ то он рӯз як бор ҳам ба зиёрати он муқаддасаи мусулмонон нарафта ва ҳатто кӣ будани Мусо-ал-Ризоро дуруст намедонистаст. Шояд сабаби чунин «беилтифотӣ»-и ӯ нисбат ба равза он буд, ки меандешид мабодо бародараш султон Маҳмуд, ки душмани шиа буд, зиёрати ӯ турбати имоми шиаҳоро написандад... Исфароинӣ волиро нахустин бор аз таърихи Машҳад низ огоҳ кард: то санаи 203 ҳичрӣ (818 мелодӣ) дар чои Машҳад деҳае буд бо номи Санобод; чун дар он таърих имом Ризо дар он деҳа шаҳид шуда буд, номи деҳа ба Машҳад (чои шаҳид) табдил ёфт.

Дар Тус, дар зиёфате ки Арслон Чозиби ҳоким ба шарафи меҳмонони олимақоми худ тартиб дод, минчумла аз «Шоҳно-

---

* *Эдар* — дар ин чо.



ма» ва муаллифи он сухан рафт. Исфароинӣ дӯстдоронандаи забони дарии модариаш буд ва арабиро хуш намекард, ҳатто дар давраи вазораташ коргузории девонҳои ҳукуматиро аз арабӣ ба форсии дарӣ гардонда буд.

Ӯ хост, ки бо шоири шаҳири Хуросон дидор бикунад. Фирдавсиро дар дорулҳукума ҳозир карданд. Вазир аз тақдири «Шоҳнома» пурсон шуд. Чун донист, ки шоҳ-асари назми дарӣ дар токчаи коргоҳи шоир дар интизори «харидор» хобидааст, ба Фирдавсӣ рафтани ба Ғазнӣ ва тақдими «Шоҳнома» ба султон Маҳмудро тавсия кард. Минҷумла аз амир Наср бори дигар тааҷҷуб кард, ки то он рӯз боре ҳам бо бузургтарин устоди сухани дарӣ, ки дар қаламрави амир зиндагӣ мекунад, дидор накарда ва аз «Шоҳнома»-ю тақдири он бехабар будааст. (Вазир агар медонист, ки шоҳзодаи ҷавон бештар аз ҳама кас майли дидор кардан бо қозии Нишопур дорад, ки канизакони зеборо харида ва парварида ба вай мебараду атоҳо мегирад,— вазир агар инро медонист, шояд аз дидор накардани ӯ бо Фирдавсӣ тааҷҷуб наменамуд.) Наср шояд «гуноҳ»-и худро сабук кардан хоста бошад, ки тавсияи вазирро гарму ҷӯшон тарафдорӣ намуд:

— Бале, биравед ба Ғазнӣ,— гуфт ӯ ба шоир.— Аълоҳазрати султон шоирпарваранд, шак нест ки шуморо бо илтифоти мулукона сарафроз хоҳанд кард.

Шоир аз пазироии шоиста ёфтанаш дар ҳузури султон ҳанӯз дар шубҳа буд.

— Банда алъон ба сафари Ғазнӣ ҳозир нестам,— гуфт ӯ.

— Чаро?— пурсид Исфароинӣ.

Шоир боиси ҳозир набуданашро гуфтан нахост. Сукут кард.

— Аз харҷи роҳ андеша доред?— боз пурсид Исфароинӣ ва ҷавоби шоирро нашунида гуфт:— Мо харҷи сафаратонро хоҳем дод.

Сипас фармуд, ки Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ашро оварда ягон достони онро барои ӯ бихонад.

Исфароинӣ дар кӯшки бибиаш манзил карда буд. Аслан вай аз шаҳри Исфароин, воқеъ дар навоҳии Тус буд, падараш аз деҳқонони соҳибмақом ва бонуфузи Исфароин буд, падару модараш дар хурдсолии ӯ фавтида, ӯро бибиаш тарбия ва калон карда буд. Шахси китобдӯст ва сермутолиае буд, достонҳо ва дигар китобҳои «ҳикматнок», аз он ҷумла «Калила ва Димна»-и ба назм гардонидаи Рӯдакиро гаштаю баргашта мехонд.

Фирдавсӣ бо Абӯ Дулаф бегоҳии рӯзи дигар дар кӯшки

бибии вазир ба ҳуҷраи ӯ ҳозир шуданд. Бо хоҳиши ӯ Абӯ Дулаф ба хондани достони Баҳроми Чӯбина шурӯъ кард. Он шаб хониш тамом нашуд, боз ду шаби дигарро вақфи хондану шунидани достон ва мусоҳиба дар бораи он карданд. Исфароинӣ шеъри шоир ва хониши ровиро бениҳоят хуш карда, достонро бағоят ҷозиби таассурангез ва шоирро достонсарои дар Аҷам якто хонд.

Ҷое, ки Баҳроми фотеҳ шоҳи туркон Совашоҳро дар ҷанг мағлуб ва мақтул гардонида, писараш ва ҷонишинаш Пармударо дар қалъае муҳосира ва ба ӯ хитоб мекунад,

Ки «эй номвар шоҳи Тӯрону Чин!
Зи гетӣ чаро кардӣ ин дар гузин?
Куҷо он ҷаҳон ҷустани Совашоҳ?
Куҷо он ҳама ганҷу он дастгоҳ?
Ҳама шаҳри туркон туро бас набуд?
Чу боби ту андар ҷаҳон кас набуд.
Нишастӣ кунун дар диже чун занон,
Пур аз хун дилу даст бар сар занон.

Исфароинӣ тааммул кард ва аз Фирдавсӣ пурсид:

— Ин дар асл ҳамин тавр будааст ва Баҳром дар ҳақиқат чунин суханҳо мегӯяд, ё ки ин аз тахайюли шумост?

— Тахайюл ҳам, албатта, ҳаст. Дар он мавқеъ чиҳо гуфтани Чӯбинаро касе нашунидааст, вале ӯ ҳақ дошт ва метавонист ба шоҳи ҷаҳонҷӯи мағлуб ҳамин гуна таънаҳо бикунад, шоҳе ки ба кишвари бекаронаи худ қонеъ нашуда ба қасди гирифтани Эронзамин ё торочу яғмои он омада, подшоҳияш ва худашро дар хоку хун нишонд,— гуфт Фирдавсӣ ва лабханд карда афзуд:— Ҳам агар ин таънаро Баҳром накарда бошад, мо мекунем.

— Мақсади ман фикри Баҳром аст дар бораи ҷанг ва оқибати он. Ӯ ба Пармуда мегӯяд: ҳама мулки Тӯрон туро бас набуд ва ту боз дар тамаъи мулки ҳамсоягон шудиву ба сарат ин ҳама фалокату мусибат овардӣ. Аз ин гуфтаи Баҳром бармеояд, ки ӯ ҷангҳои ҷаҳонгирию кишваркушоиро беваҷҳ медонад ва мазмум* мекунад?

— Оре, ҳазрат, банда Баҳромро ҳамин гуна мебинам. Марде на танҳо диловар ва дар ҷанг пурҳунар, балки соҳибандеша ва бохирад ҳам.

Гумон мекунам ки аслан ин фазилат ба паҳлавононе ҳам-

* *Мазмум кардан* — нораво ва ношоиста донистан.

чу Баҳроми Чӯбина мероси ҷаҳонпаҳлавон Рустами Зол будааст. Рустами ҷавонмард, поктинат ва некандеш байни ҷанги дод ва ҷанги бедод фарқ мениҳад: ҳар кӣ ҷанги дод мекунад, пирӯз мешавад, ва агар ҷанги бедод кард — шикаст меёбед. Бедодгар набояд пирӯз шавад ва агар шавад ҳам он пирӯзӣ барояш бадфарҷом хоҳад буд. Чунин будааст эътиқоди Рустам ва албатта, ҳақ бо ӯст. Ҷанги дод ҷанг барои ҳифзи кишвари худ, ҳуқуқи худ ва шарафу номуси худ аст аз таҷовузи бегонагон; ҷанги бедод ҷангест ба тамаъи кишвари дигарон ё барои ғорати дороии онон. Ҷангҳои бедод кори шоҳони бехирад аст. Хирад бародари дод аст, ҷое ки хирад нест, дод нест. Рустам ҳатто дар ҷанги бедод мағлуб шуданашро аз ғолиб шудан беҳ медонад, чунончи вай он гоҳ ки дар ҷанги Афросиёб бо Пулодванд набард мекард, ба парвардигор ниёиш* менамуд ки: худовандо, агар ин ҷанги ман ҷанги дод набошад, бигузор ба дасти душманам кушта шавам,— ман ниёиши ӯро чунин назм кардаам:

Ки эй бартар аз гардиши рӯзгор,
Ҷаҳондору бинову парвардигор.
Гар ин гардиши ҷанги ман дод нест,
Равонам бад-он гетӣ обод нест.
Раво дорам ар дасти Пулодванд,
Равони маро баркушояд зи банд.
В-ар Афросиёб аст бедодгар,
Ту маситон зи ман дасту зӯру хунар **

Ҷои дигар, дар мавриде ки шоҳи Эрон Ҳурмуз ба Баҳром ғазаб ва ӯро масхара карда барояш дукдон, пунба ва пӯшоки занона мефиристад ва мегӯяд, ки ин пӯшок сазовори ту омад ва ман «зи тахте ки ҳастӣ, фурӯд орамат — аз ин пас ба кас низ нашморамат», зеро Баҳром аз ғанимати ҷанг як ҷуфт мӯзаи гавҳарин ва як гӯшвораи заррин барои худ гирифта буд ва ҳам ба асири худ Пармуда писари Совашоҳ дуруштӣ карда буд,— чун Абӯ Дулаф ин ҷои достонро хонд, Исфароинӣ бо ишораи даст ӯро аз хондан боздошта ба андеша рафт ва гуфт:

— Аҷаб шоҳи бехираде будааст Ҳурмуз! Бо сипоҳдори фотеҳ чунин рафтор? Сипоҳдоре, ки ба душмани саъб *** зафар

* *Ниёиш* — зорӣ, илтиҷо.

** Агар дар ин ҷанг дод (адолат, ҳаққоният) набошад, ҷони ман ба он дунё нарасад ва ҷон аз тани ман баровардани Пулодванд раво бошад. Ва агар бедодгар Афросиёб бошад, ту, эй худо, дасту зӯру ҳунари маро аз ман магир.

*** *Саъб* — пурхатар, даҳшатнок.

ёфт ва подшоҳии Ҳурмузро аз хатари вожгунӣ наҷот дод?.. Мӯза ва гӯшвора, албатта, баҳона будааст, Ҳурмуз аслан метарсидааст, ки мабодо Баҳром худ қасди шоҳ шудан бикунад.

— Ҳамин тавр, ҳазрат,— тасдиқ кард Фирдавсӣ.

— Вале ин тарси шоҳ ваҷҳеву далеле надошт! Ё дошт?

— Ҳурмуз тасарруф кардани Баҳром мӯза ва гӯшвораи шоҳонаро далел гирифт ва бадгумон шуд. Эзидгӯшаспи дабир наммомӣ карда, шоҳро аз сипоҳдораш бадгумон сохт.

— Дуруштии Баҳром бо Пармудаи асир ҳам далел шуд?

— Дар чашми бадгумон ҳар ночиз ҳам чиз аст.

— Аҷаб! Душманро асир гирифтан дар ҷанг бо навозишу меҳрубонӣ мешавад магар?— хандид вазир. Суханашро идома дод:— Шумо гуфтед наммом. Оре, наммомҳо ғафлат намекунанд. Димнаҳо * бедоранд. Димнаҳо дар дарборҳо қадру манзалат меёбанд ва он гоҳ то Шатрабаҳоро ** ба қатлгоҳ накашонанд, намеосоянд. Онҳо душмани зотии боҳунаронанд, ҳар як кори боҳунаронро ба чашми шоҳ дар либоси гуноҳ менамоёнанд, садоқаташонро дар кисвати *** хиёнат ҷилва медиҳанд. Ҳунареро, ки василаи хушбахтӣ ва саодат бошад, назди шоҳ дар сурати нагбат ва хабосат зоҳир месозанд. Шоҳи боҳирад наммомҳоро ба қурби худ роҳ намедиҳад, даргоҳашро ба рӯи онҳо баста медорад, вале то кунун мо шоҳеро нашунидаем ва надидаем, ки наммомҳоро ронда бошад. Баракс, онҳоро аглаб мақому мартаба медиҳанд, ғайбаташонро шунида кор мебанданд. Вой бар ҳоли дарборе, ки дар ваӣ ғайбатпеша азиз ва шоҳ ғайбатшунав бошад.

Фирдавсӣ ва Абӯ Дулаф ҳис карданд, ки ин гуфтори Исфароинӣ аз он чӣ аз сари худаш гузаштааст ё мегузарад, сарчашма мегирад.

Мусоҳиба дар поёни достонхонии шаби охирин мегузашт. Фирдавсӣ суханро ба болои сафари Ғазнӣ ва тақдими «Шоҳнома» ба султон овард.

— Ҳазрат ба Ғазнӣ рафтани бандаро, барои тақдими «Шоҳнома» ба султон, лозим донистанд; вақте ки банда гуфтам алъон ба сафари Ғазнӣ ҳозир нестам, пурсиданд: магар аз харҷи роҳ андеша дорӣ? Ва фармуданд, ки харҷи роҳ дода хоҳад шуд. Ин аз карами ҳазрат ва аз банданавозешон аст, ки сипоси беҳадро бар ман воҷиб мегардонад. Вале андешаи ман

---

* *Димна* — номи шағоли маккор дар «Калила ва Димна».

** *Шатраба* — номи барзаговест дар «Калила ва Димна», ки бо макру игвои Димна кушта мешавад.

*** *Кисват* — сарутан, пӯшок.

аз чизи дигарест. Мегӯянд, ки аълоҳазрати султон шиаро бад мебинанд. Банда, ки шиаи мӯътақиде ҳастам, оё дар боргоҳи ҳумоюнӣ шарафи қабул меёфта бошам ва китоби шоири шиамазҳаб писанди хотири муборак мешуда бошад?

Вазир як дам сукут карду гуфт:

— Мешавад. Ман худ дар ин кор миёнчӣ мешавам. Ба «Шоҳнома» як қасидаи хуб зам кунед дар мадҳи султон. Агар дар андаруни китоб якчанд мадеҳа бошад, боз беҳтар аст. Султон мадху ситоишро дӯст медорад. Аксаран ғайр аз қасидаҳое, ки шуаро дар бораи худаш гуфтаанд, чизи дигар намехонад, магар Қуръон ва китоби «Ҳазор афсона». Ин «Ҳазор афсона»-ро бар ҳамаи китобҳои дигар тарҷеҳ* медиҳад ва ба ҳар чӣ дар он навиштаанд, бовар мекунад.

Аз ин суханони Исфароинӣ лаҳни истеҳзо эҳсос мешуд. Ин ва ҳам номи султон Маҳмудро бидуни лақабҳои султонии ӯ ба забон гирифтани вазир шоҳиди он буд, ки вай фармонфармои худро чандон ҳурмат намекунад...

Ҷаҳонофарин то ҷаҳон офарид,
Чун ӯ шаҳриёре наёмад падид.

Бо ҳамин байт шурӯъ кард Фирдавсӣ нахустин мадеҳаи худро дар бораи султон Маҳмуд.

Чӣ илоҷ, ба шоҳ мадху сано бояд хонд. Тамоми сифатҳои бузургон, хирадмандон, доноён, одилон, зӯрону паҳлавонони оламро ба вай, танҳо ба вай бояд нисбат дод. Қоидаи мадху маддоҳӣ ҳамин аст. Султонеро, ки шоир ҳеҷ гоҳ надидааст, бояд ба моҳи рахшону хуршеди тобон монанд кард. «Дар андаруни китоб якчанд мадеҳа бошад беҳтар аст» гуфт вазир. Хуб, вай, Фирдавсӣ, дар китоб ҷо-ҷо мадҳи султонро хоҳад гуфт, ба достонҳои ҷудогона номи ӯ, ситоиши ӯро хоҳад афзуд.

Ва ин тариқ ситоишҳо бо охирин тасҳеҳу такмили «Шоҳнома» ҳамроҳ рафтанд. Дар онҳо султони Ғазнӣ шоҳаншоҳи Эрону Зобулистону Қаннуҷу Кобулистону Руму Ҳинду Тӯрону Қашмир хитоб ёфт. Чеҳрааш ба хуршед монанд ё ки худаш ба моҳ ва сипоҳаш ба ситорагон ташбеҳ карда шуданд. Ӯ дар майдони ҷанг чун шер ё аждаҳост, зебандаи тахту тоҷ аст, ҳеҷ подшоҳе аз фармони ӯ сар тофтан наметавонад, динпаноҳ аст, додгар аст, дар саховат кафаш аз абри боранда бартар аст, моҳ ва кайвон ба вай саҷда мекунанд. Ва ғайра ва ғайра...

Шоир баъд аз мулоқоташ бо вазири султон боз беш аз як

* *Тарҷеҳ додан* — афзал донистан.

сол дар болои «Шоҳнома» кор кард. Ниҳоят нусхаи охирини китоби бузург тайёр шуд.

Шоир ба тараддуди сафари Ғазнӣ афтод.

Завҷааш ва духтараш ғамгин шуданд: оё пири ҳафтодуяк-сола бори ин мусофиратро бардошта метавониста бошад? Онҳо бо тарсу бим фикр мекарданд, ки мабодо ӯ дар роҳ дучори хатаре шавад ва ё бемор шуда аз пой афтад ё ки ҳатто — худо нишон надиҳад — дар ғурбат бимирад.

— Ҳушангҷон, маро чӣ ҳаддест, ки ба азми ту мухолафат кунам,— гириста мегуфт Фотима дар хонаашон ба шавҳараш,— вале ту оё хуб андеша кардӣ? Оё рафтани ту ба Ғазнӣ чандон зарур аст ки наметавонӣ аз он даргузарӣ? Охир, кадом марди оқил дар пиронсолӣ чунин сафари дур ихтиёр кардааст?

— Чӣ илоҷ, азизам, рафтани маро ба Ғазнӣ, барои тақдими «Шоҳнома» ба султон, ҳам вазир ва ҳам сипаҳсолор лозим донистанд, тавсия карданд,— гуфт Фирдавсӣ,— ман рад кардани тавсияи эшонро ба худ раво надидам, хусусан сухани Исфароиниро, ки аслан амр аст ва ӯ худ марди бохирад ва доноест ва ба илова некхоҳи ман ҳам ҳаст, гардонда наметавонистам. Бошад ки ин сафарам бароям судманд афтад.

— Ту ки Маҳмудро бад медидӣ, бехирад ва бедодгараш мехондӣ, чаро розӣ шудӣ ки биравию пешаш пиронасаратро хам бикунӣ?

— Оҳ, Фотимаҷонам, ҷаҳон чунин аст, ба душманат қудрати муқобилат кардан надорӣ, ночор бо вай бояд мадоро кунӣ.

— Охир, чӣ бадиҳое ки он хунхор ва падари золимаш ба мо накарданд, магар фаромӯш кардӣ? Акнун имрӯз...— ашки буғзу кина гулӯи Фотимаро фишурд, ӯ суханашро идома дода натавонист.

На, Фирдавсӣ фаромӯш накардааст, агарчи аз вақти он бадиҳои аз ҳукмдорони Ғазнӣ ба мардуми Тус расида понздаҳ сол гузашта буд. Ҷанги Сабуктегину Маҳмуд бо Абӯалии Симҷӯрӣ дар қарибии Тус воқеъ шуда буд. Тусиён ба ғазнавиён на фақат мадад накарданд, балки муқобилат намуданд, зеро ба асорати он бегонагони золими ғаддор афтодан намехостанд. Ғазнавиён дар рафти ҷанг ва хусусан баъди ғалабаашон Тусро ғоратиданд ва чандин хазор марду зани тусиро ба гуноҳи исьёну карматигӣ бераҳмона куштанд, муқаддасаи шиъиён — турбати Имом Ризоро хароб ва зоиронии онро дучори таъқиб намуданд. Хонаводаи Фирдавсӣ ҳам аз ғорату яғмои онҳо амон наёфта буд. Душмани ҷангҳои ноҳақ ва шоҳони бедодгар Фир-

давсӣ, чун истилогаронро имкони рӯирост маҳкум кардан набуд, онҳоро фақат бо тамсил маҳкум карда метавонист. Ҳамон вақт буд ки вай аз нав ба қиссаи ҷанги зишти Қовусшоҳ дар Мозандарон баргашта, он диёрро чунин тасвир кард: вақте ки лашкаркаши шоҳ бо лашкари ғоратгараш ба Мозандарон расид.

Яке чун бихиштӣ барин шаҳр дид,
Пур аз хуррамӣ бар дараш баҳр дид,
Ба ҳар барзане-бар фузун аз ҳазор
Парастор бо тавқу бо гӯшвор,
Парастанда з-ин бештар бо кулоҳ,
Ба чеҳра ба кирдори тобанда моҳ,
Ба ҳар ҷой ганҷе пароганда зар,
Ба як ҷой динори сурху гуҳар.
Беандоза гирд-андараш чорпой,
Бихиштест гуфтӣ ҳам эдун ба ҷой.
Бутони бихиштанд гӯӣ дуруст,
Ба гулнорашон рӯй ризвон бишуст.

Қовус ба ҳамин гуна диёри ободи бо он гуна мардумони зебою покдилу беозор ба ноҳақ ҳуҷум ва онро ғорат мекунад, оташ мезанад. Хонандагони қисса ҳанӯз дар ҳамон вақт ба осонӣ пай бурда буданд, ки мақсади шоир аз шаҳри «чун бихиштӣ барин» Тус аст ва Қовусшоҳу сарлашкаронаш — Сабуктегину Маҳмуд. Шоир ва ҳакими бузург ҳамин тавр дар чандин мавриди дигар ҳам ҷангҳои ноҳақ ва ғоратгаронаро, агарчи аз ҳамватанони худаш ба амал омада бошанд ҳам, маҳкум кардааст. Вай тохтутози Маҳмудро ба Ҳиндустон низ ноҳақ донист. Тохтутози султон ба он кишвар дар замоне оғоз ёфт ки Фирдавсӣ ба таҳриру нигориши дуввуми «Шоҳнома» машғул буд. Дар ин нигориши дуввум вай ба рағми Маҳмуду шоирони дарбораш, ки он тохтутози ғоратгаронаро ситуда дар бораи Ҳиндустону аҳолии он бо қабоҳат сухан меронданд, аз он кишвар бо ҳусни таваҷҷӯҳ ва суханони муҳаббатомез ёд кард, ҳамчун диёре ободи бо мардумоне сулҳдӯсти беозор, ки ба Эрон ҳеҷ бадӣ накарда ва зиёне нарасондаанд. Султон рӯи ҷангҳои ғоратгаронаашро бо ниқоби мазҳаб пӯшонда, бутпарастии ҳиндувон ва зарурати ба ислом даровардани онҳро баҳона мекард. Дар ҷавоби ин Фирдавсӣ ба интихоби ҳар дине ки хоҳанд ихтиёр доштани инсонҳоро пеш кашид. Дар нигориши дуввуми китоби вай ин мисраъҳо пайдо шуданд:

Ҷахондор бедин ҷахонро надид,
Магар ҳар касе дини дигар гузид:
Яке бутпарасту яке покдин.
Яке гуфт нафрин беҳ аз офарин.
Зи гуфтор вайрон нагардад ҷаҳон,
Бигӯ он чи раъят бувад дар ниҳон.

Дар бораи дини ғайр ҳар чӣ хоҳӣ гуфтан гир, аз гуфтор олам вайрон намешавад, аммо ҷанг накун ки вайронии ҷаҳон аз ҷанг аст.

Шоир аз рӯи нафрате, ки ба шоҳони ситампеша ва ҷангҳои ноҳақи онҳо дошт, ба забони Қайхусрав дар он ҳангом ки ӯ Ҳиндро ба Фаромурз медиҳаду ӯро насиҳат мекунад, чунин суханҳо ниҳод:

Ту фарзанди бедордил Рустамӣ,
Зи Дастони Сомию аз Найрамӣ,
Кунун сарбасар Ҳиндувон мар турост,
Зи Қаннуҷ то Систон мар турост,
Гар эдун ки бо ту маҷӯянд ҷанг,
Бар эшон макун кор торику танг.
Ба ҳар ҷойгаҳ ёрӣ дарвеш * бош,
Ҳама род ** бо мардуми хеш бош.
Туро додам ин подшоҳӣ, бидор,
Ба ҳар ҷой хира макун корзор.***

Аз он пас сухан меравад дар бораи ба Эрон омадани донишмандон, пизишкон (табибон), мунаҷҷимон аз Ҳинд. Дар аҳди Нуширвон ва вазири донишманди вай Бузурҷмеҳр (Бузургмеҳр) байни Эрону Ҳинд робитаи дӯстона ривоҷ меёбад. Донишмандони Ҳинд шатранҷ (шоҳмот)-и ихтироъкардаашонро ба шоҳи Эрон мефиристанд, ки яъне ба ҷои ҷанг рӯи тахтаи хираду ҳикмат рақобат кунем беҳтар аст. Бузурҷмеҳри ҳаким дар ҷавоб бозии нардро ихтироъ карда ба Ҳинд мефиристад. Аҷиб ин ки Фирдавсӣ фикрҳои дар боло зикрёфтаашро дар бораи Ҳиндустону мардуми он дар вақте баён мекунад, ки «Шоҳнома»-ро нияти ба султон тақдим намудан дошт ва аз ин рӯ мебоист монанди шоирони дарбории Ғазнӣ тохтутозҳои ӯро ба Ҳинд ситоиш мекард.

* Дарвешро ба маънии бечора, бенаво кор мефармуданд.
** *Род* — сахӣ, кушодадаст, эҳсонкор.
*** Яъне беақлона ҷангу ҷидол накун.

«Шоҳнома» танҳо нақли манзуми ривоятҳои бостонӣ набуда, балки ифодаи андешаҳои шоир ва ҳаким дар бораи масъалаҳои рӯзмарраи замон ва ҷавоби ӯ ба он масъалаи дуньёвӣ будааст.

## Сафар

Абӯ Дулаф таклифи Фирдавсиро бо ҷону дил қабул карда ба ҳамсафарии ӯ дар сафари Ғазнӣ розӣ шуд. Фотимабону бо ҳамроҳии онон рафтани Бобакро ҳам лозим донист ва ҳатто ба ин исрор кард.

— Туро дастиёр даркор аст,— гуфт ӯ ба шавҳараш,— Бобак оби таҳорататро ҳозир мекунад, дигар ҳар гуна фармоишоти лозимаатро баҷо меорад.

— Пас арӯсии ӯ чӣ мешавад?— пурсид Фирдавсӣ.— Ту мехостӣ духтари Яздондодро ба вай никоҳ карда ба хона биёрӣ. Бобак ин вақтҳо фақат бо хаёли Ширинаш зиндааст, бесаброна дар интизори ҷашни арӯсист.

— Арӯсии ӯро ба вақти баргаштани ту мегузорем, ман хонаводаи Яздондод ва худи Бобакро ҳам розӣ мекунам,— ваъда дод бону.

Хонаводаҳои Яздондоди барзгар ва Фирдавсӣ ҳамсоя буданд, Бобак духтари ҳамсоя Ширинро нағз медид, духтарак ҳам ба ӯ моил буд, дуяшон гоҳо пинҳонӣ бо ҳам вохӯрда изҳори муҳаббат мекарданд. Бобаки ятимро Фотимабону дар дувоздаҳсолагиаш аз Шодоб оварда дар хонаи худаш тарбия ва калон карда буд. Вай аз рози дили ҷавон огоҳ ки буд, Ширинро барои ӯ хостгорӣ кард. Бо маслиҳати хонаводаҳо тӯи арӯсӣ бояд дар аввали тирамоҳ баргузор мешуд.

Як саҳари серуни августии ҳамон сол Фирдавсӣ бо Абӯ Дулафу Бобак дар қофилаи бозаргонони хуросонӣ, ки аз Шом баргашта сӯи Ҳирот мерафтанд, ду шутурро киро карда ба сафар баромаданд. Дар ду наҷоваи шутур шоир ва ровӣ савор буданд, дар шутури дигар, ки қисми бештари зоди роҳ ва дигар лавозимоти ҳарсеро мекашад, Бобаки ҷавон савор буд. Фирдавсӣ се нусха «Шоҳнома»: ду китоби пурра ва сеюм қисм-қисм дар ҳафт ҷилд андохташударо мебурд. Рӯзона ҳаво хеле тафсон буд, корвон бештар саҳари барвақт ба роҳ меафтоду то қиёми офтоб роҳ паймуда, гоҳ дар миёни ободиҳо равон буд, гоҳ аз дараҳои кӯҳӣ, аз тангноҳо, аз рӯдхонаҳо гузар карда ба манзиле мерасид. Шутурони биёбоннаворд якҷоя бо молҳои тиҷоратӣ ҷуволҳои биринҷ, нахӯд, ҷав, арзан низ мекашиданд.



Ғалларо бозаргонон дар Шому Ироқ харида буданд, то ки дар Хуросони қаҳтзада ба нархи гаронтар фурӯшанд: он сол дар Хуросон қаҳтӣ буд, киштҳо аз селҳои калон ва жолаи фаровон нобуд шуда буданд. Фардавсӣ ҳам, ки дар «Шоҳнома»- ҷо-ҷо воқеаҳои рӯзгори худашро сабт мекунад, аз офати тагарг (жола)-и онсола нолидааст:

Тагарг омад имсол бар сони марг,
Маро марг беҳтар будӣ з-он тагарг.
Дари ҳезуму гандуму гӯсфанд
Бубаст ин бароварда чархи баланд...

Мусофирон дар қади роҳ деҳкадаҳои харобу абтар, кулбаҳои селзада ва бекасро медиданд. Дар шаҳру шаҳрчаҳо бошад, мардону занони хастаҳоли ҷулҳундипӯш, кӯдакони гурусна беҳол, сарлучу пойлуч, гадоён бисьёр дучор мешуданд, ки офати қаҳтӣ онҳоро ба ин ҳол оварда ва ба диёрҳои ғарибӣ ронда буд. Корвон дар манзилҳо ду рӯз-се рӯз истода дам мегирифт ва он гоҳ бозаргонон дар корвонсароҳо зуд бозор кушода ба фурӯши колои худ шурӯъ мекарданд. Харидорон — мардуми камобеш доро — аз ҷумлаи бошандагони деҳаҳои атроф, омадани корвонро шунида дар корвонсароҳо барои хариди лавозимоташон ё фурӯши колояшон гирд меомаданд. Аз субҳ то шом овои ҳазини гадоён қатъ намешуд.

Шабҳо дар саҳни корвонсаро ба рӯшноии фонус ё дар ҳуҷраҳои калон ба гирди шамъҳои фурӯзон ҳангомае барпо мегардид, ки амсолаш то он вақт дар ҳеҷ як роҳи корвонгард дида нашуда буд: Абӯ Дулаф дар давраи мусофирон аз «Шоҳнома» бо овози баланд қиссаҳо мехонд. Бештарини аҳли корвон пеш аз он номи Фирдавсии ҳаким ва шоири тусиро шунида ва нафаре чанд аз ҷумлаи мусофирони нишопурӣ бо вай шахсан шиносо ҳам буданд. Онҳо аз ҳамсафарии шоир хушдил буданд ва толиби хондану шунидани достонҳояш мешуданд. Аз ҳуҷраи Фирдавсӣ пои зиёраткунандагон канда намешуд, онҳо дастархони ӯро аз ҳар навъ хуришҳо пур мекарданд. Ҳама муштоқи сӯҳбати шоир ё ақаллан шунидани сухане аз забони ӯ буданд. Абӯ Дулафи чилупанҷсола бошад, ҳунари хонандагиаш ба авҷи камол расида буд, қироаташ ҷазабае дошт ки шунавандаро ба ҳол меоварад. Корвонсолор — бозаргони ҳиротӣ Ҳоҷӣ Абдурраҳим, марди дарозтанаи пойкӯтоҳ, рӯзе як борду бор шоирро дар ҳуҷраи ӯ зиёрат карда суханоне аз қабили: «Хоки поятон шавам, сафари муборакатонро бо корвони ман

кардед — сари маро ба осмон расонидед, магар ба корвон аз ин зиёд шарафу обрӯ ҳаст, ки бо вай шоири бузургвор Фирдавсӣ сафар мекунанд? Ҳамин ноқаи* савориатонро ба шумо пешкаш мекунам» гуфта тамаллуқ менамуду аз хони шоир ба хуриши муфт шикамашро сер мекард. Аммо чун ба Ҳирот расида дар работи беруни шаҳр фуруд омаданд, корвонсолор бақияи музди кирои ду шутурро аз Абӯ Дулаф шумурда гирифту якбора ғайб зад. На фақат пешкаш кардани ноқашутур ба шоир, балки бо ӯ хайрбод кардан ҳам аз ёдаш рафт. Дар он муддат ки Фирдавсӣ дар Ҳирот таваққуф намуд, бозаргон боре ҳам ӯро ба ёд наёвард ва пайдо нагардид.

## Дар Ҳирот

Дар шаҳр Фирдавсӣ бо ровӣ ва дастьёраш ба манзили ошнони дерини худ Абӯбакри Исмоилӣ саҳҳоф** рафт. Ошноии дуяшон дар вақтҳое, ки саҳҳоф бо кори харидуфурӯши китобҳои нодир ба Тус ҳам мерафт, ба вуқӯъ пайваста ва пас аз якчанд мулоқот ба дӯстии сидқӣ табдил ёфта буд.

— Аз пагоҳӣ дар худам як хушҳолии бесабаб эҳсос мекардам, акнун сабабаш маълум шуд: устоди бузургвор ба шаҳри мо ташрифи қудум меовардаанд,— гӯён саҳҳоф аз дӯсташ шодона пазирой кард.

Манзили Абӯбакри Исмоил ҳавлии начандон калон ва оддии як нафар дӯкондори миёнаҳол буда, дар ҳавлии берун меҳмонхона дошт. Саҳҳоф, марде солхӯрда, аммо солиму бардам, озода, хушсимо ва хушлибос, меҳмононашро ба он меҳмонхона дароварда нишонд. Он ҷо китобҳои бисьёр дар токчаҳо қабат-қабат болои ҳам чида шуда, фарши хона бо ду гилеми патдор ва якандозҳои шоҳӣ зинат ёфта буд.

— Хайри мақдам, хуш омаданд, қадамашон болои дида, гарди пояшон ба чашмҳо тӯтиё,— гӯён мизбон бо ин алфози анъанавӣ таоруфи шарқиро ба ҷо овард. Пурсид:— Сафарашон бахайр буд?

— Бахайр ва ба саломат,— гуфт Фирдавсӣ,— фақат дидани рӯстоҳои қаҳтзада ва мардумони бенаво... нохуш буд...

— Оре, қаҳтие бас ҳавлнок...— бо андӯҳ гуфт Абӯбакри Исмоил ва афзуд: — Вале имрӯзҳо хабар расид, ки султон фар-

* *Ноқа* — шутури мода.
** *Саҳҳоф* — китобфурӯш.

мудааст дар ҳамаи шаҳрҳо анборҳои подшоҳиро бикушоянд ва ба мардумони қаҳтзада ғалла бидиҳанд: умед аст, ки минбаъд қадаре сабукӣ рӯй диҳад. Султон инчунин ба фуқаро хироҷи яксоларо бахшидааст.

— Хайрият!— аз ин хабар изҳори хурсандӣ кард шоир.

Меҳмонон рӯзро бо ҳаммомравӣ ва истироҳат ба шаб оварданд. Дар аввали шаб мизбон ба шарафи Фирдавсӣ зиёфати ҳотамонае тартиб дода, ба он чанде аз шоирон ва фозилони шаҳрро низ даъват кард. Дар поёни маҷлиси зиёфат, дар нимаи шаб, пас аз он ки меҳмонони ҳиротӣ пароканда шуданд, мизбон ва меҳмони ӯ нишаста сари суҳбати якка ба яккаро боз карданд. Абӯ Дулаф ва Бобакро хоб зер мекард, онҳо барои хоб ба ҳуҷрае, ки дар паҳлӯи меҳмонхона буд, фиристода шуданд.

— Шумо дар шаҳр бо киҳо дидор мекунед? — пурсид мизбон.

— Ниятам буд, ки фақат бо ду кас дидор бикунам: шумо ва писари пири Хуросон,— гуфт Фирдавсӣ.

— Пири Хуросон?— мисли ин ки фаромӯш карда буду ба ёд оварданӣ мешуд Абӯбакр.

Дар ҷавоби ӯ Фирдавсӣ аз он чи худаш дар бораи он пир дар «Шоҳнома» навишта буд, ду байт хонд:

Яке пир буд марзбони Ҳирӣ,
Писандидаву дида аз ҳар даре,
Ҷаҳондидае, номи ӯ буд Моҳ,
Сухандону бофарру бо баргу шоҳ.

— Бале, медонам,— ба хотир овард саҳҳоф,— Моҳ... Мазорашон ҳаст, мазори Пир мегӯянд; он ҳазрат дар аввал зардуштӣ будаанд...

— Мӯбади зардуштиён,— гуфт шоир.

— ...бале, дар поёни умрашон мусалмон шуда будаанд. Писарашон, Дороби Маҷус ном, порсол фавтиданд.

— Фавтиданд?... Ё арҳамарроҳимин, раҳматаш бикун... Дар санаи сесаду шастушаш, ки ман ба суроғи донандагони ривоятҳо ба Ҳирот ҳам омада будам, пир зинда буданд. Аҷаб пири хирадманде буданд, таърихи подшоҳии Ҳурмузро ба ёд доштанд ва боз чандин ривоятҳо аз бостонзамон медонистанд, ба ман нақл карда буданд. Ҳамин писарашон Дороб сисола буд... Мазори ҳардуро зиёрат бояд кард.

— Ҳокимро ҳам мебинед?— пурсид саҳҳоф.

— Ҳокими Ҳиротро? Ӯ чӣ касест?
— Аз сараскарони султон.
— Номаш чист?
— Олтунтош.
— Чӣ касест?— суолашро такрор кард шоир.
— Айёше, майхорае, фосиқе,— гуфт саҳҳоф.
— Аҷаб... Бедодгар ҳам?
— Айёшу фосиқ магар додгар мешавад? Ҳошо!.. Ба мисол, он чӣ бо худам воқеъ шуд, ба шумо арз кунам: волӣ шаш ҷилд китоби нодир аз ман бурд, бахояшро надод. Нӯҳ китоб аз китобхонаи худаш ба ман фиристода фармуд ба муқаввохои нафиси гаронбаҳо андозам, ҳамаро аз хости худаш ҳам беҳтар муқаввo кардам, як фулс надод. Мулозимашро ба миёна андохтам, гуфтааст, ки хироҷро аз саҳҳоф кам мекунем, то қимати китобҳояш ва музди кораш бароянд. Ду сол боз аз ман ҳар сол себорӣ хироҷ меситонад, хироҷам як фулс ҳам кам нашуд.
— Аҷаб... Пас ин ҳокими шумо китобхон ҳам ҳаст?
— Китобҳоро ӯ барои таҷаммул ҷамъ мекунад. Ман аслан ба саводнок будани вай шак дорам. Агар саводе ҳам дошта бошад, кӯрсаводе беш нест. Гуфтораш омиёна. Калимаи «Филмасал»-ро дар ҳар ҷумла ба кор мебарад, бе он ки маънои онро фаҳмида бошад. Шояд аз забони дигарон шунида ёд гирифтааст.
— Оё шоиста аст, ки мо ба саломи чунин касе биравем?— шубҳаманд шуд Фирдавсӣ.
— Чора надоред,— гуфт Абӯбакр,— дар акси ҳол ӯ метавонад ба шумо бадӣ кунад: охир вай ҳар гуна кӣ бошад, ба сари мо ҳоким аст. Дар Чоч аз як нафар қошғарӣ, ки дар ошхонаи бозор пазанда буд, зарбулмасале шунида будам ба туркӣ: «Аканг кимни хотун қилса, янганг ӯша», яъне бародарат ҳар зане ки бигирад, янгаат ҳамон аст.

Рӯзе ки Фирдавсӣ ба дидани ҳоким рафт, ҳоким Олтунтош сахт парешонхотир буд, гоҳ менишасту гоҳ бармехост ва бо сари хам, ду даст бар пушт ва чашм ба замин, рӯ-рӯи боргоҳи худ қадам мезад. Амир Низомиддин, аз ақрабои султон ва дарборини бонуфуз, ки дар он қарибӣ бо коре ба Ҳирот омада буд, аз як рози пинҳонии ҳоким огоҳӣ ёфт ва акнун хавфи он буд, ки тавассути вай он роз ба дарбори Ғазнӣ ҳам маълум мешаваду он гоҳ аз ғазаби султон ҷои гурез намемонад: султон дар ҳаққи мансабдорони беш аз ҳад айёшу фосиқи худ

сахтгир аст. Роз ин ки ҳоким дар Боғи Аднонӣ — яке аз боғҳои салтанатии Ҳирот, ки бо қатор-қатор сарву гуҷумҳои хиргоҳӣ ва гулзору чаманзорҳои дилафрӯзаш, сарҳавзҳои мармарину фавворахои манбаткориаш ба зебоиву хуррамӣ машҳур буд,— дар як гӯшаи канории он боғ хонае сохта, дар ду тарафи сақфи он лӯлаҳои чӯбини лиҳофпеч * кашида ва пардаҳои дурушти катонӣ овехта, ба боми хона бо чӣ «тилисме» аз ҷӯйбор об бароварда буд, оби сард дар лӯлаҳо ҷорӣ шуда, лиҳофро ва аз лиҳоф заҳида пардаҳоро тар мекарду бад-ин равиш дар тобистони гарм хонаро салқин месохт; дар ду девори хона аз сақф то фарш суратҳои рангини занону мардони бараҳна ва ба ҳар шева бо ҳам гирд омадани онҳо кашида шуда буд. Ин хона ҷои хоби қайлула (хоби нисфирӯзии пас аз наҳорӣ) ва ишратхонаи ҳоким буд, ба он аз роҳи пӯшида занону духтарон ва амрадҳо барои айшу ишрат оварда мешуданд. Амир Низомиддин боре дар ғайби Олтунтош ба он ҷо роҳ ёфта, хонаро бо он аъҷубаҳо дида дар ҳайрат монд. Ба дорулҳукума баргашта ҳокимро ёфт ва гуфт:

— Дар Боғи Аднонӣ ишратхонаи пинҳонӣ сохтаед?

Олтунтош аз хиҷолат ба замин нигаристу пурсид:

— Кӣ гуфт, ҳазрат?

— Ман худ дидам,— бо қаҳру танаффур гуфт амир.— Ишратхонаҳои шоҳону амиронро дидаам, вале бо ин қабил тасвирҳои бешармонаи шаҳватангез надида будам. Тасаввур мекунам, чи фисқу фуҷур, чи ҳаромкориҳое дар он ҷо ба вуқӯъ меояд.

Ҳоким ба узр гуфтану зорӣ кардан даромад:

— Гунаҳгорам, ҳазрат; филмасал, карам карда афв фармоянд. Афлияхоро ** метарошонам. Шайтон васваса карда буд. Аммо, филмасал, айби мардон пӯшида, гуфтаанд азизон, илтимоси бандагӣ ин ки ин розро ба аълоҳазрати султон нагӯянд.

— Ғуломон ва муқаррабонро чӣ ҳаддест, ки розеро аз султон пинҳон доранд? Чизҳои ба чашми худ дида ва ба гӯши худ шунидаро аз валинеъмати хеш пинҳон доштан мунофиқист.

Инро гуфта амир аз кох берун рафт.

Ҳоким ба тарсу ваҳм афтод. Чӣ бояд кард? Ба хотири мушавваши ӯ маликушшуаро Унсурӣ омад. Олтунтош ва шоир бо ҳам робитаи дӯстӣ доштанд, ҳоким ба ҳар муносибат ба мад-

---

* *Лиҳоф* — кӯрпа.

** Аслан алфия аст, ки суратҳои шаҳватангезро гӯянд; ҳокими камсавод баъзе калимаҳои китобии шунидаашро монанди ҳокими Тус Меҳрон вайрон талаффӯз мекард.

доҳи султон тӯҳфаҳо мефиристод, ба иваз шоири дарборӣ ба баланд кардани обрӯи дӯсташ назди султон ва дарбориёни ӯ мекӯшид. Унсурӣ ягона шахси берунии огоҳ аз сирри Боғи Аднонӣ буд, ӯ дар вақтҳои ба Ҳирот омаданаш як-ду бор дар он хонаи махфӣ шарики айшу ишрати Олтунтош шуда буд. Олтунтош қарор дод номае ба маликушшуаро фиристода аз ӯ хоҳиш намояд, ки бо Низомиддин гуфтугӯ кунад ва агар мабодо амир сирри ҳокимро дар ҳузури султон нияти фош кардан дошта бошад, коре карда ӯро аз ин нияташ гардонад. Фавран мунши содиқи роздорашро талабида ба номи Унсурӣ чунин нависонд: «Бузургворо, аз беэҳтиётии роқими сутур сирри ишратхона аз қазо амир Низомиддинро маълум гардида мабодо ки амир дар пешгоҳи ҳумоюнӣ дар ин ваҷҳ сухан ба миён оранд, ки дар он сурат дар ҳаққи ин ғулом қаҳру ғазаб содир шудан ногузир мешавад, мултамаси оҷизона ин ки бо амир дидор бикунанд ва бо лутфу марҳамати хеш ифшои розро монеъ шаванд ба ҳар тадбиру панду насиҳату ваъдаю ваид ки нофиз афтад».

Даме ки ӯ номаро ба қуттича меандохт, пардадор даромада ба салом омадани Абулқосими Фирдавсӣ ном шоири тусиро маълум кард. Ҳоким дар банди хаёлоти худаш буда, як дам хомӯш нишаст, гӯё ки сухани мулозимашро нашунид, баъдан гуфт:

— Дарояд.

Фирдавсӣ ворид шуд. Ҳоким, марди ба назар панҷоҳу чандсолаи фарбеҳҷусса, гарданкӯтоҳ, шофбурут, чашмони кабудтобаш барҷаста, бинии паҳнаш пачақ, дар танаш ҷуббаи аттобӣ — ҷомаи абраастари фарохи абрешимии роҳ-роҳ ва бар сараш дастори нишопурӣ, дар курсӣ нишаста буд. Аз қиёфааш сархуши шароб будани ӯро пай бурдан душвор набуд. Фирдавсӣ салом дода гуфт:

— Банда шоирам, аз Тус омадам. Ҷаноби ҳоким, албатта, китоби «Шоҳнома»-ро хонда ё шунидаанд, банда онро назм кардаам ва акнун бо нияти тақдими он ба аълоҳазрати султон азми сафари Ғазнӣ дорам. Пеш аз сафар зиёрати ҷаноби ҳокимро ба худ воҷиб донистам.

Ҳоким мӯйлаби шофшакли сиёҳу сафедашро тоб дода, ба сарутани шоир — ба абои нимдошт ва масҳии ҳамчунин дошт-хӯрда, ба дастори на як бору ду бор аз ҷомашӯӣ гузаштаи ӯ чашм давонд. Шоир ба по рост истода буд, ҳоким ба ӯ таклифи нишастан ҳам накард. Гуфт:

— Хонда будам. Қиссаҳои шоҳон.

Дурӯғ гуфт, нахонда буд.

— Оре, таърихи шоҳони Аҷам ва паҳлавонон,— гуфт Фирдавсӣ.

Парешонии ҳавоси ҳоким аз шоир пинҳон намонд,— Олтунтош бидуни майл гап мезад. Пурсид:

— Назм бисьёр аст ?

— Бисьёр. Шаст ҳазор байт,— шоир тааҷҷуб кард, ки ба мардак донистани калонию хурдии асар чӣ лозим будааст.

— Оё шуморо даъват кардаанд?

— Кӣ? Ба куҷо?— маънии суолро ба зудӣ нафаҳмид Фирдавсӣ.

— Ба Ғазнӣ. Ба даргоҳ,— «фаҳмонд» ҳоким.

— Дар Тус бо хоҷаи бузург шарафи мулоқот афтода буд, эшон тақдими «Шоҳнома» ба султонро салоҳ диданд.

— Исфароинӣ?

Вазири султонро бидуни зикри лақабу кунияаш ном гирифтани ҳоким, ки беҳурматӣ нисбат ба он зоти олимақом ҳисоб меёфт, шоирро ба ҳайрат андохт, вале боиси чунин беҳурматӣ аз сухани баъдинаи ҳоким маълум гардид:

— Он кас аз вазирӣ бекор шуданд, магар нашунидаед? Акнун вазир ҳазрати Хоҷа Аҳмади Майвандӣ мебошанд.

Фирдавсӣ дар дилаш як сардӣ эҳсос кард. Дар сукути ба миён омада ӯ ноками ҳимоятгарони пешини худ Абӯмансур ибни Муҳаммад, Ҳусайни Қутайб ва Абӯалии Аскофиро ба ёд оварда ба ҳасрат дар замираш мегуфт: «Толеъи ман чунин аст».

Ҳоким боз гуфт:

— Аз Исфароинӣ умеди ҳимоят доштед? Умеди пуч кардаед. Ҳар касе, ки ӯ парварид ё дастгириаш кард, акнун хор аст... Метарсам, ки аз Ғазнӣ ноком баргардед.

Худ ба дилаш мегуфт, ки «шоирони бузург ҳама дар Ғазнӣ ба хизмати султонанд, агар ин пирамард шоири калон ва номдоре мебуд, султон ӯро кайҳо ба дарбор металабид. Ин меравад ба маликушшуаро боз як дарди сари зиёдатӣ мешавад». Фикри охирини Олтунтош аз як гуфтаи Унсурӣ сарчашма мегирифт,— боре дар сӯҳбате бо Олтунтош ба забони маликушшуаро гузашта буд ки: аз ҳар гӯшаю канори мамлакат шоирон ба Ғазнӣ меоянд ва ашъорашонро пеши ман меоваранду дар тамаъи силаю ато хоҳиш мекунанд, ки ман ашъорашонро ба султон гузаронам, ҳол он ки бештаринашон шоиртарошони хомтабъанд ва маро дарди сар медиҳанд.

Фирдавсӣ хомӯшу малул боргоҳи ҳокимро тарк кард.

Баъди рафтани вай ҳоким мунширо талабид ва аз қуттича мактуби ба номи Унсурӣ нависондаашро бароварда дар ҳошияи он суханони зеринро изофа кунонд: «Ба ин ҷо аз Тус шоири пире Абулқосими Фирдавсӣ ном омада ва мегӯяд ба шаст ҳазор байт «Шоҳнома» назм кардам ва мехоҳам ба Ғазнӣ биравам ва ба аълохазрати султон гузаронам».

Дар бомдод ӯ як нафар навкари содиқашро бо ин нома бар аспи тезтаке нишонда ба роҳи Ғазнӣ давонд. Навкар мувофиқи фармон мебоист дар роҳ агар ба корвони амир Низомиддин дучор шавад, худро ба ӯ нашиносонда, роҳро чапғалат дода пеш равад ва дар манзилҳо зиёд наистад ва агар лозим шавад аспашро бадал кунаду аз рафтан бознамонад ва чун ба Ғазнӣ расид, фавран Унсуриро дар куҷое ки бошад, ёфта, номаро ба вай супорад.

Фирдавсӣ ба меҳмонхонаи Абӯбакри Исмоил баргашт. Хастаҳол менамуд, табъаш хира буд. Соҳиби хона аз дӯконаш барнагашта буд, шоирро Абӯ Дулаф ва Бобак, ки дар интизораш буданд, пешвоз гирифтанд. Вай бо ҳаракоти касолатомез абояшро аз танаш кашид ва дастор аз сар баргирифт. Бобак абова дасторро ба мехи девор овехт. Нишастанд.

— Хаста шудед, бобоҷон, ба ин болишт паҳлӯ бизанед, роҳат бикунед,— гӯён Бобак ду лӯлаболиштро ба паҳлӯи шоир кашид. Фирдавсӣ ба болиштҳо такья карда як дам хомӯш нишаст ва пасон ба таври асроромез гуфт:

— Ҷои номуборак, рӯи номуборак, гуфтори номуборак...

Абӯ Дулаф ва Бобак ҳайрон шуда ба рӯи ӯ чашм дӯхтанд.

— Кадом ҷой, кадом рӯй, устод?— пурсид Абӯ Дулаф.

Шоир чигунагии мулоқот ва пурсу посухи бо ҳоким воқеъшударо нақл кард ва афзуд, ки ҳоким гӯё аз зиёрат кардани шоир ӯро ҳеҷ хушнуд набуд ва шоирро ҳатто таклифи нишастан ҳам накард.

— Аҷаб одами бетамиз будааст!— гуфт Бобак, ки одатан камгап буд ва фикри худро дар бораи кореву чизе то напурсанд, намегуфт.

— Мизбони мо ӯро хуб шинохта будаанд,— суханони Абӯбакри Исмоилро дар бораи ҳоким ба хотир оварда гуфт Абӯ Дулаф ва бо қаҳру оташинӣ илова кард:— Маълум мешавад, вай шуморо аз рафтани ба Ғазнӣ боздоштааст? Чӣ ҳақ дорад?

— Оре, ҳамин тавр — тасдиқ кард Фирдавсӣ.

— Пас чӣ кор мекунем, устод, шумо ба чӣ қарор омадед?

Фирдавсӣ ба аломати ин ки ҳайрон аст ва намедонад чӣ кор кунад, китф ба ҳам кашид.

— Гашта равем чӣ, бобоҷон?— ногаҳон ҷуръат пайдо карда суол дод Бобак.

Фирдавсӣ ва Абӯ Дулаф бо лабханди маънидор ба ҳамдигар нигаристанд. Бобак маънии лабхандашонро фаҳмида аз гуфтааш пушаймон ва сурх шуд. Ҷавони ошиқ мехост зудтар ба Тус, ба дидори Ширини зебояш бирасад.

Абӯбакри Исмоил аз дӯкони китобфурӯшӣ, ки дар растаи бозор дошт, баргашт. Бо ҳам наҳории гаштирӯзӣ хӯрданд, саҳҳоф аз чи гуна дар боргоҳи ҳоким қабул ёфтани шоир огоҳ шуда, ба вай тасаллӣ медод ки:

— Шумо бетаоруфиву дуруштии ҳокимро ба дил нагиред. Аз ин маснаднишинони ҷоҳили мутакаббир чӣ умеди хайр аст.

Фирдавсӣ ба ягон корвони роҳгузаре, ки тарафи Ғазнӣ мерафта бошад, мунтазир буд. Бо фармоиши вай Абӯ Дулаф ба меҳмонсарои шаҳр рафта, дар он ҷо ду ҳуҷра интихоб карда баргашт.

Шоир ба табдили макон карданаш базӯр ризоятн мизбонаш Абӯбакри Исмоилро ҳосил ва ба вай изҳори миннатдорӣ намуда, ба меҳмонсаро кӯчид. Дар як ҳуҷра худаш ва дар ҳуҷраи шафат Абӯ Дулафу Бобак ҷойгир шуданд.

Ҳуҷраи шоир ба як навъ қадамгоҳ табдил ёфт. Шоирон ва олимони шаҳр, дигар мардумони шеърдӯст ҳар бегоҳ ба зиёраташ меомаданд... Албатта, дастхолӣ намеомаданд, ба риояи таомул бо дастархонҳо меомаданд. Аксар вақт ҳуҷра ба зоирон* — меҳмонони шоир тангӣ мекард ва он гоҳ давранишинӣ ба саҳни сарой мекӯчид, ки дар миёнаҷои он ба гирди ҳавзи пуроб қатори маҷнунбедҳо тавораи сабз кашида буданд. Дар сари дастархонҳои пурнеъмат сӯҳбати дилкушо ва шеърхонӣ авҷ мегирифт. Баъзе зоирон писараку духтаракони хурдсолашонро ҳамроҳ оварда аз шоир ба ҳаққи онҳо дуо мегирифтанд, то ба тандурустиву саломат ба воя расида одамони хирадманд ва бомаърифат шаванд. Фирдавсӣ ба сари ҳар яке дасти навозиш мемолиду аз пешониаш бӯсида дуо мекард.

Вай рӯзҳо баъзан ба мутолиаи ашъори шоирон ё китобу рисолаҳои муаллифони ҳиротӣ, ки ба вай оварда мешуданд, машғул мебуд ва баъзан бо Абӯ Дулафу Бобак ва бо мушояати ошноёни наваш ба тамошои шаҳр мебаромад. Агарчи Ҳирот ба назараш чандон ободу зебо наменамуд, вале ба боду ҳаво аз

* *Зоир* — зиёраткунанда.

ҳамаи шаҳрҳое, ки дида буд, хуштар, неъматаш фаровонтар, долу дарахташ бештар, обаш ва меваҳояш, хусусан ангураш ширинтар буд. Шоир дар пеши масҷиду мадрасаҳо, қасрҳо, мазорҳои кадом як «азизон»-и касмадон ва манораҳои муҳташам истода катибаҳояшонро мехонд. Бештарини катибаҳо арабӣ буданд ва ӯ онҳоро ба ҳамроҳони ба арабӣ нобаладаш тарҷума мекард.

Як рӯз вай барои дидани ҷоҳое, ки Баҳроми Чӯбина дар он ҷоҳо бо хоқони турк ҷангида буд, аз шаҳр берун рафт. Ба ӯ якчанд нафар ҳиротиён ҳамроҳӣ карданд. Ҳамаашон аспсавор буданд, аз дарвозаи шимолии шаҳристон ба рабаз* баромаданд. Роҳи танги пурхоку чанг дар байни маҳаллоти аҳолинишин морвор хазида ба боғистону киштзорон мебаромад. Офтоби сентябрӣ гарм, вале сӯзон не, тафси ҳаво тоқатпазир. Аз паси деворҳои боғот дар токзорон хӯшаҳои ангури тиллорангу обиранг ё сиёҳ, шохҳои пурбори себ, биҳӣ, шафтолу, анору анҷир намудор. Ҷо-ҷо деҳқонон сари ду пой нишаста алаф медараванд, ҷо-ҷо занон ангур меканананд, писарбача ва духтарбачагон мева меафшонанд. Занон рӯмолҳошонро ба рӯй кашида саворони роҳгузарро бо нигоҳи кунҷковии дуздона мегуселонанд. Дар бомҳои пастаки ҳамвор зардолу, шафтолу барои хушконидан паҳн карда шудаанд. Манзараи ҳаёти осудаи меҳнатӣ. Он сол офати сели жола ба ин диёр як қадар амон дода буд. Саворон ба пояи кӯҳсор расида қарор гирифтанд. Дараи на он қадар фарохе дар мобайни ду қаторкӯҳ ёзида дар дуродур ба кӯҳи дигаре дакка мехӯрад. Кӯҳу талҳо ҳама аз сангу гил, бараҳна, қариб бегиёҳ. Насими бӯи шубоғу бургани хушкида ва янтоқро меоварад. Харсангҳо дар тӯли ҳазорон сол бешитоб аз фарози кӯҳҳо нишеб шуда, дар доманаи кӯҳсор тӯда гардида, сабуктарҳошон ё ба дӯнгиҳову чуқуракҳо бархӯрдаашон пароканда дар танаи кӯҳ дармондаанду гӯё андак таконеро мунтазиранд, то ки ҳама паррону ғуррон фурӯ резанд.

— Ин харсангҳо дар қадим шоҳидони як муҳорабаи аҷибе шуда буданд, ки монандаш шояд пеш аз он дар олам дида нашуда ва пас аз он ҳам рӯй надода бошад,— мегӯяд Фирдавсӣ ба ҳамроҳонаш.

Ҳамроҳон хостанд чигунагии он муҳорабаро бидонанд.

— Шумо ҳар гоҳ, ки дар «Шоҳнома» достони Баҳроми Чӯбинаро хондед, инро хоҳед донист,— суханро кӯтоҳ кард шоир.

* *Рабаз* — маҳаллоти берун аз девори шаҳр.

Худ маҳалро бодиққат дид мекард. Вақти бозгашт ҳамчу як лашкаркаши кордида ин сухан бар забон ронд:— Дар он ҷанг ба хубӣ собит шуд, ки зафар вобаста на ба шумораи лашкар, балки ба ҳушьёрӣ, мудаббирӣ, кордонии сипаҳбуд* аст. Чӯбина аз ин сифатҳо баҳраманд будааст ва хоқон бебаҳра.— Гӯянда ин сӯ-он сӯ менигарист, гӯё чизеро меҷуст ва дар охир гуфт:

— Нест. Ҳеҷ нишоне нест.

Пурсиданд — нишони чӣ? Маълум шуд, ки вай аз деворе, ки Баҳроми Чӯбина дар ду бари размгоҳи лашкараш бароварда буд, то ки ба сарбозон ҳаргуна роҳи гурез баста бошад, нишона меҷустааст.

— Дар чорсад сол магар нишона мемонад?— хандид яке аз ҳамроҳон.

Фирдавсӣ дигар дам назад. Манзараи ҷанги чаҳорсад сол пешро ки худ дар асараш тасвир карда буд, хаёлан пеши назар меовард. Инак, Баҳроми зирак ва пешбин пеш аз он ки душман аз дара ба дашт бароянд, ба Ҳирот мешитобад, онро ишғол мекунад ва беист лашкарашро ба ҷои ҷанг бароварда, пушти онро ба шаҳристон такья дода, ба муқобили душман ҳаракат мекунад. Ба дара лашкари сесадҳазории хоқон базӯр меғунҷад, дастаҳои савораву пиёда ба якдигар фишор оварда, дарҳам-барҳам ба ҳам омехта, сафҳошон тит мешавад, ба болокории ин сарлашкари беандеша филони ҷангиро пеш баровардааст ва онҳо чун девор роҳи баромади аз дараро бастаанд. Чӯбина ҳамин ҳолро пешбинӣ карда буд ва ба ӯ ҳамин даркор буд. Инак, як дастаи бо машаққат аз дара баромадаро Чӯбина ба осонӣ шикаст дод. Якчанд ҳазор саворони хоқон аз қабати талҳои шафат роҳ ёфта баромаданду бо ҳамлаи шадид боли рости сипоҳи Баҳромро парешон карданд; Чӯбина худ савора сари роҳи сарбозони гурезонашро гирифта бо шамшер се нафарро сарнагун сохт, дигар гурезаҳо ночор пас гашта боз ба ҷанг даромаданд. Аз сипоҳи хоқон садубист ҳазор сарбоз илоҷи ба дашт баромадан наёфта дар ақиб, дар даруни дара бекор истодаанд. Баҳром аз камондоронаш дастае сохта фармон дод, ки филони ҷангии ба ҳуҷум омадаро ба зери тирборон бигиранд. Аз филони сафи пеш чанде ба чашм ва хартумҳошон тир хӯрда, аз дард хашмгин ва бетоқат шуда ақиб гашта, сипоҳи худро зер карда рафтанд. Лашкари саргуми парешонҳол даста-даста аз зарби беамони шамшеру гурзу найзаҳои баҳромиён маҳв мешуд. То гашти рӯз душман ба куллӣ мағлуб ва худи хоқон кушта гардид... Шоир вақте ки ин достонро назм

* *Сипаҳбуд* — сарлашкар.

мекард, аз ғалабаи дувоздаҳ ҳазор сипоҳи эронӣ бар сесад ҳазор сипоҳи туркон дар ҳайрат буд. Баҳроми Чӯбина аз кӯшуни шоҳ Ҳурмуз фақат дувоздаҳ ҳазор ҷанговари чилсоларо яккачин карда гирифта буд. Чаро фақат дувоздаҳ ҳазор? Чунки ба ақидаи Баҳром:

Аз ин моя гар лашкар афзун бувад,
Зи мардиву аз рой берун бувад.
Сипаҳбуд ки лашкар бурун аз шумор
Ба ҷанг оварад, печад аз корзор *.

Хуб, лекин чаро фақат чилсолаҳо? Чунки чилсола,— мегӯяд Баҳром,— марди корозмуда, гарму сард дидаест, вай дар майдони ҷанг боҳунару тадбир ва беш аз ҷавонон тобовару истодагар мебошад. Чӯбина сабаби ғалабаашро дар ҳамин мебинад: лашкари на бисьёр ва ҷанговарони шоистаи корзор... Вале ин як сабаб Фирдавсиро қонеъ намекард, вай меандешид, ки охир чилсолаҳоро Совашоҳ ҳам дошт ва онҳо аз сипоҳи Баҳром на кам, балки шояд зиёдтар ҳам буданд; аз ин рӯ омили ғалаба на фақат дар он буд, ки Баҳром мепиндорад. Пас боз дар чӣ буд? Оё на дар он буд ки,— андеша меронд Фирдавсӣ,— сарбози эронӣ аз душмани таҷовузкор диёри худ, аёлу фарзандони худ, номуси худ, кишту боғи худро дифоъ мекард ва бинобар ин диловарона меҷангиду ба фидо кардани ҷонаш ҳам тайёр буд? Бешак, ҳамин тавр будааст. Сарбози Совашоҳ бошад танҳо барои куштору ғорату харобкорӣ омада буд ва ин мақсади нопок ҷуфти мардонагиву рӯҳбаландӣ шудан наметавонад. Сарчашмаи диловарии сарбоз дар пайванди ногусастании ӯст бо диёраш ва халқаш. Шоир бо ин андешаҳо ба гуфтори Чӯбина:

Чиҳилсола боозмоиш бувад,
Ба мардонагӣ дар фазоиш бувад

суханони зеринро афзуд:

Ба ёд оядаш меҳри нону намак,
Бар ӯ гашта бошад фаровон фалак **.
Зи гуфтори бадгӯй в-аз ному нанг,
Харосон бувад, сар напечад зи ҷанг,
Зи баҳри зану зодаву дударо ***,
Напечад равон марди фарсударо ****.

---

* *Корзор* — ҷанг, майдони ҷанг.
** Яъне бисьёр ҳодисаҳоро аз сар гузаронидааст.
*** *Дуда* — хонадон, хешу табор.
**** Яъне марди зиндагидида ва пухташуда аз ҷангидан наметарсад.

Дар Ғазнӣ маликушшуаро Унсурӣ номаи ҳокими Ҳиротро мехонду худ ба худ табассум мекард: тарси ҳоким аз фош шудани рози Боғи Аднонӣ ва илтимоси вай ин ки маликушшуаро ба ифшои ин роз монеъ шавад, ба ӯ хандаовар намуд. Вале чун дар поёни нома хабари роҷеъ ба Абулқосими Фирдавсиро хонд, табассум аз лабонаш парид. Аз ин хабар вай беихтиёр ба худаш як хавфи ноаён эҳсос кард. Хаёл мекард, ки «Шоҳнома»,— китобе ба ин бузургӣ ва пур аз достонҳои дилангез, он шаст ҳазор дурру гавҳару сухан,— оре, бешак ҳама дурру гавҳари назм, зеро Унсурӣ як нусхаи ба Ғазнӣ афтода аз қиссаи «Набарди Рустам бо Сӯҳроб»-и Фирдавсиро хонда буд ва медонист қудрати суханофаринии шоири тусӣ ба чӣ поя аст,— ӯ хаёл кард, ки агар ин китоби достонҳои ҷаҳоношӯб ба султон тақдим шаваду султон онро писандад, бегумон китоб ва соҳиби он шӯҳрати азим пайдо хоҳанд кард ва он гоҳ аҷаб нест агар касе ба қасидаҳои маликушшуаро нанигарад ва номи ифтихории маликушшуароӣ ҳам насиби Фирдавсӣ гардад.

Пас чора чист?

«Ман ҳасуд нестам, вале ба ҳифзи мақому мартабаи худам кӯшиданам воҷиб аст», дар дилаш мегуфт Унсурӣ.

Андешаи дароз ӯро бад-ин қарор овард, ки Фирдавсиро бо ягон баҳона аз омаданӣ ба Ғазнӣ монеъ шуда ба ватанаш баргардондан лозим аст. Дар ин кор ба Унсурӣ дӯсташ Олтунтоши ҳокими Ҳирот ёрӣ хоҳад дод.

Ӯ шабро бо ин андеша ба саҳар оварда, пагоҳӣ ба Олтунтош нома навишт. Дар нома бо рамузу киноя ба муҳотабаш фаҳмонд, ки агар ӯ бо ягон тадбир Фирдавсиро ба Тус баргардонда тавонад, хоҳиши ӯ дар бораи ифшо накардани рози Боғи Аднонӣ баҷо оварда хоҳад шуд. Ҳоким ба Фирдавсӣ саломи ӯро расонад ва гӯяд, ки маликушшуаро нисбат ба шоири шаҳири тусӣ ихлос ва эҳтироми хосе дорад ва муштоқи дидори «он устоди бузургвор» аст ва иншооллоҳ «Шоҳнома»-и устод назди аълоҳазрати султон шарафи қабул ва атои сазовор хоҳад ёфт, вале маатаассуф ин ҳангом султон дар сафар аст, вай барвақттар аз ду моҳ ба доруссалтана барнамегардад ва пас аз баргаштан низ то вай Унсуриро, ки манзумаҳо одатан ба дарбор фақат ба тавассути ӯ гузаронда мешаванд, ба ҳузураш даъват мекунаду ба хондан ё хононда шунидани «Шоҳнома» ҳозир мешавад, ки боз як моҳ — ду моҳ мегузарад; илова бар ин, мутолиаи «Шоҳнома» дар ҳузури ҳумоюнӣ ҳам муддати мадиде тӯл хоҳад кашид. Бинобар ин, агар устод ба Ғазнӣ

оянд, мабод ки интизории дер мӯҷиби малоли хотир ва сабаби дилтангиву дилозурдагии эшон шавад. Пас оё беҳтар нест ки устод «Шоҳнома»-ро иҷолатан* ба маликушшуаро фиристанду худ ба ватанашон баргарданд? Дар ин сурат Унсурӣ онро дертар дар як соати мусоид манзури «назари кимьёасар»-и ҳумоюнӣ намуда ва кӯшиш хоҳад кард, ки он китоби бузург мушаррафи қабули ҳумоюнӣ ва шоир сазовори атои мулукона гарданд.

Ҳамон рӯз ки қосиди Олтунтош номаи Унсуриро гирифта бо шитобу ҷадал ба Ҳирот баргашт, ҳоким фармуд — Фирдавсиро дар наздаш ҳозир карданд. Ҳоким дар фарши боргоҳ рӯи якчанд қабат якандози шоҳӣ ба лӯлаболиштҳои бахмалин паҳлӯ зада нишаста ва ин дафъа бо шоир кушодачеҳра, нармгуфтор буд. Ӯро ба тарафи рости худ нишонд. Аҳволпурсӣ кард. Ба сари муддао омада чунин муқаддима намуд:

— Аз пойтахт кас омад. Хоҷаи бузург ва маликушшуаро ба шумо салом гуфтаанд; маликушшуаро фармудаанд, ки ҳокимро гӯй, ба Фирдавсӣ аз номи ман гӯяд, ки ман ба он шоир аз тан дил, филмасал, ихлосманд ҳастам, «Шоҳнома»-ро навишта тамом карданатонро шунавида хурсанд шуда, филмасал, ба шумо ғоибона офарин гуфтаанд.

Пасон гӯянда баҳонаи аз роҳ гардониданн Фирдавсиро ҳамон тавре ки Унсурӣ дар мактубаш тавсия карда буд, ба шоир баён намуда, аз худ изофа кард ки:

— Маликушшуаро марди доно, дурандеш ҳастанд. Ва ҳам, филмасал, хайроҳи шумоянд, албатта. Шумо китобатонро ба мо бидиҳед, мо ба маликушшуаро мефиристонем, худатон ба ватанатон баргашта хотирҷамъ биншинед, як рӯз не як рӯз, филмасал, он рӯз дур нест, шуморо худашон ба даргоҳ талабида, иззату икром карда, китобатонро писандида, ба шумо, филмасал, аз хазина силаи калон медиҳанд. Шоирпарварии аълоҳазрат, филмасал, саховатмандиашон, албатта, ба худатон маълум будагист. Харҷи роҳатон тани мо, худамон медиҳем...

Вай пешакӣ фармуда буд, ки дар ҳуҷраи хосса дастархони зиёфат таҳия кунанд. Шоирро ба зиёфат таклиф кард. Акнун вай барои фош нашудани сирри Боғи Аднонӣ шарти пешниҳодкардаи Унсуриро пазируфта ва мекӯшид, ки Фирдавсиро на фақат бо лутфи гуфторру зиёфати хотамона, балки ҳатто бо эҳсону атоҳо низ ба бозгаштани ба Тус розӣ намояд. Аммо ин

* *Иҷолатан* — ҳоли ҳозир, муваққатан.

кӯшиши ӯ шоирро на танҳо моили бозгашт накард, балки ба хашм овард. Вай аз сабаби ниҳонии «илтифоти» Олтунтош огоҳ набуд, вале яқин кард, ки «маслиҳат»-и маликушшуаро, албатта, аз рӯи бахилӣ ва ҳасудист.

— Марҳамати шумо зиёд, ман серам,— бархоста бо лаҳни ҷиддӣ ва бурро ҷавоб гуфт ӯ ба таклифи ҳоким. Дар ботин оташин ва асабонӣ будани ӯро эҳсос кардан мумкин буд.— Банда барои рафтани ба Ғазнӣ иҷозати Унсуриро напурсидаам, ҷанобӣ олӣ, ва ҳам аслан нияти рафтан надоштам, маро хоҷаи бузург Исфароинӣ ва амир Наср тарғиб карданд, ки биравам. Аз ин гузашта, ман ҳеҷ гоҳ бо панду раъйи ҳасудони дағопеша кор набастаам ва аз ин баъд ҳам намебандам. Маъзур дорад,— вай ҳатто таъзими хайрбодӣ накарда бадар рафт.

Олтунтош «аз ин рӯстоӣ» чунин рафтору гуфторро чашм надошт. Ин чӣ ҷасорат аст, ки ӯ зиёфати ҳокими шаҳрро рад мекунад? Охир, ин ошкоро беҳурматӣ ва ҳатто нофармонӣ ба ҳоким аст. Олтунтош дар ғазаб шуд. Бархоста буруташро тоб дода рӯ-рӯи боргоҳ мегашту фикр мекард, ки «он беадаб»»-ро чи гуна таъдиб кунад. Вале агар пирамарди шоир ва мусофирро таъдиб кунад, ба вай дуруштӣ намояд, мардум чӣ мегӯянд? Уламо ва фузало, шуаро чӣ мегӯянд? Ба ҳоким лаънат хоҳанд гуфт. Олтунтош бо ҳамаи кундию ҷоҳилиаш афкори ҷомеаро ба эътибор нагирифта наметавонист. Боз меандешид, ки агар мабодо хабари воқеа ба дарбор расад, султон рафтори ӯро нахоҳад писандид... Вай ба як қарор омада натавонист.

Дасисаи Унсурӣ ва ҳокими Ҳирот азми Фирдавсиро ба сафари Ғазнӣ на фақат суст накард, балки қавитар гардонид. Акнун вай ба рағми* маликушшуаро ва ҳоким, ҳатто катъи назар аз оқибати сафару натиҷаи тақдими «Шоҳнома» ба султон, ба пойтахт рафтанӣ шуд.

Дар меҳмонсаро Абӯбакри Исмоил, мӯйсафеди лоғарандоми озодалибос, хушсимо ва нуронӣ — шоири машҳури ҳиротӣ Абумаҳомид ибни Умар Ҷавҳарии Заргар ва боз се нафар аз дӯстони ҳиротии Фирдавсӣ дар ҳуҷра мунтазири ӯ нишаста буданд. Ҷавҳарии Заргар чанде пеш як нусха «Шоҳнома»-ро аз соҳиби он амонатан барои мутолиа гирифта ва акнун оварда буд.

— Онҳо маро аз рафтани ба Ғазнӣ манъ мекунанд,— гуфта, Фирдавсӣ суханони аз ҳоким шунидаашро нақл карда, дӯс-

---

* *Рағм* — нохушнудӣ, алам.

тонашро ба ҳайрат афканд. Чунин ранг гирифтани кор барои онҳо низ тамоман ғайричашмдошт буд.

Маликушшуаро намехоҳад, ки султон китоби маро бубинад ва бихонад, зеро метарсад, ки мабодо «Шоҳнома»-и ман бозори ӯро касод бикунад,— аз гуфтори шоир ҳашму алами ниҳонии ӯ эҳсос карда мешуд.

Як хомӯшии тӯлонӣ ба миён омад. Ҳозирон ҳама чашм ба зер, ҳайрону андешаманд. Абӯ Дулаф сарафканда ва андӯҳгин. Бобак аз дар пайдо шуда, муроқабаи парешонхотиронаи ҳозиронро дида гумон бурд, ки нохушие рӯй додааст, ҷуръати даромадан накард, ақиб гашт.

Нахуст пирамард Ҷавҳарии Заргар лаб ба сухан боз кард:

— Ҳайронам, маликушшуаро меҳмони олиқадри ба сӯяшон роҳгирифтаро аз ними роҳ мегардонанд? Чӣ тавр инро ба худ раво донистаанд? Рафторе аз эшон бас аҷиб ва ғайримунтазира...

— Ҷое ки ҳасад омад, ибо мегурезад,— сари надомат ҷунбонид саҳҳоф.

Ҷавҳарӣ «Шоҳнома»-и дар рӯмол бастаовардаашро кушода китобро назди Фирдавсӣ гузошт:

— Китобатонро, мавлоно, ҳар қадар васф кунам, кам аст. Ҳақиқатан шоҳнома аст — шоҳи китобҳо. Ин ду ҳафта, ки банда ба мутолиаи ин достонҳои дилошуб сарф кардам, гуворотарин ва хуррамтарин рӯзҳои умри ман буданд. Зиҳӣ истеъдод, зиҳӣ ҳунар, зиҳӣ суханварӣ! Банда метавонам фақат ду даст бароварда шуморо дуо кунаму аз худованд бароятон умри дароз, тандурустии мудом, давлату неъмати фаровон бихоҳам.

Ҳозирон бо ҳамроҳии Ҷавҳарӣ даст ба рӯй кашиданд ва ҳар кадоме чизе аз худ афзуда гуфтори ӯро қувват доданду сипос сухан боз ба сари мумониати сафари Ғазнии шоир баргашт.

— Ба ақидаи банда,— гуфт Абӯбакри Исмоил,— акнун агар шумо, устод, бо вуҷуди мумониати ҳоким ва маликушшуаро ба Ғазнӣ биравед, мабод ки навмеду ранҷур баргардед. Ба илова, султон ҳам акнун дар сафар будааст... «Шоҳнома»-ро бо ягон шахси мӯътамад ба доруссалтана фиристем магар?...

— Ман худ мебарам,— гуфт Ҷавҳарӣ,— бо дасти худам ба султон медиҳам. Барои ӯ қасидае иншо кардаам, мехоҳам ба хизматаш барам. Аз дараш намеравам, то маро бор надиҳад. Лоҷарам бор хоҳад дод. Мегӯям ба ӯ, чӣ китоби нестдарҷаҳонест китоби шумо. Маълум ки ҳасад, ғайбат, дасиса пе-

шаи дарбориён аст, мавлоно, шумо ба дил малол мегиред, озурда нашавед.

— Банда «Шоҳнома»-ро барои султон дар муқаввои гаронбаҳои зарҳалкорини муҷалло меандозам, мулаввах мекунам, тавре ки ба нафисиву зебоӣ ҳеҷ китобе назири он набошад,— ваъда дод саҳҳоф.

— Ташаккур, дӯстон,— даст бар сина ниҳод Фирдавсӣ,— миннат мепазирам. Аслан... Унсурӣ худ кист? Маддоҳи силамуштоқе беш нест. Тамоми умраш, донишаш, заковаташро фақат ба мадҳи шоҳ сарф кардаасту мекунад, дигар андешае надорад. Ман чун аз қалъаи ҳоким берун омадам, сари роҳ дар фикрам ин сатрҳо худ ба худ манзум шуданд,— шоир аз ёд хонд:

> Ба гӯш аз сурушам басе муждахост,
> Дилам ганҷи гавҳар, забон аждахост,
> Чӣ санҷад ба мизони ман Унсурӣ?
> Гиё чун кашад пеши гулбун саре?

Ман на барои он сиюпанҷ сол ба «Шоҳнома» ранҷ бурдам, ки имрӯз ба ҷоҳили ғедодгаре таслим ва ба дасисаи ҳасуде фирефта шавам. Меравам. Абӯ Дулаф! Бобак! Хабардор бошед, кай аз ин ҷо корвоне ба Ғазнӣ меравад. Қорвонсолорро бубинед, ду шутур киро бикунед...

## Қисми дуввум

## Дар Ғазнӣ

Яке аз ҳамсафарон — усто Салоҳиддин ном марди ғазнигӣ, ки аз гуфташ дуредгар будааст, аз Қобул ба шаҳри худ бармегашт, ӯ дар роҳ бо Фирдавсӣ шиносо шуда, дар Ғазнӣ аз рӯи мусофирнавозӣ шоирро бо ҳамроҳонаш ба манзили худ фуруд овард. Фирдавсӣ ба ӯ гуфт, ки дар ин шаҳр Абӯсаъди Маншурӣ ном шоир ва баққол зиндагӣ мекунад, балки Салоҳиддин ӯро мешинохтагист? Усто номи он шоирро шунида бошад ҳам, худашро намешинохтааст. Маншурӣ ошнои дерини Фирдавсӣ буд, ӯ хост, ки аз омадани худ пеш аз ҳама ба ҳамин ошнояш хабар диҳад. Писари навҷавони Салоҳиддин дарҳол ба суроғи Маншурӣ рафта, ӯро пурсон-пурсон дар яке аз растаҳои шаҳр дар дӯкони баққолиаш ёфт.

Шоири баққолпеша дӯконашро баста бо ҷавон ба хонаи усто шитофт.

Абӯсаъди Маншурӣ аслан самарқандӣ буд, Фирдавсӣ бо вай сиюпанҷ сол пеш, вақте ки дар ҷустуҷӯи «Шоҳнома»-и мансур ба Бухоро омада аз он ҷо барои зиёрати мазори Рӯдакӣ ба Самарқанд рафта буд, дар ҳамон ҷо шиносо шуда буд. Шоири ҷавон ӯро то зодгоҳ ва қабри Рӯдакӣ — то деҳаи Панҷрӯдак мушоият карда буд. Баъдҳо байни дуяшон гоҳ-гоҳ мукотиба ҳам ба амал меомад. Маншурӣ якчанд сол пеш ба Ғазнӣ кӯчида дар он ҷо дӯкони баққолӣ кушода буд; ӯ баъзан дар ситоиши султон Маҳмуд қасидае ҳам мегуфт.

Инак ду шоири дар ҷавонӣ бо ҳам ошношуда дар пирӣ ба дидори ҳам расиданд. Маншурии қаддарози қоқина аз умри шастсолааш камсолтар ва бардам менамуд. Дуяшон оғӯш ба оғӯш шуда, як фурсат ҳамдигарро раҳо накарда воҳӯрдӣ на-

муданд. Ҳамватан ва мухлиси «Устоди Самарқанд» шодии худро аз дидор бо байти ӯ «Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,— Бартар аз дидори рӯи дӯстон» изҳор карда мегуфт:

— Овозаи офаридгори «Шоҳнома»-и бузург аз офаридгораш пештар ба мо расида буд,— шукру сипос худовандро, ки лутфу карамаш имрӯз худи устоди муаззамро ба мо муштоқони дидори ӯ расонд. Банда ҳанӯз «Шоҳнома»-ро надидаам ва ба умеди дидану хонданаш ҳастам, фақат як бор дар маҷлиси маликушшуаро қироати порае аз достони Рустам ва Сӯҳроб шунида будам. Ваҳ, устод, агар медидед он ҷо чӣ шавқу шӯре дар дили сомеон афтод! Ин фақир ба худ гуфтам — инак Рӯдакӣ зинда шудааст, навин султони шуаро бар тахти мулки адаб нишастааст.

Вай Фирдавсиро ба меҳмонӣ хонда, бегоҳрӯзӣ ба хонааш бурд. Мехост ба маҷлиси зиёфат ва сӯҳбати устод чанде аз фозилону шоирони шаҳрро даъват кунад, вале Фирдавсӣ моили даъвати онҳо нашуд ва гуфт, ки вай ҳанӯз аз кӯфтагии роҳи дароз ба худ наёмадааст, мулоқот бо шоирону фозилонро якду рӯз мавқуф бояд кард.

Дар сӯҳбат аз гуфтаи мизбон маълум шуд, ки султон Маҳмуд ҳақиқатан дар пойтахташ набудааст, барои тасхири вилояти Ғӯр ба ҷанг рафтааст. Фирдавсӣ аз ин хабар як қадар малул шуд, зеро дар ин сурат таваққуфи ӯ дар Ғазнӣ дер мекашид.

Мусофирони тусии мо он шабро дар меҳмонхонаи Маншурӣ гузаронданд. Рӯзи дигар ҷумъа буд, Фирдавсӣ то вақти намози ҷумъа майли тамошои шаҳр намуд. Мизбон ҳарсеро ба сифати роҳбалад ба сайру тамошои шаҳр бурд.

Пойтахти салтанати навбуньёд монанди шаҳри худи Фирдавсӣ дар кӯҳпоя афтода, аз ҷониби шимоли шарқӣ дар нимҳалқаи кӯҳсорон қарор гирифта буд. Самти ҷанубӣ кушода — дашти ҳамвори бекарона — барои лашкаркашиҳои султони ҷангҷӯ ба тарафи Ҳиндустон соз ва мусоид. Ғазнӣ ним аср пеш шаҳраки музофотие беш набуд, аммо аз соли 962 ба ин ҷониб, — аз бозе ки сарлашкари Сомониён Алптегин ёғӣ шуда сӯи он шаҳри ҷанубии сарҳаддӣ гурехту дар вай аморати мустақили худро буньёд кард,— шаҳр васеъ ва обод шудан гирифт. Ворисони Алптегин — амир Сабуктегин ва писари вай Маҳмуд чун сиёсати кишваркушоӣ пеша карданд, давлати нав аз ғорату яғмои ҳамсоядиёрҳо торафт ғанитар мешуд. Амирон ва амирзодагон, вазирону надимон, сарони лашкар ба худ коху кошонаҳои мӯҳташам бино карда буданд. Султон барои шӯҳрати

худ масҷиду мадрасаҳои бошукӯҳ, ҳаммомҳо, корвонсароҳо месозонд. Чорбоғҳои султон ва аъёну ашроф ба нузҳату сафо ҳар яке беҳтар аз дигаре буд. Дар растаҳо, тимҳо, қатори дӯконҳои бозоргоҳ молу матоъи ҳиндӣ, мисрӣ, хитоӣ, туркистонӣ, эронӣ, самарқандиву бухороӣ савдо мешуд. Маншурӣ меҳмонашро бо қади Хушкрӯд — наҳри камобе, ки аз мобайни шаҳр мегузашт, бурда, ин кохи фалон вазир, амир, фалон надим ё сараскар, кӯшки фалон қозӣ, шоир, имом, шайх гӯён ҳар дам ба иморати зебое ишора менамуд.

Офтоб аз қиём гузашта, ҳавои сентябрь тафсон буд, соати намози ҷумъа ҳам расид, Фирдавсӣ ва Абӯ Дулафу Бобак намозро дар масҷиди ҷомеъ хонданд. Дар ҷамоати масҷид Фирдавсиро касе нашинохт; вай аз меҳмондораш хоҳиш карда буд, ки агар аз ӯ кӣ будани ҳамроҳи пирашро пурсанд, гӯяд ки як мусофири ошност,— шоир ҳоли ҳозир диққати мардумро ба худ ҷалб кардан намехост. Онҳо дар қафотари намозхонҳо қарор гирифта буданд. Маншурӣ ба Фирдавсӣ аз дур шоирони дарборӣ ва маддоҳони султон — маликушшуаро Унсурӣ, Зинатӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва ҷанде дигарро нишон дода мешиносонд.

Шоирон ва дигар як даста шахсони бовиқору ҳашамат, ки зоҳиран соҳибмансабон, уламо ва машоих буданд, баъд аз намоз аз масҷид баромада ба тарафи қалъа равон шуданд.

— Ба тамошои ғаниматҳи ҷанг меравaнд,— гуфт Маншурӣ ба Фирдавсӣ.— Барои тамошои он ҳар рӯзи ҷумъа ба халқ иҷозати ба қалъа даромадан дода мешавад. Агар майл доред, биёед бо ҳам меравем, ғаниматҳо дар воқеъ диданианд.

Фирдавсӣ қабул кард.

Ҷанде пеш султон Маҳмуд дар юриши ҷаҳоруми худ ба Ҳиндустон шаҳру қалъаи Баҳимнагар ё худ Нангаркутро фатҳ карда, аз он юриш бо ғаниматҳи фаровоне баргашта буд, ғаниматҳо барои шаъну шӯҳрати «шоҳаншоҳи ҷаҳонгир» дар майдони пеши доруссалтана ба маърази тамошои мардум рехта шуда буданд. Пушта-пушта тиллою нуқра, ҷавоҳирот, ҳазорҳо ман олоти симину заррин, хонае аз нуқраи соф ва ғайра ба хосу ом намоиш дода мешуданд. Бузургон ба суфа баромаданд. Маликушшуаро Унсурӣ ва дигар шоирони дарборӣ низ баромада дар сафи онҳо истоданд. Як мансабдори шикамғафс бо овози харошидаи рагдор хитобат сар кард. Вай ба издиҳоми тамошогарон «ҷанги азим»-и Баҳимнагар, фатҳи «қалъаи бузурги осмонсой»-и дар фарози кӯҳ ҷойгирифтаро нақл ва далериву шаҳомати султон Маҳмудро мадҳ менамуд. Пас аз вай

марде қадпасти пахнрӯй ва барҷастачашм варақи коғазе ба даст — ровӣ ё қиссахон ё ҳар ду — пеш баромада бо овози марғуладор ва алфози тумтароқ: «Акнун бишнавед, имоми суханварон ва бузургтарин гӯяндаи кишвари мо, вассоф ва надими шоҳаншоҳи машриқ ҳазрати маликушшуаро Унсурӣ фатҳи ҳисори Баҳимнагар ва ғаноими * беҳадду қиёсеро, ки дар он ҳисор ба дасти сипоҳиёни зафаршиори султон афтод, чи сон ба риштаи назм кашидаанд!» гӯён ба қироати қасидае шурӯъ кард. Чун мисраъҳои зеринро мехонд, якзайл бо ангушти даст ба он «ғаноими беҳадду қиёс» ишора менамуд:

Худоё донад к-он ҷо чи баргирифт аз ганҷ,
Зи зарру симу силоҳу зи ҷомаю зевар.
Фузун аз он набувад рег дар биёбонҳо,
Ки пеши шоҳи ҷаҳон буд тӯдаи гавҳар.

Маншурӣ агарчи он пуштаҳои зару симу ҷавоҳиротро на бори аввал медид, боз ҳам аз тамошои онҳо дар ҳаяҷон буд, аз Фирдавсӣ мепурсид:

— Оё ин миқдор ганҷро пеш аз ин ҳеҷ дида будед, устод?

Фирдавсӣ нимтабассуме мекарду дам намезад, ба он сарватҳо сокиту ором ва начандон боэътино менигарист.

Дар бозгашт аз намоишгоҳ Маншурӣ аз лашкаркашиҳои пай дар пои султон ва сарватҳои ба даст овардаи ӯ сухан ронда, ӯро ситоиш мекард. Фирдавсӣ гуфтори пурэҳтироси ошнояшро хомӯшона гӯш мекарду бо сари хам ба пеши пояш нигоҳ карда қадам мезад. Хомӯшии ӯро дида Маншурӣ низ ба зудӣ дам фурӯ баст. Дар байни сукути ба миён омада Фирдавсӣ баногоҳ чунин суханҳо бар забон ронд:

— Дар Хуросон қаҳтӣ... Деҳаҳо... сарбанди обҳо вайрон... ҷӯйҳо хушкида... Дар Сарахс дидам, гуруснаҳо дар ахлоти пушти ошхона ҷӯлида қут меҷустанд...

Маншурӣ ҳайрон шуд ва донист, ки дар вақти бо шавқу ҳаяҷон сухан ронданн ӯ дар бораи ганҷи шоҳ шоир ба чи хаёлу андеша будааст. Ӯ ба маънои сухани Фирдавсӣ пай бурда гуфт:

— Шоҳ фармон додааст, ки дар шаҳрҳо анборҳои султониро бикушоянду ба мӯҳтоҷон ғалла бидиҳанд.

— Бале, аммо баъд фармони дигар содир шудааст,— гуфт Фирдавсӣ.— Рӯзе чанд анборҳоро кушоданду боз бастанд. Аз

---

* *Ғаноим* — ғаниматҳо.

кушодан пушаймон шуда бошанд магар. Ғалларо аввал онҳое, ки мутасаддии ғалладиҳӣ буданд, дуздиданд, бақияаш бештар насиби деҳқонон ва дигар «мӯътабарон» гардид... ба мӯҳточон камтар расид ё нарасид...

## Мулоқот бо маликушшуаро

Фирдавсӣ баъд аз он чи дар Ҳирот аз ҳоким дар бораи фармоиши Унсурӣ шунид, аз Унсурӣ дилаш монда буд, бо ӯ майли вохӯрдан надошт; мехост, ки асарашро бидуни тавассути ӯ ба султон гузаронад, вале Маншурӣ ӯро ба вохӯрӣ бо маликушшуаро розӣ кард,— гуфт ки аз пешниҳоди «Шоҳнома» ба мутолиаи Унсурӣ чора нест, зеро султон аздусар онро ба маликушшуаро мефиристад, ки бихонад ва бигӯяд арзиши он ба чи поя аст; дар ин сурат агар «Шоҳнома» аввал ба мутолиаи маликушшуаро пешниҳод нашавад, вай аз шоир гиламанд шуда ба дилаш буғз хоҳад гирифт.

Фирдавсӣ хоҳиш кард, ки Маншурӣ аввал Унсуриро аз омадани ӯ ба Ғазна огоҳӣ диҳад ва пурсад, ки ӯ шоирро кай қабул кардан метавонад.

Маншурӣ рӯзи дигар пагоҳӣ ба даргоҳи маликушшуаро рафта ҳалқаи дарашро кӯфт.

— Кистӣ?— аз дарун овози дарбони пир ба гӯш расид.

Маншурӣ номи худро гуфт.

— Хоҷа дар хоби роҳатанд, имрӯз бор намедиҳанд,— ҷавоб шунид ӯ.

— Бирав бигӯ ки фалонӣ омадааст, хоҷаро фавран дидан мехоҳад.

— Ба бедор кардан иҷозат нест, вақти дигар биёед.

— Бигӯ ки бо як хабари таъҷилӣ омадааст.

— Иҷозат нест.

— Ҳой қалтабон,— қаҳр кард Маншурӣ,— ба ту гуфтам ки хабари таъҷилӣ дорам. Бирав, бигӯ, аз ҷониби Фирдавсӣ омадаанд.

— Фирдавсӣ? Ин ҳамон...

— Бале, ҳамон. Дар хонаи ман нишастаанд.

Пирамарди дарбон дар сӯҳбати шоироне, ки гоҳо ба меҳмонии хоҷааш меомаданд, номи Фирдавсиро на як бору ду бор шунида буд, дар он сӯҳбатҳо дар бораи шоири тусӣ бо таърифу эҳтиром сухан ронда мешуд. Вай рафта ба болохона ба-

ромада ба дари ҳуҷраи хоҷа оҳиста ангушт зад. Дарро дӯшизаи соҳибҷамоле кушод, ки бодбезаки нафисе дар даст дошт,— зоҳиран пашшаҳоро аз сару рӯи хоҷа ронда нишаста будааст.

— Кас омад, ба хоҷа хабари таъҷилӣ дорам мегӯяд,— маълум кард пирамард.

— Кӣ будааст?— ин садои қаҳромези хоҷа буд, ки аз паси дар шунида шуд. Вай бедор будааст.

— Маншурии шоир, аз ҷониби Фирдавсӣ омадам мегӯянд,— бо овози тарсолуд ба арз расонд дарбон,— ҳарчанд гуфтам ки хоҷа имрӯз...

— Фармуда будам ки наё, бедор макун!— итоб кард Унсурӣ ва паҳлу зада рӯ ба девор гардонд.

Маликушшуаро дишаб дар кохи бародари султон амир Йӯсиф буда, дар базми пурсавту садо шабро ба саҳар оварда аз хоб монда буд; саҳарӣ навкаронаш ӯро ба асп савор карда ба манзилаш оварда буданд. Вай масту махмур намози бомдодашро хонда дарҳол тани гаронашро ба кат афканда буд. Нимхобу нимбедор ба сухани дарбонаш дуруст сарфаҳм нарафт. Баъди дур шудани ӯ якбора дар зеҳнаш калимаи «Фирдавсӣ» барқ заду ӯро ба ҳуш овард. Бархоста дариҷаро кушода аз болохона ба хизматгорон, ки дар саҳни сарой ҷунбуҷӯл доштанд, садо кард:

— Дарбонро боздоред!

Дӯшиза — канизаки дар он қарибӣ аз султон расида,— султон Маҳмуд канизакон ва ғуломбачагонеро, ки ҳокимони маҳаллӣ ба тариқи пешкаш ба вай мефиристоданд, баъди якчанд ҳафта ё моҳ дар хизмати худ нигоҳ доштан ба соҳибмансабон ва надимонаш мебахшид,— канизаки барнои шонздаҳ-ҳафтдаҳсола зеварҳои зарриву гавҳаринашро шалдар-шалдар ба садо даровварда аз дариҷаи айвони болохона ба ҳавлии дарун рафт. Унсурӣ ҷомаашро ба китфаш гирифта ба айвон баргашта пурсид:

— Кӣ омад гуфтӣ?

— Шоир Маншурӣ,— ҷавоб дод дарбон.

— Боз кӣ?

— Танҳо худашон.

— Чаро гуфтӣ Фирдавсӣ?

— Ман чӣ донам, аз Маншурӣ шунидаамро гуфтам.

— Бигӯ, дароянд.

Маншурӣ ворид шуд.

— Ассаломалайкум, фақир аз ҷониби устод Фирдавсӣ омадам, устод дирӯз вориди шаҳр шуда ва алъон меҳмони фақир

мебошанд, хоҳиш карданд, ки омаданашонро ба ҳазрат маълум намоям; мехоҳанд ҳазратро зиёрат кунанд.

Маликушшуаро чизе нагуфт, даст ба риш карда як дам хомӯшона дар саҳни сарояш ин сӯ-он сӯ қадам зад. Ба андеша рафта буд. Омадани Фирдавсӣ ба Ғазнӣ ногаҳонӣ, ғайричашмдошт буд. Чӣ тавр шуд, кӣ омад? Маълум мешавад, ки Олтунтоши ҳоким ӯро боздошта ва баргардонда натавонистааст? Албатта, «Шоҳнома»-ашро бардошта овардагист...

— Бисьёр хуб,— истода гуфт ӯ ба Маншурӣ,— Фирдавсиро гӯед, марҳамат фармоянд.

Ҳамон рӯз баъд аз пешин Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и рӯмолпеч дар бағал бо ҳамроҳии Маншурӣ ба сарои маликушшуаро равон шуд. Абӯ Дулаф хоҳиши рафтан накард. Унсурӣ дар саҳни сарой меҳмонро истиқбол ва оғӯш кушода бо вай вохӯрдӣ кард:

— Хайри мақдам, хайри мақдам: дидор муборак, марҳамат, хуш омаданд,— хоҷа гӯё муштоқи дидори Фирдавсӣ ва аз омадани ӯ ниҳоят шод буд. Вай марде синнаш аз панҷоҳ боло, фарбеҳи шикамкалон буд, ба тан ҷомаи ашрофонае аз порчаи мулаввани шуштарӣ ва ба по кафши муҷаллое аз чарми гаронбаҳо дошт. Пиршоири тусӣ бо пӯшоки соддаи маъмулӣ, риши калони сафеду анбӯҳ ва чеҳраи аз машаққати сафар афсурда дар муқоисаи зоҳирӣ бо шоири дарбории ашрофсавлат монанди як нафар деҳотии оддӣ менамуд, фақат чашмони мешини хастааш бо нигоҳи ороми мутафаккирона аз соҳиби маънавиёти фаровон ва андешаҳои амиқ будани ӯ хабар медоданд. Хоҷа боварнаш намеомад, ки ин «деҳотии нотарошида» таърихи чандинҳазорсолаи Аҷамро назм карда бошад. Маншурӣ меҳмонро ба мизбон супурда, худ ба сӯҳбати онҳо халал расонидан нахостанашро баҳона карда баргашту ба дӯконаш равон шуд. Унсурӣ Фирдавсиро ба даруни боғ, ки меҳмонхона он ҷо буд, бурд.

Меҳмон аз зинату ҳашамати меҳмонхона дар ҳайрат монд. Як худи қолини сурху зарди ниҳоят хушранг, ки тамоми фарши хонаи калонро пӯшонда буд, ба ибораи маъмулии он замон «ба хироҷи як мамлакат» меарзад. Дигар, қатори токчаҳои баланди меҳробшакли мунаққаш ва зарфҳои заррину булӯрини дар он токчаҳо чидашуда, катибаҳои арабиву форсӣ ба хатти зебои куфӣ ва насх дар деворҳои гаҷкорӣ ва болорҳои кандакоришудаи шифти хона, пардаҳо аз дебои шорӣ ва дабиқӣ* дар

* Порчаҳои нозук ва латиф.

воқеъ тамошоӣ буданд ва ба чашми бинанда ҳаловат мебахшиданд. Шоири камбағали тусӣ шунида буд, ки маликушшуарои дарбори Ғазнӣ аз атоҳои султон сарвату микнати амиронае андӯхтааст ва гоҳо ба подоши мадеҳаю қасидаҳои ӯ зару симро барояш аз хазина ба фил бор карда мефиристодаанд.

— Хуш омадед,— таоруфашро такрор кард Унсурӣ.

— Марҳамати шумо зиёд, ҳазрат,— даст ба сина гузошт Фирдавсӣ ва ҳам якбора дар худи оғози суҳбат чунин киноя кард: — Вале омадани банда ба кӣ хуш аст ва ба кӣ нохуш, умед аст ки ба зудӣ маълум шавад.

Киноя газанда буд, табассум аз чеҳраи маликушшуаро парид, ӯ яке абрувон ба ҳам ва чин ба пешонӣ кашиду боз зуд табассуми паридаро ба чеҳрааш бозовард.

— Банда намедонам кинояи мавлоно аз чист, вале бидонанд, ки мақдами шоири шаҳири достонсаро ба ҳама, ба ҳама хуш аст,— гуфт ӯ.

— Бахшоиш мехоҳам, ҳазрат, вале аз номае, ки ба ҳокими Ҳирот ирсол шуда будааст, ҳамин маънӣ дастгирам шуд, ки Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ашро ба мо фиристаду худаш биравад,— ҷавоб гардонд шоир ва хандида бо лаҳни нимзаҳлу нимҷиддӣ афзуд: — Яъне китобашро мехонему аз худаш безорем.

— Ҳаргиз, ҳаргиз, мавлоно. Иштибоҳ, иштибоҳ. Мулоҳизаи дар нома баёншуда ба поси хотири шумо буд, ваҷҳашро дар ҳамон нома зикр карда будем,— мулоимона эрод расонд Унсурӣ. Вай одатан дар муомила бо ҳамкасабаҳояш ва дигар мардумони камобеш номвор шахси нармгуфтор, боназокат ва хуштаоруф буд, ҳарчанд баъзе касоне, ки бо вай корафтода шуда ва хуб шинохта будандаш, ӯро чоплус мехонданд.

Шиносоии шахсӣ ва мусоҳибаи ин ду шоири воломақом ҳамин тавр оғоз ёфт. Хизматгорон дастархон густурданд ва хуришҳо оварданд. Фирдавсӣ китобашро бароварда пеши Унсурӣ ниҳод. Дар асрои сарфи таом Унсурӣ онро бешитоб варақ зада, баъзе сарлавҳа ва бархе сатрҳоро бо овоз мехонду ба муаллиф офарин мегуфт: «Аҳсант, аҳсант. Кори азимеро анҷом додаед, ки ба он пеш аз шумо аз шуаро фақат Дақиқии бузург ҷуръат карда буд ва маълум набуд ба охир расонда метавонад ё на, вале шумо тавонистаед». Мадҳи султон Маҳмудро хонда тақдир ва таъриф кард. Пасон соҳиб аз чигунагии сафари Фирдавсӣ ба ин ҷониб, аз таърихи таснифи «Шоҳнома»-и мансури Абдураззоқӣ ва манзуми Абулқосимӣ пурсон шуд. Фирдавсӣ пас аз ҷавоб додан ба пурсишҳои ӯ гуфт:

— Умедворам ки ҳазрат «Шоҳнома»-ро манзури назари ху-



моюнӣ мекунанд ва ҳамчунин ба қабули он лутфан далолати худро дареғ намедоранд.

— Албатта, албатта,— ваъда дод Унсурӣ,— пас аз баргаштани султон аз сафари Ғӯр китоб ба дарбори олӣ гузаронда хоҳад шуд. Вале нахуст ман худ бояд инро мутолиа бикунам, то агар аълоҳазрат аз ҳайси ҳунару санъати суханварӣ ба чимартаба будани асарро пурсанд, банда мулоҳизаи хешро баён кардан тавонам.

«О-ҳо, султон кай ба пойтахташ бармегардад ва маликушшуаро китобро кай хонда тамом мекунаду ба султон мебарад?»— андешид Фирдавсӣ ва пурсид:

— Оё аълоҳазрат дар Ғӯр дер мемонда бошанд?

— Кӣ медонад,— гуфт Унсурӣ,— инро ҳеҷ кас намедонад. Кишвари Ғӯр, чунон ки маълум аст, ҳама кӯҳсор ва ба илова қалъаҳои мустаҳкам дорад, гумон намекунам ки зафар бар ғӯриён ба ҳамчу султони мо сафдари қалъакушой ҳам осон-осон даст медода бошад. Сонияи, бидонед ки баъд аз баргаштани султон ҳам «Шоҳнома» ба ҳузури олӣ ба зудӣ гузаронда нахоҳад шуд, зеро як-ду ҳафта ба ҷашну сур, ба шарафи ғалаба, мегузарад, пас аз он шоҳаншоҳ муддати мадиде дар яке аз боғҳои хосса истироҳат ва айшу ишрат карда ва дар ин муддат ғайр аз ду-се надим ва муқаррабони хос касеро бор намедиҳанд. Банда ба наздашон фақат вақте рафтан метавонам, ки худ талаб кунанд... Аслан манзумаеро ба султон гузаронидан корест, ки ба зудӣ анҷом намепазирад, шуаро аксар вақт якчанд ҳафта ва ҳатто ду-се моҳ муаттал мемонанд. Ин ҳолро банда барои шумо ҳам пешбинӣ карда, бо ҳамин мулоҳиза дар номаи ба Олтунтоши ҳоким ирсолшуда ба Ғазнӣ фиристодани «Шоҳнома» ва худ ба ватан баргаштани шуморо салоҳ дониста будам.

Шоир бо хотири парешон аз сарои маликушшуаро ба бошишгоҳи муваққатии худ — манзили устои ғазнигӣ баргашт.

## Мусоҳиба дар корвонсаро

Фирдавсӣ ба устои дуредгар барои мусофирнавозиву меҳмондориаш изҳори миннатдорӣ намуда, аз меҳмонхонаи ӯ ба корвонсарои воқеъ дар канори ҷанубии шаҳр кӯчид. Бо Абӯ Дулафу Бобак ҳар се дар як ҳуҷра ҷойгир шуданд.

Бегоҳӣ Маншурӣ бо як нафар марди миёнсоли ришдароз омаданд. Он мард бо таъзим дасти Фирдавсиро бӯсида худро муаррифӣ кард:

— Лабибии Адибӣ ҳастам, мухлиси устоди муаззам.

Вай дӯсти наздики Маншурӣ буд, аз вай хабари ба Ғазнӣ омадани Фирдавсиро шунида ба зиёраташ омада буд.

Ҳар се шоир ва Абӯ Дулаф нишаста, ҳанӯз сари пурсупосро боз накарда буданд, ки усто Салоҳиддин табақи калони дастархонпеч дар даст ворид шуда салом дод. Барои чӣ бошад ки дар кабати саллааш як шамъи дарозро халонда омада буд. Дастархонро кушод, рӯи табақи сафолини сабзгунаро қуббаи баланди палав пӯшонда буд.

— Устод ба ин зудӣ кулбаи факирро тарк карданд, иззаташонро он тавр ки мебояд, бачо оварда натавонистем, маъзур медоранд,— ду даст бар сина бо ғояти хоксорӣ мегуфт усто, марди солхӯрдаи хушсимо ва нуронӣ. Ӯ ба Кобул барои дидани духтару домодаш ва набераҳояш рафта, дар бозгашт бо Фирдавсӣ ҳамроҳӣ намуда буд.

— Не, не,— гуфт Фирдавсӣ,— ҳеч ваҷҳи узр хостан нест, устои азиз, баръакс, меҳмоннавозӣ ва иззату икроме, ки мо дар хонаи шумо дидем, бар мо миннат мениҳад. Марҳамат, биншинед.

Шамъ диққати Маншуриро ҷалб кард:

— Ин чист, бародар? Ба қабати дасторатон шамъ халонда гаштаед?— пурсид ӯ.

— Барои устод... шамъи кофурӣ...— Салоҳиддин шамъро аз қабати саллааш гирифта ба токча гузошт.— Гуфтам, мабодо дар ҳуҷра шамъи хуб набошад... Шамъи кофурӣ нағз-дия... рӯшноияш бештар...

Бобак бо обдастаю дастшӯя ҳозир шуда ба дасти ҳозирон об рехт. Дар хонаи усто магар ба палав чи доруворе андохта будаанд, ки бӯи хуши иштиҳоангез медод. Ҳамаашон гирди дастархон ҳалқа зада ба хӯрдан машғул шуданд. Баъд аз сарфи таом Салоҳиддин ҳозиронро монанди касе, ки гуноҳе карда бошаду узр мехоҳад, бо тавозӯъ хайрбод гуфта, табақи холиро гирифта рафт.

Шаб даромад, шоирон дар рӯшноии тобони шамъи кофурӣ то нисфи шаб нишаста аз ҳар дар сӯҳбат карданд. Мусоҳиба чанде дар атрофи номи маликушшуаро Унсурӣ ва мулоқоти Фирдавсӣ бо ӯ чарх зад. Маншурӣ маликушшуароро устоди бузург ва тарбиятгари шоирон номида таъриф мекард ва мегуфт, ки услуби гӯяндагии ӯ сармашқи суханварони кунунӣ ва ояида аст.

— Дӯстам Маншурӣ шефтаи ашъори Унсурист,— бо лаҳни истеҳзо гуфт Лабибӣ.

— Ҳар кас ки сухан мешиносад, шефтаи сухани эшон нашудан наметавонад,— ҷавоб гардонд Маншурӣ.

— Инкор намекунам, эшон устоди бузурги сухан ҳастанд, лекин ту мадҳи шеърашон ва худашонро аз ҳад мегузаронӣ, Абӯсаъд.

— Ашъори маликушшуаро дар ғояти сафо ва покизагист, аз ҳар гуна таъқиди* маонӣ ва алфоз мубарро ва ҳамчу обгина шаффоф. Сухани эшонро беҳтарин намунаи адаби забони дарӣ метавон гуфт. Ташбеҳоташон балеғ ва шево.

— Оё мумкин аст илтимос кунем ки шеъре аз эшон бихонед, агар ба ёд доред,— ба Маншурӣ муроҷиат кард Абӯ Дулаф.

— Албатта, ба ёд дорам. Чӣ бихонам?.. Хуб, инак як қитъа. Дар ташбеҳи зулф ва рӯй гуфтаанд,— Маншурӣ аз ёд хонд:

Чӣ чиз аст рухсораву зулфи дилбар?
Гули мушкбӯю шаби рӯзпарвар,
Гул андар шуда зери авруста сунбул,
Шаб андар шуда зери хуршеди анвар.
Накӯтар зи равшан шаби тори зулфаш,
Агарчанд равшан зи тира накӯтар.

Хонанда пеш аз ҳама худаш ба ваҷд омада ба Лабибӣ назари фотеҳона афканд:

— Ту ин гуна шеър гуфтан метавонӣ? Наметавонӣ, агарчи — эътироф мекунам — шоири забардаст ҳастӣ. Ман ҳам наметавонам.

Ҳама ба Фирдавсӣ нигоҳ карданд, ки ӯ чӣ мегӯяд.

— Хуб аст, алҳақ ташбеҳоташ латиф ва шевост,— гуфт Фирдавсӣ.

Маншурӣ аз ин сухани устод шод шуда, порчаи дигареро аз Унсурӣ ба ёд овард:

— Як даъфа дар ҷашни Сада дар боргоҳи султон дарахти рӯшноӣ сохта буданд, маликушшуаро онро диданду бадоҳатан гуфтанд:

Гаҳе сарви баланд асту гаҳе нор,
Ақиқин гунбади зарриннигор аст.
Агар на кони беҷодаст** гӯӣ,
Ҷаро боду ҳаво беҷодабор аст?

---

* *Таъқид* — пӯшида сухан гуфтан.

** *Беҷода* — санги қиматбаҳои сурхранг ё зардранг, ки хосияти каҳрабоӣ дорад.

Ҳозирон аз ин мисраъҳо низ хушашон омад. Аз табассуми Фирдавсӣ маълум буд, ки ӯ низ рубоиро писандид.

— Эшон ба замми чунин қудрати суханварӣ шахси наҷиб, инсони комиле ҳастанд,— Унсуриро боз васф кард Маншурӣ.

— Дар забардастии Унсурӣ ва баландии сухани ӯ шак нест, вале ту, Абӯсаъд, дар сирати ӯ хато мегӯӣ,— ба дӯсташ эрод расонд Лабибӣ.

— Медонам, дар ин боб фикри ту дигар аст,— гуфт Маншурӣ,— вале ман Унсуриро ҳамон тавр мешиносам ки гуфтам.

Баҳс ба Абӯ Дулаф шавқангез намуд, вай аз Лабибӣ пурсид:

— Пас фикри шумо дар бораи шахсияти маликушшуаро чӣ гуна аст?

— Маъзарат мехоҳам, устод,— ба Фирдавсӣ рӯ овард Лабибӣ,— банда намехоҳам аз маликушшуаро бадгӯӣ кунам, одати ғайбат кардан надорам, вале чаро мо бахилро бахил, ҳасудро ҳасуд нагӯем? Гоҳо дидаем, ки шоире дар маҷлиси султон шеъри хубе мехонад, султон ба Унсурӣ менигарад, ки яъне бигӯ, дар бораи шеъраш фикри ту чист, маликушшуаро аввал бо шаккари таърифашон коми шоирро андак ширин мекунанду сипас ба шаккар як қатра заҳр мечаконанд. Боре эшон дар бораи як қасидаи ҳақиқатан устодонаи Абӯсироқа чунин суханронӣ карданд: «Баҳ, баҳ, мавлоно чи мадеҳаи ғаррое * гуфтаанд, банда дербоз як чунин абьёти дилчаспро нахонда ва нашунида будам. Аҳсант, аҳсант. Мавлоно агарчи аз Рӯдакӣ ахзи маонӣ карданашон эҳсос мешавад, вале охир устодони бузургро пайравӣ кардан ҳунар аст, на айб, мавлоно аз ин ҳунар ба таври кофию вофӣ бархурдоранд». Ба ҳамин тарз эшон қасидаро ба тақлид ва дуздии маонӣ нисбат доданд. Зоҳиран таъриф карданд ва аслан бар хок заданд, ҳол он ки қасида тақлидӣ набуд.

— Ман шунидам, тақлид будааст, маликушшуаро бесабаб эрод намегирифтанд,— сухани гӯяндаро қатъ кард Маншурӣ.

— На, тақлиде, ки Унсурӣ гуфтанд, набуд, фақат як дараҷа пайравӣ ба сабки Рӯдакӣ буд ва ин равост,— ҷавоб гардонд Лабибӣ ва ба суханаш идома дод:— Ман намегӯям, ки маликушшуаро ҳасуданд, вале аз гуфторашон бӯи ҳасад меомад, мисли ин ки шоири забардастро рақиби худ медониста бошанд. Бори дигар дидам, ҳамчунин дар маҷлиси султон ба қасидаи дигар як суханвари устод чунин қимат доданд: «Бешак, ҷои

* *Ғарро* — олӣ, барҷаста.

ин қасида дар радифи шоҳкорҳост» ва баъд ду байти онро хонда гуфтанд: «Ин маънӣ миёни банда ва мавлоно муштарак афтодааст, ин дар фалон манзумаи банда низ ҳаст». Пасон гӯё хостанд таъсири заҳрро камтар кунанд, ки афзуданд: «Гоҳо дар ашъори шуаро иштироки маонӣ иттифоқ меафтад ва ин, албатта, аз таворуди * афкору таҳайюл аст». Ҳамчу хобгузоре, ки дар таъбири хоби подшоҳ нагуфтааст: «Хешу ақрабои ту пеш аз ту мемиранд», балки гуфтааст: «Ту аз онҳо умри бештар хоҳӣ дид», маликушшуаро ба ҷои ин ки гӯянд: «ту маъниро аз ман дуздидаӣ», ин нуктаро нармтар, хушояндтар ифода карданд.

— Он шоир дар ҳақиқат маъниро аз Унсурӣ дуздида буд?— пурсид Фирдавсӣ.

— Намедонам, шояд монандие бошад,— ҷавоб дод Лабибӣ,— вале мақсуди Унсурӣ аз хурдагирӣ кардан ба он як байт аз байни сӣ ё чиҳил байт қасидаи шоирро беқадр кардан буд ва эшон ба ин мақсуди хеш ноил ҳам шуданд: баъдан ҳасудон ва бадхоҳони шоир кӯшиданд, ки номи ӯро ба маънидуздӣ бароранд. Чун ашъори шоиронро ба султон гузаронидан фақат ба тавассути маликушшуаро мумкин аст, шоир агар аз наздикон ва мутамалликони Унсурӣ набошад ё эҳтимоли аз султон силаи калон гирифтанаш бошад, эшон мекӯшанд, ки шеъраш манзури назари ҳумоюнӣ нашавад. Баҳона меоваранд, айб меҷӯянд. Дар ибтидо банда ҳам ба чунин рафтори эшон бархӯрда будам. Қасидае дар мадҳи султон гуфта будам, пеши маликушшуаро бурдам, хоҳиш кардам, ки ба султон арза кунанд, хонданд ва бо табассуми малеҳу лаҳни ширин гуфтанд: «Маатаассуф, шоистаи самъи муборак наменамояд, аълоҳазрат дар ин маънӣ бисьёр ашъори беҳтар аз ин хонда ва шунидаанд». Қасидаи ман, албатта, рӯдакивор ё унсуривор набуд, вале аз як тоифа қасидаҳое, ки манзури назари султон ва сазовори силаву ато мешуданд, батар набуд, баъдан ман онро ба номи амир Йӯсиф — додари султон гузаронидам; ба халофи интизор дар маҷлиси амир, ки чанде аз шуаро ва фузало ва аз он ҷумла устод Фаррухӣ низ дар он маҷлис ҳузур доштанд, қасида хеле таърифу тавсиф ёфт ва лоиқи сила гардид. Як ҷумъа бо Унсурӣ дар ҷомеъ бархӯрда гуфтам: «Шояд шунида бошед, он қасида, ки писанди хотири шумо наёфтод, дар маҷлиси амир Йӯсиф тақдир ва таҳсин ёфт», ришханде карданду

---

* *Таворуд* — тасодуфан кор фармуда шудани як мазмун дар шеъри ду шоир.

гуфтанд, «шеърфаҳмии амири ҷавон мутобиқи синну соли ӯст».

— Рост бигӯ, Лабибӣ, ту инак ба ҷиҳати ҳамин як эрод, ки маликушшуаро ба қасидаи ту гирифтаанд, эшонро бад дидай,— эътироз кард Маншурӣ.

— На фақат ба ин ҷиҳат, балки пештар ҳам ман нохайрхоҳӣ ва бадрафтории эшонро нисбат ба шоироне, ки ба эшон тамаллуқ намегӯянд, медидам ва ҳайрон мешудам,— гуфт Лабибӣ.

Фирдавсӣ ба дилаш гузашт, ки магар Унсурӣ аз «Шоҳнома» ҳам айбҷӯӣ мекарда бошад. Мехост ин суолро ба Лабибӣ диҳад, локин лозим надонист, худдорӣ кард. Абӯ Дулаф мисли ин ки ба фикри устодаш пай бурда бошад, аз Лабибӣ пурсид:

— Ба гумони шумо, оё маликушшуаро ба «Шоҳнома» нуктагирӣ мекарда бошанд?

— Ошкоро — на,— ҷавоб дод Лабибӣ,— «Шоҳнома» ба қиёси достони Рустаму Сӯҳроб, ки қироаташро банда ҳам дар маҷлиси маликушшуаро шунида будам, аз ҳар гуна нуктагириву эродбарист; офтобро бо доман пӯшонда намешавад, инро маликушшуаро ҳам медонанд, вале бо вуҷуди ин банда аминам, ки эшон кӯшиш хоҳанд кард арзиши онро назди султон аз будаш камтар намоёнанд.

Фирдавсӣ пинак мерафт: аён буд, ки аз баҳси дарози меҳмононаш хаста шуда ва балки ба танг омадааст. Нисфишабӣ онҳо ба вай хоби роҳат талабиданду рафтанд.

## Дар манзили Моҳак

Як даҳ рӯз гузашт. Фирдавсӣ ин муддатро дар ҳуҷраи корвонсаро бо мусоҳибати шоирон ва фозилоне, ки ба зиёраташ меомаданд, гузаронид. Абӯ Дулаф гоҳо барои онҳо аз «Шоҳнома» қиссаҳо мехонд. Маликушшуаро Унсурӣ дар ин муддат аз шоир на хабаре гирифт ва на ба вай хабаре фиристод. Шояд машғули мутолиаи «Шоҳнома» буд.

Ногуфта намонад, ки дар манзилҳои роҳи сафари аз Тус то Ғазнӣ шоир ба Бобак аз «Шоҳнома» пандҳои Бузургмеҳри ҳакимро ёд мекунонд. Дар Ғазнӣ вай ба ҷавонак фармуд, ки панди ҳакимро дар бораи даҳ аҳриман (дев) аз ёд кунад. Оз (ҳарисӣ, тамаъ), ниёз (талабандагӣ), рашк, хашм, нанг (беномусӣ), кина, наммомӣ, нопокдинӣ, носипосӣ ва бедонишӣ — инҳо даҳ дев мебошанд,— таълим медод Бузургмеҳр,— ки ода-

миро гумроҳ мекунанд ва ҷону хирадро тира месозанд. Одамӣ бояд ҳамеша аз инҳо гурезон бошад. Бобак мисраъҳои баёнкунандаи зарари ин сифатҳои разиларо ба дафтари махсус, ки дошт, мекӯчонд ва хонда-хонда ҳифз мекард.

Чун муқаррар шуд, ки истодани Фирдавсӣ дар Ғазнӣ хоху махоҳ дер мекашад, андешаи манзили доимӣ ба миён омад. Ҳуҷраи танги нимторик, шифту деворҳояш аз дуди оташдони кунҷакӣ сиёҳгашта боби зистан набуд. Бояд манзили доимӣ ва муносибе пайдо кард, ки дар вай зистан ва ҳам кор кардан мумкин бошад (шоир боз ҳам ба тасҳеҳу такмили «Шоҳнома» машғул шуданӣ буд. Ҳар бор ки ӯ ба муносибате китобашро варақ мезаду мехонд, дар ӯ фикрҳои тоза пайдо мешуданд, ба назараш гоҳо тартиби ин ё он достон ё порчаҳои ҷудогонаи он ноқис менамуд, ё ки таҳрири нав ва беҳтари байтҳо ба хотираш мерасид). Вай бо Маншурӣ маслиҳат андохт, Маншурӣ манзилро дарак карданӣ шуд.

Дар ҳамон маҳалла, ки хонаи Маншурӣ он ҷо буд, Шарафуддини Моҳак ном пирамарди соҳибҷоҳе мезист, вай номи надими султон дошт ва шахси фозиле буд, сӯҳбати олимон ва шоиронро дӯст медошт. Ҳар гоҳ ки донишманд ё шоири мусофире, сайёҳе гузораш ба Ғазнӣ меафтид, Моҳак вайро ҳатман ба меҳмонӣ даъват карда мусоҳибаш мешуд; гоҳо ба чунин мусофирон дар хонааш манзил ҳам медод.

Як бегоҳ Маншурӣ ба назди ӯ рафт.

— Ҷаноби олӣ оё хабар доранд, ки ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар шаҳри моянд?

— Абулқосими Фирдавсӣ? Ҳамон шоири тусии достонсаро?— надими султон, албатта, номи шоирро шунида буд.

— Оре, таърихи мулуки Аҷамро назм карда ва овардаанд, ки ба султон тақдим бикунанд. Вуруди эшонро ба Ғазнӣ тамоми шаҳр медонад, чӣ тавр шуд ки ҷаноби олӣ бехабар мондаанд?

— Ман ба Бӯст рафта будам, дишаб баргаштам.

— Оё майл надоред боре бо эшон ҳамсӯҳбат шавед?

— Чаро? Бо камоли майл.

— Ман ба ин шак надоштам, бинобар ин омадам ки хабар диҳам.

— Хеле хуб, пас оё даъват бикунем ва шумо эшонро ба хонаи мо меоваред ё аввал ман худ ба хизматашон биравам?

— Ман фардо бегоҳӣ устодро ба меҳмонӣ мехонам, агар шумо ҳам лутфан ба кулбаи банда қадам ранҷа мекардед...

— Хеле хуб. Ташаккур. Меоям.

Шарафуддини Моҳак надими амир Носириддини Сабуктегин падари султон Маҳмуд буд, вале акнун дар пирӣ аз дарбор дур афтода буд, султон ӯро фақат ба хотири надими падараш будан гоҳ-гоҳ, соле як бор-ду бор ба дарбор даъват мекарду бас. Пирамард зарофат дошт, хушсӯҳбат ва базлагӯй буд.

Рӯзи дигар баъд аз пешин вай бо мушоияти ду чокараш дар манзили Маншурӣ ҳозир гардид. Фирдавсӣ бо Абӯ Дулаф андак пештар омада буданд.

— Ассаломалайкум. Ба шаҳри мо ташрифи қудум фармудаанд, хуш омаданд, муштоқи дидорашон будем,— Моҳак бо шоир дудаста воҳӯрдии гарм кард. Пирамард ботанутӯш, чорпаҳлу, қадаш аз Фирдавсӣ як сар баландтар буд. Ҳар ду дар пешгоҳ шона ба шона нишастанд. Маншурӣ ба пои қадами ду меҳмони воломақом меҳмонхонаашро ороста ва асбоби зиёфати муносибро таҳия карда буд.

— Шунидам, таърихи мулукро назм кардаанд, маатаассуф моро то алвақт хондани шоҳкори ҳазрат муяссар нашуд, умед аст, ки акнун бубинем ва бихонем.

Сари дастархон аҳволпурсӣ ва аз ҳар боб, ки муносиби мавқеъ буд, гуфтугузор карданд. Сипас Моҳак хоҳиш кард, ки ягон боб аз «Шоҳнома» хонда шавад. Абӯ Дулаф бо иҷозати шоир якчилд аз чилдҳои «Шоҳнома»-ро, ки оварда буданд, кушода ба қироати қиссаи Соми Наримон ва Золи Зар шурӯъ кард. Моҳак ва Маншурӣ дам фурӯ бурда шуниданд. Надими пир ҳатто дар кӯдакӣ ҳам афсонаҳои модарашро бо чунин шавқу ҳавас гӯш накарда буд.

Аз қисса каме монда буд, ки шаб ба нима наздик шуд, дар Фирдавсӣ осори хастагӣ мушоҳида карданд ва қории хушхон ҳам монда шуда буд, ночор — ба таассуфи Моҳак — шоҳномахониро бас кардан лозим омад, вале надими султон шарт ниҳод, ки фардо бегоҳӣ шоир ва ровӣ бо ҳамроҳии Маншурӣ ба меҳмонии ӯ марҳамат мефармоянд ва давоми қисса дар он чо хонда хоҳад шуд.

Рӯзи дигар дар меҳмонхонаи Моҳак боз як бегоҳ ва як поси шабро вақфи шоҳномахонӣ карданд. Моҳак шоирро барои шабхобӣ дар меҳмонхонааш мононд, Маншурӣ ба хонаи худаш ва Абӯ Дулафу Бобак ба корвонсаро равон шуданд. Мизбон бо шоир якка-ба-якка монда, минчумла аз муддати тавақкуфи ӯ дар Ғазнӣ пурсон шуд, Фирдавсӣ гуфт, ки ин ҳанӯз маълум нест. Дар бораи боби истиқомат набудани ҳуҷраи кор-

вонсаро ҳам сухан рафт. Моҳак гуфт, агар шоир қабул кунад, вай бо ҷону дил ба ӯ дар хонаи худаш манзил хоҳад дод. Дӯстдорандаи сӯҳбати оқилону доноён Шарафуддини Моҳак солҳои бисьёри умраш бо он тоифа омезиш дошт, акнун ба ҷиҳати пирӣ ва аз тарафи дигар камилтифотии султон вай аз маҷлису маъракаҳо канор афтода дилтанг мешуд, орзӯи ҳамдамеву ҳамнишине мекард, ки бо мусоҳибати вай занги дил бишӯяд. Агар Абулқосими Фирдавсии ҳаким якчанд муддат дар манзили ӯ қарор мегирифт, айни муддао мебуд. Ҳавлии калон ва фарохи ӯ, ки қариб нисфи маҳалларо ишғол мекард, чандин хонаву ҳуҷраҳо дошт, нишонидани мусофирони тусӣ дар яке аз ҳуҷраҳо барояш малоле намеовард. Аз дарвоза долони васеъ ва дарозе ба дари ҳавлии дарун мебурд, долон дар ду бараш ду дар дошт, аз дари тарафи чап ба ҳавличаи дигаре даромада мешуд, ки меҳмонсаро буд, дари тарафи рост ба сарои ҳайвонот боз мешуд, ки ҳуҷраҳои истиқоматии хизматгору саисҳо низ дар вай буд; пушти ҳавлии дарун чорбоғ буд ва чорбоғ бо як самти худ ба сарои ҳайвонот мепайваст, боғ ва саройро девори баланде аз ҳам ҷудо мекард. Меҳмонхона дуошьёна буд, ҳуҷраҳои ошьёнаи боло дару тирезаҳояшон ба тарафи кӯча буданд, саҳни меҳмонсаро гулзор буд, дар канораҳои гулзор якчанд бех сарву санавбари мавзуни ҳамешасабз қад кашида ва дар зери онҳо ҷӯяки обе равон буд, ки аз корез сарчашма мегирифт (оби нӯшокии шаҳр аз корезу чоҳҳо буд, чоҳҳо дар бештарини ҳавлиҳои аҳолӣ канда шуда буданд). Фирдавсӣ таклифи Моҳакро бо миннатдорӣ қабул кард. Соҳиб Фирдавсӣ ва ҳамроҳони ӯро дар меҳмонсаро дар ду ҳуҷраи болохона ҷой дод. Ҳар бегоҳ то дершаб ва баъзан рӯзҳо ҳам менишастанду сӯҳбат мекарданд, ба ҳамдигар аз саргузаштҳо, аз сафарҳои худашон воқеаҳои шавқангез нақл менамуданд. Шаб дар поёни сӯҳбат «Шоҳнома» хонда мешуд. Моҳак аз шабнишиниҳо он қадар хушнуд мегардид, ки нишасти навбатиро бесаброна нигарон мешуд. Аксар вақт дар шабнишиниҳо чанде аз шоирону фозилони шаҳр низ ҳозир мебуданд ва он гоҳ маҷлисро латифагӯиҳо, мутоибаҳои зарифона ва мушоираҳо метафсонданд. Гоҳо созанда ва сароядагон даъват карда мешуданд, ки аҳли сӯҳбатро бо созу навоҳо маҳзуз ва масрур месохтанд. Хӯрду хӯроки рӯзонаи меҳмонони тусӣ ду маҳал аз ошхонаи соҳиб мерасид, палави бегоҳирӯзӣ бошад дар оташдони беруни меҳмонхона барои ҳамаи ҳозирони шабнишинӣ пазонда мешуд.

Фирдавсӣ аз «муфтхории» тӯлкашида хиҷил буд. Пас аз якчанд рӯзи истиқомат дар манзили соҳиб аз вай миннатдорӣ ва

хоҳиш кард, ки ичозат диҳад ҳар се мусофир харҷи маоши худашонро аз кисаи худашон кунанд.

— Дар таомул меҳмондорӣ то се рӯз аст, хоча, шумо аз ин хеле гузарондед,— мутоибаомез гуфт ӯ.

— Эй азиз, аз матбахи * банда ҳамарӯза чиҳил кас рӯзӣ мехӯранд,— гуфт Моҳак,— магар ҳамтибхии ** се каси нав малоле дорад? На! Барои ман ҳамнишинии шумо давлати худодод аст, мавлоно. Агарчи шумо як умр меҳмони ман бошед, ман боз ҳам ҳаққи муоширату мусоҳибат бо ҳамчу шумо азизеро нагузордаам.

— Азизи туфайлихор,— хандид Фирдавсӣ.— Охир, моро як чунин паноҳгоҳи хуб доданатон кам буд ки боз...

— На, на! Асло!— дигар дар ин бора сухан шунидан нахоста даҳони меҳмонашро баст хоча.

Фирдавсӣ ҳоло бефоида будани ин гуфтугӯро ҳис карда, дигар ба хоча гап нагардонд. Вале рӯзи дигар дар меҳмонхона дар поёни шоҳномахонӣ аз нав ба ин мавзӯъ баргашта, ба Моҳак ба таври ҷиддӣ гуфт, ки агар хоча ӯро аз хиҷолат баровардан хоҳад, бояд ба дегу табақ кардану минбаъд аз пули худ харҷи маош намудани вай розӣ шавад, вагарна вай, Фирдавсӣ, бо ҳамроҳонаш ночор ба корвонсаро мекӯчанд. Моҳак ночор розӣ шуд. Бо фармоиши вай пагоҳи дигар хизматгораш ба ҳуҷраи Абӯ Дулафу Бобак як дегча, чойҷӯш, кӯза, табаку коса овард, ду бағал тарошаи майда-майда кафондашуда низ оварда партофт. Аз ҳамон рӯз сар карда Бобак масолеҳи хӯрокро аз бозор харида меоварду бо Абӯ Дулаф дуяшон дар оташдони ҳуҷраи худ як маҳал хӯрок мепухтанд. Обу ҳезум, рӯбучини ҳар ду ҳуҷра ба ӯҳдаи яке аз чокарони Моҳак буд, ки аз тарафи соҳиб ба ин хизмат маъмур шуда буд.

Аммо ба зудӣ аз Абӯ Дулаф муваққатан ҷудо шудан лозим омад. Бақияи пуле, ки Фирдавсӣ ва ӯ доштанд, камобеш ба якмоҳа харочоташон мерасиду бас. Аз рафти кор, дар ояндаи наздик аз ҳеҷ тараф умеди даромаде набуд, фақат имкони қарз кардан буд, вале Фирдавсӣ чи гуна шудани натиҷаи тақдими «Шоҳнома» ба султонро надониста, ҳоли ҳозир қарз кардан намехост. Меандешид, ки чи бояд кард. Ба ёди вай амири Қаҳистон омад: амир каме пештар аз сафари Фирдавсӣ ба Ғазнӣ ба вай номае навишта буд бад-ин мазмун, ки агар ту як нусха аз «Шоҳнома» ё ақаллан як-ду достони онро ба мо фиристӣ, мо туро бо силаи арзандае хушнуд хоҳем кард. Аммо шоир

* *Матбах* — ошхона.

** *Ҳамтибхи* — шарики дар хӯрок хӯрдан.

«Шоҳнома»-и ба султон Маҳмуд тақдимшавандаро ба амир фиристода наметавонист, инчунин вай дар тадоруки сафари Ғазнӣ ба рӯбардор кардани достонҳо фурсат наёфта, иҷрои хоҳиши амирро ба вақти дигар гузошта буд. Акнун вай қарор дод, ки ба амир ягон достони худро фиристонад. Бо ин мақсад аз Маншурӣ хоҳиш кард, ки як нафар хушнавис пайдо намояд. Маншурӣ шоирро дер интизор накарда, хушнависеро ба назди вай овард. Хушнавис хеле боҳавсала ва пуркор баромад: достони Исфандиёр ва Рустамро дар якчанд рӯз рӯнавис карда овард. Фирдавсӣ онро дар муқавво андохта, ба дасти Абӯ Дулаф дода, ӯро ба Қаҳистон равона кард.

## Мубоҳиса

Ғазнӣ монанди Бухорои аҳди Сомониён аз тамоми қаламрави султон Маҳмуд ва дигар амаротҳои дуру наздик шоиронро ба худ мекашид. Дар вай садҳо шоири забони дарӣ ва арабӣ гирд омада буданд. Бозори шеър пурҷавлон буд. Хазинаи пуропури султони ситоишдӯст, вуҷуди аъёну ашрофи давлатманди харидори мадҳу сано қасидасароиро баривоҷ медоштанд. Фирдавсӣ дар маҳфилҳо, шабнишиниҳо бо чанде аз шоирони номдор — Абӯназари Асҷадии Марвазӣ, Зинатии Алавӣ, Абулҳасани Алии Баҳромии Сарахсӣ, Ғазоирии Розӣ ва дигарон шиносо шуд. Инҳо шоирони форсизабон буданд. Аз шоирони арабинавис Амр бинни Мутаввааъӣ шайх Абулҳасан бинни Исои Харачӣ, Абӯмузаффари Балхӣ, Абӯмуҳаммади Шаъба ибни Абдулмалики Бӯстӣ низ ба маҷлиси шуаро меомаданд. Ғайр аз Мутаввааъӣ дигар арабинависон ҳама форсу тоҷикҳо буданд. Дар маҷлис мубоҳисаҳо воқеъ мешуданд. Як дафъа Мутаввааъӣ бо Фирдавсӣ дар бораи фазилати забонҳои арабӣ ва форсии дарӣ дохили мубоҳиса шуд. Араби мӯйсафед, дандонҳояш ягон-ягон, аз афзалияти забони арабӣ сухан меронд.

— Шумо, ки арабиро мисли як олим ё шоири араб медонед, чаро ашъори арабӣ намегӯед?— пурсид ӯ аз Фирдавсӣ.

— Ҳоҷат набуд,— гуфт Фирдавсӣ,— мехостам ашъори маро ҳаммеҳанони* ман, ки ҳама ғайр аз як идда олимону фозилон арабӣ намедонанд, бихонанд ва бифаҳманд.

— Охир, ғайр аз ҳамин олимону фозилони аҷамӣ дигар ҳаммеҳанони шумо ҳама бесаводон ва ҷоҳилонанд, магар шумо барои бесаводон ва ҷоҳилон шеър мегӯед?

— Ҳаммеҳанони ман агарчи бесавод ҳам бошанд, ҷоҳил

---

* *Ҳаммеҳан* — ҳамватан (меҳан яъне ватан).

нестанд, дар олами худ доноянд. Арабони бесавод ашъори арабиро ҳар қадар мефаҳмида бошанд, ҳаммеҳанони ман сухани шоирони ҳамзабонашонро ҳамон қадар ва балки хубтар мефаҳманд.

— Хубтар?— истеҳзоомез хандид Мутавваъӣ.— Ин дар ҳаққи арабон иҳонат* аст. Шумо мехоҳед бигӯед, ки аҷамӣ ба фаҳму фаросат аз араб, ки ҳамнажоди расулиллоҳ аст ва Қуръони маҷид ба лисони вай нозил шудааст, бартарӣ дорад? Ҳошо!— Мутавваъӣ мунозираро ба заминаи дин кӯчонд, зеро бад-ин восита забони ҳарифро бастан осонтар менамуд.

Фирдавсӣ хандид.

— Баҳс на дар бораи нажод, балки дар бораи забон аст,— ҷавоб гардонд ӯ,— Қуръонро ҳам ба миёна кашидан бемавқеъ аст. Шуморо забони модарии худатон хуш аст, маро забони модарии худам. Дар арабӣ ман ҳеҷ бартарие бар форсӣ намебинам. Ба балоғату фасоҳат ва баёни маъниҳои борику баланд форсии дарӣ аз арабӣ ҳеҷ камӣ надорад, инро Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ ва амсоли инҳо шуарои бузурги форсизабон собит кардаанд. Билохир «Шоҳнома»-и банда ҳам метавонад далеле ба ин даъво бишавад.

— Пас чаро суханшиностарини шуаро аз ҷумлаи форсизабонон ба арабӣ шеър мегӯянд? Инак аз ҷумлаи эшон ду устоди бузургвор дар ин маҷлис ҳозиранд,— Мутавваъӣ ба Абӯмузаффари Балхӣ ва Ибни Абдулмалики Бустӣ ишора кард.— Магар ин далели он нест, ки эшон афзалияти лисони арабиро дарьёфтаанд?

— Ба чи мулоҳиза арабӣ шеър гуфтани эшон маълум аст: охир, дар ин замона ҳар кӣ арабӣ менависаду арабӣ ҳарф мезанад, шахси бофазлу камол ҳисоб меёбад, вале ба чӣ далел, ба чӣ далел,— батакрор гуфт Фирдавсӣ,— эшон арабиро аз форсии модариашон бартар медонанд, ба ман маълум нест.

— Во аҷабо!— даъвогарона гардан ёзонд. Абӯмузаффари Балхӣ.— Он чи ба ҳама ва ҳатто ба абҷадхонҳо маълум аст, ба ҳазрати Фирдавсӣ маълум набудааст! Дуруст, форсӣ ширин аст, вале ба вай фақат тӯтинома метавон навишт ва хонд, аммо забони ҳикмат ва маонии фасеҳу балеғ арабист.

— Ҳар кӣ мункири ин нукта бошад, нодон аст,— луқма партофт Ибни Абдулмалик, тоҷики арабинависи миёнсол, ки одатан қачбаҳс ва тундгӯй буд.

Фирдавсӣ дар ғазаб шуд, шӯрид:

---

* *Иҳонат* — тӯҳмат.

— Шумо, ҷаноб,— гуфт ӯ сӯи Ибни Абдулмалик,— забони модарии худро бад дида, забони бегонаро бар вай тарҷеҳ додаед, ин монанди он аст, ки кас аз модари худ рӯй гардонаду мояндарро хуш кунад, ва чунин кас бешак бадсиришт ва бадгавҳар аст.

Ибни Абдулмалик чун каҷдумгазида аз ҷо барҷаст, гӯё ки мехост худро ба болои Фирдавсӣ афканад. Ғавғо бардошт:

— Ҳақорат! Харшиаи тусӣ маро таҳқир кард!

Моҳак ва Маншурӣ ӯро зуд аз бағалаш гирифта берун кашида ба ҳуҷраи шафат доровардаид.

— Ором шавед!— бо оҳанги сарзаниш гуфт ба ӯ Моҳак.— Ҳақорат аввал аз шумо шуд, шумо марди ҳаким ва шоири бузургро нодон гуфтед!

Фурӯғи маҷлис тира гашт, дилхушиҳо ба дилсиёҳӣ табдил ёфтанд. Мизбон харчанд мекӯшид, ки ногуворин ба миён омадаро ҳамвор созаду маҷлисро идома диҳад, суд накард, меҳмонон як-як ва ду-ду бархоста меҳмонхонаро тарк карданд.

## Баҳс бо Фаррухӣ

Фирдавсиро як навбат Лабибии Адибӣ, навбати дигар Зинатии Алавӣ ба меҳмонӣ даъват карданд. Дар меҳмонии охир вай бо Фаррухии Систонӣ, ки ҳамчунин даъват шуда буд, шиносо гардид. Алӣ Абулҳасан ибни Ҷулуғ Фаррухӣ, маддоҳи султон Маҳмуд, дар муҳити адабии Ғазнӣ ҳамчун гӯяндаи тавоно ва баробари Унсурӣ устоди бузурги сухан шинохта шуда буд. Ба қавли муҳаққиқ «маонии латиф дар пешгоҳи қалам ва қариҳаи* ӯ чун мум буда ва ин суханвари неруманд ба ҳар шакле ки мехоста онро дармеовардааст. Мутолиаи осори ӯ дар нафс лаззат падид меоварад ва дар эҳсос шӯр тавлид мекунад ва дар дил ишқ меангезад». Ҳақиқатан касидаҳои то ба замони мо расидаи Фаррухӣ ин гуфтаи муҳаққиқро тасдиқ мекунанд. Ба қавли ҳамон муҳаққиқ, Фаррухӣ афкору маслиҳатҳои худро бидуни андешаву ҳарос ошкоро ба султон пешниҳод мекарда ва «бо вай чун хоҷагон ва сипаҳбудон дар умури мамлакат сухан гуфта, чун солорон ва сардорон фармон рондааст». Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки султон ба вай рутбаи амирӣ дода буд. Фаррухӣ ба меҳмондориҳо кам мерафт ва ҳар гоҳ ки мерафт, меҳмондор ташрифи ӯро ба худ шарафи калон медонист. Қиссаи ба дарбори Ғазнӣ омадани ӯ, ба ибо-

* *Қариҳа* — истеъдод.



раи анъанавӣ гӯем, нақли маҷлисҳо ва нуқли маҳфилҳо буд. Фаррухӣ дар Систон дар хизмати деҳқоне буда, дар ашъораш хоҷаро меситуда ва дар базмҳои ӯ чанг менавохта, хоҷа ба вай ҳар сол фалон ман ғалла ва фалон дирам пул медодааст, аммо вақте ки шоир ва чангнавози ҷавон зан гирифт, ин музд камӣ кард, вай аз деҳқон музди бештаре хост, деҳқон қабул накард, шоир маъюс шуд, аз атрофу акноф ҳокими мадеҳахоҳеро дарак кард, ҳабараш доданд, ки амири Чағониён Абӯмузаффар ба шоирон силаву ҷоизаи фаровон медиҳад ва дар ин боб аз амирону ҳокимони вақт ҳеҷ яке бо вай баробар шудан наметавонад. Шоир қасидае навишта роҳи дури Чағониёнро пеш гирифт. Амирро дар пойтахташ наёфт, пеши кадхудо (вакил, вазир)-и ӯ рафта, кӣ буданаш ва мақсадашро баён кард, қасидаашро хонд, кадхудо гуфт, ки амир дар доғгоҳ машғули доғ кардани тойҳост, агар қасидае лоиқи ӯ гӯй ва доғгоҳро сифат кунӣ, туро ба наздаш мебарам. Фаррухӣ аз ӯ пурсид, доғгоҳ чи ҷоест ва амир дар он ҷо чи гуна гузарон мекунад. Кадхудо гуфт, ки доғгоҳ дашти ниҳоят хушманзар ва хушобу ҳавост, ҷаҳоне дар ҷаҳоне сабза, хаймаҳо зада ва аз ҳар хайма навои руд баланд, ҳарифон бо ҳам нишаста шароб менӯшанд ва ишрат мекунанд, амир ба як даст ҷоми шароб ва ба дасти дигар каманд, шароб мехӯрад ва асп мебахшад. Фаррухӣ рафт ва шаб қасидае навишта, пагоҳӣ назди кадхудо ҳозир гардид ва қасидаашро, ки бо байти «Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад марғузор — Парниёни ҳафтранг андар сар орад кӯҳсор» сар мешуд, хонд. Кадхудо, ки марди фозил ва суханшиносе буд, аз латофату зебоӣ ва рангинии қасида дар ҳайрат монда, ба сар то пои Фаррухӣ нигарист, шоири систонӣ бас беандом ҷавоне буд, ҷомааш пасу пеш ҷок, дастори калони сагзивор* бар сар, пояш бараҳна ва кафшаш дарида. Аммо шеъраш дар осмони ҳафтум! Кадхудо корҳои дигарашро гузошта, Фаррухиро савор карду рӯ ба доғгоҳ ниҳод, наздики ғуруби офтоб дар пеши амир ҳозир гардид ва гуфт: «Эй худованд**, ба ту шоире овардам, ки то Дақиқӣ рӯй дар ниқоби хок кашидааст, кас мисли ӯ надидааст». Амир шоирро хуш қабул ва барои иқоматаш ҷои муносиб таъйин кард. Ба маҷлиси шароб талабидаш, ҷомҳои шароб якчанд давра гашта буданд, ки Фаррухӣ бархоста бо овози ҳазину хуш қасидаеро, ки дар Систон дар бораи ҷалои ватан карданаш гуфта буд, хонд, амир шеършинос буд ва худаш ҳам шеър мегуфт, аз латофату нафосати

* *Сагзӣ* — систонӣ, дастори сагзивор-саллаи махсуси систониҳо.
** *Худованд* — ба маънии соҳиб.

сухани ӯ мот шуд; кадхудо ба ӯ гуфт: «Эй худованд, сабр кун, то аз ин беҳтарашро шунавӣ». Фаррухӣ то ғояти мастии амир хомӯш нишаст ва пасон бархоста «қасидаи доғгоҳ»-ашро хонд. Амир боз бештар ба суханварии ӯ тан дод. Фармуд, аз гала ҳазор сар тои хатлӣ оваранд, ки ҳама рӯйсафед ва дасту пой сафед бошад. Оварданд, амир ба Фаррухӣ гуфт: «Ту марди сагзӣ ва айёр ҳастӣ, савор шав ва бирон, аз тойҳо ҳар чи қадар гирифтан тавонӣ, азони туст». Шоир мастомаст савор шуда сӯи гала асп ронд, қариб чиҳил сар тойро ҳай карда ба кӯра даровард ва дар асари мастӣ аз асп фурӯ ғалтиду ба остона сар ниҳода хобаш бурд. Амир ба кӯра омада, ӯро дар хок хобрафта дид. Фаррухӣ аз овози қаҳқаҳа бедор шуда, амирро дар болои сараш дид, ки бо овози баланд хандида истодааст. Ба ҳамин тарз он рӯз шоири бенавои систонӣ соҳиби чиҳил сар асп гардид... Дар Ғазнӣ овозаи шоири беҳамторо шунида, ӯро ба дарбор талабиданд.

Фаррухиро дар меҳмонхонаи Зинатии Алавӣ меҳмонон ҳама аз ҷо бархоста бо эҳтироми хос пешвоз гирифтанд. Бо Фирдавсӣ вай бо виқори амирона ва табассуми як қадар мутакаббирона вохӯрдии бағалкаш кард ва якбора шӯхиомез чунин гуфт:

— Авсофи ҳамватани маро аз осмони ҳафтум ҳам болотар бурдаед, имрӯз ҷаҳон пур аз овози ӯст. Офарин. Фирдавсиву Рустам, Рустаму Фирдавсӣ вирди забони оламиён аст.

Вай марде миёнсоли серриш, чашму абрӯ сиёҳ, қадаш аз миёна пасттар, танаш пургӯшту устухон буда, қабои аттобӣ (порчаи роҳ-роҳи абрешимӣ) бар тан ва дастори мурассаъ ба ҷавоҳирот аз матоъи кабудӣ нафис бар сар дошт. Фирдавсӣ аз дидор изҳори хушнудӣ кард, валекин ботинан «гӯш ба занг» шуд: суханони шоири дарбор таъриф аст ё кноя? «Аз осмони ҳафтум болотар бурдаед», гуфтани ӯ ба чӣ маънист? Мехоҳад гӯяд, ки дар васфи Рустами Зол аз ҳад зиёд муболиға рафтааст?... Фаррухӣ дар пешгоҳ аз паҳлуи Фирдавсӣ ҷо гирифт, ҳолҷӯӣ ва пурсупоси ҳар ду як фурсат давом кард, сониян Фаррухӣ, ки дар рикоби султон ба Ғӯр рафта, ҷанги ғазнавиёну ғӯриёнро бо чашми худ дида, бо амри султон аз ӯ пештар ба пойтахт баргашта будааст, воқеаҳои он ҷангро бо васфи корнамоии худи «шоҳаншоҳи кишварситон» нақл кард. Нақлаш зимнан шубҳаи Фирдавсиро дар бораи маънии суханони нахустини ӯ тасдиқ намуд.

— Ғӯриён роҳро бар сипоҳи султон баста, худ дар кӯҳҳо паси сангарҳо, ки сохта буданд, камин гирифтанд. Агар шумо,—

мурочиат кард гӯянда ба Фирдавсӣ,— медидед, ки эшон бо чи шаҳомати фавқулоддае аз худ дифоъ карданд, эшонро ба Геву Тусу Бежан нисбат медодед. Дар ибтидо сипоҳи султонро аз ҳазимат* чора намонд, вале дар муқобили шаҳомати султон Геву Тус чист? Сад Геву Тус ва ҳатто Рустами шумо якеву Маҳмуди Зобулӣ ** яке. Султон ба сипоҳи худ фармони ақиб гаштан доданд, ғӯриён барои таъқиби «хазиматиён» аз ҳисору камингоҳҳояшон ба дашт баромаданд, он гоҳ султон бо ин ки сипоҳашон хеле талаф дода ва коста буд, ба ҳуҷум гузашта, бо як ҳамлаи шерона сафҳои ғӯриёнро дарҳам шикастанд, ва амири Ғӯр Суриро бо писарон ва сарони сипоҳаш асир гирифтанд.— Боз ба Фирдавсӣ рӯ оварда як навъ назарногирона гуфт: — Эй ҳаким, бовар кунед, ки ҳар як чокари кеҳтари *** султон Тус, Гев ё Бежан аст. Валлоҳ ки Ҷамшеду Ковус ё Фаридун ба хурдтарин сарҳанги султон шудан шод мебуданд. Рустам кист? Ҳар як сарбози султон кам аз Рустам нест.

Чунин гуфтори шоири дарбор магар ошкоро айбмонии тамасхуромез ба «Шоҳнома» ва беҳурматӣ ба соҳиби он набуд? Меҳмонон ки аксарашон шоир буда нозими таърихи Аҷамро мӯҳтарам медоштанду ихлосмандаш буданд, хайрон шуданд. Фирдавсӣ бошад дар дилаш ғазаб ҷӯш мезад. «Мардак қасдан маро беҳурмат карданист ё ки бо вуҷуди устоди сухан будан бетамиз ва аблаҳ аст?» мегуфт ӯ ба худ. Ба риояи одоби меҳмонӣ ғазабашро фурӯ нишонда лабханд карду ба Фаррухӣ чунин ҷавоб гардонд:

— Ҳазрат, агар боз мегуфтед, ки камҳунартарин шоири дарборӣ кам аз Фирдавсӣ нест ва «Шоҳнома» ҳам ба арзиш аз қасидаи чунин шоир фурӯтар аст, фикратон тамомият меёфт.

Зинатии Алавӣ ва чанде аз меҳмонони ӯ, ки аз гуфтори Фаррухӣ дар худ малоли хотир ва хашми ботинӣ эҳсос мекарданд, аз эътироз намудан ба ӯ метарсиданд,— охир, эрод гирифтан ба гуфтаҳои Фаррухӣ бехавф набуд, мумкин буд ба гӯши султон бирасад ва он гоҳ... алҳазар аз ғазаби султон!

Фаррухӣ ба сухани Фирдавсӣ табассуми кибромезе карду гуфт:

— Шоир бо ҳунари расои хеш ба дарбор роҳ меёбад; камҳунар ҳаргиз шоири дарбор намешавад.— Ӯ ба ҳариф фурсати даҳон кушодан надода, кудурати пайдошударо рафъ кардани

* *Ҳазимат* — ақиб гаштан, гурехтан.

** Модари Султон Маҳмуд аз Зобулистон (Систон) буд, аз ин рӯ вайро Зобулӣ меномиданд.

*** *Кеҳтар* — хурд.

шуда, ба суханаш идома дод:— Гумонам ки шумо аз банда ранчидед, вале банда шуморо ҳеҷ нияти ранҷонидан надоштам, истеъдоду қареҳаи офаридгори «Шоҳнома» ба мо мусаллам аст ва эҳтирому бузургдошти шумо ба ҳамаи мо воҷиб.— Гӯянда боз ба лаҳни таънаомез гузашт:— Аммо, рост бигӯям, устод, чаро шумо ин ҳама истеъдоди беназирро сарфи фасонаҳои куҳан сохтед, як бор ҳам ба дарбори султон наёмадед ва мадҳи ӯ нагуфтед, магар султони муаззами кишваркушой, динпаноҳи кофиркуш, адолатпеша ва раиятпарвар сазовори он нест, ки шоирон бо ҷону дил мадҳаш гӯянд, вассофаш бошанд, чокараш бошанд ва камтарин лутфу марҳаматашро тоҷи сар бикунанд? Банда якчанд мадеҳаи шуморо, ки дар «Шоҳнома» ба султон гуфтаед, хондам, маълумам шуд, ки шумо дар мадеҳа гуфтан сабки хосе доштаед ва алҳақ устод будаед.

— Чун «Шоҳнома»-ро ба номи султон кардам, мадеҳае чанд ба он зам карданам лозим буд,— гуфт Фирдавсӣ ва баъд аз сукути кӯтоҳе суханашро давом дод:— Чун тааммули айёми гузашта кардам, донистам, ки он чи шумо «фасонаҳои куҳан» мегӯед, пур аз панду ҳикматанд, ибратомӯзанд. Одамӣ бояд ниёгони хешро бишносад, то бидонад ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳантдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва неккоҳӣ биёмӯзад. Аз ин рӯ, банда бостоннома нигоштанро аз мадеҳасароӣ авло донистам, агарчи ҳосили ин шуғл ба ҷуз бечорагиву бенавоӣ нест. Инро беҳ аз он донистам, ки суханро фақат сарфи мадҳу сано бикунам. (Дар нӯги забонаш буд, ки бигӯяд «сарфи мадҳу санои як шахс, як подшоҳ бикунам, ба тамаъи бахшишу ато», вале ин кинояи ошкор мебуд, худдорӣ кард).

Соҳиби хона Зинатӣ тарсид, ки мабодо мунозира ба мунозаа * гузарад, бинобар ин мавзӯи сӯҳбатро дигар карданӣ шуд. Ба Фаррухӣ рӯ оварда хоҳиш кард:

— Волоҳазрат, илтимос, аз ин гуфтугӯ гузарему шумо аз саргузашти худатон воқеаи доғгоҳи амири Чағониёнро нақл кунед. Устод Фирдавсӣ шояд он саргузашти аҷиби шуморо нашунида бошанд.— Аз Фирдавсӣ пурсид:— Шунидаед ё не?

— Қисман шунида будам,— гуфт Фирдавсӣ,— вале аз дигарон шунидан дигар асту аз забони худи волоҳазрат шунидан дигар.

— Аз шумо ҳар кӣ қиссаро беҳтар ҳифз карда бошад, нақл

* *Мунозаа* — низоъ, ҷанҷол.

бикунад, бандаро рухсат фармоед биравам. Ин бегоҳ ду-се нафар аз дӯстон мебоист ба хонаи банда меомаданд, агар омада бошанд, муаттал мешаванд.

Гӯянда бархоста бо ҳозирон хайрбод кард. Дар берун ду чокари вай аспи хоҷаро дошта истода буданд, ҳозирон ғайр аз Фирдавсӣ баромада ӯро гуселонданд.

Зинатӣ ба Фирдавсӣ қиссаи доғгоҳи Чағониёнро, ки дар болотар овардем, боoбутоб ва изофаҳо нақл кард, дигар меҳмонон агарчи онро пештар на як бору ду бор шунида буданд, боз ҳам бо завқу шавқ шуниданд.

Шабонгоҳи дер соҳиби хона ва чанде аз меҳмонон Фирдавсиро то сари кӯча ва аз он ҷо Маншурӣ то манзили Моҳак гуселонданд. Сари роҳ ҳар ду бо ҳам дар бораи Фаррухӣ гуфтугӯ мекарданд. Фирдавсӣ мегуфт, ки Фаррухиро дар суханварӣ бо Рӯдакӣ метавон баробар кард, вале Рӯдакӣ фақат мадди ҳи Сомониён набуд, шоири башарият буд, ситоишгари хираду дониш ва таҷрибаи рӯзгорон буд, аммо ин Фаррухӣ фақат маддоҳ. Шоҳпарастӣ чунон дар ҷонаш печидааст, ки ғайр аз шоҳ ва корҳои шоҳ дар бораи ҳеҷ чизи дигар фикр кардан наметавонад, дигар ҳама чиз дар назараш ҳақир ва ночиз менамояд. Рӯдакии нобино бо чашми дилаш тамоми ҷаҳонро медид, Фаррухӣ бо чашми биноӣ сараш фақат шоҳро мебинаду бас. Қасидаҳои Рӯдакӣ мадеҳа дар зимни панду ҳикматанд, аммо вай қитъа, ғазал, рубоӣ, достонҳо низ мегуфт ва Фаррухӣ фақат мадеҳа. Танҳо суди хешро дар назар дошта, аз барои силаву ато ба дигар кори ҷаҳону ҷаҳониён, ба тақдири меҳан, ба ғаму шодии мардумон беэътиноӣ будан кори бохирадон нест.

## Дар қабули вазир

Вазири нав Хоҷа Ҳасани Майвандӣ аз султон пештар аз Ғӯр ба пойтахт баргашт, то ки дар набудани фармонфармояш ба «ратқу фатқ»-и* корҳои мамлакат машғул бошад. Моҳак ба қабули ӯ рафтани Фирдавсиро маслиҳат дид.

— Хоҷаи бузургро ҳам зиёрат мекунед ва ҳам ба мақоми вазирӣ расиданашонро таҳният мегӯед,— гуфт ӯ.— Хоҷа бо шумо шахсан шиносо шаванд беҳтар аст, охир акнун кушоиши бисёрии мушкилҳо баста ба раъйи эшон аст.

Дар девони вазорат Фирдавсиро якчанд соат дар интизории қабул нишастан лозим омад. Даҳ-дувоздаҳ нафар аҳли ҳо-

---

* *Ратқу фатқ* — банду баст, саришта кардан.

чат аз ҷумлаи мансабдорон ва сипоҳиён ҳам нишаста навбати кабул мепоиданд. Чун мулозим ба назди вазир даромада ба кабул омадани Абулқосими Фирдавсии шоири тусиро арза кард, хоҷаи бузург пурсид:

— Мазҳабаш чист?

— Мусалмон, албатта,— гуфт мулозим.

— Медонам, кофир на, аммо суннист ё шиӣ? Намедонӣ?

Мулозим даст бар сина ниҳода гардан каҷ кард, ки яъне оре, намедонам, он гоҳ вазир худаш ба суолаш ҷавоб дод:

— Шиист.— Пас фармуд: — Мунтазир бошад.

Майвандӣ ҳам монанди худи султон Маҳмуд суннии мутаассибе буд, шиаро бад медид. Ҳамчунин арабипараст буд: чун ба маснади вазорат нишаст, нахустин фармоне, ки содир кард, ин буд ки коргузории девонҳои давлатӣ ба забони арабӣ гузаронда шавад ва муросилоту мукотибот ҳамон вақте ба форсӣ навишта шаванд, ки мухотаб арабӣ надонад.

Мунтазирони пушти дар як-як медаромаданду мебаромаданд, лекин хоҷа шоирро ҳеҷ ба дарун наметалабид. Ниҳоят қарибн намози пешин мулозим ба даровардани вай иҷозат гирифт. Фирдавсӣ даромада дар пешгоҳи марде ба назар панҷоҳучандсолаи тануманд, ришсиёҳ ва хеле босалобат ҳозир гардид, ки дар паси хонтахта бар рӯи се-чор қабат якандози шоҳӣ пушташро ба болиштҳо такья дода нишаста буд. Дар рӯи хонтахтаи пояҳояш ба таври нафиси тӯршакл кандакоришуда як дурҷи сабук, харитаи чармин ва давоту коғаз гузошта шуда буданд. Майвандӣ ба саломи Фирдавсӣ бо сарҷунбонии бовиқорона алайк гуфта ҳамчунин бо сарҷунбонӣ ӯро ба нишастан таклиф кард. Як дам ба хомӯшӣ гузашт, хоҷа бешитоб тасбеҳ гардонда ба Фирдавсӣ чашм дӯхта буду дам намезад, шояд аз вай мунтазири дуо ва тавозӯъи тамаллуқкоронае буд, чунон ки ба қабули вазир омадагон суханашон, арзашонро одатан аз ҳамин сар мекарданд. Вале Фирдавсӣ ҳам сукут кард, сабаби сукуташ малули хотири ӯ буд: охир, хоҷа ӯро ба қабули худ ҳамин қадар дер интизор ва акнун ин тавр сард қабул кард. Шоир ба дуо ва сано хондану табрик гуфтан забонаш намегашт.

— Шунидам, омадаед,— ниҳоят маҷбур ба гуфтор шуд вазир.— Сиярулмулукро* назм кардаед... ба номи султон назм кардед?

— Оре.

---

* Мақсад «Шоҳнома»-и мансур аст.

— Аз нахуст ба номи султон карда будед ё баъдан?

— Баъдан. Аввал ба номи подшоҳи Сомонӣ ибтидо карда будам, вале «Шоҳнома»-и ман ба охир расиду Сомониён ҳам салтанатро видоъ гуфтанд. Бо маслиҳати хоҷаи бузург Исфароинӣ ва амир Наср ба номи аълоҳазрати султон гузаронидам.

Шоири ростгӯй хато кард, ки дар пеши Майвандӣ номи рақиби вай Исфароиниро ба забон овард ва он ҳам бо эҳтиром, бо зикри лақаби пештарааш. Акнун Фирдавсӣ агар аз ҷониби вазири султон умеди ҳимояте ё ақаллан хайрхоҳие нисбат ба худаш дошта буд, минбаъд аз он умедаш даргузарад ҳам, мешавад. Майвандӣ сарашро поин андохта як дам ба муроқиба рафт ва баъд пурсид:

— Хуб, аз Тус чӣ хабар?

— Шукр, осудагист,— ҷавоб дод Фирдавсӣ.

— Аҳолӣ аз Арслонхони ҳоким розианд?

Шоир ба зудӣ ҷавоб надод, вазир боз пурсид:

— Розианд?

— Банда бояд ба вазири султон рост бигӯям: розӣ нестанд,— гуфт Фирдавсӣ.

— Чаро?

— Хироҷро ба зиёдат меситонад. Мардумонро ба андак гуноҳ уқубат мекунад.

— Аҷаб... Мо то кунун дар бораи ӯ шикояте нашунида будем.

— Мардумон аз шикоят кардан метарсанд, ки мабодо вай бар эшон ғазаб кунад.

— Ба шумо ҳам зулм кард?

— Бо марҳамати ҳокими собиқ Ҳусайни Қутайб хироҷ аз ман соқит шуда буд, Арслонхон онро тоза кард. Хуб, ба ин бардошт кардан мумкин, аммо вай хироҷи солҳои пешро ҳам, ки ба ман маоф шуда буд, фармуд аз ман биситонанд.

— Шикоят накардед? Шумо ҳам тарсидед?

— Ба амир Наср, волии Хуросон, аризаи шикоят фиристода будам, ҷавоб наёмад, шикоятам беоқибат монд.

— Соқит кардани хироҷ аз касе бо амри султон мешавад, Қутайб чӣ ҳад дошт, ки бо ихтиёри худ онро соқит кунад?

— Чун донист, ки ба назми «Шоҳнома» машғулам ва ба кишту дарав расидагӣ кардан наметавонам, тангдастам, дар ҳаққи ман чунин адолат кард.

— Шунида будем, ба шумо зару сим ҳам ато кардааст?

— Оре, ҳазрат, ато кард.

— Чӣ қадар?
— Чаҳор ҳазор инору дирам.
— Худатон тамаъ карда будед?
— На, ман одат надорам он чиро ки ҳакқи ҳалоли худам нест, тамаъ кунам. Майли худи Қутайб буд.
— Балки силаи «Шоҳнома» будааст?
— Ман «Шоҳнома»-ро, ҳатто достонеро аз «Шоҳнома» назди ӯ набурда будам.
— Аз султон чӣ миқдор сила умед доред?
— Ин баста ба ҳиммати подшоҳона аст.
— Китобро ба толибон барои мутолаа медодед?
— Баъзе достонҳоро котибон китобат мекарданд, ҳавасмандон рӯбардор карда мебурданду мехонданд, дар маҳфилҳо қироат мекарданд.
— Шумо «Шоҳнома»-ро ба номи султон карда ва мехоҳед ба ӯ тақдим бикунед, аммо китоб пеш аз он ки ба султон бирасад, дар байни мардум шоеъ шудааст, инро аълоҳазрат хуш намекунанд.
— Китобро ба номи аълоҳазрат карданам, чунон ки арз кардам, дертар, пас аз итмоми «Шоҳнома» воқеъ шуд, магар мумкин буд, ки дар арзи сиюпанҷ сол достонҳои манзумшуда ба мардумон номаълум монанд? Ин ғайримумкин буд.
— Сиюпанҷ сол? — вазир бовар карданаш намеомад.
— Оре. Бо баъзе фосилаҳои кӯтоҳ.
— Барои Сомониён?
— Оре, дар оғози кор мақсудам ин буд.
— Аз он ҷониб фармоише шуда буд?
— Баъд аз фавти Дақиқии шоир ки бо амри аълоҳазрати Нӯҳ ибни Мансур ба назми «Шоҳнома» иқдом карда ва байте ҳазор гуфта ва ин кор нотамом монда будааст, ба Бухоро рафта будам, он ҷо ба қабули подшоҳ мушарраф шудам, ба идома додани кори нотамоми Дақиқӣ майл доштанамро арз кардам, подшоҳ фармуданд. «Биозмой, агар ноил шудӣ — ба мо биёр»... Амри қазо будааст, ки оқибат «Шоҳнома»-ро ба номи аълоҳазрати султон гузаронида ба даргоҳи ҳумоюнӣ биёварам.
— Мегӯянд, тарҷумаи «Худойномак» ҳам аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ бо фармоиши амири Сомонӣ ба амал омада?
— Оре, бо амри аълоҳазрати Абдулмалик ибни Нӯҳ волии Хуросон ибни Абдураззоқ ба вазири худ Муҳаммади Муаммарӣ фармуда ва ин Муаммарӣ чанде аз мӯбадонро, ки забони паҳлавӣ медонистанд, гирд оварда, эшонро ба тарҷумаи

«Худойномак» нишонда буд. Дар он овон банда толибилми мадраса будам, чузве чанд аз «Худойномак», ки дар ҳар ҷо дар дасти ҳар мӯбаде парешон буд, ба дастам афтода буд, мехондам ва баъзе пораҳои онро, ки бароям муассир ва дилангез меомад, назм мекардам.

— Аслан, манзури шоҳони Сомонӣ аз тарҷумаи «Худойномак» ва назм гардонидани он чӣ будааст?

— Таърихи пуршукӯҳу шавкати Аҷамро аз фаромӯшӣ нигоҳ доштан, ойину донишу фарҳанги ниёгонро зинда гардонида, аз таънаи аробон, ки аҷамиёнро аз худ паст ва фурӯмоя мешуморанд, халос шудан. Ҳамин буд, ки оли Сомон шуарои форсизабонро мепарвариданд. Рӯдакиро мепарвариданд, зеро вай арабро ба фасоҳату балоғати сухани форсӣ иқрор мекунонд, забони таъни арабро мебаст. Алҳақ ҳамин тавр ҳам кард. Банда ҳам хостам дар паи ин мақсуди олӣ хизмате, ки дархури тавони ман бошад, бикунам ва дар ин кори хайр саҳме дошта бошам.

Майвандӣ рӯй турш кард: дар бораи арабҳо чунин суханони кароҳатомез гуфтани Фирдавсӣ ба вазири арабидӯст хуш наёмад. Ӯ сарашро поин андохта як дам сукут кард ва пасон ба рӯи мухотабаш нигоҳ накарда боз пурсид:

— Аз мо чӣ талаб доред?

— Аввалан мехостам, ки ба хизмати хоҷаи бузург китобро биёрам, лутфан мутолиа карда бандаро шарафьёб гардонанд ва сипас, агар онро биписанданд, ба қабул ёфтанаш дар ҳузӯри аълоҳазрати султон далолати хешро дареғ надоранд.

— Гуфтанд, ки имрӯзҳо китобро маликушшуаро мутолиа мекунанд?

— Оре, хоҷаи бузург.

— Оё боз нусхаи дигаре ҳаст?

— Ҳаст.

— Пас биёред ё бифиристед, ман мебинам... мехонам.

— Ба чашм.

Майвандӣ як дам сукут карду ногаҳон чунин суол дод:

— Тусиён шиамазҳабанд?

— Оре, бештарин тусиён дар шиаи Алӣ ибни Абетолибанд.

— Дар шаҳр аҳли суннат ҳам ҳастанд?

— Ҳастанд.

— Насоро чӣ?

— Як ҷамоати кӯчаки насоро низ ҳаст.

— Шумо шиъӣ ҳастед?

Фирдавсӣ бо таааҷҷуб ба вай нигарист:

— Ман дар мазҳаби падару бобоёни худ ҳастам, ҳазрат.

Майвандӣ мавзӯъро бадал кард:

— Мардуми Хуросон дар бораи султон чиҳо мегӯянд? — пурсид ӯ.

Фирдавсӣ тааммул карда ҷавоб дод:

— Вақте ки шуниданд, фармони ғалла додан ба қаҳтзадагон содир шудааст, ҳама султонро дуо карданд, аммо чун ба зудӣ анборҳои ғалла баста шуданд, мардумон ҳайрон монданд.

— Бастани анборҳо ба хилофи фармони султон, бо амри Исфароинӣ будааст,— гуфт Майвандӣ.

«Э аҷаб,— ба дилаш гузаронд Фирдавсӣ,— пас кӣ ва чӣ монеъ мешуд, ки султон амри вазирро бекор ва фармони пештараи худро барқарор кунад?»

— Қаҳтии сахт рӯй дод? — боз пурсид вазир.

— Сахт гуфтан кам аст, ҳавлнок, ҳамчун аҷали муаллақ,— гуфт Фирдавсӣ. Боз афзуд: — Агар ба қаҳтзадагон аз давлат ва аз дороён кӯмак нарасад, боз ҳазорон мардум аз гуруснагӣ мемиранд.

— Султон аз Ғӯр ки баргаштанд, ин матлаб арздошт карда хоҳад шуд,— гуфт вазир.

«То султон бармегардаду арзи туро шунида фармоне мебарорад, ки ҳазорон марду зану кӯдак гуруснамарг мешаванд! Ту вазир ки бошӣ, чаро худат чорае намеҷӯӣ?» — ба дилаш гуфт Фирдавсӣ, аммо ба вазир чунин суол дод:

— Оё мумкин набошад, ки анборҳои ғаллаи султониро, ки бо амри Исфароинӣ баста шудаанд, бо амри ҳазрати вазоратпаноҳ бикушоянд?

— Бе фармони нави султон мумкин нест,— кӯтоҳакак гуфт вазир ва аз пурсиши шоир нохушнуд буданашро пинҳон карда натавониста афзуд:

— Аслан шумо барои «Шоҳнома»-и худро ба султон гузаронидан омадед ё ба додхоҳӣ аз ҷониби қаҳтзадагон? Қаҳтзадагон ба тавассути ҳокимон ва дигар мӯътабарони вилоятҳо арзашонро ба давлатхона мерасонанд, ҳоҷати он нест, ки шоире бо ин чизҳо худро дарди сар диҳад.

— Чаро дарди сар бошад, ҳазрат? — гап гардонд Фирдавсӣ.— Агар бошад ҳам, дардҳо чунон бисёранд, ки ҳазрат, боз ин як дарди тоза зам шавад, боке нест.

Ранги рӯи Майвандӣ тағйир ёфт. Маълум буд, ки қаҳраш омад. Ба дили шоир гузашт, ки «Шояд аз қаҳтзадагон ёдовар шуданам лозим набуд?» Ба пеши назари ӯ вайронаҳои деҳка-

даҳо, тӯдаҳои мардуми гуруснаву афгор, ятимони хорузор, ки дар роҳи сафараш дида буд, омаданд. Ҳисси таассуру маҳзунӣ дилашро фишурд. «Охир, худаш пурсид,— боз ба худ гуфт ӯ,— ман аагр он чиро, ки худ дидам, нагӯям, чӣ гӯям? Бигузор қаҳраш ояд. Чаро ин зимомдорони мамлакат ин қадар беғам, ин қадар аз раҳму шафқат бегонаанд?»

Азони намози пешин шунида шуд, дар поёни азон Майвандӣ даст ба рӯй кашида бархост ва ба мулозимаш фармуд, ки саллаву ҷомаи ӯро биёрад. Фирдавсӣ таъзими эҳтиромӣ баҷо оварда аз девонхона бадар рафт.

## Дидор бо Исфароинӣ

Дар меҳмонхонаи Шарафуддини Моҳак шоир ба вай мулоқот ва гуфтугӯи бо вазир ба амал омадаро нақл карда буд, ки Моҳак ҷавоби шоирро ба якчанд пурсишҳои вазир як қадар дурушт донист ва хусусан аз Исфароинӣ ёдовар шудани ӯро написандид, афсӯс хӯрд...

— Магар нашунида будед, ки Исфароинӣ ба ғазаби султон дар натиҷаи рақобат ва сиояти * Майвандӣ гирифтор шуд? — гуфт ӯ.

— Ба як гӯшам шунида будам, аз гӯши дигарам бадар рафтааст,— хандид Фирдавсӣ.— Вале агар бадар ҳам намерафт, чаро ман назди вазир рост нагӯям, охир аздусар вай дер ё зуд аз ин ки ман бо маслиҳат ва кӯмаки Исфароинӣ сафари Ғазнӣ пеш гирифта будам, огоҳ хоҳад шуд, ё балки қаблан огоҳ шудааст. Аслан, ман ба рақобати вазирон чӣ кор дорам, ё рақобати эшонро бо кӯмак расонидан ба шоире чӣ муносибат?

— Муносибат ин ки, мавлоно, ин вазири бадкина акнун шуморо дӯсти рақибаш хоҳад донист ва рафтораш бо шумо мутобиқи ҳамин хоҳад буд.

Дар ҷавоби ӯ Фирдавсӣ рубоиеро, ки як вақт ба чӣ муносибате гуфта буд, ба ёд овард:

Ман пештар мубодии фатрат набудаам **,
Моил ба мол ҳаргизу томеъ ба ҷоҳ низ.
Сӯи дари вазир чаро мултафит шавам,
Чун фориғам зи боргаҳи подшоҳ низ.

---

* *Сиоят* — бадгӯӣ дар ҳаққи касе.
** Яъне пештар ҳам заифу нотавон набудам.

— Рубоии хуб, сарбаландона ва мардона гуфта шудааст, вале...— гӯянда суханашро давом надода бурид.

— Мехоҳед бигӯед, ки туро аз рафтан ба дари вазиру боргоҳи подшоҳ, чора нест? — фикри ӯро дарьёфт Фирдавсӣ. Бо лаҳни андӯҳомез гуфт: — Ҳақ бо шумост, хоҷа, чора нест...

Зикри номи Исфароинӣ шоирро боз дар бораи ӯ ба андеша андохт. Ногуфта намонад, ки шоир ният дошт лоақал ба сипоси ҳолдонӣ ва ёрие, ки дар Тӯс аз Исфароинӣ дида буд, яке аз достонҳои «Шоҳнома»-ро ба вай тақдим намояд. Аммо баъд аз он ки донист, вай аз вазирӣ бекор шудааст, дар ин нияти худ мутараддид буд. Рӯзи кӯчиданаш ба сарои Шарафуддини Моҳак аз вай дар кучо ва ба чӣ ҳол будани вазири собиқро ҷӯё шуда буд, Моҳак гуфта буд, ки Исфароинӣ берунтари шаҳр дар маҳаллаи Ҳаҷвир дар қалъачаи худаш ҳамчун хоназиндон истиқомат мекунад. Пасон байни ҳар ду чунин пурсу посух воқеъ шуда буд:

— Оё ӯро дидан мумкин бошад? — донистанӣ шуд Фирдавсӣ.

— Мехоҳед бо вай мулоқот бикунед? — пурсид Моҳак.

— Одамиро се зиёрат воҷиб аст: азизонро, мазороти муқаддасро ва дӯстонро,— гуфт шоир.

— Ба шуниданам, гирди манзили Исфароинӣ пайваста ҷосусони вазир гаштугузор доранд, эшон дар бораи ҳар касе, ки назди ӯ меояд, ба вазир хабар мекашанд. Аз қарори маълум, мулоқоту ихтилоти ӯ бо саркорон ва амалдорони мамлакат манъ шудааст.

— Ман на саркорам ва на амалдор,— гуфт Фирдавсӣ.

— Ҷӯёи мулоқот ҳастед, ҳамин бас аст,— гуфт Моҳак.

Чун имрӯз боз аз Исфароинӣ ёдовар шуданд, шоир нияти худро ифшо кард:

— Ман мехостам достонеро аз «Шоҳнома» ба ӯ тақдим бикунам. Гумон намекунам, ки ин номумкин бошад.

Моҳак фикре карду гуфт:

— Ман ин корро мулоҳиза мекунам ва фардо ба шумо мегӯям.

Фардои он рӯз вай мулоҳизаашро маълум кард: як нафар чокари Исфароинӣ гоҳо барои хариди ину он ба бозори шаҳр меомадааст ва Аҳмад (хизматгори Моҳак) ӯро мешиносад, вай он шиносашро ба ин ҷо меоварад, шоир метавонад достонашро бо вай ба Исфароинӣ дода фиристонад.

Аҳмад чокари Исфароиниро овард. Фирдавсӣ мадеҳаи сипосгузориро, ки дар Тус дар бораи Исфароинӣ баъд аз муло-

қоташ бо вай навишта буд, якҷоя бо як руқъа (мактубча) ба қабати достони Сиёвуш гузошта, дар рӯмол маҳкам печонда ба хӯрҷини ҷокар андохт. Мадеҳа ин буд.

Куҷо фаршро маснаду маркад* аст,
Нишастангаҳи фазл бин Аҳмад аст.
Набуд хусравонро чун ӯ кадхудой,
Ба парҳезу родӣ** ба дину ба рой.

Ба ҷокар гуфт, ки ин чиз ба хоҷа савғотист. Ба вай даҳ дирам дод ва баъди ба хоҷа расониданн «савғотӣ» боз даҳ дирам ваъда кард.

Пас аз якчанд рӯз ҷокар ба Фирдавсӣ аз хоҷааш руқъае овард. Исфароинӣ барои достон ба Фирдавсӣ ташаккур гуфта ва навишта буд, ки агар шоир боре ба дидани ӯ меомад, ӯро боз ҳам хушнудтар мекард. Маслиҳат дода буд, ки агар Фирдавсӣ тавонаду ба худ муносиб бинад, тағйири либос карда дар қиёфаи марди рӯстоӣ биёяд; бониси ба назди Исфароинӣ омаданашро пурсанд, гӯяд ки ӯро ба мардикорӣ дар боғи хоҷа талабидаанд.

Фирдавсӣ ва Моҳак ба ин маслиҳати хоҷа аввал хандиданд, вале андеша карда, онро маъқул донистанд. Ба худ қиёфаи ҳақиқии рӯстоӣ гирифтани шоири рӯстонишин душвор набуд. Ҷома ва кулоҳи мувофиқ, ки Аҳмади роҳбалад дар наздикии қалъачаи Исфароинӣ ба Фирдавсӣ дод ва ӯ пӯшид, инчунин досу арғамчин ӯро аз ҳар гуна шубҳаи ҷосусон эмин мегардонид. Пӯшоки худашро вай печонда ба халтаи Аҳмад андохт.

Вақте ки дарбон ба Исфароинӣ хабар дод, ки пирамарде омадаасту хоҷаро дидан мехоҳад, хоҷа ҳайрон нашуд ва ба айвон баромада, дар он пирамарди «рӯстоӣ» шоирро шинохт:

— Э валлоҳ! Гумон карда будам, ки шояд аз ҷомаи рӯстоӣ ор кунеду наёед.— Бо ҳамватанаш гарм вохӯрдӣ кард Исфароинӣ.

— Чаро ор кунам, худ аслан рӯстоӣ ҳастам,— хандид Фирдавсӣ.

Манзили Исфароинӣ — қалъачаи баланд ҳамон гуна буд, ки деҳқонони давлатманд дар он гуна қалъачаҳо мезистанд. Баландии девори он ду қади одам меомад, дар андаруни он аксаран ду-се ва беш аз он ҳавлиҳо, меҳмонсаро ва боғ ме-

---

* *Маркад* — ҷои осоиш.
** *Родӣ* — олиҳимматӣ.

буд; дар ҳавлиҳо ғайр аз оилаи соҳиб хешони наздики вай истиқомат мекарданд. Вазири собиқ баъди маъзул шуданаш ва мусодираи кохи шаҳриаш ба ин мақомгоҳи тобистонии худ кӯчида буд. Ӯ шоирро ба меҳмонсаро даровардa чоруқашро кашонд, хизматгор дарҳол обдаста оварда ӯро дасту рӯй ва пой шӯёнд ва пасон барояш кафшу кулоҳи тоза овард. Ба зудӣ дастархон густурда ва рӯи он аз нуқлу навои лазизу ширину туршу намакин пур гардид. Исфароинӣ аз мулоқот бо ҳамватанаш, ва он низ ҳамватане чунин машҳур, шод буд.

Абулаббоси Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ аввалҳо дар хизмати амири сомонӣ Нӯҳ ибни Мансур буд. Дар он рӯзгор, ки Маҳмуд ибни Сабуктегин волӣ ва сипаҳсолори Хуросон таъин шуда буд, падари вай амири Ғазнӣ Носириддини Сабуктегин аз Нӯҳ хоҳиш карда буд, ки Исфароиниро ба Нишопур ба вазирии писари ӯ фиристад, Нӯҳ хоҳиши ӯро пазируфт ва Исфароинӣ то он вақт, ки Маҳмуд дар Ғазнӣ ба ҷои падари марҳумаш нишаст, бо вай буд ва баъд аз он ҳам вазорати султони Ғазнӣ дар ӯҳдаи ӯ монд. Ӯро марди соҳибқалам, доно ва ботадбир мегуфтанд. Аммо ҳамин фазилатҳои ӯ дар охир боиси бадбахтиаш шуданд. Ҳасудон ва рақибонаш, пеш аз ҳама Ҳасани Майвандӣ бо ҳар гуна росту дурӯғ вайро назди султон бад кардан гирифтанд, то он ки вай аз пой дарафтид. Дар охир душманони ӯро кори ғалладиҳӣ ба аҳолии гуруснаи Хуросон баҳонаи дилхоҳ шуд. Султон Маҳмуд фармони кушодани анборҳои ғаллаи давлатиро бо талқину исрори Исфароинӣ дода буд. Бародари ризоъии * султон ва соҳибмансаби бонуфузи салтанат Майвандӣ вазирро ба торочи захираҳои ғаллаи давлатӣ муттаҳам сохт. Аз тарафи дигар, чун Исфароинӣ фармон дода буд, ки деҳқонони доро ҳам аз захираҳои худашон ба гуруснагон ғалла бидиҳанд, дороёни Хуросон аз болои ӯ ба дарбори Ғазнӣ аризаҳои шикоятӣ фиристодан гирифтанд. Кори Исфароинӣ ошуфта гашт. Шоҳ фармони ӯро бекор кард, анборҳоро бандонд ва вазирро аз вазорат ронд. Душманони вазири маъзул боз ба дарбор хабар кашиданд, ки вай ба молу ҳоли раиятҳо дастдарозӣ ва ба хазинаи султон хиёнат карда сарвати фаровоне ҷамъ овардааст. Ин хабарҳо чандон беасос ҳам набуданд: ҳар сол ҳиссае аз хироҷи ба пул рӯёндашуда ба хазинаи шахсии вазир медаромаданд. Ин навъ дуздиро ҳамаи вазирон ва мансабдорони дигар мекарданд. Ис-

---

* Бародари ҳамшир (Маҳмудро модари Майвандӣ маконда буд).

фаронӣ ҳам дар ин бобат аз онҳо беҳтар набуд. Дар ситониданн хироҷҳои давлатӣ вай сахтгир буд, аз гаронии хироҷ ҳазорон мардуми камбағали шаҳру деҳот хонавайрон мешуданд. Исфароинӣ хеле тавонгар ва аз ҷумлаи калонтарин мулкдорони мамлакат гардида буд. Вай дар Ғазнӣ барои худ қасре сохт ва барои иморати он пул ва моли фаровоне сарф кард. Чун дар Хуросон қаҳтӣ рӯй дод, вазир гӯё ба товони хироҷҳои гарони ситонидааш бошад, ки ба қаҳтзадагон аз захираҳои давлатӣ ғалла доданӣ шуд. Ин кори вазир мебоист ӯро дар чашми халқ ҳамчун вазири фуқаропарвар менамоёнд. Баъд аз маъзул шудан молу мулки ӯ бо амри султон мусодира ва худаш то ба охир расидани тафтишу кофтукови молҳое, ки назар ба гуфтаи хабаркашҳо вай аз омилони султон пинҳон доштааст, назарбанд карда шуд.

— Дидед, Димнаҳо корро то ба куҷо кашиданд,— сухан оғоз кард мизбони ниммаҳбус.— Рақибон мисли кирми даруни пилла мудом машғули коранд. Ёд доред, ман дар Тус ба шумо чӣ гуфта будам? Гуфта будам, вой бар ҳоли дарборе, ки дар вай Димнаҳо омилу «шерҳо» ғофил бошанд. (Ҳол он ки дар Тус таври дигар гуфта буд: «Ғайбатпеша азизу шоҳ ғайбатшунав бошад»). Ба банда чи тӯҳматҳое, ки накарданд.

— Афсӯс, ҳазор афсӯс,— изҳори ҳамдардӣ кард шоир.

— Ман ба чи гуноҳ мағзуб* ва маъзул шудам, шумо бояд шунида бошед.

— Шунидам, ки дар ваҷҳи ғалла додан ба қаҳтзадагон...

— Оре, ман ғаллаеро, ки барои лашкари султон захира шуда буд, ба тороҷ додаам; қаҳтзадагон, факирон, дуздону авбошонро ба ғорати моли бузургон ва мӯътабарони кишвар барангехтаам. Яъне коре кардаам, ки Маздак** дар подшоҳии Қубод карда буд. Хоҷа Майвандӣ ба султон ҳамин тавр гуфтааст, яъне Исфароинӣ хуррамдинии*** сиррист ва кори Маздак мекунад. Шумо дар «Шоҳнома» қиссаи Маздакро ҳам нигоштаед ё на?

---

* *Мағзуб* — ба ғазаб гирифторшуда.

** *Маздак* (асри VI мелодӣ) — вазири шоҳ Қубод, «пайғамбари» коммунизми хаёлӣ, даъво мекард, ки одамон ба дорой, ба мулку мол баробаранд. Дар соли қаҳтӣ мардуми гуруснаро ба мусодираи ғаллаҳои давлатӣ ва шахсӣ даъват кард. Баъд аз қатли ӯ ҷунбиши табақаҳои поёни халқ тахти ном ва шиори ӯ давом кард.

*** *Хуррамдинон* — пайравони Маздак Хуррам зани Маздак буда, баъд аз қатли шавҳараш ҷунбиши халқии маздакияро сардорӣ карда, таблиғоти ӯро давом дод.

— Оре, нигоштаам,— гуфт Фирдавсӣ,— аммо нисбат ба оне, ки дар «Худойномак» омадааст, дигаргунтар.

— Дигаргунтар? Чӣ тавр?

— Ровиён Маздакро бадсиришт ва табаҳкор гуфтаанд, ман ӯро вазири доно ва додгар гуфтам.

Дар воқеъ... ба доноиву додгарии ӯ шак нест, аммо дини овардааш...— Хоҷа сари инкор ҷунбонид, ки яъне дини маздакӣ бад аст.— Хуб, ин қисса дароз аст,— гуфт ӯ сипас.— Ба ҳадьяи гаронбаҳоятон ташаккур. Хондам, ба қисмати Сиёвуши накӯкор гиристам. Мехост, ки ҷангро ба салоҳу оштӣ анҷомонад, мутобиқи панди бузургон кор бандад, ки гуфтаанд:

Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.

Ин фикра аз кӣ буд, ба ёдам нест...

— Аз Абӯшакури Балхист,— гуфт Фирдавсӣ.

— Равонаш шод бод, чӣ хуб нуктае гуфтааст. Бале. Сиёвуши накӯкор кӯшиш дошт ҷангро ба оштӣ анҷомонад, вале падари кӯтоҳандеши ӯ шоҳ Ковус нагузошт. Дар Мовароуннаҳр халқи ҷангбезор ва ташнаи сулҳу амонӣ то кунун Сиёвушро ба некӣ ёд мекунанд. Дар Бухоро дида будам, мардумон ҳар сол дар наврӯз пеш аз тулӯъи офтоб ба ёди Сиёвуш хурӯс мекушанд, навҳа мекунанд, ба кушандагонаш лаънат мефиристанд, ромишгарон суруди сугворӣ * месароянд. Аслан, шаҳри Сиёвушгирд, ки ӯ буньёд ниҳода буд, Бухоро будааст?

— Оре, ба гумони банда низ Сиёвушгирд ҳамин Бухорост,— тахмин кард Фирдавсӣ.

— Гӯри Сиёвуш дар даруни арки шаҳр аст. Шумо фоҷиаи ӯро хеле хуб, хеле муассир назм кардаед... Хуб, «Шоҳнома»-ро ба султон бурдед, тақдим кардед?

— Султон аз ҷанги Ғӯр ҳанӯз барнагаштааст.

— Ҳо, ман фаромӯш кардаам, ки ӯ дар пойтахт нест. Рафтааст ки дар Ғӯр хунрезӣ кунад. Соле, ки вай ақаллан як бор ҷангу ғорати куштору хунрезӣ накард, барояш ҳаром аст. Аз дарбориён касеро дидед? «Шоҳнома»-ро нишон додед?

— Бале, бо хоҷаи бузург мулоқот ба амал омад, хоҳиши мутолиаи «Шоҳнома» карданд, фиристодам.

— Маликушшуаро чӣ? Эшонро ҳам дидед?

— Дидам, ба эшон низ як ҷилди китобро додам. Ду ҳафта гузашт, на маро талабиданд ва на хабаре фиристоданд.

* *Суг* — азо, мотам.

— Шуаро ҳасуди якдигаранд. Аз Димнаҳо ғафлат накунед, бохабар бошед. Ҳар як марди боҳунарро сад ҳасуди беҳунар дар қафост... Ман мекӯшидам, ки бо маслиҳатҳои хеш султонро аз баъзе иқдомоти ношоиста ва хатарнок боздорам, акнун намедонам вазири нав Хоҷа Майвандӣ бо вай чӣ машваратҳо мекарда ва чӣ маслиҳатҳо медода бошад. Вале ӯ ҳам, агар ба боздоштани шоҳ аз ин гуна иқдомот саъй кунад, ҳамчу ман ба худаш чоҳ меканад, ва баракс, агар ношоистаро тақвият ва ҳаводорӣ кунад, назди шоҳ эътибор ва маҳрамияти хос меёбад. Зинда бошем, мебинем. Майвандӣ шоҳро аз додани ғалла ба гуруснагони Хуросон боздошт, вале дар ҳақиқати амр ин рафтори ӯ мунофиқӣ буд, хиёнат буд, хиёнат ба кишвар, ба давлат, ба фуқарои бахтбаргашта. Аслан мунофиқӣ, хиёнат, риё, носипосӣ аз ибтидо ҳампою қадами оли Субуктегин будааст. Сабуктегин ба Сомониён, ки валинеъматаш буданд, хоинона пушт гардонда ба аморат расид, сониян ба унвони ёрӣ ба Нӯҳ ва истиқрору осоиши кишвар бо туркони қарахонӣ созиш карда, сеяки мулки Сомониёнро ба тасарруфи хонон даровард ва он гоҳ аз ошуфтагии кори Сомониён истифода бурда, худаш Хуросонро тасарруф кард. Ворисаш Маҳмуд бо ин ки Сомониён ҳомиаш ва муттафиқаш буданд, ба Мунтасири Сомонӣ дар ҷанги ӯ бо истилогарони қарохонӣ на фақат кӯмак накард, балки бо душманони вай ҳамдаст шуда, ӯро саркӯбӣ кард... Ман дар он ҳангом ки Маҳмуд волии Хуросон буд, розӣ набудам ба хизмати ӯ биравам, вале аз фармони Нӯҳи Сомонӣ сар тофта натавонистам.

Исфароинӣ зотан камгӯи бисьёршунав буд, дар сӯҳбати Фирдавсӣ баракс пургӯй гардид. Шояд баъди маъзул ва назарбанд шуданаш аз ёрони худ дур афтода, дар танҳоӣ дилтанг мешуд ва мӯҳтоҷи ҳамдаме гардида буд, то ки дар сӯҳбати вай дили ҳасратзадаашро холӣ кунад.

## Ранҷиши Унсурӣ

Султон Маҳмуд аз Ғӯр, чунон ки мегуфтанд, «музаффару мансур» баргашт. Бо ниҳояти сахтию машаққат ва талафоти бисьёр як қисми он кишвари кӯҳиро фатҳ карда буд. Дар ноҳияҳои фатҳшуда, хусусан дар маркази кишвар, ки халқаш ҳанӯз дини исломро қабул накарда буд, «кофиркушӣ» шакли қатли ом гирифт. Сипоҳиёни султон ҳар яке бо шумораи мар-

думи куштааш худписандӣ мекард. Дар пойтахт як даҳ рӯз бо тӯю тантана ва намоиши лашкар дар дашти Шобаҳор ба шарафи ғалаба ва бо фатҳноманависӣ ба халифаи Бағдоду шоҳи Хоразму хонҳои Туркистон ва ғайра гузашт. Сипас «шоҳаншоҳи машриқ» дар Боғи Фирӯзии биҳиштойин ба осоишу истироҳат ва айшу ишрат нишаст.

Фирдавсӣ хост бидонад, ки интизории гузаронидани «Шоҳнома» ба дарбор боз чи қадар тӯл мекашида бошад. Бо ин мақсад ӯ як пагоҳ ба кӯшки Унсурӣ рафт. Маликушшуаро ба саломи ӯ нимшунаво алайк гуфта, аз вай хомӯшона ва сард пазирой кард. Аз чӣ бошад ки табъаш хира буд.

Баъд аз сукут ба рӯи Фирдавсӣ нигоҳ накарда гуфт:

— Шумо, албатта, мехоҳед бидонед, ки достонҳоро хондам ё на. Хондам, ба интихоб якчанд достонро мутолаа кардам. Достонҳоро саросар хондан вақти зиёд мехоҳад. Боз онро як-дурӯза ба Фаррухӣ ва Асҷадӣ додан лозим омад, худашон илтимос карданд ки бидиҳам, то бихонанд.— Унсурӣ боз сукут кард ва пасон як навъ маънидорона суханашро идома дод:— «Шоҳнома»-и шумо, дар воқеъ, ганҷи гавҳар аст. Ин гавҳари бебаҳоро фақат бо мизони худи шумо метавон вазн кард ва санҷид, мизони банда дархури санҷидани он нест. Ашъори банда пеши «Шоҳнома» чист? Гиёҳе пеши гулбоне беш нест.

Дили Фирдавсӣ таҳ зад, пушташ арақи сард баровард. Ганҷи гавҳар, мизон, гиёҳу гулбон — ин калимаҳо магар аз ҳамон дубайтии худаш нестанд, ки дар Ҳирот дар мазаммати Унсурӣ гуфта буд? Бешак аз ҳамон ҷо ва киноя аз ҳамон дубайтист. Маълум мешавад, ки Унсурӣ аз он бохабар аст? Чӣ тавр бохабар шуд? Охир вай, Фирдавсӣ, он сатрҳоро шифоҳан* гуфта ва дар ҳеҷ ҷо нанавишта буд.

Шоир фаромӯш карда буд, ки шунавандаи он сатрҳо аз забони ӯ танҳо Исмоили саҳҳоф набуд, се-чаҳор нафар аз мухлисон ва ошноёни ҳиротии шоир низ дар он ҷо ҳозир буданд ва шуниданд. Вақте ки якчанд кас шунид, шоеъ шудани ҳаҷвия аҷобате надорад. Дар чунин мавридҳо хабаркашон ё дигар шахсони булҳаваси ҳангомаҷӯй чаро ғафлат кунанду ҳаҷвияро пинҳонӣ ё ошкоро гӯшраси ҳарифон нанамоянд?

Аз қазия Олтунтоши ҳоким низ бохабар шуда буд. Олтунтош бо номаи махсус ба маликушшуаро хабар дода буд, ки бо вуҷуди манъ кардани ӯ Фирдавсиро аз рафтани ба Ғазнӣ

---

* *Шифоҳан* — даҳанакӣ.

вай пинҳонӣ баромада рафтааст; дар поёни нома дубайтии шоирро ҳам навишта ба маълумоти Унсурӣ расонда буд.

Унсурӣ аз сурх шудани чеҳра ва гӯши меҳмонаш донист, ки заҳраш ба ӯ кор кард.

Фирдавсӣ як нафас бо сари ҳам хомӯш монд ва дар аснои ин хомӯшии хиҷолатомез изтироби қалбашро фурӯ нишонда гуфт:

— Донистам, хазрат, он мисраъ, ки дар Ҳирот дар ҳолати аламзадагӣ ва парешонҳолӣ гуфта шуда буд... ва боиси парешонхолии банда манъи ҳоким буд, маро аз омадани ба Ғазнӣ... бале, он мисраъ ба шумо маълум шудааст. Ҳазрат ранҷи хотири худро ошкоро, бидуни киноя мегуфтанду бандаро сарзаниш мекарданд, дашном медоданд, беҳтар буд. Аммо дар он ду байт алфоз аз ҳасоиси шеърӣ, аз тақозои сухани манзум буд, на аз ақл. Ҳиссиёти мубҳам ва ҷонии банда буду бас. Бо вуҷуди ин аз ҳазрат бахшоиш мехоҳам. Қазияро ба фаромӯшӣ супоранд, чунон ки ман худ супурдаам. Вале агар ба фаромӯшӣ супурдан нахоҳанду узри маро напазиранд, инак китоби банда ба дасти худашон ва тақдираш баста ба раъйи худашон аст: ҳазрат метавонанд ба кинхоҳӣ* аз банда, масалан, раъй ва таваҷҷӯҳи султонро аз «Шоҳнома» гардонанд.

— Ин чӣ суханест, ки шумо мегӯед? — ранҷишомез гуфт Унсурӣ.— Шумо ба ман айби кинаҷӯӣ ҳам мениҳед? Шукр, ман аз ин хислати разила барӣ ҳастам. Арзиши асари шуморо медонам, онро ба султон чи тавре ки ҳаст, арза хоҳам кард. Аслан, чигунагии «Шоҳнома»-атонро ҳоҷати арза кардани ман нест, султон худ суханшиносанд. Аммо, рост бигӯям, банда аз ҳамчу шумо шоири бузург ин навъ худситоиро гумон накарда будам.

— Шумо узри маро мепазиред ё на? — пурсид Фирдавсӣ.

Унсурӣ ҷавоб надод, суолро гӯё ки нашунид. Ба ҷои ҷавоб чунин гуфт:

— Султон дар Боғи Фирӯзӣ истироҳат мекунанд, ғайр аз вазир ва ду-се надими хос касеро бор намедиҳанд: дар ин қарибиҳо «Шоҳнома»-ро имкони манзур кардан нест.

— Ман дар ин ҷо зиёд истодан наметавонам,— гуфт Фирдавсӣ.

— Сабаб? — пурсид Унсурӣ.

— Дар мусофират касби маош кардан душвор аст.

---

* *Кинхоҳӣ* — қасос гирифтан.



Маликушшуаро як лаҳза фикр карду чунин ваъда дод:

— Ман хоҷаи бузургро мебинам, хоҳиш мекунам, ки бароятон марсуме* таъйин бикунанд.

## Маслиҳати Моҳак

Фирдавсӣ аз назди маликушшуаро малул ва андӯхгин баргашт. Ҳарчанд Унсурӣ гуфт, ки ӯ киначӯй нест ва ҳатто ваъда дод дар бобати маоши зиндагии шоир дар Ғазнӣ аз вазир хоҳишгарӣ намояд, вале Фирдавсӣ яқин кард, ки вай ба ҷиҳати дубайтии ҳаҷвия аз шоир ба дил кина гирифтааст, бинобар ин ба паст кардани қимати «Шоҳнома» дар назари султон кӯшиш кунад ҳам, аҷаб нест. Дар ин маврид ба кинаи ӯ ҳасудӣ низ зам мешавад — Лабибӣ беҳуда аз ҳасудии Унсурӣ сухан наронда буд. Аз тарафи дигар, кай ба султон пешниҳод шудани «Шоҳнома» маълум нест. Чӣ бояд кард? Шоир фикр карда бад-ин қарор омад, ки агар то баргаштани Абӯ Дулаф аз Қаҳистон ин кор якрӯя нашавад, вай китобро як нусха дар дасти маликушшуаро ва нусхаи дигар дар дасти вазир Майвандӣ мегузораду меравад, Ғазниро тарк мекунад.

Дар меҳмонхонаи Моҳак вай хоҷаро бо Маншурӣ гарми сӯҳбат ёфт. Хотирпарешонии вай аз онҳо пинҳон намонд.

— Чӣ хабар, устод? — хавотир кашида пурсид Маншурӣ. — Унсуриро дидед?

Фирдавсӣ андӯхгинона сари тасдиқ ҷунбонид:

— Ӯ достонҳоро ҳанӯз хонда тамом накардааст. Агар тамом ҳам мекард, «Шоҳнома»-ро ба султон бурдан наметавонист: султон дар боғи худ истироҳат мекунад, бор намедиҳад.

— Хуб, дар истироҳат бошад, чӣ беҳтар,— гуфт Моҳак,— истироҳат барои мутолааи «Шоҳнома» айни вақти мусоид нест магар?

— Аз гуфтаи Унсурӣ ҳамин қадар дастгирам шуд, ки ӯ «Шоҳнома»-ро назди султон баъд аз ягон моҳ хоҳад бурд. Баъд аз он боз як муддати дароз бояд мунтазир шуд, то султон ақаллан як-ду достонро бихонад ё хононда шунавад.

— Ҳар гоҳ ки достоне ё қасидаеро барои ӯ мехонанд,— гуфт Моҳак,— ӯ беш аз даҳ-понздаҳ байт намешунавад, аз қасидаҳо фақат мадҳи худашро мешунаваду бас; чун хонанда

---

* *Марсум* — моҳона, рӯзона ё солона.

ба гурези касида расид, хондани онро катъ мекунад. Дар мавриди «Шоҳнома» ҳам, ба эхтимоли кавӣ, ӯ кироати онро дер нахоҳад шунид, балки ба он чи маликушшуаро дар бораи он бигӯяд, иктифо хоҳад кард. Гумон намекунам, ки гузаронидани китоб ба султон он кадар, ки шумо мегӯед, ба таъхир меафтода бошад. Вале дар ҳар сурат шуморо ғайр аз сабр чора нест, мавлоно. Якмоха-думоҳа сабр дар баробари сиюпанҷсол, ки ба «Шоҳнома» ранҷ бурдаед, чист? Соате беш нест. Банда аминам, ки ба «Шоҳнома» аз султон подоши арзанда хоҳед ёфт, он гоҳ подоши шоҳона машаккати сиюпанҷсола ва талхии интизори якмоҳа-думоҳаро аз ёди шумо хоҳад бурд.

— Аммо... маликушшуаро назди султон дар бораи «Шоҳнома» чиҳо хоҳад гуфт, онро чӣ гуна муаррифӣ хоҳад кард? Дар ин бора дили ман пур нест.

— Чаро? — ҳар ду мусохиб баробар пурсиданд.

— Маликушшуаро аз ман озурдааст... ба дил кина гирифтааст...

— Кина гирифтаст? Чаро?

— Напурсед, гуноҳ ба худи ман аст. Дар Ҳирот, вакте ки фаҳмидам Унсурӣ ба Ғазнӣ омадани маро намехоҳад, ман инро аз ҳасудии ӯ дониста ду байт дар накӯҳиши* ӯ гуфта будам, шифоҳан ба тарики бадеҳа гуфта будам, шунавандае онро ба Унсурӣ расондааст. Бо ман аз он бадеҳа бо рамузу киноя сухан гуфт.

— Бадеҳа чӣ гуна буд? — донистан хост Маншурӣ.

Фирдавсӣ аз гуфтан худдорӣ кард:

— Напурсед. Мабодо ки ба забони мардум афтад, аз ғайри ихтиёри мову шумо.— Шоир як он сукут карду афзуд:— Кошки Абӯ Дулаф зудтар бармегашт.

Аз ин сухан Моҳак чунин хулоса гирифт, ки шоир бепул мондааст ё метарсад, ки ба карибӣ бепул мемонад.

— Агар ба пул эҳтиёҷ ҳаст, банда...

— На, на,— Моҳакро аз сухан боздошт Фирдавсӣ.— холи ҳозир эҳтиёҷ нест. Салоҳи корро дар он мебинам, ки харчи зудтар ба Тус баргардам. Абӯ Дулаф, ки омад, рахти сафар мебандем. Бигузор «Шоҳнома»-ро дар ғайби ман бихонанд ва... ҳукм кунанд... Зимнан, назари маликушшуаро ва ҳамчунин назари хоҷаи бузург ба ман хуб нест.

Аз як тараф камэътиноӣ ва сардии вазир Майвандӣ нисбат ба Фирдавсӣ ва китоби ӯ дар он вакт, ки шоир ба кабу-

---

* *Накӯҳиш* — таъна, маломат.

ли ӯ рафта буд, аз тарафи дигар гуфтугузори нохуши сонӣ бо маликушшуаро ва ниҳоят суханони нописандона ва ҳатто бӯҳтономези Фаррухӣ дар бораи «Шоҳнома» — инҳо ҳама якҷоя дар замири шоир чунин ҳиссе пайдо кунонда буданд, ки «Шоҳнома»-и ӯ дар дарбори Ғазнӣ қадру қимати даркорӣ нахоҳад ёфт. Аз ҳамин ҳиссиёт сарчашма мегирифт қарордоди шоир ба мунтазир нашудан ба қабули «Шоҳнома» дар дарбор ва баргаштан ба Тус. Дар рафтори вазиру шоирони дарбор нисбат ба Фирдавсӣ ва асари ӯ шояд таассуби мазҳабӣ ҳам бетаъсир набошад: шоҳ ва атрофиёнаш душманони шиа мебошанд. Фирдавсӣ боре гапи дар Тус шунидаашро ба ёд овард: султон Маҳмуд мардуми шиамазҳаби Тусро қарматиёну ботиниён, ёрони душмани худаш — Дайламиён мешумурда ва бад медидааст.

Моҳак ногаҳон ба шоир чунин маслиҳат дод:

— Як фикр, мавлоно. Шумо аз Унсурӣ сарфи назар кунеду «Шоҳнома»-ро худатон ба султон баред. Бевосита ба худаш ба Боғи Фирӯзӣ баред ё фиристед. Хоҳед дид, худаш дер ё зуд мехонаду шуморо ба ҳузураш металабад. Ё ки, агар не гӯед, ин корро ба ман ҳавола кунед. Китобро ба султон ман худам мебарам...

## ...Ва бурд

Ҳавлии Шарафуддини Моҳак дар наздикии Боғи Фирӯзӣ буд, аз он ҷо то он боғ масофа ҳазор қадам беш набуд. Як бегоҳ вай «Шоҳнома»-ро дар бағал гирифта пиёда ба он мақомгоҳи шоҳ равон гардид.

Дарбонҳои ҳайбатноки мусаллаҳ ба камону найза, кулоҳҳои душоха бар сар, пирамарди надимро, ки мешинохтандаш, аз дарвоза нагардонданд ва розӣ шуданд, ки омадани ӯро ба ҳоҷиби калон хабар диҳанд. Моҳак дар паси дарвозаи якӯми оҳанкӯби қуббадор (зеро дар дарунтар боз дарвозаи дуввуми ба аввалӣ монанд буд) соате интизор нишаст, то шогирди ҳоҷиб пайдо шуда аз номи сардори худ гуфт, ки ин соат султонро дидан мумкин нест.

Моҳак ночор ба бошишгоҳи худ баргашт.

Рӯзи дигар боз рафт ва боз навмед баргашт.

Ниҳоят бори сеюм рафта: «Ба аълоҳазратам тӯҳфае овардам, ки монандаш ба ҳеҷ як подшоҳ пешкаш нашудааст» гӯён ба ворид шудан исрор намуда буд, ки ҳоҷиб бо рухсати

султон ӯро даровварда, аз сояи сарву санавбарҳои мавзун, аз чаманзору гулзорҳои атрафшон, ки дар онҳо товусони рангинбол хиромон, ва аз пеши ҳавзи ниҳоят калони мармарин, ки дар вай қуҳои сафеду сиёҳ шиновар буданд, гузаронда ба кошонае бурд. Дар шӯълаи на он қадар гарми офтоби тирамоҳӣ боғ ба сад хусну ба сад ранги назаррабо чилва мекард. Дар айвони мунаққаши кошона султон, яктахи дарозу эзори фарохи сафед дар тан, рӯи кати зарнигор ба пушт хобида буду Аёзи чавони бисьёр хушсурат ва хушқадуқомат — ҳам аскар ва ҳам ғуломи маҳбуби султон пои ӯро мемолид. Моҳак, китоби рӯмолпеч дар бағал, дуқат шуда қадаме чанд сӯи кат рафт ва ба зону афтида ба замин пешонӣ сойид;

— Зиндагонии султони аъзам ва шоҳаншоҳи олам дароз бод, Абулқосими Фирдавсии шоири тӯсӣ таърихи мулуки Ачамро саросар ба номи аълоҳазратам назм карда оварда ва ба ин кор сиюпанч сол ранч бурдааст, вай алъон меҳмони банда аст, худ аз омадан ба даргоҳи олӣ ибо карда, аз банда илтимос кард, ки «Шоҳнома»-и ӯро ба пешгоҳи ҳумоюнӣ оварда манзури назари муборак намоям.— Моҳак китобро рӯи даст нигоҳ дошта истод.

Султон дар ҳамон ҳолати хобидагеш рӯ ба тарафи гӯянда пахлӯ зад ва пурсид:

— Ҳамин буд пешкаши нестандарчаҳони ту?

— Султонам, аз бозе, ки ба форсии дарӣ каломи мавзун зуҳур кардааст, то кунун ҳеч фарде китобе ба ин бузургӣ ва ба ин фасоҳату балоғат нанигоштааст, ҳамаи шуаро ва фузало дар ин маънӣ муттафиқанд.

Султон хеста нишаст ва китобро ба даст гирифт, нигоҳ кард, ду-се варақ гардонду ба Аёз дод:

— Ба китобдор бидеҳ, бигӯ, ҳар гоҳ ки ба доруссалтана баргаштам, оварад.

Аёз китобро гирифта ба токча гузошт. Султон пушт ба болиштҳо дода пояшро дароз карду ба Моҳак гуфт:

— Ибо кард? Чаро?

— Гуфт, ба расму одоби даргоҳи олӣ балад нестам, мабод ки саҳве аз ман сар занаду шармсор шавам,— чавоб ёфт надим.

— Чаро меҳмони ту? Бо вай сабиқан ошноӣ доштӣ магар?

— На, султонам, дар ин чо шиносо шудам; чун манзил надошт, ба хона бурдамаш.

— Чӣ мегӯяд?

Мохак маънии суолро нафаҳмида саросема шуд. Султон суолашро возеҳ кард:

— Дар бораи мо чӣ мегӯяд?

— Шоҳаншоҳи аъзам одиланд, фуқаропарвар ва шоирпарваранд мегӯяд, Фаридун зинда шуд мегӯяд.

Нигоҳи чашмони кӯчаки султон бигизвор ба рӯи Моҳак халида шуданд, ба лабони борикаш нимтабассуми истеҳзоомез дамид.

— Фаридун? Аз куҷо маълум, ки Фаридун шоирпарвар будааст? Магар дар замони ӯ ҳам шоирон будаанд?

— Банда намедонам, ӯ гуфт — ӯ медонад.

— Дурӯғ гуфтӣ. Фаридунро ту гуфтӣ, Фирдавсӣ «Шоҳнома» нигоштааст, пас таърихи мулукро медонад. Фаридунро шоирпарвар намегӯяд. Дар ахбори мулук ин сухан нест.

— Агар дурӯғ гуфта бошам, забонамро бибуранд.

— Гуноҳи забон нест, гуноҳи ақл аст. Ақл дар сар аст, бояд сарро бурид.

— Сарам фидои султонам, вале агар сар равад, ба гуноҳи вай забони бегуноҳ ҳам табоҳ мешавад ва ҳол он ки султони адлшиорам бегуноҳеро ба гуноҳи дигаре намекушанд,— ҳозирҷавобӣ кард Моҳак.

Аз чеҳраи султон маълум буд, ки ӯ ҷавоби надимашро писандид.

— Фаррухӣ гуфт,— ба ёд овард султон,— ин Фирдавсӣ Рустамро беш аз ҳад ситудааст.

— Оре, султонам, Рустами Зол дар ҳақиқат ҷаҳонпаҳлавони якто будааст.

— «Ҷаҳонпаҳлавони якто»,— худ ба худ бо истеҳзо гуфт султон ва аз ғуломаш пурсид: — Ту чӣ мегӯӣ, Аёз?

— Сад Рустам ба диловариву паҳлавонӣ бо шоҳаншоҳи ман ҳамбоз шудан наметавонанд,— таъзим карда фавран ҷавоб дод Аёз.

— Шунидӣ? — ба надим рӯ овард султон.

— Рост мегӯяд,— тасдиқ кард Моҳак ва афзуд: — Аммо, султонам, ровиёни ахбори қадим ривоят кардаанд ва Фирдавсӣ ривояти эшонро назм сохтааст, ки Рустам чун аз шири модар баромад, хӯроки панҷ бачаро мехӯрд, дар ҳаштсолагӣ бо гурзи гарон филро кушт, баъдҳо деви сапедро кушт, санги Аквондевро, ки ҳафт паҳлавон аз ҷояш ҷунбонда натавонистанд, ӯ бардошта ба бешаи Чин афканд.

— Дурӯғ,— гуфт султон.

— Фаразан, дурӯғ ҳам бошад, султонам, дар достонҳои

Фирдавсӣ чунон назм шудааст, ки ба дил фараҳ мебахшад, дар хонанда шуҷоат ва шаҳомат меангезад.

— Дурӯғ,— такрор кард султон.

— Дар ахбор чунин омадааст, султонам, пас гуноҳи шоир чист?

— Аблаҳ,— гуфт султон.

— Дар Фирдавсӣ на фақат ҳеҷ нишонаи аблаҳӣ нест, султонам, балки баракс, ҳар кӣ боре бо вай мусоҳиб шуда ё достонашро хонда бошад, ба ҳакимиву хирадмандиву доноии вай офарин мехонад.

— Аблаҳ туӣ, на ӯ,— гуфт султон.

— Шоҳаншоҳам, банда надими падари шумо будаам, падари бузургворатон аблаҳонро ба надимии хеш қабул намекарданд,— хандида боз зуд ҷавоб ёфт Моҳак.

Султон аз нав дар кат дароз кашиду баъди каме хомӯшӣ пурсид:

— Сиюпанҷ сол ранҷ бурда?

— Оре, шоҳам, сиюпанҷ сол,— ҷавоб дод Моҳак.

— Ба назми сиярулмулук дар аввал бо амри Нӯҳи Сомонӣ Дақиқии шоир ибтидо карда будааст, магар баъдан ин корро ба Фирдавсӣ фармудаанд?

— Оре, султонам, ҳуди аълоҳазрати Нӯҳ ба ӯ фармуда будаанд, ки «Биозмой, чун назм кардӣ, ба мо биёвар».

— Магар ӯ Нӯҳро дидааст?

— Мегӯяд, дар оғоз ба суроғи «Шоҳнома»-и мансур ба Мовароуннаҳр ҳам рафта, дар Бухоро ба боргоҳи олӣ шарафи қабул ёфта будам.

— Дақиқӣ забардасттар буда ё Фирдавсӣ?

— Бандаро мутолааи ашъори Дақиқӣ иттифоқ наяфтода буд, намедонам, аз қазоват кардан дар ин боб оҷизам. Аммо мегӯянд, ки ӯ ҳам гӯяндаи бузург буд.

— Пир аст?

— Ҳафтодуяк сол умр дидааст, шоҳам.

— Бо ин пирӣ чунин сафари дурро пеш гирифтааст аз Тус то Ғазнӣ? Аз машаққати сафар натарсида?

— Инро банда низ аз ӯ пурсидам, мегӯяд шарафи вуруд ба пойтахти шоҳи ҷаҳон ва умеди дидори муборакн ҳумоюнӣ ба ман қувват бахшид ва машаққати сафарро бароям осон кард,— боз «дурӯғи маслиҳатомез» гуфт надими ҳозирҷавоб.

— Ҳай чоплус,— таънаомез лабханд кард султон,— ақаллан мегуфтӣ ки ӯ бо вуҷуди пиронсолӣ ҳанӯз бардам, неру-

манд менамояд, бовар мекардам... Хуб, акнун бирав. Фирдавсиро бигӯ, мо «Шоҳнома»-ашро қабул кардем.

— Қабул, мавлоно, қабул! — ба остонаи меҳмонсаро қадам ниҳода ба Фирдавсӣ мужда дод Моҳак.— «Шоҳнома» қабул ёфт. Иншоолоҳ анқариб ба мурод у мақсадатон мерасед.

Сипас нишаста, ба ҳузури султон чӣ тавр даромаданаш ва бо ӯ чӣ гуна пурсу посух намуданашро як ба як ҳикоя кард. Шоирро аз баъзе пурсишҳои султон мутааҷҷиб ва аз ҷавобҳои худаш хушнуд сохт.

— Ман назди султон «Шоҳнома»-и шуморо он қадар таърифу тавсиф кардам, ки ҳеҷ напурсед,— ба поёни ҳикояташ афзуд хоҷа,— дар эътирофи бузургиву беназирии он муттафиқ будани ҷамеъи уламову шуарои шаҳрро арз кардам. Султон худ мехонад ва мебинад баландии сухани шумо то куҷост.

— Ӯ кай ба доруссалтанааш бармегашта ва «Шоҳнома»-ро кай мехонда бошад? — донистанӣ шуд Фирдавсӣ.

— Инро ҳеҷ кас намедонад, мавлоно. Мумкин аст зуд, дар ҳамин моҳ, ва мумкин аст дер, дар моҳи оянда. Хондани ин миқдор достонҳо, ки дар китоби шумост, кам вақт намехоҳад. Чӣ илоҷ, сабр бояд кард.

## Андеша ва илҳоми Унсурӣ

Маликушшуаро дар меҳмонсарои худ нӯги ришашро дар қабза гирифта ин сӯ-он сӯ мегардид. Бе тавассути ӯ ба султон бурда шудани «Шоҳнома» ба нафси ӯ расида, димоғашро сӯзонда буд. Ин хабарро ба вай парерӯз Фаррухӣ, ки султон ӯро ба чӣ хизмате ба ҳузураш — ба Боғи Фирӯзӣ талабида будааст, овард. Инак ду рӯз инҷониб маликкушшуаро беқарор буд, аз хафагӣ ва коҳиши нафс дар як ҷо нишаста наметавонист. Воқеа як ҳафта пеш рӯй додааст, пас чаро султон то алвақт ӯро ба наздаш нахонд, дар бораи «Шоҳнома» фикрашро напурсид? Мегӯянд, ки вай, султон, қории худ Абдулвоҳидро талабидааст — барои чӣ? Магар барои он ки «Шоҳнома»-ро хононда шунавад? Худаш достонҳои Фирдавсиро аз ғайри тавассути маликушшуаро мутолиа кунад?

Аммо гузашта аз коҳиши нафс, Унсуриро боз хаёли дигаре парешонхотир карда буд, яъне мабод ки султон аз қудрати суханварии Фирдавсӣ дар ҳайрат монда мақоми ӯро аз

маликушшуаро ва дигар шоирони дарбор болотар ниҳад. Унсурӣ чунин эътибор пайдо кардани соҳиби «Шоҳнома»-ро асло намехост. Кӣ мехоҳад, ки аз мақоми дараҷаи аввал ба дараҷаи дуввум афтаду имтиёзҳояшро аз даст диҳад?

Вай аз болохона фуромада оҳиста-оҳиста гардишкунон ба тарафи меҳмонхонаи даруни боғ равон шуд. Аз як гӯшаи боғ паст-паст чақчақу хандаи занона ба гӯш мерасид. Унсурӣ дар он чақчақ овози духтари худаш Сарвинозро шинохт. Зоҳиран, духтарак бо дугонаҳояш машғули шеърхонӣ буданд. Ӯ гардишкунон наздик рафта дар пушти дарахти чормағзи пир қарор гирифт. Ба духтарон duzdida менигаристу ба чақчақашон гӯш меандохт. Онҳо дар сояи сада рӯи сабза бар палос яке нишаста ва дигаре ғел зада шеъреро, ки Сарвиноз аз дафтар мехонд, мешуниданду ҳар дам чӣ нидоҳое мебароварданд ё баъзе байтҳоро бо овоз такрор менамуданд. Чунон саргарми шуғли худ буданд, ки дар он дам агар касе дар болои сарашон ҳозир мегардид, пай намебурданд. Онҳо чаҳор нафар ва ғайр аз Сарвиноз ду нафарашон аз хонаводаҳои соҳибмансабон буданд, чаҳорумӣ духтари Асҷалии шоир буд. Ҳар чаҳорашон ҳам хушлиқо, баҳори умрашон дар айни шукуфониву гулафшонӣ буд. Гуландом духтари шонздаҳсолаи раиси девони рисолати шоҳ Абӯнасри Мушкон аз дугонаҳояш соҳибҷамолтару нозанинтар менамуд. Унсурӣ ба шеърхонии духтараш гӯш карда, ба ҳайрати худ донист, ки вай достони Зол ва Рӯдобаро мехонад. Духтарак «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бо иҷозати падараш гоҳ-гоҳ гирифта ба ҳавлии дарун бурда бо модараш ва хоҳаронаш мехонд. Зоҳиран, порае аз он достонро рӯбардор карда гирифта будааст. Сарвиноз аз қиссаи мулоқоти пинҳонии Зол ва Рӯдоба мисраъҳои зеринро — савгандҳи ишқу вафои ошиқонро бо як ҳасратзадагиву дилбохтагӣ мехонд ва дугонаҳояш низ бо ҳамон кайфият гӯш мекарданд:

...Ҳамебуд бӯсу канору набид *,
Магар шер к-ӯ гӯрро бишкарид **

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Сипаҳбуд чунин гуфт бо моҳрӯй,
Ки «Эй сарви симинбари мушкмӯй,
Пазируфтам аз додгар доварам ***,
Ки ҳаргиз зи паймони ту нагзарам».

---

* *Набид* — шароб.
** *Бишкарид* — шикор кард.
*** *Довар* — ин ҷо ба маънии худо.

Бад-ӯ гуфт Рӯдоба: «Ман ҳамчунин
Пазируфтам аз довари кешу дин,
Ҷаҳонофарин бар забонам гувоҳ,
Ки бар ман набошад касе подшоҳ
Ҷуз аз паҳлавони ҷаҳон Золи Зар,
Ки бо тахту тоҷ асту бо ному фар *

Баногоҳ аз паси девори боғ — аз ҳиёбон садои суммӣ аспон баланд шуд. Духтарон шеърхониро қатъ карданду сӯи девор давида, ба болои нардбон ва ба дарахтон баромада нигоҳ карданд. Гуландом ҳам аз байни шохаҳои дарахти зардолу ба саворони роҳгузар чашм дӯхт. Саворон сипоҳиён буданд. Сарвиноз пештар фуромада, аз поён шӯхона ба Гуландом мегуфт:

— Аёзро меҷӯӣ? Агар бинӣ, овоз деҳ ба вай!

Гуландом ошиқи Аёз буд. Ғуломи соҳибҷамоли султон боре дар як ҷашни арӯсӣ чашмаш ба Гуландом ғалтида зоҳиран зебоии духтар таваҷҷӯҳашро ҷалб карда буд, ки даст бар сина ниҳода ба вай бо табассуми ширин салом дод. Салом доду дили духтаракро бурд. Аз ҳамон рӯз инҷониб Гуландом ҷӯёи дидори ӯ буд; ҳар гоҳ ки аз кӯча садои суммӣ аспонро мешунид, давон ба сари девор ё лаби бом мебаромаду нигоҳ мекард. Бошад ки шаҳсаворро бинад!

Вай ҳам мисли Рӯдоба метавонист гӯяд:

Дилу ҷону ҳушам пур аз меҳри ӯст,
Шабу рӯзам андешаи чеҳри ӯст.

Вай аз шохи дарахт бо нимтабассуми андӯҳнок фурӯд омад. Дар байни саворон Аёзро надид. Дугонаҳо ӯро дӯстона ҳаҷв мекарданд:

— Ғам нахӯр, Гуландом,— мутоиба менамуд Насрин — духтари Бӯсаҳли Хӯҷандӣ, муншӣ ва китобдори султон,— ҳар гоҳ, ки Аёз ба шикор рафт, ману Сарвинозу Ноҳид либоси канизакон пӯшида ҳамчу парасторони ту ба шикоргоҳ меравем, ӯро мебинем, аз ҳусну ҷамоли ту ба гӯшаш афсун хонда, ӯро монанди канизакони Рӯдоба, ки Золро ба кӯшки вай оварданд, ба наздат меоварем. Ту ба ҳар эҳтимол мӯятро дарозтар кун, то ки ҳамчун Рӯдоба «мӯи шабгуни дутоб»-атро ба ҳам печонда бо вай Аёзро ба кунгураи кӯшкат кашида тавонӣ.

---

* *Фар (фарр)* — ҷалолу шавкати подшоҳона.

Духтарон коҳ-коҳ хандиданд, худи Гуландом ҳам механдид.

— Мӯяшро дароз накунад ҳам мешавад,— мутоибаро давом дод Ноҳид, духтари Асчадии шоир,— Золи Зар ба боми Рӯдоба бо каманди худаш баромада буд-ку! Аёз ҳам каманд дорад.

Унсурӣ аз он гуна шавқи духтарон ба достони ишқии Фирдавсӣ мутаассир шуда ба меҳмонсарои худ баргашт. Ба дилаш мегуфт, магар қасидаҳои ӯро бо он ҳама маъниҳои ҷамилу фикрҳои бикр ва ташбеҳоти балиғу шево, ки дар онҳост, мардумон, духтарон, ҷавонон бо ҳамин гуна шавқу ҳавас мехонанд? Оё он қасидаҳо дар эшон ҳамин навъ эҳсосот, шавқу шӯр меангезанд, ҳамин навъ мафтуниву дилбохтагӣ эҷод мекунанд? На. Онҳо фақат дар маҷлиси шоҳ, вазирон, аъёну ашроф хонда мешаванд ва шояд аҳёнан дар маҳфили фозилони шеърдӯст ҳам. Фозилон ва инчунин шоирон фақат барои он мехонанд, ки бубинанд шоир чи гуна маъниҳои борик ёфта ва чӣ санъатҳои лафзӣ ба кор бурдааст. Аммо достони ишқиро ҳама хосу ом ба ҷон дӯст медоранд, зеро дар вай ҳаёт ҳаст, орзую омол ҳаст, иштиёқи зебоӣ ҳаст, вай аз ёд ба ёд, аз сина ба сина мегузарад, дар зеҳну фикру ҳисси хонанда ҷо мешавад, хаёлу андешаҳои нек пайдо мекунонад.

Кӣ медонад, шояд фикри навиштани достони Вомиқу Азро ба Унсурӣ ҳамон рӯз, дар ҳамон наззораи достонхонии духтарон илҳом шуда бошад...

## Мушоара

— Шунидед, устод? Султон «Шоҳнома»-ро хеле, хеле писандидааст. Дирӯз Абдулвоҳид ба наздам омада буд, мегӯяд: «Султон маро талабида буд, рафтам, «Шоҳнома» рӯи мизаш буд, фармуд: «Бигир, як боб аз корҳои Рустам бихон!». Варақ задам, боби ҷанги Рустам бо Ашкабус баромад, хондам, хеле ҷолиби таваҷҷӯҳи султон афтод, ӯ ҳатто баъзе байтҳоро батакрор хононд.

Фаррухӣ пагоҳӣ ба назди Унсурӣ омада бо ҳамин суханон ба хуҷраи болохонагии ӯ ворид шуд. Аз Унсурӣ «Шоҳнома» хост, китобро гирифта тез-тез варақ зад, «Набарди Рустам ва Ашкабус ва кушта шудани Ашкабус»-ро пайдо кард ва дар он боб ин баҳси ду паҳлавонро хонд:

Бад-ӯ гуфт хандон, ки номи ту чист?
Тани бесаратро кӣ хохад гирист?
Таҳамтан бад-ӯ гуфт к-эй шумтан,
Чӣ пурсӣ ту номам дар ин анҷуман?
Маро моми ман ном марги ту кард,
Замона маро путки тарки ту кард.
Қашонӣ буд-ӯ, гуфт: бе борагӣ *
Ба куштан диҳӣ тан ба бечорагӣ,
Таҳамтан чунин дод посух бад-ӯй,
Ки: эй беҳуда марди пархошҷӯй!
Пиёда надидӣ, ки ҷанг оварад,
Сари саркашон зери санг оварад?

— Султон ин фикраро се карат хонондааст,— гуфт Фаррухӣ,— ва боз ин сатрҳоро ҳам батакрор хононда гӯш кардааст,— гӯянда фикраи зеринро қироат кард:

Камонро бимолид Рустам ба ҷанг,
Бигуррид монанди ғуррон паланг,
Пас он гаҳ ба банди камар бурд чанг,
Гузин кард як чӯба тири ҳаданг,
Хаданге баровард пайкон чу об,
Ниҳода бар ӯ чор парри уқоб.
Бимолид чочикамонро ба даст,
Ба чарми гавазн андаровард шаст,
Сутун кард чапрову ҳам кард рост **,
Хурӯш аз хами чархи чочӣ бихост.
Чу пайкон бибӯсид ангушти ӯй,
Гузар кард аз мӯҳраи пушти ӯй.
Чу зад тир бар он синаи Ашкабус,
Сипеҳр аз замон дасти ӯ дод бӯс.
Қазо гуфт «гир!»-у қадар гуфт «деҳ»!
Фалак гуфт «аҳсан»! Малак гуфт «зеҳ»!

— Султони набардозмойро ин тасвири набард писанд омада бошад, чӣ аҷаб,— гуфт Унсурӣ.

— Ба Фирдавсӣ инсоф бояд дод, ҳақиқатан устодона гуфтааст,— эътироф кард Фаррухӣ.

— Эъҷоз кардааст,— сухани ӯро бурида бо овози паст ва як навъ мутафаккирона гуфт Унсурӣ,— ман ҳам ба ин фикра-

* Яъне бе маркаб, пиёда.
** Мақсад пои чап ва рост аст.

хо диққат кардам, дар воқеъ бо калом сурати набарди ду паҳлавонро аз ин беҳтар кашидан муҳол аст. Мисли он аст, ки шоир он набардро ба чашм дида ва ба гӯши худ шунида, тасвири онро дар ҳамон ҷо карда бошад.

— Абдулвоҳид мегӯяд, султон ҳатто ба ваҷд омад, мегуфт: «Бах, бах! Инак шоир!»... Вале мақсуди ман дигар аст, устод. Ин шоири фасонагӯй бешак аз султон подоши фаровон хоҳад гирифт. Бигузор бигирад, вале метарсам, ки мартабаи маликушшуароӣ ҳам бигираду мо ҳама мисли шогирдонаш дар сояи ӯ бимонем.— Ба Унсурӣ чашм дӯхта сукут карду боз гуфт:

— Ман ба шарафи ғалабаи султон дар ҷанги Ғӯр мадеҳа навишта будам,— вай аз қабати дастораш вараќи лӯлапечро гирифт,— ба мадеҳа ин мисраъҳоро афзудам,— ӯ сатрҳои хитобан ба султон гуфтаашро хонд:

... То чанд бандагонт бидиданд ин замон,
Қас дар ҷаҳон ҳаменабарад номи Рустам,
Қамтар ҳоҷиб туро чу Ҷамму чу Кисро *,
Қеҳтар чокар туро чу Геву чу Бежан.

— Унсурӣ ин навъ паст задани қаҳрамонони «Шоҳнома»-ро написандид ва гуфт:

— Лозим набуд. Қиноя аз «Шоҳнома» аст. Хонандагон метавонанд инро ба ҳасудӣ нисбат диҳанд.

— Нисбат диҳанд додан гиранд, ман султон ва сипоҳиёни шерафкани ӯро барҳақ меситоям. Устод, биёед бо Фирдавсӣ яке табъозмоӣ бикунем. Ними умрашро сарфи «Шоҳнома» кардааст — сиюпанҷ сол! Ман дар ин муддат даҳ «Шоҳнома» менавиштам. Ба гумонам, ӯ табъи равон надорад, ман мӯътақидам, ки «Шоҳнома»-ро аз табъи рӯстоиёнааш бо тешаи кунди хаёл бо сад ранҷу озор тарошида баровардааст.

— Мехоҳед бо вай мушоара бикунед?

— Бале. Чор мисраъ шеър. Се мисраи аввалро шумо, ман ва боз ягон шоири дигар, Асҷадӣ ё Зинатӣ мегӯянд, чаҳорумро бигузоред Фирдавсӣ бигӯяд, агар тавонад. Ӯ бозиро хоҳад бохт. Он гоҳ бигузоред хабари мағлуб шуданаш дар мушоара ба гӯши султон бирасад... Мақсади маро фаҳмидед?

— Мақсадатон маълум. Аммо агар вай ғолиб бароянд чӣ?

— Мо се мисраъро пештар мебофему дар мушоара чунин вонамуд мекунем, ки дар ҳамон ҷо бадоҳатан гуфтаем. Худ

* Ҷамшед ва шоҳи сосонии Эрон.

медонед, мисраи чаҳорумро дафъатан фақат шоире гуфта метавонад, ки табъаш дар ғояти равонӣ бошад.

— Мушоара бозии ноҷибонаест, дар вай лӯттибозӣ кардан гуноҳ аст.

— Хуб, пас мо ҳам шеърро дар асноп мушоара мегӯем.

Ҳам Фаррухӣ ва ҳам Унсурӣ бадеҳагӯёни забардаст буданд, хусусан устодии Фаррухӣ дар ин ҳунар масал шуда буд, байти «Чу гаштӣ ба аспи бадеҳа савор — Баровардӣ аз хайли фикрат * димор», гӯё дар ҳаққи ӯ гуфта шуда буд.

Мушоараи бадеҳагӯӣ дар байни шоирон хеле ривоҷ дошт, бинобар ин ривояте, ки дар бораи мушоараи се шоири дарбори султон Маҳмуд бо Фирдавсӣ дар ахбору тазкираҳо омадааст, аз эҳтимол дур нест. Соҳибони ахбор дар боғе воқеъ шудани он мушоарaро зикр мекунанд. Дар кадом боғ ва боғи кӣ, маълум нест. Бигузор дар боғи Унсурӣ, ё Фаррухӣ, ё шоири дигаре воқеъ шуда бошад,— ин барои мо ва барои хонанда фарқе надорад.

Алқисса шоирон дар манзили яке аз дӯстони худ ба ҷӣ муносибате ҷамъ омаданду Фирдавсиро ҳам даъват карданд. Ба Фирдавсӣ писандидани султон «Шоҳнома»-и ӯро табрик гуфтанд, шеърҳо хонданд, мутоибаҳои зарифона карданд. Дар миёнаҳои сӯҳбат Фаррухӣ таклиф кард ки:

— Биёед, азизон, мушоара мекунем. Бо ширкати устод Фирдавсӣ мушоараи мо бояд хеле гарм ва шавқовар шавад.

Таклифи ӯро ҳозирон гарму ҷӯшон тарафдорӣ карданд. Охир, мусобиқаи фикр, маҳорат, заковат ба кӣ шавқовар нест?

— Ҳазрати маликушшуаро сар кунанд, мо пайравӣ мекунем,— ба Унсурӣ рӯ оварда хоҳиш кард Фаррухӣ.

— Қабул. Пас шурӯъ мекунем,— Унсурӣ дақиқае фикр карда ин мисраъро гуфт:

Чун оразп ту моҳ набошад равшан.

Фаррухӣ бадоҳатан мисраи дуввумро гуфт:

Монанди рухат гул набувад дар гулшан.

Баъди як нафас Асчадӣ афзуд:

Мижгонт ҳамс гузар кунад аз ҷавшан.

---

* *Хайли фикрат* — маҷозан лашкари соҳибфикрон. *Димор баровардан* — лат кадан, нитиком гирифтан.

Фаррухӣ Фирдавсиро ба мусобиқа хонд.

— Устод, мақтаъро* аз шумо илтимос мекунем.

Фирдавсӣ даъватро иҷобат накарда наметавонист. Чашмҳо ҳама ба рӯи ӯ духта шуданд. Ҳозирон сӯи ӯ на фақат бо ҳисси «Ку чӣ мегуфта бошад?», балки бо як навъ назари тараҳҳумомез ҳам менигаристанд, ки мабодо ӯ душвортарин мисраи дубайтиро бо ҳамин вазну қофия ба зудӣ гуфта натавониста шармсор шавад.

Фирдавсӣ мисраи Асҷадиро барои худ бо овози паст такрор карда, як лаҳза андешиду гуфт:

Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан.

Аз аҳли маҷлис баробар фарьёдҳои аҳу оҳ бархост. Ин аҳу оҳ нидоҳои таҳсину офарин буданд. Дар як лаҳза бо чунин мувофиқату мувозинати сухан чунин ташбеҳи бикр ва комилро пайдо ва маъниро устодона мавзун карда тавонистани шоир дар воқеъ ҳайратангез буд. Маликушшуаро:

— Ҳазор аҳсант! Эъҷоз кардед, эъҷоз!— гӯён дасти Фирдавсиро, ки дар паҳлуяш нишаста буд, бӯсид.

Дар муқобили ташбеҳоту қофияҳои обшуста ва ҳазорон бор дар ҳазорон шеър такроршуда, хусусан дар байти якум, мисраи Фирдавсӣ тамоман нав буд.

Ин мушоараи се шоири машҳуртарини замон ба зудӣ дар шаҳр овоза ва ду байти дар он гуфташуда вирди забонҳо гардид. Ғалабаи Фирдавсӣ дар он мусобиқаи табъу заковату тезҳушӣ дар таърихи адабиёт сабт шуда ва инак ҳазор сол инҷониб дӯстдорони шеър онро бо ҳисси ҳайрату офарин дар ҳаққи сухансарои кабири тусӣ такрор мекунанд.

## Як пагоҳ...

Тирамоҳ. Саҳари барвақт. Шоири саҳархез дар чорбоғи Шарафуддини Моҳак танҳо гардиш мекунад. Вай ин пагоҳ дар худ як хушҳолии ношинохтае эҳсос менамояд, ки аз бозе, ки ба Ғазнӣ омада буд, он гуна хушҳолӣ ба вай рӯй надода буд. Ин кайфият бешак аз саломату комьёб баргаштани Абӯ Дулаф аз Қаҳистон буд. Ва шояд аз таваҷҷӯҳи султон ба «Шоҳнома» ҳам. (Абдулвоҳиди қорӣ Фирдавсиро зиёрат карда, ба ӯ воқеаи хонда шудани китоб дар Боғи Фирӯзӣ ва хуш кардани султон қиссаи набарди Рустам бо Ашкабусро нақл карда буд). Ва ҳамчунин пирӯзӣ дар мушоара низ шояд дар

* *Мақтаъ* — поёни шеър, байти охирини он.

хушҳолии шоир таъсире дошт. Абӯ Дулаф аз Қаҳистон дирӯз баргашт. Амири он ҷо аз тӯҳфаи Фирдавсӣ шод шуда, ба подоши он ба шоир ҳазор динор ва як аспи роҳвор фиристода, инчунин ба Абӯ Дулаф ҳам як асп бахшидааст. Абӯ Дулафро ду навкари мусаллаҳи амир барои эҳтиёт аз дуздону роҳзанон то Қобул мушояат карда баргаштаанд, то пойтахти султон омадан нахостаанд — тарсидаанд, ки мабодо онҳоро дар Ғазнӣ ба ҷиҳати душмании байни султону амирони дайламӣ боздошт кунанд. Ровӣ аз Қобул ба ин сӯ як ҳамсафари пиёдаашро ба киро ба аспи худ нишонда, худаш аспи ба Фирдавсӣ инъомшударо савор шуда омадааст, аспони инъомӣ ба нигоҳбонии саисони соҳиб ва Бобак супурда шуданд.

Шоир дар чорбоғ сайр мекард. Ҳавои боғ дар ғойти сафою назоҳат. Насими саҳаргоҳӣ нарм-нарм вазида бӯи биҳию себҳои ҳанӯз дар шоххои дарахтон боқимондаро бо бӯи хазону алафу хошоки шабнамзада омехта ба ҳаво мефишонад. Биҳии тиллоранг, себҳои сурхгуна ва нукрафом бо гаронии худ шоххои дарахтонашонро хамондаанд. Зардию сурхии тирамоҳӣ саросари боғу бӯстонро пӯшонда, ба онҳо боз ҳусни дигаре бахшидааст; кас аз тамошои ин ҳусну ин манзараи табиат дар дилаш як фараҳи андӯҳомез ё ҳасратолуде эҳсос мекунад, мисли ин ки зани соҳибҷамолеро мебинад, ки дар солхӯрдагӣ ҷамолаш рангу тарҳи пиронае гирифтааст. Шоир назди дарахти себи баланду паҳноваре истода, ба шоххои пурбору анбӯҳи он менигарад. Он гуна себи ниҳоят ширину хушбӯй фақат дар ин вилоят бор меоварад, бинобар ин бо номи себи Ғазнӣ машҳур аст. Гӯё ҳар донаи онро то нисф ранги қирмизӣ молидаанду ба нисфи дигараш ранг камӣ кардааст. Ҳар пагоҳ хизматгори Моҳак аз ин себ ва меваҳои дигар як табақча барои Фирдавсӣ ба ҳуҷраи вай оварда мемонад. Хӯшаҳои вазнини ангури зарду сиёҳу обиранг аз байни баргҳои нимa хазонзада худнамоӣ мекунанд. Инак, ангури соҳибии Кобулистон, ки ҳамчунин ба ширинӣ дар Хуросон машҳур аст. Инак токзори кишмиши сурх ва кишмиши сабз — токзор дар ин фасл аз бор холист, ҳосилашро дар аввалҳои тирамоҳ канда тамом мекунанд, мехӯранд ва бештар мехушконанд. Ин навъи ангур ҳам махсуси Ғазнӣ ва умуман Зобулистон аст. Аз саховати мизбон кишмишҳо доим зеби дастархони шоиранд. Меваи дигаре, ки шоир онро хеле хуш мекунад, олуест бо номи олуи Бухоро,— шояд зоташро аз Бухоро оварда бошанд,— онро хушконда дар як қисм хӯрокҳо меандозанд, хӯрокро хуштамъ ва дилкаш мекунад, хушкашро савдогарон ҷу-

вол-чувол ба Ҳиндустон бурда мефурӯшанд ва мусофирони ҳиндӣ дар бозгашт ба ватанашон аз вай ҳатман як халта мебаранд. Аҷаб ҳаловате дорад сайри боғу бӯстон дар чунин саҳарии фараҳзои равонбахш. Бори тан сабук, дил ба фараҳ, фикр равшан, чашмон ба ҷило. Селаи зоғчаҳо ба қиғу қоғ, гунҷишкҳо, парастуҳо ба чаҳ-чаҳ, кафтару мусичаҳо дар паропар, ҳама ба тулӯъи рӯшноӣ шод ва дар паи ризқи пагоҳонии худ дар такопӯ. Оби ҷӯйбор монанди ҳамеша дар замзама...

Аз даричаи боғ Бобак намудор шуд:

— Гардиш мекунед, бобоҷон?

— Биё, Бобакҷон. Абӯ Дулаф бедор шуд?

— Не, ҳанӯз хоб.

Ровӣ бо хоби тӯлонӣ мондагии роҳи дарозро мебаровард.

— Хуб шуд ки омадӣ. Биё, ман туро имтиҳон мекунам.

Бобак як қадар ҳаросида бемайл ба наздики устод омад.

— Сабақи наватро азбар кардӣ?

— Кардам, бобоҷон, аммо намедонам ҳамааш ба ёдам бошад ё не.

— Ҳоло мо инро мебинем. Қу бигӯ, вақте ки аз Бузургмеҳр дар бораи росткориву шоистагии инсон суол карданд, ҳаким чӣ посух дод?

Бобак фикр карда аз «Шоҳнома» байтҳои дахлдорро ба ёд овард ва дармонда-дармонда хонд:

Чунин дод посух ки: ҳар к-ӯ забон
Зи бад баста дорад, наранҷад равон.
Касеро надаррад ба гуфтор пӯст,
Бувад бар дили анҷуман низ дӯст.
Бидон к-аз забон аст мардум ба ранҷ,
Чу ранҷиш нахоҳӣ, суханро бисанҷ...

Бобак хомӯш шуд.

— Дигар? — пурсид Фирдавсӣ.

Бобак «дигар... дигар...» гуфта дармонд.

— «Дигар к-аз бадиҳои ноомада» — хотиррасон кард шоир.

Ин мисраи аввал «нӯги ришта» буд, ки Бобак онро кашида гиреҳро кушод ва хонд:

Дигар к-аз бадиҳои ноомада
Гурезад чу аз дом мурғу дада *

---

* *Дада* — ҳайвони дарранда.

Наёзад ба коре, ки нокарданист?
Наёзорад онро, ки нозурданист.
Зи шодӣ, ки фарҷоми ӯ ғам бувад,
Хирадмандро оз * аз он кам бувад.
Таносонву коҳилӣ дур кун,
Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.
Касеро, ки коҳил бувад, ганҷ нест,
Ки андар ҷаҳон суди беранҷ нест.

— Боракаллоҳ, ҳофизаи хуб дорӣ,—ӯро таъриф карда монд Фирдавсӣ ва афзуд:— Агар ту ин пандҳоро на фақат бидонӣ, балки ба онҳо амал ҳам бикунӣ, дар зиндагиат ҳамаи душвориҳо осон хоҳанд шуд.

## Дар қабули шоҳ

Шомгоҳ дар меҳмонхонаи Моҳак Фирдавсӣ бо ӯ ва Абӯ Дулаф саргарми нардбозӣ буданд, баногоҳ мулозиме омада шоирро аз номи султон ба дарбор даъват кард. Даъват ва он ҳам дар ин бевақтӣ, албатта, ғайричашмдошт буд, Фирдавсӣ ва Моҳак бозиро гузошта хавотиркашона ба ҳамдигар нигоҳ карданд.

— Иншооллоҳ бахайр аст. Ман то қалъа ҳамроҳи шумо меравам,— гуфта Моҳак аз ҷо бархост.

Шоир зуд саллаву ҷома кард, бо мулозим ҳар чаҳор баъди ягон ним соат ба қалъа расиданд. Шаб даромада буд, дар болои дарвозаи баланди оҳанкӯб ду фонуси калон аз ду бар майдончаи пеши дарвозаро равшан ва ду посбони кулоҳҳои душоха бар сар ва бо найзаву камону тиркашҳои пур аз тир мусаллаҳшударо намудор кард. Мулозим ба посбонҳо «фармони султон! Шоир Фирдавсӣ!» гӯён ҳамроҳашро «шиносонда» ӯро ба қалъа даровард. Моҳак ва Абӯ Дулаф дар сабаби даъвати ногаҳонӣ ба ҳар гуна хаёлҳо рафта ақиб гаштанд.

Дар боргоҳи доруссалтана — хонаи калони дарозрӯяи гаҷкорӣ ва тиллокоришуда, ки онро қандили овезони пурнур равшан мекард, султон бо вазир Майвандӣ ва ду марди куҳансол сӯҳбат дошт. Фирдавсӣ султонро бори аввал медид. Вай марде синнаш ба назар дар ҳудуди чиҳил, қоқинаандом, чашмонаш кӯчаки кабудтоб, пешониаш як қадар барҷаста, риши гирдаи хурдтараке бар занахдонаш руста, чеҳрааш сабзина, дар танаш абои осмониранги зарбафт, дар сараш кулоҳи баланди мурассаъ ба лаълу гавҳару фирӯза ва дар пояш каф-

* *Оз* — тамаъ, тақозо.

ши зарандуди нӯгболо, дар пешгоҳ бар курсии зарнигор нишаста буд. Дар дасти росташ Майвандӣ ва дар чапаш пирамарди танумандн ришдарози парзадарӯй бар курсиҳои хурдтар ҷой гирифта буданд.

Дар ақибтари курсии шоҳ, аз дасти чап, як марди лоғарбадани гарданборики дарозрӯй — қорӣ Абдулвоҳиди Ақилӣ нишаста китоби ғафсеро рӯи зонуяш нигоҳ медошт, китоб «Шоҳнома» буд. Пирамарди парзадарӯйро Фирдавсӣ нашинохт, вале мӯйсафеди кӯтоҳриш, хушсимо ва нуронира, ки дар замин рӯи қолини сурх нишаста буд, зуд шинохт — вай Абӯмаҳомиди Ҷавҳарии Заргар буд. Шоири ҳиротӣ як қасидаи калони дар мадҳи султон гуфтаашро оварда, ба ӯ гузаронида ва акнун дар дарбор «шарафи қабул» ёфта буд. Фирдавсӣ даст ба пеш гирифта ба наздики султон рафт, таъзим баҷо овард.

— Тусӣ ҳастӣ? — суоли нахустини вай аз шоир чунин буд.

Фирдавсӣ ба аломати тасдиқ боз нима таъзим кард.

«Медонад, ки тусиам, чаро мепурсад?» — таажҷуб кард Фирдавсӣ. Ӯ чун шунида буд, ки султон мардуми Тусро шиаҳои ботиниву қарматӣ меномад ва бад мебинад, аз суоли ӯ фоли бад гирифт:

«Аҷаб нест бо ман дуруштӣ кунад».

— Таърихи мулукро сиюпанҷ сол назм кардай? — боз пурсид султон.— Хеле боҳавсала будаӣ... Чанд байт?

— Шаст ҳазор.

«Шаст ҳазор» — зери лаб такрор кард султон ва боз пурсид: — Китобе бо ин миқдор байт дар Аҷам боз ҳаст?

— То кунун ба назари банда нарасидааст,— ҷавоб дод Фирдавсӣ.

— Дар Араб?

— Девонҳои шуарои араб ҳастанд, вале банда аз эшон девоне беш аз сӣ хазор байт надидаам.

— Аз назм кардани «Шоҳнома» мақсудат чӣ будааст? Аз шоҳон силаи фаровон гирифтан ва тавонгар шудан?

— На, аълоҳазрат, мақсудам танҳо ин набуд. Албатта, чунин умедам низ буд ки зоро дар пирӣ беннёзӣ биёбам, аммо мақсади умда — ба лутфу инояти худовандӣ таърихи мулук ва осор ва ҳикмати Аҷамро зинда гардонидан буд бо гуфтори сара ва дилпазир агар тавонам, то дар ҷаҳон аз худ ёдгоре боқӣ гузошта бошам.

Султон аз шоир чашм канда як дам хомӯш монд, мижгон ба ҳам мезад, гӯё фикр мекард, ки боз чӣ суоле диҳад. Ниҳоят аз мушоара ёдовар шуд:

— Бо шуаро мушоара кардӣ, як номро аз таърихи мулук қофия сохтиву ғолиб шудӣ?.. Байт чӣ буд?— гӯянда ба Ақилӣ нигарист.

Қорӣ дарҳол ҷавоб дод:

— «Мижгонт ҳаме гузар кунад аз ҷавшан» аз Асҷадӣ; ҷавоби Фирдавсӣ: «Монанди синони Гев дар ҷанги Пашан».

— Хуб гуфта? — ба Ҷавҳарии Заргар назар афканд султон.

— Бисьёр олӣ, шоҳам,— таъзим кард Ҷавҳарӣ.

— Қареҳаи ин меҳмони тусии мо дар бадеҳа гуфтан ҳам баланд будааст,— гуфт Майвандӣ ва афзуд: — Аслан ин аҷобате надорад, охир вай дар «Шоҳнома» шаст ҳазор байт гуфтааст, ки ба қавли Асҷадӣ ҳама сара, бетакрор ва аксаран саҳли мумтанеъ будааст.

— Ба қавли Асҷадӣ? Магар худат нахондаӣ? — пурсид султон аз вазир.

— Фурсат наёфтам, ки ҳамаро бихонам, фақат ду-се сафҳа аз ҳар ҷо ба интихоб мутолаа кардам,— гуфт Майвандӣ.

— Абьёти хондаатро чӣ гуна ёфтӣ? Писандидӣ?

— Шеър буд, мавзун буд, равон буд, дигар чӣ қазоват кунам.

Султон Фирдавсиро нишон дода аз Ҷавҳарии Заргар пурсид:

— Ту ашъори ӯро хондаӣ ё на?

— Ҳазрати Фирдавсӣ дар Ҳирот «Шоҳнома»-ро чанд гоҳе лутфан ба фақир дода буданд, хондам, бисьёр ҳаз * бурдам,— бо таъзим ҷавоб дод мӯйсафед.

— Таърихи мулукро хуб назм кардааст? — боз суол дод султон.

— Беназир, бағоят устодона, шоҳам,— гуфт Ҷавҳарӣ ва сипас чунин суханони тумтароқона, ки дар он замон расм буд, бар забон ронд: — Ба ақидаи ин фақир, аз бозе ки каломи мавзуни форсӣ зуҳур кардааст, шоире ба дуньё наёмадааст, ки на чунин достонҳои оламошӯб нигошта лаолии шоҳвори маониро ба силки назм кашида ва на гоҳе чунин дурри обдори сухан ба гӯши мустамеъон расонида бошад. Мақоми «Шоҳнома» дар баландтарин дараҷоти суханварӣ ва рафеътарин пояи арҷмандист, султонам. Ҳама ҳунар, ҳама ҳусн, ҳама завқ, ҳама ҳикмат. Сухани устоди бузург муфохарат ** ва мурувват ва далерӣ ва таҳаввур *** ва айшу тараб меангезад ва қорӣ ва

---

* *Ҳаз* — лаззат.

** *Муфохарат* — ифтихормандӣ.

*** *Таҳаввур* — камоли шуҷоат.

сомеъро шарофат ва наҷобат меомӯзад ва дар ҳама ҳол табъи маҳзунро таскин ва хотири маҳмумро * тасаллӣ мебахшад.

Султон сухани гӯяндаро зоҳиран бемайл гӯш кард, мисли он буд, ки гуфтори ӯро намеписандад ё аз шунидани чунин тумтароқиҳо дилгир шудааст. Як лаҳза сукут карду Ҷавҳариро рухсати рафтан дод:

— Ту мураххасӣ **.

Ҷавҳарӣ бархоста дуқат шуда пуштнокӣ сӯи дар рафту аз боргоҳ берун шуд.

Зоҳиран, мушоара ва бадеҳагӯии шоирон ҳанӯз аз хаёли султон нарафта будааст, ки вай аз Фирдавсӣ боз суол кард:

— Дар мушоара ҷанги Пашан гуфтай, Пашан кӣ будааст?

— Аз ҷангҳои Эрону Тӯрон яке бо номи Ҷанги Пашан машҳур аст,— ҷавоб дод шоир.

— Пурсидам аз ту, Пашан кӣ будааст?

Султон ҷавоби Фирдавсиро нафаҳмида ҳамоно гумон мекард, ки Пашан исми шахс аст.

— Он ҷанг ба ҳамин исм мавсум шудааст,— гуфт шоир.

— Ӯ паҳлавони тӯронӣ буд? — боз ҳам нафаҳмид Маҳмуд.

Фирдавсӣ тааммул кард, намедонист чӣ гӯяд. Агар гӯяд ки Пашан исми ҷанг аст, на исми шахс, зимнан чунин маънӣ мебаромад, ки султон кундфаҳм аст. Ба шоҳ чи тавр чунин сухане гӯяд? Ба Акилӣ нигарист, қорӣ номаълумак ангушт ба лаб ниҳод, Фирдавсӣ ин ишораро фаҳмид — яъне «Нагӯй, чизи дигаре гӯй!»

— Оре, аълоҳазрат, Пашан яке аз паҳлавонони тӯронӣ будааст,— дар ин маврид дурӯғ гуфтанро раво дид Фирдавсӣ.

— Гев ӯро кушт? — боз суол дод шоҳ.

Шоир ба ҳолати ногувор афтод. Чора нест, дурӯғро бояд давом дод.

— Оре, шоҳам, кушт,— ба замин нигариста гуфт ӯ.

— Чӣ гуна кушт? Набардашон чӣ гуна будааст? — аз пурсидан бознаистод султон.

Фирдавсӣ ба танг омад, аз рости суханро нагуфтанаш пушаймон шуд. Акнун агар шоҳ боре аз «Шоҳнома» боби ҷанги Пашанро хонад ё барояш хонанд, дурӯғи шоир ошкор хоҳад шуд, он гоҳ вой ба ҳоли дурӯғгӯй. Аммо илоҷ нест, бояд чигунагии он ҷанг ва чӣ гуна ба дасти Гев кушта шудани «Пашан»-ро нақл кард.

— Банда ин қиссаро дар «Шоҳнома» навиштаам,— бо душ-

---

* *Маҳмум* — андӯҳгин.
** *Мураххас* — рухсат додашуда.

ворӣ нақли худро шурӯъ кард Фирдавсӣ.— Зимистон буд, сипоҳи Эрон пас аз тайи роҳи дарозу душвор истироҳат мекард, ҳама ба хоби сахт рафта буданд, дидбонони хастаҳолро ҳам хоб бурда буд, ҷосусон ба сипоҳдори тӯрониён Пирон хабар доданд, ки сипоҳи Эрон дар хоби ғафлат аст. Пирон шабохун кард, ду баҳра аз сипоҳи Эронро кушт. Аз қазо фақат Гударз ва Гев бедор буданд, ҳар ду хешро бар душман афканданд. Гев бо шамшеру синону гурзи набард мекард...— дар ин ҷо гӯянда хомӯш шуд.

— Ба Пашан бархӯрд? — пурсид шоҳ.

— Оре,— чашм ба замин фурӯ афканда гуфт Фирдавсӣ.

— Кушт?

— Оре.

— Бо синон?

— Оре.

— Пашан ҷавшан дошт, синони Гев аз ҷавшани ӯ гузар кард?

— Оре.

Ҳар як «оре» гӯё анбӯре буд, ки як дандони шоирро меканд. Э кош султон дигар суол намедод.

— Мебинам, ки таърихи мулукро батафсил аз бар кардай,— ба лабони султон саҳл табассум дамид.

— Бисьёр ахбор хондам... ба паҳлавӣ, арабӣ ва форсӣ...— гуфт Фирдавсӣ.

— Паҳлавӣ ҳам медонӣ?

— Дар Эрон ва Хуросон паҳлавидонҳо ҳастанд, ҳатто дар баъзе рӯстоҳои дурдаст ҳанӯз ба паҳлавӣ ҳарф мезананд.

— Эшон мусалмонанд? Ё маҷус?

— Зардуштианд,— аз гуфтани «маҷус»-и таҳқиромез дар ҳаққи ҳамватанони зардуштимазҳабаш худдорӣ кард шоир.

— Яъне маҷус? — суолашро такрор кард султон.

Фирдавсӣ сар фуруд оварда сукут кард.

— Балки худат, агар зардуштӣ ҳам набошӣ, мазҳаби эшонро меписандӣ?

«Аз ин пурсиш мақсадаш чист? — ба дилаш тааҷҷуб кард Фирдавсӣ.— Ба ман айби бадмазҳабӣ ниҳодан мехоҳад магар?» Як қадар дурушту бурро гуфт:

— Ман мусалмони покдинам.

— Шиъӣ?

— Шиъии мӯътақидам.

— Қарматиён ва исмоилиён аз шиъа сар баровардаанд, як тоифаи ваянд, ҳамин тавр?

— «О-ҳо, суханро ба кучо мекашад! Маро тарсонданист магар!»,— ба дилаш гуфт Фирдавсӣ.

— Ман эшонро намешиносам ва ба мазҳабашон ҳам баррасӣ накардаам.

Султон як дам ба фикре рафту гуфт:

— Маҷусон ҳанӯз ҳастанд. Ман ҳанӯз ба эшон даст наёзидаам, агарчи бо зӯри шамшер Хуросон ва Зобулистонро аз вуҷуди қарматиён ва исмоилиён пок кардаам...

— Боз иддае боқӣ мондаанд, вале махфӣ,— баёни ақида кард пирамарди парзадарӯ.— Дар ҳуфья анҷуманҳо месохтаанд. Онҳоро ҳам бояд пайдо кард ва кушт.

«Ин пирсаги ташнаи хун кӣ бошад? — хайрон монда ба дилаш гуфт Фирдавсӣ.

— Аз чӣ рӯ бошад ки,— гуфтори буридашудаашро давом дод султон,— зардуштияро халифа дар ҳимояти худ медорад ва ҳол он ки он малъунон ҳам кофиронанд.

— Кофирони маҳз! — сухани шоҳро қувват дод парзадарӯ,— иншооллоҳ эшон ҳам анқариб аз дами шамшери султони динпаноҳ оби фано хоҳанд ошомид. Ҳам дар Хуросон, ҳам дар Эрон, дар ҳама ҷо.

— Насабат чист? — боз инро ҳам аз Фирдавсӣ донистанӣ шуд султон.

— Деҳқонзодаам,— ҷавоб дод шоир.

— Падарат кӣ буд?

— Деҳқон ва аз уммоли* Сомониён будааст дар девони Хуросон.

— Амлок дорӣ?

— Амлокам буд. Аз даромади он осуда мезистам, бениёз будам, вале чун ба назми «Шоҳнома» пардохтам, ба кори заминy об, киштукор расидагӣ кардан натавонистам, заминҳо кам-кам аз кишт монданд; хироҷ ҳам сол ба сол гаронтар ва пардохти он душвортар мегардид. Дар пиронсолӣ бечора шудам.

— Чаро ба хизмати мо наёмадӣ? Агар меомадӣ ва аз шуарои дарбори мо мешудӣ, имрӯз бо чунин қареҳаи суханварӣ ки туростъ, аз атоҳои мо ҳамчун маликушшуаро ё амир Фаррухӣ соҳиби сарвату миқнат мебудӣ.

— Ман ба хизмати шоҳам имрӯз бо «Шоҳнома» омадам, магар ин беҳтар аз он нест, ки дар он ҳангом бо дасти холӣ биёям?

— Он замон бо дасти холӣ наёмадӣ, ин замон бо кисаи

* *Уммол* — ҷамъи омил, ҷамъоварандаи хироҷи давлатӣ.

холӣ омадӣ,— бо лабханди истеҳзо гӯё ки зарофат кард султон.

— Он гоҳ ки ман ба назми «Шоҳнома» оғоз кардам, шумо ҳанӯз ба салтанат нарасида будед, аммо вақте ки расидед, «Шоҳнома»-и ман тамом шуда буд.

— Пас чаро ба Бухоро, ба хизмати Сомониён нарафтӣ?

— Маро талабида буданд, қабул накардам.

— Қабул накардӣ? — тааҷҷуб кард шоҳ.— Чаро?

— Агар қабул мекардам, ба эҳтимоли қавӣ имрӯз «Шоҳнома» дар вуҷуд намебуд: охир, дар дарбор қасидагӯӣ ва маддоҳ мебоят буд, аммо бо ин шуғл шоир кай фурсат ва ҳавсалаи шоҳноманависӣ меёбад?

— Хуб, ҳарчанд ки ту «Шоҳнома»-ро устодона нигоштаӣ ва суханат олист, вале ҳар чӣ нигоштаӣ, фасона аст, ҳадиси куҳан аст. Рустамҳо, Геву Тусҳоро ту имрӯз дар сипоҳи ман бубин! Ё магар ман худ аз Ҷамшеду Кисро, аз Фаридуну Ковуси Кай камтарам? Ман дар даҳ ҷаҳод пирӯз шудам, боре ҳам мағлуб нашудам; дар наздикии ватани ту бар солорони номдори замон Симҷурӣ ва Фоиқ зафар ёфтам, сипоҳи Насри қарохониро дарҳам шикастам ва аз Хуросон берун кардам, Ғарчистон ва Систон ва Ғӯрро тасхир кардам, чаҳор бор ба Ҳиндустон лашкар бурда, роҷаҳои қавишавкат ва дорои садҳазорон сипоҳу филони ҷангиро ба итоат овардам ва боз бадон сӯ лашкар хоҳам кашид, то вақте ки тамоми Ҳиндустон мусаххари ман шавад. Дар бораи ин ҳама ҷаҳоду зафарҳои ман даҳ «Шоҳнома» метавон навишт.

— Шоҳам, агар гуфтори банда беҷост, аз карами ҳумоюнӣ бахшоиш мехоҳам. Дар «Шоҳнома» агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси куҳан ё фасонаи куҳан наметавон гуфт. Дар ҷаҳон чизҳое ҳастанд, ки кӯҳна шудан надоранд; панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд. Ҳар чӣ дар он рӯзгорон аз ниёгони мо ба зуҳур омадааст, хоҳ нек ва хоҳ бад, хоҳ савоб ва хоҳ хато, ҳама пандомӯз аст. Бузургон гуфтаанд, ки таърих дониш мефизояд ва панду ибрат парварандаи хирад аст. Банда бо ҳамин эътиқод ранҷи сиюпанҷсоларо таҳаммул карда «Шоҳнома» нигоштам.

Ҳам шоҳ, ҳам вазир ва ҳам шайх бо қиёфаҳои тааҷҷубомез ба сукут рафтанд. Бовар доштанд, ки шоир мустаҳиқи ғазаби шоҳ шуд. Охир, эшон ҳеҷ ба ёд надоштанд, ки замоне фарде ҷуръат карда ба сухани шоҳ эрод расонда ё ба вай сухане гардонда бошад. Вале ба ҳайрати эшон дар қиёфаи шоҳ

ишони нохушнудӣ ё ки ғазаб пайдо набуд. Вай баъди андак хомӯшӣ бо овози паст чунин гуфт:

— Мо воқеаҳои «Шоҳнома»-атро фақат бад-он маънӣ кухан гуфтем, ки онҳо садҳо ва балки ҳазорон сол пеш рӯй додаанд... Хуб, бо ин ҳама, ман китоби туро писандидам. Бисьёр ранҷ бурдаӣ, аз мо подош хоҳӣ гирифт. Вазир! — ба Майвандӣ муроҷиат кард шоҳ,— шумо бо маликушшуаро бубинед «Шоҳнома» ба чӣ миқдор атои мо шоиста аст.— Баъд султон ба шоир рухсати рафтан дод: — Ту мураххасӣ, Фирдавсӣ.

Шайх Маҳамшод ҳам баромад, Майвандӣ бо шоҳ монд. Вазир аз ҷавоби султон ба суханони Фирдавсӣ дар бораи кӯҳна нашудани ҳикмати «Шоҳнома» норозӣ буд: ҷаро шоҳ ҷасорати шоирро таҳаммул кард, қаҳр накард, ба вай итоб нанамуд?

Хоҷаи бузург, ки рафиқи бачагӣ ва ҷавонии Маҳмуд буда, бо вай дар як мактаб таълим гирифта ва ба илова бародари ҳамшираш ҳам буд, бо ӯ якка ба якка таври дигар гап мезад. Ҳар чиро, ки дар гуфтору кирдори шоҳ хато мешумурд, ба рӯяш мегуфт. Инак акнун низ ҳамчунин кард:

— Шаҳриёро, ба сухани шумо эрод расониданн Фирдавсӣ ғояти беадабӣ буд, густохӣ буд. Чаро шумо чунин густохии ӯро таҳаммул кардед? Ба ростӣ, ки ба гуфтори ӯ ҷавоби шумо узр оварданро мемонд. Хусравон ба ҳеҷ кас узр намеоваранд. Ин шоираки рӯстой чӣ ҳад дошт, ки ба подшоҳи аъзам гап гардонад? Охир, вай ба масобаи як нафар бандаи шумост, бояд ба ҳар як сухани подшоҳ сад бор дар пеши пои ӯ замин бибӯсад ва он суханро ҳалқаи гӯши ҳуш созад. Сазои ҷасорати ӯро додан лозим буд, то ки ҷои худ бишносад. Вагарна чӣ аҷаб агар ғуломони дигар аз вай ибрат бигиранду ҳамчунин густох шаванд.

Султон як оҳи ношунаво кашиду дастҳо ба рӯи шикам гирифта панҷаҳояшро занҷир кард.

— Сазои густохӣ? Ба фикри ту, чӣ гуна сазо? — суол дод ба вазир.

— Итоб, шоҳам. Ё лоақал таҳдиди ҷазо,— гуфт Майвандӣ.

— То ки фардо мардумон маро нафрин кунанд, ки барои як даҳон сухани шоири мусофир ба вай итобу сиёсат кард?

— Баръакс, султонам, хоҳанд гуфт, ки Фирдавсӣ дар пешгоҳи султони муаззам беадабӣ карда, ба вай суханони дурушт гуфта, мустаҳиқи итоб шудааст.

— Бас аст, Ҳасан, ман дигар сухан шунидан намехоҳам,

чунон ки намехоҳам мардумон гӯянд, ки Фирдавсӣ ба султон «Шоҳнома» оварда ба подошаш ҷазо гирифт. Бирав паси кори худ, Ҳасан.

Фирдавсӣ аз боргоҳи султон ҳам ризоманд ва ҳам бо кудурати хотир берун рафт. Ҳамчунин як кунҷи дилаш ғаш буд. Ризомандиаш аз ваъдаи шоҳ ба додани подоши «Шоҳнома», аммо кудурати хотираш аз тарзи муомилаи ӯ бо шоир буд. Султон вайро ва Ҷавҳарии Заргари ҳамчунин куҳансолро «ту» хитоб мекард. На мақоми шоириашонро ҳурмат кард ва на риши сафедашонро. Наход намедонад ки аз подшоҳ чунин беҳурматӣ нисбат ба пироне, ки назди вай гунаҳгор нестанду ба даргоҳаш барои арзи ниёз омадаанд, ҳаргиз шоиста нест? Бузургиву шавкати подшоҳӣ Сомонӣ Нӯҳ аз ин султон камтар набуд, вале он гоҳ ки ман Бухоро рафта ба қабули Нӯҳ мушарраф шудам, ӯ маро «шумо» гуфт, ҳурмат кард, дар паҳлӯяш нишонд ва ҳол он ки ман дар он вақт ҷавон будам... Аз ин гузашта, пеши як нафар аҳли ҳоҷат ва мусофир, ки манам, он гуна худситоиҳо чӣ лозим буд? Ҷаҳонпаҳлавони маҳбуби таърих ва халқ — Рустами Достонро паст мезанад, худро аз ҳамаи шоҳони пешин боло медонад. Аҷаб!... Боз он пиракии саллакалони парзадарӯ! Ба қиёфа зоҳиду обид менамояд, лекин аз ҳар калимааш бӯи хун меояд. Ташнаи хуни зардуштиён, қарматиёну исмоилиён. Тавба! Ғаши ниҳонии дилаш аз дурӯғи роҷеъ ба «Ҷанги Пашан» буд: сухан нафаҳмидани султон ва ишораи қории ӯ шоирро маҷбур кард, ки бар хилофи он чи худаш дар «Шоҳнома» навишта буд, Пашанро «паҳлавони тӯронӣ» номад. Дурӯғи ҷузъӣ ҳам дурӯғ аст, ба тинати поки пиршоири порсо доғи риё ниҳоданд, ягон рӯз ин риёи ӯ назди шоҳ ошкор хоҳад шуд...

Шоир дар меҳмонхонаи Моҳақ аз ӯ кӣ будани он пиракиро пурсид, маълум шуд, ки имоми даргоҳи шоҳ, пири ӯ ва номаш Шайх Маҳамшод будааст. Дар қапидану куштани қарматиён, исмоилиён, фалсафиён нахустин ёрирасони шоҳ буда ва дар ин кор аз ғайрату кӯшиш ҳеҷ кӯтоҳӣ намекардааст. Баҳори гузашта яке аз мансабдоронро, ки ба тавофи каъба рафта, ба Миср ҳам гузашта, бо халифаи фотимӣ вохӯрда, аз ӯ ҳадьяе гирифта будааст, ба ҷосусии фотимиён гунаҳгор карда ба қатлаш фатво дода сангсор кунонда, аввал косаи сараш ва устухонҳояшро шиканонда, сониян ба дор кашондааст...

# Ҳасад

Шӯҳрати «Шоҳнома» торафт меафзуд. Дӯстдорони каломи нафис, ҳавасмандони достонҳо аз шоир, агарчи барои як шаб бошад ҳам, ягон чилди достонҳои ӯро ба орият гирифта дар давраҳояшон хононда мешуниданд. Рӯбардор карда бурдани баъзе қиссаҳо низ кам воқеъ намешуд. Агар дар ҷое мардумон ҳалқа гирифта ва овози қиссахоне баланд бошад, ё агар чароғи меҳмонхонае шаб то бонги хурӯсон хомӯш нашавад, мегуфтанд, ки он ҷо шоҳномахонист, ва гӯянда аксар вақт хато намекард. Абӯ Дулафро мардум талош мекарданд: рӯзе ва шабе набуд, ки ӯро ба ду-се ҷой барои шоҳномахонӣ даъват накунанд. Дар як муддати кӯтоҳ дар боран Фирдавсӣ ва асари ӯ байтҳои ситоишӣ ҳам пайдо шуданд, аз ин қабил:

> Равон бар забон ҳамчу ҷон дар бадан,
> Кӣ гӯяд дар ин аср чун ӯ сухан?

Ё ки:

> Ту шоҳаншаҳи мулки назми дарӣ,
> Бубандат ба пешат камар Унсурӣ.

Маликушшуаро дар маҷлиси мушоара ба маҳорати бадеҳагӯии Фирдавсӣ тан дода дасти ӯро бӯсида бошад ҳам, аслан натиҷаи мушоара димоғи ӯро сӯзонда буд. Ӯ медонист, ки воқеа ба зудӣ гӯшраси мардумон ва дубайтии дар мушоара гуфташуда вирди забони эшон хоҳад шуд. Дар шаҳр беш аз чаҳорсад шоир ва ҳазорон мардуми шеърдӯст мезистанд, хабари ҳар мушоара ва байтҳои дар он эҷодшуда зуд паҳн мегардиданд. Бадеҳаи се шоири дарбор бо шоири достонсаро ҳам овоза шуд. Бадеҳаро дар маҳфилҳо батакрор мехонданду ба Фирдавсӣ офарин мегуфтанд.

Унсурӣ аз шӯҳрати Фирдавсӣ асло шод набуд. Ҳасад дили дигар шоирони дарборро ҳам мехарошид. Акнун Фирдавсиро қабул ва ба «Шоҳнома»-и ӯ таваҷҷӯҳ кардани султон ҳам ба гӯши онҳо расид. Эшон чунин муваффақияти шоири тусиро оғози таназзули мақому мартабаи худ донистанд. Унсурии устоди сухан сароянда достонҳои хайратангезро ҳурмат ва бузургии ӯро эътироф накарда наметавонист, вале акнун дар вай рақиби худро медид. Зотан маликушшуарои нармдил, хушфеъду хуштаоруф ва ширинбаён аз шарофату мурувват бегона набуд; агар вайро ҳасуд ё бахил мегуфтанд, вай инро ба шаъни худ ҳақорат медонист, вале дар ботини вай Унсурии дуввуме пин-

ҳон буд, ки ба Унсурии якум суханони дигареро гӯшакӣ мекард. Чунончи мегуфт: оё дар «Шоҳнома» чизҳое пайдо намешуда бошанд, ки ба султон хуш наоянд ё ҳатто ба нафси ӯ бирасанд... «Китобро барои мутолаа ва муояна ба шайх Маҳамшод диҳам чӣ шавад?— фикр мекард маликушшуаро.— Шайх дар масоили мазҳабӣ чашми борикбин дорад»...

Унсурӣ дар ин бора хаёл карда, як-ду рӯз ба қароре омада натавонист, мутараддид буд, аммо дар охир бо талқини «Унсурии дуввум» китобро ба Маҳамшод бурд. Барои таскини виҷдонаш ба худ мегуфт, ки китобро як бор аз назари шайхи бузург ва сарвари дин гузаронида, ҳеҷ як ҷои хилофи дин надоштани онро муқаррар кардан савоб нест магар?

Як пагоҳ вай «Шоҳнома»-ро ба рӯмоли шоҳӣ печонда дар бағал гирифта ба манзили Маҳамшод равон шуд. Шайх дар ҳуҷрааш нишаста буду китоби ғафсеро дар китобмонаки сепоя кушод гузошта мутолаа мекард, китоб «Тафсир» буд.

— Ассалом алайкум,— Унсурӣ бо ҷадал поҳояшро аз кафш бароварда таъзимкунон пеш омаду дасти шайхро гирифта бӯсид. Нишаст; омин гуфта даст ба рӯй кашиданд, аҳволпурсӣ карданд.

— Ҳазратамро нобаҳангом ташвиш доданам аз ваҷҳи китоби Фирдавсист,— гӯянда рӯмолро кушода китобро бароварда ба назди шайх гузошт.

— «Шоҳнома»?

— Оре, ҳазрат. Мултамаси оҷизона ин ки инро лутфан як аз назари муборик гузаронанд. Чаро? Чунки ин, ба ҳар ҳол, таълифи як нафар шоири шиамазҳаб аст, мабод ки нуктаҳое хилофи суннат дошта бошад. Ҳол ки шоир дар ин ҷост, бигӯемаш он нуктаҳоро аз китобаш ҳак* кунад ё тасҳеҳ. Ҳазратам худ фармуда буданд,— дар китобхонаи султони диннаноҳ ҳеҷ китоберо, ки дар зимнаш бидъате мундариҷ бошад, набояд нигоҳ дошт. Баъдан агар мабодо чунин чизе дар «Шоҳнома» пайдо шавад, аввалан бандаро маломат хоҳанд кард, ки маликушшуаро хонда буд ва надид. Ҳазратам дар масоили диния беш аз ҳар зоти дигар дақиқназаранд.

— Магар дар китоб чизҳое ба назаратон расид ки мӯҷиби шубҳа аст? — пурсид шайх.

— Банда вақте ки достонҳоро мутолаа мекардам, таваҷҷӯҳам бештар ба нафосату салосати сухани Фирдавсӣ буд, ба муҳассаноти шеърӣ буд, бинобар ин агар чизе аз назари дин

* *Ҳак кардан* — тарошидан.

номақбул дар онҳо бошаду надида бошам, гуноҳи ман аст.

Маҳамшод андешаманд як дам тасбеҳ гардонду гуфт:

— Хуб, ман мутолаа мекунам.

Шайх нахустин бор, ки ба мутолааи «Шоҳнома» нишаст, чашмаш ба ин байт ғалтид:

Ба бинандагон офаринандаро,
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.

(Бо чашмонат худоро дида наметавонӣ, чашмонатро озор madex).

Хонду хитоб кард «Инкори рӯъят»* ва байтро ба вараки холии яке аз китобҳояш навишта монд. Якчанд рӯзу шабро сарфи хондани «Шоҳнома» карда боз якчанд фикрҳоро ба ҳамон вараки китоб кӯчонд.

Сарзамине ки дар вай рӯди Ҳирманд ҷорист, дар қадим Зобулистон номида мешуд. Зобулистон ва ҳамсояи ғарбии он Систон (номи дигараш Нимрӯз) зодгоҳи як силсила афсонаҳо, қиссаҳои романтикӣ, ривоятҳои таърихӣ, асотирӣ, ва нимасотирӣ мебошанд. Ровиҳо, қиссагӯйҳо аз қадимулайём достони Рустами систониро бо вариантҳои гуногун ҳикоя мекарданд. Шоҳ Маҳмуд модараш систонӣ буд, дар бачагӣ аз бобои модариаш қиссаҳо мешунид. Дар он қиссаҳо шавку ҳаваси вай аз ҳама зиёдтар ба ҷанги тан ба тани паҳлавонон буд. Ин ҳаваси Маҳмуд дар калонсолиаш кам нашуда буд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки вай аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нахуст ба хондани қиссаи ҷанги Рустам бо Ашкабус майл кард. Бо амри шоҳ қиссахони ӯ Абдулвоҳиди Ақилӣ барояш номгӯи достонҳои размиву паҳлавонии «Шоҳнома»-ро алоҳида рӯйхат карда овард. Дар рӯйхат таваҷҷӯҳи шоҳро бештар достони размиИсфандиёри Рӯинтан бо Рустами Таҳамтан ба худ ҷалб кард. Таваҷҷӯҳи хоси ӯ ба ин достон боз аз он ҷиҳат буд, ки воқеаҳои он дар мамлакати султон гузашта ва разми Рӯинтан бо Таҳамтан дар ватани ӯ — дар Зобулистон рӯй додааст.

Султон баъд аз намози хуфтан дар қаср дар хуҷраи хосса — истироҳатгоҳ ва хобгоҳи худ орамида, ба Ақилӣ хондани достони номбурдаро фармуд. Қиссахон дар рӯшноии шамъҳо

* *Рӯъят* — биниш, назора, дидан. Ба гумон, худоро дидани пайғамбар ё дар қиёмат ба бандагон худро нишон додани худо (аз рӯи ақоиди исломӣ) дар назар дошта мешавад.

мехонду сомеъ рӯи якчанд қабат якандозҳои атласу шоҳӣ ба лӯлаболиштҳои бахмал такья карда нишаста гӯш мекард.

Бобҳои нахустини достон — зуҳури пайғамбар Зардушт, ҳуҷуми хоқони Чину Тӯрон Арҷосп ба пойтахти шоҳ Балх ва ғайра ба султон дарози дилгиркунанда намуданд.

— Бас аст, варақ бигардон, разими Рустам бо Исфандиёрро бихон,— фармуд вай ба Ақилӣ.

Хонанда варақҳоро зуд-зуд гардонда ба қиссаи матлуб расид. Дар оғози набард ҳар ду паҳлавон аввал ҷанги забонӣ мекунанд. Исфандиёр зоту насаби Рустамро паст мезанад ва ба нажоди шоҳонаи худ фахр мекунад. Ҳарифро масхара карда таъна мезанад, ки: аз мӯбадон шунидам, падарат Зол аз дев зоида шудааст, вақти зоданаш сиёҳбадан ва сапедмӯй будааст, ӯро ба кӯҳ бурда партофтаанд, дар кӯҳ симурғ ӯро бо бачаҳояш лошаю мурдор хӯронда парваридааст, баъд аз он девбача ба Систон ғалтида ва Соми Наримон ӯро аз бефарзандӣ, нодонӣ ва соддагии худ ба фарзандӣ қабул намудааст. Бача калонтар ки шуд, шоҳон — ниёгони ман ба вай ганҷ ва сипоҳ дода, мартабаашро баланд кардаанд, то вай ҳокими Систон шуда ва он гоҳ фарзанд ёфтааст, ки он туӣ. Исфандиёр пушт ба пушт аз насли шоҳон буданашро гуфта ифтихор мекунад:

Нажоди ман аз пушти Гуштосп аст,
Ки Гуштосп аз пушти Лӯҳросп аст,
Ки Лӯҳросп буд пури Аврандшоҳ,
Ки ӯро будӣ он замон обу ҷоҳ,
Ҳам Авранд аз тухмаи Қайпашин,
Ки кардӣ Пашин бар падар офарин.
Пашин буд аз тухмаи Қайқубод,
Хирадманд шоҳе, дилаш пур зи дод.
Ҳамерав чунин то Фаридуншоҳ,
Ки асли каён буду зебон гоҳ.
Ҳам он модарам духтари Қайсар аст,
Ки ӯ бар сари румиён афсар аст,
Ҳам он Қайсар аз Салм дорад нажод,
Нажоде ба ойину бофарру дод.
Ҳам он Салм пури Фаридуни гурд,
Ки аз хусравон гӯй мардӣ бибурд...

Ин гуфтори пур аз ғурури Исфандиёрро султон пушт аз болиштҳо канда ва чашм аз қиссахон наканда гӯш кард. Сипасхонишро қатъ ва хуҷраро аз хонанда холӣ карду дароз каши-

да ғарки андеша гардид. Масъалаи зоту насаб захми ниҳонии дили султон буд. Ба вай чунин менамуд, ки Фирдавсӣ ин баҳси паҳлавононро гӯё аз вай, аз султон, киноя карда навиштааст. Султон Маҳмуд монанди Исфандиёр ба аслу насаби худ фахр карда наметавонист. Падари вай — ғуломи зархарид — аз гардиши замон ба аморат расида буд. Мардумон, бадхоҳони Маҳмуд аз қафояш зоти пасти ӯро масхара мекунанд. Оё ин фасли достони Рустаму Исфандиёр ба ёди хонанда пастнажодии ӯро намеоварад?

Султон боз қиссахонашро талабида фармуд, ки «Шоҳнома»-ро кобад, агар боз ҷоҳое бошанд, ки шоҳон аз нажоди худашон ёдовар мешаванд ва ғурур мекунанд, китобро оварда он ҷойҳоро барои ӯ бихонад.

Қиссахон шаби дигар баъзе саҳифаҳои китобро, ки дар онҳо ғурури зоту насаб ва инчунин мазаммати безотҳо буд, нишон карда овард ва хонд. Аз ҷумла, шоҳ Кайхусрав бо аҷдоди худ чунин худситоӣ ва ғурур мекард:

Ҷаҳондор пури Сиёвуш манам,
Зи тухми Каён шоҳи рӯинтанам,
Набераи ҷаҳондор Ковуси Кай,
Дилафрӯзу бодонишу некпай,
Зи модар ҳам аз тухми Афросиёб,
Ки бо хашми ӯ гум шудӣ хӯрду хоб...

ва ҳоказо.

Аз ин ва монанди ин сатрҳо табъи хираи султон хиратар гашт. Вай дар дилаш нисбат ба «Шоҳнома» хунукӣ эҳсос кард...

## «Пири соддадил»

Бехабар аз дасисаи нотавонбинон ва бадхоҳон, ки дар тарадduди дом ниҳодан бо роҳи ӯ буданд, Фирдавсӣ ба фикри зиёрати Ҳусайни Қутайб афтод. Аз вазир хостори қабул шуд, то ки аз вай дар кадом қалъа маҳбус будани ҳокими собиқи Тусро пурсида барои зиёраташ иҷозат бигирад. Қабул ёфт ва арзи муддао кард. Майвандӣ бо назари тааҷҷуб ба ӯ нигарист: ин чӣ хоҳиш? Зиёрати хоин ва ҷинояткори зиндонӣ? Ин шоир магар ҳамчу кӯдак соддадил аст, ё ки дониста бо ягон мақсади ниҳонӣ чунин хоҳише мекунад?

Фикри дидор кардан бо Ҳусайни Қутайб дар Фирдавсӣ ҳамон рӯз, ки меҳмонони Шарафуддини Моҳак аз Қутайб ёдовар

шуданд, пайдо гардид. Дар ҳалқаи меҳмонон ба чӣ муносибате аз ҷанги Маҳмуд ва падари ӯ дар навоҳии Тус бо Абӯалии Симҷӯрӣ сухан рафта, номи ҳокими онвақтаи Тус ҳам ба забон гирифта шуда буд. Ба шоир маълум гардид, ки Қутайб дар яке аз қалъаҳои вилоят маҳбус аст. Ҳокимро Сабуктегин ба гуноҳи ёрӣ надоданаш ба ӯ дар ҷанги зидди Симҷӯрӣ маъзул ва ҳабс карда ба Ғазнӣ фиристода буд. Вай понздаҳ сол инҷониб дар қалъа маҳбус буд. Фирдавсӣ некиҳо ва кӯмаки барояш аз он ҳокими фозили суханшинос расидаро фаромӯш накарда буд, бинобар ин лозим донист ба аёдати ӯ биравад. Ҳарчанд Моҳақ ба ӯ мегуфт, ки дидор кардан бо маҳбусе, ки султон ӯро душмани худ медонад, норавост ва талаби иҷозат ба зиёрати чунин шахсе беэҳтиётист, шоири иноҳкор аз нияташ намегашт. «Душман ё дӯст будани ӯ бо шоҳе ба ман чӣ дахл дорад? — мегуфт Фирдавсӣ.— Дӯстонро дар бадбахтиашон хабар нагирифтан ноодамӣ ва некиҳояшонро фаромӯш кардан кӯрнамакист».

— Исфароиниро зиёрат кардед, акнун навбати Қутайб расид? — итобомез гуфт вазир.

Дили Фирдавсӣ аз ҷой ҷунбид: хабардор шудаанд!

Дабир бо фармоиши хоҷа як даста коғази лӯлапечро оварда ба рӯи мизи ӯ гузошт, Фирдавсӣ онро шинохт — вай ҳамон достони ба Исфароинӣ тақдимкардаи ӯ буд. Ҳайрон монд.

— Вақти мусодира аз хонаи Исфароинӣ ёфт шуд,— гуфт Майвандӣ.

— Мусодира? Чӣ магар...

— Оре,— пурсиши шоирро қатъ кард вазир,— бо фармони султон Исфароинӣ ба зиндон андохта шуд. Шоир аз ин рӯйдод бехабар буд, ҳайрон монд, андӯҳгин шуд.

Хоҷа аз харитааш руқъаи ба Исфароинӣ навиштаи Фирдавсиро баровард.

— Хати шумост?

Фирдавсӣ руқъаро гирифта ба чашмаш наздик бурду гуфт:

— Оре, хати банда.

— Исфароинӣ хоназиндон буд, ба наздаш чӣ гуна рафтед?

— Шунидам, ки қароргоҳи хоҷа дар қалъачаи худашон будааст, пинҳонӣ рафтам, маро ҳеҷ кас бознадошт.— Фирдавсӣ ба маҳомгоҳи хоҷа чӣ гуна пинҳонӣ рафтанашро гуфтан нахост.

— Бо ин ки медонистед он шахс хоини давлат ва мағзуби султон аст, чаро бо вай робита кардед? Оё шумо аслан пири соддадиле ҳастед, ё ки дониста чунин рафтор мекунед?

Фирдавсӣ ду даст рӯи зону ниҳода сухани вазирро бо хо-

тири парешон мешунид, вале нишони изтироб ё ҳаросе дар чеҳрааш пайдо набуд. Ба дилаш гузашт, ки «Аҷаб вақте ёфта толиби дидори Қутайб шудаам».

— Хоҷа Исфароинӣ дар Тус бандаро ба лутфу меҳрубонии хеш лоиқ дида буданд,— бо ҷиддият ҷавоб гардонд Фирдавсӣ,— сафари банда ба Ғазнӣ барои тақдими «Шоҳнома» ба султон низ бо маслиҳати хоҷа ба амал омада буд; эшон ба ҳар вазъу ҳоле ки бошанд, бандаро сипосгузорӣ барои некиҳояшон фарз буд.

— Агар ин мулоқоти пинҳонии шумо бо Исфароинӣ ба султон арздошт шавад... арздошт накардан мумкин ҳам нест... намедонам чӣ хоҳанд фармуд...

Фирдавсӣ ботинан дар қаҳр шуд: «Ин чӣ гуфтор аст бо мани шоири мусофир? Чаро ин тавр чини пешонӣ? Бигузор арздошт бикунад! Султон бо ман чӣ кор мекунад, бақияи умрамро мегирад? Бигузор бигирад, бақия зиёд нест».

— Султон ҳар чӣ фармоянд, соҳибихтиёранд,— гуфт ӯ.

— Дар Бағдод бо вазири Баҳоуддавла мулоқот кардани шумо ҳам ба мо маълум аст,— гуфт Майвандӣ.

— Ин чандин сол пеш буд, банда инро аз ҳеҷ кас пинҳон накардаам; чӣ, магар хоҷа маро ба ин ҳам гунаҳгор медонанд?

— Шумо медонистед, ки бувайҳиён бадхоҳи Носириддини Сабуктегин ва авлоди ӯ буданд?

— Онҳо киро бадхоҳ ва киро некхоҳ буданд, ин ба ман чӣ дахл дорад? — аз ёдовар шудани вазири султон аз он воқеаи чандин сол пеш гузашта тааҷҷуб карда гуфт Фирдавсӣ.— Аскофӣ худ маро даъват карда буд, вагарна Бағдод рафтан ҳеҷ дар хаёли ман набуд.

— Он вақт Сайфуддавла волӣ ва сипаҳсолори Хуросон буд ва Хуросон — ҳамсояи Ироқу Форс; магар вазири Баҳоуддавла дар бораи ӯ чизе нагуфт?

— Хоҷаи бузург, муносиб мебуд, ки шумо ин суолро аз ҷосусон бикунед, банда ҳеҷ лаёқати ҷосусӣ надоштам ва надорам.

Шоир суханони Аскофиро ба ёд овард, ки дар бораи Сабуктегин ва Маҳмуд гуфта буд: «Ғуломи зархариди дирӯза имрӯз амири Ғазнӣ? Аҷаб! Пас ғуломзода Маҳмуди ҷавон чӣ тавр сипаҳсолори Хуросон шуд ва ҳатто ба лақаби Сайфуддавла сарафроз гардид?» Вале ӯ, Фирдавсӣ, магар инро ба вазири султон гуфта метавонист?

— Хуб, бақияи гуфтугӯро бо шумо ба вақти дигар мегузорем,— гуфт Майвандӣ.— Алъон шумо мураххасед.

Фирдавсӣ андешаманд ва мушаввашхотир девони азизро тарк кард.

## «Каромот» ва «Кашфиёт»-и шайх

— «Шоҳнома»-ро маликушшуаро ба факир оварда буданд, мутолаа кардам, дар вай чизҳое дидам, ки динро рахна мекунанд,— ба қабули султон омада сари гуфтугӯро боз кард шайх Махамшод ва сатрҳои аз «Шоҳнома» навишта гирифтаашро як-як хонда маънидод кардан гирифт. Дар бораи фикраи аввал гуфт: — Ин сухан инкори рӯъят аст, аълохазрат, ва мункирони рӯъят мӯътазилиёнанд. Бидъати маҳз! Бидуни шак ин Абулқосими Фирдавсӣ ё худаш мӯътазилист, ё ки баъзе эътиқодоти мӯътазиларо мепазирад.

Шайх боз ин мисраъҳоро хонд:

Нигаҳ кун ба ин гунбази тезгард,
Ки дармон аз ӯясту з-ӯ низ дард...
Аз ӯ зор гардӣ, аз ӯ сарфароз,
Ва з-ӯ дон фузуниву ҳам з-ӯ ниёз.

— Ин фикра далелест бар фалсафӣ будани шоир,— ҳукм кард шайх.— Таълими фалсафиён аст, ки иснодн ҳаводис ба фалак мекунанд: ҳар ҳодисае, ки дар ҷаҳон рӯй медиҳад, эшон онро аз таъсири фалак медонанд, на аз иродаи худованд.

Гӯянда боз аз вараки китобаш ду байти дигар хонд:

На гашти замона бифарсоядаш,
На аз ранҷу тимор бигзоядаш,
На аз ҷунбиш ором гирад ҳаме,
На чун мо табоҳӣ пазирад ҳаме.

Сарвари дин аз ин мисраъҳо даҳрӣ будани Фирдавсиро «дарьёфт»:

— Эътиқоди шоир бар он аст ки,—«каромат» кард шайх,— ҳаракоти афлок ва авзоъи улвиёт* яксон хоҳад монд, яъне олами боло, сайёраҳо аз гузашти айём ҳеҷ гуна тағйирот намепазиранд, ва ин мазҳаби даҳриён аст.

Аз маънии мисраъҳои:

Агар чашм дорӣ ба дигар сарой,
Ба назди набию васӣ гир ҷой.

---

* *Улвиёт* — чизҳои олами боло, осмонӣ.

Гарат з-ин бад омад, гунохи ман аст,
Чунин асту ин расму рохи ман аст

олими дин рофизӣ будани Фирдавсиро «кашф» кард: шоир баъд аз набӣ фақат ба Алӣ имон дорад, халифаҳои рошидин — саҳобаҳои пайғамбари ислом (Абӯбакр, Умар, Усмон)-ро намешиносад, мункири валоят* ва хилофати онон аст. Чунин аст мазҳаби нопоки шиа. Аслан шиъиён ҳама рофизианд.

Муриди тоҷдор ҳарчи пираш мегуфт, ҳамаро бечунучаро қабул мекард.

Маҳамшод аз боргоҳи султон ба хонаи худ баргашта Унсуриро ба наздаш талабид. Маликушшуаро омада буд, ки шайх ба вай ҳам фиқраҳоро хонда, маънидодҳояшро такрор кард. Унсурӣ ба он қадар гуноҳони даҳшатнок гунаҳгор карда шудани Фирдавсиро чашм надошт. Ва чун донист, ки шайх маънидодҳои худро ба шоҳ баён кардааст, сахт мушаввашхотир шуд. Фоҷиаи Тоҳириро, ки дар он қарибӣ рӯй дода буд, ба хотир оварда дар ваҳшат афтод. Тоҳирӣ ном марде дар Ғазнӣ пайдо шуда буду худро сайид меномид (яъне аз авлоди пайғамбар) ва мегуфт, ки намояндаи султони Миср мебошад. Маъмурони шоҳ ӯро боздоштанд ва таҳқиқ карданд, маълум шуд чанд ҷилд китоб бо вай аст, ки дар онҳо аз таълимоти ботиния (қарматия) баҳс меравад. Бо амри султон шайх Маҳамшод бо вай мунозира кард, дар мунозира он мард сайид буданашро исбот карда натавонист, шайх бо фатвои худ хуни ӯро мубоҳ кард. Шоҳ кори ӯро ба худи Маҳамшод гузошт, Маҳамшод ӯро бо дасти худаш ба қатл расонид. Шайхи бузургвор, ки куштани қарматиёнро савоб медонист, «савоб»-ро пурра ба худаш гирифт. Маҳмуди сахт побанди корхои диния, султони «адолатпеша» ва «раиятпарвар», дар сурате ки кахтзадагони Хуросон аз гуруснагӣ ҷон меканданд, ба роҳзанони бодияҳои Арабистон, барои он ки дар роҳи ҳаҷ роҳзанӣ накунанду ҳоҷиён бе ҳаросу бим аз Хуросон ба тавофи каъба рафтан тавонанд, ҷувол-ҷувол зару сим дода, уламои динро санохонии худ кард. Пайваста тиловати Қуръон менамуд. Аз «Қохи Фирӯзӣ»-и худ то масҷиди «Арӯси фалак» роҳи пинҳонӣ созонда буд, то битавонад ба осонӣ дар намози ҷамоат хозир шавад; дар масҷид мақсурае** барои худ дошт, ки дар вай бе ташвиш машғули ибодат мегардид. Тоифаи қар-

* *Валоят* — валигӣ.
** *Мақсура* — ҳуҷраи ибодат дар паҳлӯи масҷид.

матиёнро душмани ваҳдати ислом донйста бо як таассуби шадид таъқиб мекард, мекушт. Ҷосусҳо гузошта буд, ки ҷамъомадҳои сиррии қарматиёнро маълум карда ба ҳукумат хабар диҳанд.

Воқеан Тоҳирӣ таъқиби қарматиёнро шадидтар карда буд. Унсурӣ тарсид, ки дар ҷӯши таассуби динӣ мабодо бо Фирдавсӣ ҳам фоҷиае рӯй диҳад.

— Ҳазратам пеш аз арза кардани ин маънӣ ба султон аввал бандаро аз он огоҳ мекарданд, беҳтар буд,— гуфт ӯ ба шайх.— Маъзарат мехоҳам, ҳазрат, он тавр ки банда фаҳмидам, дар таъбири фикраҳо муболаға рафтааст. Гумон намекунам ки шумо қатли Фирдавсиро мехоста бошед.

— Вазифаи уламо, ки ин фақир аз зумраи эшонам, маънои ниҳонии навиштаҷотро ошкор ва назди султон бидуни реву риё баён кардан аст, агар дар маонии он навиштаҷот аз назари дин шубҳае бошад.

— Ман гумон накарда будам, ки дар «Шоҳнома» ин миқдор бидъатҳо бошад.

— Шумо ба банда бовар надоред?

— Чаро бовар надошта бошам, охир ҳазратам сарвари дин ва олими гузаро ҳастанд, аммо банда шак дорам ба ин ки як фард ҳам мӯътазилӣ, ҳам фалсафӣ, ҳам даҳрӣ ва ҳам рофизӣ бошад.

— Шак наёрад, одами даҳрӣ метавонад мубталои чандин бидъат бошад.

— На, на, ҳазрат, маъзарат мехоҳам, маътаассуф дар таъбири абьёт хеле муболиға рафтааст. Агар ба Фирдавсӣ ҳукми қатл бароянд, хуни ноҳақ рехта хоҳад шуд. Банда мӯътақидам, ки шоир мустаҳиқи чунин ҷазо нест.

Маликушшуаро аз бурданаш «Шоҳнома»-ро назди Маҳамшод сахт пушаймон шуд.

Маҳамшод одатан ҳеҷ гуна нуктагирӣ ё эродеро ба «ҳукми шаръи» худ кабул намекард. Эроди маликушшуаро ҳам, албатта, ба вай хуш наёмад ва ҳатто қаҳрашро овард. Аслан вай Унсуриро дӯст намедошт, аз илтифоти хоси султон ба Унсурӣ ва аз зару сими фаровоне, ки маликушшуаро ҳар бор ба подоши қасидаҳояш аз султон мегирифт, ҳасад ва рашк мебурд, ӯро чашмгурусна, тамаъкор ва хасис мешумурд. Ӯ қарор дод, ки ба бидъати абьёти Фирдавсӣ шак овардани Унсуриро ба шоҳ маълум ва аз мудохилаи ӯ ба «умури диния» шикоят кунад. Ҳамон рӯз дар намози пешин дар мақсураи масҷид, ки он ҷо Маҳамшод ба намози шоҳ имоматӣ менамуд, ӯ дар ин

бора сухан ба миён овард. Одатан баъд аз намоз дуяшон фурсате аз сари чойнамоз нахеста каме аз ҳар дар сӯҳбат мекарданд.

— Чунон ки ба аълоҳазрат гуфта будам,— шикояташро сар кард шайх,— маликушшуаро «Шоҳнома»-ро худашон ба факир оварда буданд, ки бубинам мабодо абьёте хилофи дин дошта бошад. Факир он чиро ки дар достонҳо хилофи дин дидам, ба аълоҳазрат арз дошт ва ба маликушшуаро ҳам маълум кардам. Эшон ба дурустии мулоҳизоти фақир шак овардаэродҳо гирифтанд. Ба ақидаи эшон, ин факир дар бидъати абьёте, ки ба самъи ҳумоюнӣ расонида шуд, муболаға кардаам. Ва ҳол он ки шуаро зотан таваҷҷӯҳашон беш аз ҳар чиз ба фасоҳати ашъори ҳамдигар, ба ташбеҳот ва истиороти шоирона аст, биноан алай гоҳо ба маонии ботинии ашъор мулоҳиза намекунанд ва ҳамчу маликушшуаро ба кори уламои дин мудохала ва ба аҳкоми шаръӣ мухолафат меварзанд.

Султон ба маликушшуаро назари нек надоштани шайхро медонист, бинобар ин ба гуфтори ӯ чандон аҳамият надод. Ва ҳамчунин донист, ки Унсурии нармдил аз тарси он, ки мабодо Фирдавсии пир ба ҷазову уқубате гирифтор шавад, дилаш беқарор шудааст. Вале бо вуҷуди ин эътимоди султон ба «ҳукми шаръӣ»-и шайх кам нашуд, ӯ ба имом ва пири худ ихлосу эътиқоди тамом дошт.

— Ҳақ бо шумост, пирам, аз маликушшуаро наранҷед. Мефармоем, ки ӯ дигар ба умури диния даҳолат накунад,— инро гуфта, султон суханро кӯтоҳ карду бархост.

Одатан шоирони дарборӣ то худи султон онҳоро талаб накунад, ба наздаш намерафтанд, вале ин бор Унсурӣ худаш ба дарбор рафта ба арз расонд, ки муҳимме пеш омадааст ва ӯ таманнио дорад султон «ба карами хусравона» ӯро якчанд дақиқа дар хилват қабул намояд. Қабул ёфт ва пеши султон замин бӯсида дар изтиробу ҳаяҷон гуфт:

— Шунидам, ҳазрати шайх аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ якчанд фикраро ба маънии рофизиву даҳригӣ таъбир кардаанд, аммо банда мӯътақидам, ки дар таъбирашон муболаға рафтааст, зеро дар он фикраҳо услуби баён аз хусусиёти каломи мавзун ва аз тақозои вазну қофия аст, на аз андешаву шуур. Ҷилваҳои шеъру шоирӣ асту бас.

— Бадмазҳаб аст Фирдавсӣ! — аз курсӣ бархоста бо оҳанги итоб гуфт султон.— Шиъии мутаассиб! Мазҳабашро таб-

лиғ мекунад, ба суннат рахна мезанад. Қарматиёну исмоилиён аз шиа бармеоянд. Ба ҳар ҳол шайх беҳтар медонанд. Шумо чаро ба ҳукми эшон мухолафат кардед? Ба умури диния мудохала набояд кард. «Шоҳнома»-ро мо пазируфтем, вале ҳар он чи аз он бўи бидъат меояд, онро Фирдавсӣ бояд аз китобаш берун кунад.

Боз ў қариб буд фармояд, ки ҳар чӣ аз муфохарати нажоду насаб дар «Шоҳнома» ҳаст, шоир онро ҳам аз китобаш берун кунад, вале худдорӣ кард, шоҳ дар ин мавзўъ бо ҳеҷ кас сухан гуфтан намехост.

«Пирсаг зуд аз ман шикоят кардааст», Маҳамшодро дар назар дошта ба дилаш гуфт Унсурӣ.

Худи ҳамон рўз вазир Майвандӣ ҳам ба боргоҳ омада ба султон достони Сиёвуш ва хати ба Исфароинӣ фиристодаи шоирро нишон дод.

Шоҳ бо ҳайрати хашмолуд гуфт:

— Робита бо Исфароинӣ?.. Ин тўҳфаашро ба вай чӣ гуна расондааст?

— Пинҳонӣ ба наздаш рафта бо вай дидор кардааст.

— Дидор? Барои чӣ? Ба чӣ мақсад?

— Мегўяд, барои ҳолпурсӣ ва сипосгузорӣ. Дар Тус ўро бо хоҷа мулоқот воқеъ шуда, хоҷа ба вай меҳрубонӣ карда ва шояд атое ҳам бахшида бошад. Акнун хоҷа агарчи мағзуб ва хоназиндон ҳам бошад, Фирдавсӣ зиёрати ўро лозим донистааст.

— Оё напурсидӣ, ки агар мақсудаш фақат ин буда ва сирри дигаре дар миён набудааст, чаро ба дидани хоҷа иҷозат напурсид ва пинҳонӣ рафт?

— Зоҳиран, мехостааст, ки бо вай дидор карданаш махфӣ монад.

— Чаро тафаҳҳус накардӣ? Оё гумон намекунӣ, ки дар паси зиёрат мақсуди дигаре ҳам будааст?

— Гумон ҳаст, боз тафаҳҳус хоҳад шуд.

— Ҳар ду дар чӣ бора гуфтугў карда бошанд, напурсидӣ? Исфароинӣ, албатта, аз мо бояд бадгўӣ карда бошад?... Ҳар дуро бозпурс бикун. Хоҷаро истинтоқ* бикун.

— Вай, албатта, рост нахоҳад гуфт.

— Шиканҷа бикун, то бигўяд.

* *Истинтоқ* — таҳқиқ (допрос).

— Фармон мебарам. Боз арзи дигар ҳаст. Фирдавсӣ ба дидор кардан бо Ҳусайни Қутайб иҷозат хост.

Шоҳ ба вазир бо назари тааҷҷуб нигарист.

— Аммо хоҳишаш пеш аз он буд, ки бидонад ки мо аз дидор кардани ӯ бо Исфароинӣ хабар дорем. Донист, ки хоҳишаш аҷиб ва беҷост, узр хост.

— Чӣ магар вай барои он омадааст, ки бо хоинони давлати мо дидор бикунад бо баҳонаи тақдими «Шоҳнома»?... Ӯро бо Қутайб чӣ муносибат?

— Қутайб он гоҳ ки ҳокими Тус буд, Фирдавсиро ҳимоят карда, ба вай ато бахшида будааст.

Султон андешаманд шуда хомӯш монд.

Вазир вақти баромаданаш дар дами дар истоду боз гуфт:

— Воқеан, Фирдавсӣ аз «Шоҳнома» достоне ба амири Қаҳистон бахшида, ровии шоир онро бурда, амир барои шоир ҳазор динор сила ва як аспи хуб фиристодааст.

## Таҳқиқ

Вазир аз дарбор ба девони худ баргашта ба Фирдавсӣ кас фиристод, шоир омад.

— Марҳамат, биншинед,— Майвандӣ ин бор хушмуомила буд.— Мо мехостем дар бораи мулоқоти шумо бо Исфароинӣ як-ду чизи дигар бипурсем. Гуфтугӯи шумо бо вай аз чӣ буд? Ӯ ба шумо чиҳо гуфт?

Фирдавсӣ муддаои пурсандаро фаҳмид: вазир барои он ки рақиби худро мустаҳиқи ҷазои сахттаре гардонда тавонад, далелу ҳуҷҷати тоза меҷӯяд.

— Сӯҳбати мо бо хоҷа хеле кӯтоҳ буд,— ҷавоб дод ӯ,— гуфтушунид баъд аз аҳволпурсии урфӣ бештар дар бораи «Шоҳнома» буд. Эшон достони Сиёвушро хондаанд, аз ҳақиқати баъзе нуктаҳо суол карданд, банда ҷавоб гуфтам. Аз чигунагии фикру мулоҳизаи шуаро ва фузало дар бораи «Шоҳнома» ҷӯё шуданд ва ҳамчунин пурсиданд, ки оё китоб аз назари мубораки ҳумоюнӣ гузашта бошад, ва агар гузашта бошад, онро писандида бошанд ё на.

— Шумо чӣ ҷавоб додед?

— Гуфтам, аз ҷумлаи шуаро ва фузало онҳое, ки аз «Шоҳнома» камубеш чизе хондаанд ва ман мешиносамашон, онро тақдир мекунанд, шоҳаншоҳи ҷаҳон ҳам, гуфтам,— суханашро қасдан ба шеваи дарбориён идома дод Фирдавсӣ,— бандаро

ба лутфу карами хусравона сарафроз гардонида як достон аз «Шоҳнома» хонда ва писандидаанд. Банда ба суханшиносии шоҳаншоҳи аъзам заррае шак надоштам, вале ин фазилати ҳумоюниро ба маротиб баландтар аз он дидам, ки гумон карда будам.

— Ӯ чӣ гуфт?

— Гуфтанд, ки алҳақ чунин аст.

— Боз чӣ гуфтушунид шуд?

— Дигар ҳеч.

Вазир бовар накард.

Хуб, бигузор Фирдавсӣ ҳақиқатро пинҳон карда бошад, вале ӯ, Майвандӣ, онро ҳар тавре ки бошад аз Исфароинӣ ба даст хоҳад овард. Вазир ин фикрро дар дилаш мутамаккин сохта Фирдавсиро ҷавоб дод.

Шоир ба манзилгоҳаш баргашта, пурсу посухи бо вазир шударо ба Моҳак нақл карда буд, ки Моҳак якбора безобита гардид.

— Акнун ҳоҷаи бузург ҳатман Исфароиниро истинтоқ хоҳад кард. Агар он чи Исфароинӣ хоҳад гуфт, хилофи гуфтаи шумо барояд, мабод ки вазир шуморо ҳам масъул бикунад.

Фирдавсӣ дар ҳавотир афтод. Вай ин тарафи корро фикр накарда буд.

— Пас чӣ бояд кард? — пурсид ӯ.

— Исфароиниро огоҳ бояд кард.

— Чӣ гуна? Аз чӣ?

Моҳак ба хаёле рафту гуфт:

— Зиндон дар пои қалъа аст, ҳар кӣ хоҳад барои савоб ба зиндониҳо хайру садақа мекунад ва ин мамнӯъ нест. Хизматгори ман чизе аз ҳӯроку пӯшок бурда ба дасти зиндонбон медиҳаду мегӯяд, ки ба фалон марди зиндонӣ бирасон. Шумо як руқъа барои Исфароинӣ бинависед, мо онро бо «садақа» ба вай дода мефиристонем. Қаламу коғаз бигиред, ман мегӯям, шумо менависед.

Фирдавсӣ давотро пеш кашида ба навиштан ҳозир гардид.

— Бинависед,— Моҳак як лаҳза фикр карда имло намуд: «Шоир иқрор карда ки дидор воқеъ шуда буд, гуфтугӯ фақат дар бораи «Шоҳнома» буд вассалом».

Моҳак яке аз хизматгорони калонсолашро чеғ зада, аз дастархон дуто нон ва порае набот гирифта дар рӯмол печонду ба дасти хизматгор дода фармуд:

— Хайрия ба зиндониҳо. Ҷомаатро бар зада ду поятро дар бағал бигиру бидав ба зиндон! Инро ба зиндонбон бидеҳ ва бигӯ ки хайрия ба Исфароинист.— Аз ҳамьёнаш даҳ дирам бароварда ба ӯ дод: — Ин пулро ҳам бо ин руқъа ба он қалтабон бидеҳ ва бигӯ, ки пул барои ӯст ва хат барои Исфароинӣ.

Руқъаро ба даруни нон андозем чӣ? — таклиф кард Фирдавсӣ.

— Ба эҳтимоли куллӣ нон ба дасти Исфароинӣ намерасад,— гуфт Моҳак,— тӯъмаи харомии зиндонбонҳо мешавад.

Хизматгор равон шуда баъд аз хуфтан баргашт. Супоришро баҷо овардааст.

Пагоҳии рӯзи дигар Майвандӣ шахсан бо мушояати ҳоҷиб, мунши ва ду мулозимаш омада Исфароиниро ба миршабхона, ки дар наздикии зиндон буд, оваронд. Вазири собиқ бо гуноҳи ин ки як қисми калони молашро дар хонаҳои ошноёнаш аз мусодира пинҳон карда будааст ва он молҳо ёфт шуда буданд, чаҳор рӯз пеш ба зиндон андохта шуда буд, ҳанӯз ранги рӯяшро чандон набохта ва сарутанаш ҳам нисбатан тоза буд. Майвандӣ ҳоҷибу мулозимонашро дар берун гузошта, дар ҳуҷраи миршаб фақат бо муншӣ монд. Исфароиниро дар назди ӯ ҳозир карданд. Муншӣ дар кунҷак нишаста, аз дурҷ (қуттича)-аш давоту қалам ва аз остинаш коғаз бароварда ба навиштани баротулқавл (протокол)-и истинтоқ омода гардид. Майвандӣ чашм аз пеши пои худ наканда ба бандӣ амр кард:

— Биншинед.

— Аввал шумо,— бардамона ва бо лабханд гуфт Исфароинӣ.

— Ман ба пой меистам,— бо ҷиддият гуфт вазир.

— Бандӣ нишаставу ҳоҷаи бузург ба пой? — истеҳзои пинҳонӣ кард Исфароинӣ ва рост истодан гирифт.

— Шоир Фирдавсӣ бо шумо дидор карда буд? — суоли якум дода шуд ба ӯ.

— Оре, ба манзили ман омада буд, дидор кардем.

— Дар чӣ бора гуфтугӯ кардед?

— Дар бораи «Шоҳнома».

— Боз?

— Дар бораи чигунагии сафари шоир аз Тус то Ғазнӣ.

— Боз?

— Тамом вассалом. Ӯ назди ман ним соат беш нанишаст.

— Ба мо маълум шуд, ки шумо аз султон ғайбат кардаед.

— Э, аҷаб! Аз куҷо маълум шуд? Аз кӣ? Мусоҳибаи мо бо Фирдавсӣ танҳо ба танҳо буд, шахси саввуме набуд. Агар гӯед, ки шайтон ҳозир будааст, пас шайтон-ку хабаркашӣ намекунад.

— Жож нагӯед, рост бигӯед. Пинҳон кардан суд надорад.

— Рости сухан ҳамин аст, ки гуфтам; агар он чи шумо мехоҳед, бигӯям, дурӯғ он мешавад ва он дурӯғ, албатта, барои шумо суд хоҳад дошт.

Майвандӣ бовар дошт ки вазири собиқ ба дӯсти шоираш, албатта, аз султон ва аз худи Майвандӣ бадгӯӣ кардааст. «Шахси олимақоме чун ӯ ба ғазаби султон гирифтор шуда, аз султон шикоят накарда наметавонад ва ҳамчунин аз ман ҳам, зеро дар макҳур ва маҳбус шудани ӯ даст доштани маро медонад» мегуфт ӯ дар дилаш. Рақиби ӯ бе шиканҷа ба гуноҳаш иқрор нахоҳад кард. Вазир ба ӯ нигоҳ мекарду ҳайрон мешуд: бо вуҷуди гирифторӣ ва хавфи ҷазою уқубат дар чашму рӯи Исфароинӣ нишони биму ҳаросе дида намешавад, ва боз гуфтораш ҳам дағдағаомез аст.

— Хуб, шиканҷа забони шуморо ҳақгӯӣ хоҳад кард,— инро гуфта Майвандӣ баргашту сӯи дар қадам зад.

— Қарор, хоҷаи бузург! — бо ин хитоб Исфароинӣ вазирро дар дами дар боздошт. Ба муншӣ рӯ оварда хоҳиш кард: — Моро як дам танҳо гузоред.

Муншӣ ба вазир нигоҳ кард, вазир ҳам ишора кард, ки барояд. Муншӣ аз ҳуҷра берун шуд.

— Шумо шиканҷа гуфтед? — суол дод Исфароинӣ ба Майвандӣ. — Дар ин сурат воқеаи хироҷи Балх фавран ба султон арз карда хоҳад шуд.

Майвандӣ як такон хӯрду сар боло карда ба гӯянда чашм дӯхт.

— Хироҷи Балх? Яъне чӣ?

— Шумо инро нағз медонед.

— Чиро медонам? Сарехтар бигӯед.

— Дар он бора соҳиббариди *. Балх ариза фиристода буд, ман аризаи ӯро ба султон маълум накарда будам, зеро шарики хиёнат— ҳокими Балх аз ақрабои ман аст. Аммо акнун...— Исфароинӣ ҷумларо тамом накарда асроромез сукут кард.

Майвандӣ шах шуд, рангаш канд.

— Шумо муаммо мегӯед магар? Кадом ариза? Дар бораи чӣ? — худро ба нодонӣ зад Майвандӣ.

* *Соҳиббарид* — амалдори хабаррасонанда ба марказ аз воқеаҳои вилоят

Хонандаро дер интизор накарда «муаммо»-ро мекушоем. Майвандӣ пеш аз вазир шудан соҳиби девони рисолат буд, перор сол ба ватанаш Балх рафта, бо ҳокими он вилоят забон як карда, дуяшон бештар аз нисфи хироҷи солонаи вилоятро аз ҳукумати марказӣ пинҳон ва ба фоидаи худашон тақсим карда гирифта буданд. Соҳиббаридн Балх аз ин хиёнати онҳо огоҳ шуда ба вазир Исфароинӣ ариза фиристода буд, аммо Исфароинӣ бо андешаи ин ки дар ин кор бародари занаш — ҳокими Балх ҳам ба ҷавобгарӣ кашида хоҳад шуд, он аризаро аз султон пинҳон дошта буд.

— Ҳуҷҷат дар дасти одами мӯътамади ман аст, агар шумо ба ман боз беш аз он ки кардед, бадӣ кунед, одами ман он ҳуҷҷатро фавран ба султон мерасонад,— такроран огоҳӣ дод Исфароинӣ ба вазир.

— Макр, ҳила. Бовар намекунам,— даст афшонд вазир.— Шумо бо ин дурӯғ мехоҳед гиребони худро аз чанги ман бираҳонед? Хаёли хом. То аризаи соҳиббаридро ба ман нишон надиҳед, бовар намекунам.

— Агар дидани он ариза ба шумо насиб шуда бошад, онро фақат дар дасти султон хоҳед дид, он гоҳ лоҷарам бовар хоҳед кард, вале чӣ суд? Дер мешавад... Медонам, шумо баромада дарҳол ба ҷустуҷӯи одами мӯътамади ман ва он ҳуҷҷат меафтед, вале дар натиҷа бод дар даст хоҳед монд: шумо ӯро намеёбед, ӯ на дар ин шаҳр аст.

— Фарз кардем, ҳуҷҷат дар воқеъ вуҷуд дорад ва ба султон ҳам арздошт карда шуд. Шумо магар фаромӯш кардед, ки ман на фақат вазири султонам, балки бародари ризоъии вай низ ҳастам. Ӯ бародари ризоъияшро агар уқубат ҳам кунад, уқубати сахт намекунад, аммо хешованда шумо — додарарӯсатон ҳокими Балх сараш ба дор хоҳад рафт.

— Бигузор биравад; модом, ки ба валинеъматаш хиёнат кардааст, мустаҳиқӣ ҷазост, вале ҷазои шумо ҳам камтар аз тарки вазорат, маҳбусии зиндон ва мусодираи молу мулк нахоҳад буд, ман солиёни дароз вазир ва муқарраби даргоҳ буда султонро хуб шинохтаам, шумо ҳам, албатта, шинохтаед ва медонед.

Майвандӣ нӯги ришашро гирифта як нафас ин сӯ-он сӯ гашт ва ниҳоят бо Исфароинӣ чашм ба чашм шуда чунин таклиф кард:

— Агар он ҳуҷҷат дар ҳақиқат вуҷуд дошта бошад, шумо онро ба ман бидиҳед, ман шуморо аз зиндон озод мекунонам ва осуда мегузорам.

Исфароинӣ бори аввал хандид:

— Шумо аввал тӯҳматро аз ман бардоред ва аз султон фармони озодии маро бигиред, ман ба ҳар чӣ хоҳед савганд мехӯрам, ки он гоҳ он ҳуҷҷатро оварда дар пеши чашматон медарронам, месӯзонам.

Майвандӣ фикркунон бо қадамҳои охиста аз ҳуҷра бадар рафт.

Рӯзи дигар дар поёни саломи пагоҳонии аҳли дарбор султон вазирро ба хилват талабида, аз таҳқиқи кори Исфароинӣ ва Фирдавсӣ пурсон шуд. Майвандӣ ба ӯ чунин ҷавоб дод:

— Аз ҳар ду ҷудо-ҷудо бозпурс ба амал омад, сухани ҳар ду ба як маром буд. Исфароинӣ ба каломи шариф савганд хӯрд, ки Фирдавсӣ дар сӯҳбати ӯ ним соат беш нанишаста ва мусоҳабаташон ағлаб аз «Шоҳнома» будааст. Баъд аз савганд ӯро шиканҷа кардан раво дида нашуд.

Сипас вазири ботадбир гуфтугӯи бо Исфароинӣ воқеъ нашударо бофта чунин тарҳ кард:

— Ҳамчунин дар бораи симу зар ва мол, ки Исфароинӣ пинҳон карда будааст, ӯро бори дигар бозпурс кардам. Мегӯяд: Султон қасди Рай дошт, мехост бад-он ҷониб лашкар кашад, ман чун медонистам, ки дар он вилояти камбизоат моли казоӣ ба даст нахоҳад омад, ният доштам аз эҳтиёт пул ва моли худро барам, то мабодо агар барои улуфаи лашкар ва ё таъмири харобиҳои аз ҷанг пайдошуда ба зару сими зиёд эҳтиёҷ афтад, он пул ва молро ба некномии султон харҷ кунам, чунончи пеш аз ин ҳам ду навбат дар вақти лашкаркашиҳои султон чунин карда будам. Бо оби дида сухан мегуфт ва гуфтораш чунон самимона буд, ки ман бовар кардам.

Вале султон бовар накард:

— Маккор аст, дурӯғ мегӯяд,— гуфт ӯ. Ва афзуд: — Бешак, боз симу зар ва моли пинҳонкарда дорад. Бигӯ, ба хазина боз сад ҳазор динор бидиҳад.

Оқибати кори Исфароинӣ бад-он анҷомид ки вай ин сад ҳазор динорро дода натавонист, ӯро дар шиканҷа андохтанд, аз қину азоб дар зиндон мурд. Ин фоҷиа баъди аз Ғазнӣ рафтани Фирдавсӣ рӯй дод.

Ногуфта намонад, ки роҳи вазирони султон чун қоида аз дари вазорат сӯи дари зиндон будааст. Ҳасани Майвандӣ ҳам бо ин ки ба қавли муаррихон марди фозил ва соҳибтадбир буда ва ҳуқуқи байтулмол (даромадҳои давлат)-ро башиддат ҳимоя мекардааст, аз ин қисмат бенасиб намонд. Мунта-

ҳо рақибон ва ҳасудонаш раъю эътимоди султонро аз вай гардониданд, вазир мавриди хашми султон қарор ёфта бо фармони ӯ ҳамаи дороии беҳисобаш мусодира ва худаш ба зиндон андохта шуд. Панҷ сол маҳбус ё хоназиндон мебуд, то он ки Маҳмуд мурду ба ҷояш писараш Масъуд нишаст ва ин султони нав ӯро боз дар вазорат барқарор кард.

## Шоир ва шоҳ

Бо амри шоҳ дувоздаҳ нафар номдортарин шоирони дарборӣ барои шунидани қасидаи нави Фаррухӣ дар боргоҳ ҷамъ омада буданд. Қасидаро султон хеле хуш карда ва фармуда буд, ки дар маҷлиси шоирон хонда шавад. Султон дар пешгоҳ бар курсӣ ва шоирон дар ду тараф қатор нишаста буданд. Фирдавсӣ ҳам ба ин маҷлис даъват шуда буд. Фаррухӣ ба худ ровӣ нигоҳ намедошт, ашъорашро назди шоҳ худаш мехонд. Ӯ ба по хеста ба хондани қасидааш, ки дар вай минҷумла султонро ба фатҳи вилояти Рай таҳрис мекард, шурӯъ намуд. Таҳриси ӯ дар қасида чунин ифода ёфта буд:

Райро баҳона нест, бибояд гирифт Рай,
Вақт аст агар ба ҷанг сӯи Рай кашӣ инон.
Ин ҷо ҳаме ягону дугон карматӣ кушӣ,
З-инон ба Рӯй ҳазор биёбӣ ба як замон.
Биситонӣ он диёру бубахшӣ ба бандае:
Бахшиданаст одату хӯи худойгон.

Аз ҳозирон нидоҳои аҳсану офарин баланд гардид. Шоҳ мамнунона табассум мекард. Фирдавсӣ бошад дар ҳайрату даҳшат афтода буд: Фаррухӣ шоҳро ба куштани ҳазорон мардуми Рай даъват мекунад. Дар бораи ӯ нақл мекарданд ва Фирдавсӣ шунида буд, ки дар яке аз рӯзҳо Муҳаммад писари султон дар шикор саҳроро аз хуни оҳувон сурх карда ва Фаррухӣ аз дидани чашми зори оҳуе, ки дар тапиши ҷонканӣ будааст, ба ёди чашми сиёҳи ёраш афтода чандон гиристааст ки Муҳаммад ба вай раҳмаш омада барояш чанд оҳуи зинда фиристода будааст. Наход ин ҳамон шоири нозуктабъи раҳмдил бошад?!

Эътиқоди шоҳ ва атрофиёнаш бад-он буд, ки дар Рай амири он диёр ва ҳам аҳолӣ қарматиёнанд. Ва куштани қарматиёнро султон Маҳмуд ба номи дин вазифаи муқаддаси худ медонист.

Дар ин чо риштаи ҳикоят агарчи як дам канда шавад ҳам, мо воқеаи Райро нақл мекунем. Амирони бувайҳии Рай дар солҳои ҳукмрониашон хазинаҳои пурганҷ ниҳода буданд, ҳамин буд, ки ҳирсу тамаъи султон Маҳмудро меҷӯшонд. Фаррухӣ ба оташи ҳирси ӯ ҳезумкашӣ мекарду бас. Султон ба фатҳи Рай қарор дод. Бино ба хурдсолии амири Рай Маҷдуддавла ҳукумат ба дасти модари вай Сайида буд. Султон ба Сайида ультиматум фиристод, ки писаратро ба Ғазнӣ фиристу мамлакататро ҷузъи шоҳаншоҳии мо бикун. Сайида расули султонро эъзоз кард ва дар ҷавоби ультиматум навишт ки: султон Маҳмуд шахси ғозӣ ва соҳибдавлат аст ва аксари Эрону замини Ҳинд ба вай тобеъ мебошанд; то шавҳарам Фахруддавла зинда буд, дувоздаҳ сол аз лашкаркашии султон метарсидам, акнун, ки шавҳарам вафот ёфт, дигар андеша надорам, зеро султон Маҳмуд подшоҳи бузург ва соҳиби номус аст — лашкар бар сари пиразане нахоҳад кашид; агар лашкар кашаду ҷанг кунад, муқаррар аст, ки ман низ ҷанг хоҳам кард; агар зафар ёбам, то домани қиёмат шӯҳрату шукӯҳ ба ман аст, ва агар вай зафар ёбад, мардум хоҳанд гуфт, ки султон бевазанеро шикаст дод. Дар ин сурат султон ба мамлакатҳо чӣ гуна фатҳнома менависад? Султон дар ҷавоби ин номаи заифаи зарифа дармонд, «бозӣ»-ро бой дод ва аз қасди лашкаркашӣ ба Рай даргузашт. Ба ин тарз Сайида ҳафдаҳҳаждаҳ соли дигар истиқлоли амораташро нигоҳ дошт, то он ки вафот карду ҳукумат бар писараш қарор ёфт. Он гоҳ Райро аз дасти Маҷдуддавлаи ҷавони айёши сустиродаи шоирманиш ситонидан барои султон душвор набуд. Гӯянд, дар ҳарами Маҷдуддавла панҷоҳ нафар зан ёфтанд, ки вай аз онҳо сӣ фарзанд дошт.

Риштаи ҳикояро мепайвандем. Дар маҷлиси шоирон баъд аз қироати қасидаи Фаррухӣ султони хушҳолу мамнун сӯи шоир гуфт:

— Мо ба ту ҳазор динор ато мекунем.

Фаррухӣ ба пеши пои ӯ афтида замин бӯсид, шоирон ба султони атобахш ҳамду сано хонданд.

Пасон шоҳ шоиронро ҷавоб дод, вале Фирдавсиро фармуд, ки истад.

Вай чанд лаҳза хомӯшона ба шоир нигоҳ карда истоду баъд сухан оғоз кард. Суханашро канда-канда чунин гуфт:

— Ту... мӯътазилӣ ҳастӣ?... Ё рофизӣ?... Қарматӣ?... Ё балки даҳрӣ бошӣ?

Фирдавсӣ дар ҳайрат монд, хотираш ошуфта гашт.

— Ин чӣ суолест, шоҳам? — гуфт ӯ.— Ман мусалмони покдинам ва...

— Шиъӣ? — сухани ӯро бурид султон.

— Оре, шиъии мусалмон,— ҷавоб дод шоир.— Худойгонро пӯшида нест, ки ба мусалмони покдин тӯҳмати баддинӣ ё бединӣ задан гуноҳ аст.

— Уламои Ғазнӣ дар «Шоҳнома»-и ту бидъатҳо дидаанд. Ба Зардушт таваҷҷӯҳ дорӣ... Ба Маздак ҳам... Донишу қариҳаатро ба чӣ сарф кардӣ? Ба ситоиши маҷусон?... «Шоҳнома»-атро ба номи мо кардаӣ, вале пеш аз он ки ба мо биёрӣ, то ки нахуст мо бубинем, онро мардумон дида ва хондаанд... Дар мадеҳаат ба ман насиҳатгар шудаӣ, ки додгар бошам, ростӣ пеша кунам, каҷживу костӣ накунам. Гӯё ман додгар набудаам, росткор набудаам. Гӯё ман тифли мактабхон ҳастам ва ту муаллим....

Фирдавсӣ мисраъҳои худашро ба ёд овард: «Агар додгар бошӣ, эй шаҳриёр, бимонӣ ба гетӣ яке ёдгор... Ҳама ростӣ бояд оростан, зи каҷҷӣ дили хеш перостан». Оё султон худаш хонда бошад, ё ки наммомон ин мисраъҳоро ҳамин тавр ба насиҳатгарӣ маънидод карда ба вай расонидаанд? — ба дилаш гузаронд шоир.

Султон боз «айбҳо»-и ӯро шумурдан гирифт:

— Аз дидор кардан бо Исфароинии кофири неъмат ва Қутайби хиёнатпеша мақсудат чӣ буд? Оё ту хасми моӣ?... Агар хасм набошӣ, дӯст ҳам наӣ. Дӯстии ту бо шоҳони маҷусии Эрон аст... Хуб, бо ин ҳама мо ба ту сиёсат намекунем. Пири нотавон ҳастӣ, ба умед омадаӣ... Ба назми таърихи мулук бисьёр ранҷ кашидаӣ. Силаи «Шоҳнома»-атро хоҷаи бузург ба ту мерасонад. Бигиру бирав ба ватани худ...

Ин ҳама тӯҳмату ҳақорат, ҳар як калимаи султон дашнае буд, ки ба ҷигари шоир мехалид. Фирдавсӣ чигунагии тинати султон Маҳмудро дарьёфт. Дар синааш аламу нафрат ҷӯш мезад, пушаймонии дарднoке дилашро мефишурд, ки чаро «Шоҳнома»-ро ба номи ин ҳукмдори ҷоҳили мутаассиб, ин шоҳи камҳиради аз мурувват бегона гардонд. Ба забонаш ҷавоби талх, суханони зананда меомаданд.

Султон мунтазир буд, ки шоир ба пои ӯ афтида гирьяву зорӣ мекунад, бахшоиш мепурсад. Вале ин тавр нашуд. Фирдавсӣ қомати ба таъзим нима хамидаашро рост карду бо аламу дард гуфт:

— Маълумам шуд, ки ба «Шоҳнома»-и ман нигоҳи чашмони каҷбин ғалтидааст. Аҳли ғараз назди шоҳ номи маро сиёҳ

кардаанд. Дар умри ҳафтодсолаам бадхоҳонам ба ман бӯхтонҳо зада буданд, вале на ба ин қабоҳату зиштӣ.

Ба ёди вай шеъри худаш омад:

Чунин гуфт Нуширвони Қубод,
Ки чун шоҳро сар бипечад зи дод,
Кунад чарх маншури ӯро сиёҳ,
Ки доно нахонад варо низ шоҳ,
Ситам номаи узли шоҳон бувад,
Чу дарди дили бегуноҳон бувад.

Қариб буд, ки ин мисраъҳоро бар забон ронад, вале худдорӣ кард ва сӯи дар равон шуда, дар дами дар истоду ба як тараф рӯ гардонда ин фикраро:

Чу бошад ҷаҳонҷӯй бо фарру хуш,
Набояд ки дорад ба бадгӯй гӯш!
Зи дастури * бадгавҳару гуфти бад
Табоҳӣ ба дайҳиму ** шоҳӣ расад!

Хонду берун рафт.

Ҳаво абр буд, резаборони тирамоҳӣ меборид, сабук-сабук шамоли сард мевазид. Абри боронӣ осмонро саросар фаро гирифта ва рухи офтобро ҳам дар паси пардаи хокистарранги худ пинҳон карда буд. Кӯю кӯчаҳо лой, дару бомҳо, дарахтон, сарутани роҳгузарон ҳама тари обрав. Вақт баъди пешин бошад ҳам, рӯз аз тирагӣ шомгоҳро мемонд.

Фирдавсӣ ду даст бар пушт, борону шамолро ҳис накарда, то буҷулаки пояш дар лою балчиқҳо ғӯтида, бо қадамҳои гарону оҳиста ба манзилгоҳаш расид.

Дар саҳни меҳмонсарои Моҳак ӯро Абӯ Дулаф ва Бобак пешвоз гирифтанд. Онҳо шоири хастаҳоли рангпаридаро дида ба хавотир афтоданд.

— Чӣ хабар, устод? Бахайр аст? Ба дарбор рафта будед?— безобита шуда пурсид Абӯ Дулаф.

Фирдавсӣ хомӯшона сар ҷунбонида ишорат кард, ки ҳеҷ гап не, хавотир накашед. Ба болохона баромаданд. Бобак абои устодро аз танаш кашонда ва саллаашро гирифта ба меҳ овехт. Фурсате гузашт, шоир ҳамоно хомӯш буд.

Ба ҳуҷра бошитоб Моҳак ворид шуд.

— Омадед, мавлоно? Аз дарбор? Султонро дидед?

* *Дастур* — вазир.
** *Дайҳим* — тоҷ.

Фирдавсӣ бо табассуми маъюсонаи дарднок суханони аз шоҳ шунидаашро нақл кард:

— Султонро бовар кунондаанд, ки банда ҳам мӯътазилӣ, ҳам рофизӣ, ҳам даҳрӣ ва ғайруҳу мебошам. Бо хоинони салтанат ҳамдостон будаам. Дар ашъорам насиҳатгари шоҳ шудаам. Ба илова, гуноҳи дигарам ин ки «Шоҳнома»-ро пеш аз тақдим кардан ба султон ба мардумон нишон дода ва шоеъ кардаам. Ва ғайруҳу ва ҳоказо. Хулоса, қариб душмани султон будаам.

— Э валлоҳ! — ба ҳасрат дасташро сахт ба зонуяш зад Моҳак.— Қори наммомон, ҳасудон! — гуфт ӯ,— кори он шайхи беимон!

Абӯ Дулаф дар ҷои нишастааш гӯё ки ҷӯкида хурд шуда буд.

Бобак рӯй ва лабонаш пар мезаданд, мисли ин ки ҳамин замон гирьяро сар медиҳад.

Ҳар се аз оқибати кор метарсиданд: мабод, ки султон шоирро уқубат кунад. Бо он айбҳои мудҳиш, ки султон бар шоир ниҳодааст, ӯро зиндон кунанд, кушанд ҳам чӣ аҷаб? Ин аз султони бедодгари хунхор ҳеҷ аҷаб нест.

Рӯзи дигар наздики қиёми офтоб як марди солхӯрдаи паҳнриш—навкари хазинадори султон ба ҳавлии Моҳак ду халтаи чарминро ба асп бор карда овард. Халтаҳоро фуроварда ба лаби суфа гузошт. Ба Моҳак ва Абӯ Дулаф, ки он ҷо ҳозир буданд, гуфт:

— Бист ҳазор дирам. Барои Абулқосими Фирдавсии шоир.

Фирдавсиро садо карданд, вай аз болохона фуруд омад. Навкар гуфтаашро такрор кард.

— Дирам? — гашта пурсид Абӯ Дулаф. Барои «Шоҳнома» бист ҳазор тангаи дирам фиристодан хандаовар буд.— Чӣ магар хостаанд, ки шоирро масхара кунанд?

— Дирам набуда чӣ буд? Магар ман тангаро намешиносам? — ҷавоб гардонд навкар ба ровӣ.

Абӯ Дулаф даҳони халтаро кушода, як каф танга бароварда нигоҳ кард — ҳақиқатан дирам буд, дирами маскук аз мис, каме нуқра ва дигар фулузоти арзонбаҳо. Қурби дирам нисбат ба динори тиллоӣ даҳ бар як буд.

— Бубар, ба ман даркор нест; агар динор ҳам мебуд, даркор нест,— гуфт Фирдавсӣ ба навкар.

— Чӣ? Даркор нест? — ҳайрон шуд навкар.— Пул ба шу-

мо даркор нест? Аҷаб! Ин хел бошад, худатон бареду ба хазинадор супоред. Ман гашта барам, ту ба одамаш нарасондӣ гуфта худамро гунаҳгор мекунанд. Ман овардам, ин тарафаш ба ихтиёри шумо. Акнун ба ман ягон хӯрок бароретон, ки гушна мондам, пагоҳ боз даҳанам як бурда нон надидааст; сонӣ ман ҳамаатонро як дуои хайр мекунаму меравам.

Хизматгори Моҳак барои ба навкари серҷоғ хӯрок овардан ба ҳавлии дарун рафт.

Фирдавсӣ ба Бобак фармуд:

— Баро, чизҳоро ғундошта ба хурҷин андоз, китобу коғазҳои маро ҳам андоз. Пӯшоки тозаи маро дар лӯнгӣ печонда биёр, пӯшоки худатро ҳам бигир, ҳаммом меравем.

Аз Моҳак хоҳиш кард:

— Хоҷа, фармоед, аспони моро зин кунанд. Мо бо шумо видоъ мекунем. Ман дигар дар ин шаҳр як рӯз ҳам наменистам. Хотираи неки ман фақат аз шумо, аз лутфу марҳамати шумо ва аз дӯстам Абӯсаъди Маншурист. Дар хонаи шумо ва Маншурӣ ман меҳмоннавозӣ ва меҳрубонии беҳад дидам, ки ёди он то умрам боқист, хотири маро шод мекунад. Ҳама умр миннатдор ва сипосгузори шумоям, хоҷаи азиз.

Ба Абӯ Дулаф рӯ овард:

— Қолон моро,— гуфт,— ба аспҳо бор карда савор шаву ба гузари бӯрьёбофон биё, дар пеши ҳаммом маро мунтазир бош.— Боз ба Моҳак муроҷиат карда, халтаҳои тангаро нишон дода бо овози паст, то ки навкар, ки дар як гӯшаи суфа баҳузур нишаста бо оши палави аз дишаб монда шикамӣ гуруснаашро сер мекард, нашунавад, гуфт: — Ин пулро ҳамчу шукронаи очизонае барои некиҳои фаровонатон, ки ба ман ва ҳамроҳони ман кардед, аз банда қабул фармоед...

— На, на! — даст афшонда як қадам ақиб част Моҳак.— Ҳаргиз, ҳаргиз! Некии беқиёс ба ман аз ҷониби шумо буд, ки лутфан дар хонаи ман манзил кардед. Банда аз ҳамнишиниву ҳамдамии шумо ва аз «Шоҳнома»-и шумо он қадар ҳаз мебурдам, он қадар саодат насибам шуд, ки ба шукронааш агар ҳамаи давлатамро пеши поятон гузорам, садьяки подоши он намешавад.

— Пас бифармоед, ин нақдина ба касе, ки фиристодааст, гардонда шавад.

Дар ин дам Бобак бӯхчаи пӯшок ба даст аз болохона фуруд омад. Фирдавсӣ дигар ба хоҷа фурсати сухан гуфтан надода бо вай хайрбоди бағалкаш карду ҳамроҳи пешхизматаш аз меҳмонсаро бадар рафт.

Ҳар ду ба гузари бӯрьёбофон, ки аз сарои Моҳак чаҳор маҳалла дуртар дар ғарбии шаҳр буд, расида ба ҳаммом даромаданд.

Соате баъд, аз ҳаммом баромада дар канори кӯча Абӯ Дулаф ва навкари хазинадорро бо се аспи қантаристода диданд. Фирдавсӣ аз дӯкони машруботфурӯш, ки дар паҳлуи ҳаммом буд, як коса шароб харида нӯшиду назди Абӯ Дулаф рафт. Аспи навкар зери бори халтаҳои танга буд.

— Хоҷа ба шумо гардонда фиристоданд,— халтаҳоро нишон дода гуфт Абӯ Дулаф.

Фирдавсӣ ба чӣ фикре рафт, сӯи дӯкони машрубот нигарист, сипас ба навкар гуфт:

— Халтаҳоро фуруд оред.

Навкар бори аспашро фуровард.

— Бобак, шарбатфурӯшро садо кун.

Мардак омад, Фирдавсӣ халтаҳоро ба вай ва навкар бардоронда худаш пеш даромад:

— Биёед!

Онҳо аз паси Фирдавсӣ рафта ба бинои ҳаммом даромаданд. Дар даруни бино ҳуҷрае ҷойгоҳи ходими ҳаммом буд, халтаҳо бо фармоиши Фирдавсӣ ба он ҳуҷра дароварда шуданд. Ходимро садо карданд, мардаки лоғари бараҳнатан, сина ва китфонаш бо мӯи сиёҳ ва авраташ бо лунгии сафеди чиркин пӯшида, ҳозир гардид (вай дар ҳаммом шоирро ҳам ходимӣ карда буд).

— Халтаҳоро ба кат холӣ кунед.

Тангахо ба рӯи кат рехта шуданд.

— Инро ман ба шумоён бахшидам, ҳар сеятон баробар тақсим карда гиред,— фармуд Фирдавсӣ.

Он се тан бовар накарда бо даҳони во ба шоир менигаристанд, то ки дар чеҳраи ӯ рост ё ҳазл будани ин ҳотамии ҳайратбахшро бихонанд. Шоир «хайр!» гуфта рафтанӣ шуда буд, ки шарбатфурӯш ниҳоят забони лолгаштааш ба гуфтор омад:

— Шумо кӣ, бобоҷон?

Ба вай навкар ҷавоб дод:

— Ин кас шоир Фирдавсӣ ҳастанд.

Шарбатфурӯш оё пештар номи Фирдавсиро шунида буд ё не, маълум набуд, аммо вай дарҳол:

— Э тасаддуқашон шавам, хоки пояшон шавам,— гуфта ба пои шоир афтиду домани абои ӯро бӯсида ба чашмонаш молид; пас ходим низ ҳамчунин кард.

## Бозгашт

Ду аспи овардан Абӯ Дулаф ҳамон аспони инъомии амири Қаҳистон буданд. Ровӣ шоирро ёрӣ дода савор карду худаш ҳам савор шуда Бобакро ба пушташ нишонд.

Ба роҳ афтоданд. Паҳлуи ҳам асп меронданд. То аз маҳаллот ва боғоти шаҳр гузашта ба дашт баромадан Фирдавсӣ лаб ба сухан боз накард. Абӯ Дулаф ва Бобак, ҳайрону норозӣ аз бахшидани устод он ду халта пулро ба се каси бегона, ҳамчунин хомӯш буданд. Шоир мунтазир буд, ки онҳо сабаби чунин рафтори ӯро мепурсанд, вале онҳо дам намезаданд. «Мефаҳманд, ки ҳоло дар бораи атои султон гап задан барои ман нохуш аст, бинобар ин хомӯшанд» — ба дилаш мегуфт Фирдавсӣ. Аммо баъд худаш сухан оғоз кард:

— Шоҳи дунҳиммат маро таҳқир кард, хор кард. Бадгавҳар, ғуломзода ба зоташ кашид. Атои ӯ ато нест, ҳақорат ба ранҷи сиюпанҷсолаи ман аст. Маро монанди маддоҳони худаш ғуломи ҳақир, гадотабъ гумон кардааст магар?.. Фирдавсӣ кист, ки ба хорӣ тан диҳад, агарчи хоркунанда шоҳ ҳам бошад? Туф ба атояш, давлаташ, тахту тоҷаш.

Осмон соф, офтоб шӯълафишон буд, аммо абри сиёҳе дар фарозии кӯҳсорони шарқӣ шиновар буд, баногоҳ шамоли тунде вазида абрҳоро ба болои дашти кушод рондан гирифт. Ба дасту рӯи саворон чакраҳои сард чакиданд. Чакраҳо дар як дам ба борони сел табдил ёфтанд. Дашти санглоҳро ғарқоб пахш кард, сел кӯлмакҳо падид оварду ва ҷӯякҳои оби гилолуд равон кард. Ёли аспон, сарутани саворон мисли ин ки ҳар се дар об ғӯта хӯрда баромада бошанд, обшор гашт. Онҳо сӯи деҳкадае, ки дар паси тӯрпардаи борон дар дуртар намудор буд, шитофтанд. Ба деҳкада расида буданд, ки борон монд. Шаб дар манзили як нафар бошандаи деҳа дам гирифта пӯшокҳои тарашонро дар гулхан хушкониданд.

Рӯзи дигар осмон соф, ҳаво ором буд. Наздики чоштгоҳ, вақте ки замин ғарқоби дирӯзаро макиду офтоби тобон рӯи хоку регро як қадар хушконд, мусофирони мо боз ба роҳ афтоданд.

Онҳо равон шуданд, мо ба андак муддат ба Ғазнӣ баргашта, воқеаҳои дар он ҷо дар ғайби Фирдавсӣ рӯйдодаро ҳикоя мекунем.

Аввалан дар бораи силаи «Шоҳнома». Султон дар поёни ка-

дом як машварати давлатӣ бо ҳамроҳии вазир Майвандӣ аз боргоҳ мебаромад, вазир дар дами дар ба вай суолеро, ки дар дил дошт, вале дар вақти машварат надода буд, дод:

— Силаи «Шоҳнома»-ро чӣ қадар бидиҳем?

— Панҷоҳ ҳазор,— гуфт шоҳ.

— Динор? — ҳаросида пурсид Майвандӣ.

— Дирам,— гуфт шоҳ.

— Султонам, ин бисьёр аст. Мабод, ки пиршоири бенаво якбора ин миқдор пул ба даст оварда шодимарг шавад.

— Ҳарчанд ки «Шоҳнома»-и ӯ ба дилхоҳи мо дарнаёмада ва худаш ҳам ба мо дуруштиҳо кард, вале пир аст ва бисьёр ранҷ кашида, ба умед омадааст, розиаш бикун,— султон инро гуфта ба даре, ки сӯи ҳарамсарояш буд, даромада рафт.

Майвандӣ ба худ қарор дод, ки барои «розӣ кардан»-и шоири камбағал ба вай шаст ҳазор дирам додан шарт не, бист-биступанҷ ҳазор басанда аст.

Агар ихтиёр ба Майвандӣ мебуд, шояд ӯ ба шоири шиамазҳаб як дирами пучак ҳам намедод.

Ӯ ба хазинадор амр кард, ки ба Фирдавсӣ бист ҳазор дирам фиристад.

...Се марди «ганҷи ройгон»-ёфта — навкари хазинадор, ходими ҳаммом ва шарбатфурӯш бист ҳазор дирамро байни худашон тақсим карда гирифтанд ва паймон карданд, ки дирамҳоро фавран пинҳон мекунанду ин розро аз ҳама ва ҳатто аз аҳли хонаводаҳошон низ махфӣ медоранд.

Навкари хазинадори султон халтаи тангаҳоро шабҳангом ба хонааш бурда, аз аҳли хонаводааш пинҳонӣ дар оғил ба таи коҳу хошок гӯронд... Шаб бо хотири мушавваш дар хаёли чи гуна эҳтиёт ва сарф кардани «ганҷ» хобаш набурд. Рӯз ва шаби дуввумро низ бо ҳамин кайфият ва бо тарсу ҳарос гузаронд. Тарсаш аз он буд, ки агар мабодо роз ошкор шуда монад, омилони молиёт пулро аз ӯ меситонанд ва худашро ба зиндон меандозанд. Аммо куҷост розе, ки оқибат ошкор нашавад! Навкар рӯзи саввум тоб наёвард, тарс бар вай ғалаба кард, халтаи пулро бардошта ба хазинадор бурд ва воқеаро баён кард. Он гоҳ ходими ҳаммом ва шарбатфурӯш низ фавран ба ҳабс гирифта шуданд. Ҳар ду дар шиканҷа ба пул гирифтанашон аз Фирдавсӣ иқрор карданд; пул аз онҳо низ ситонда шуд. Хазинадор воқеаро ба вазир арз кард, вазир ба шоҳ.

Майвандӣ арздошти худро ба султон дар вақте кард, ки вай баъд аз намози бомдод дар боргоҳ бо шайх Маҳамшод ва чанде аз надимону муқаррабонаш нишаста буд. Ин ҳамнишинон бо ҳамроҳии як гурӯҳ аъёну ашроф, чунон ки расм буд, ба назди шоҳ барои саломи пагоҳонӣ омада буданд. Шоҳ аъёну ашрофи дигарро мураххас карда, ин чанд нафарро барои сӯҳбати хосса нигоҳ дошта буд.

Вазир даромаду сӯҳбати хосса қатъ шуд.

Шоҳ арзи ӯро шунида чин ба абрӯ овард, чеҳрааш хира ва чашмони тангаш тангтар шуданд.

— Чӣ мегӯед, сазои Фирдавсӣ чист? — суол дод ӯ ба муқаррабон.

Онҳо як-як ба оташи ғазаби вай доман задан гирифтанд. Яке гуфт:

— Ваҳ, ин чӣ кӯрнамакӣ, чӣ беҳурматӣ ба атои подшоҳ аст, ки Фирдавсӣ ба худ ҷоиз кардааст!

Дигаре афзуд:

— Атои подшоҳ, чи як дирам ва чи сад дирам, қадраш якест; агар султон ба касе як мушт хок фиристад, он кас бояд аз рӯи эъзозу икром он хокро чун тӯтиё ба чашмонаш кашад...

— ...ва ҳамоқатро аз бисоташ бо панҷаи адаб тарошад, то ба шоистагии он ато бирасад,— ҷумлаи ҳамнишинашро ба хотима расонд надиме, ки худро аз зумраи адибон ва фозилон мешумурд, ва ин зарбулмасали манзумро бар забон ронд:

Ато гарчи андак диҳад подшоҳ,
Ба бисьёриаш кард бояд нигоҳ,
Зи борон бувад қатра дар ибтидо,
Валекин шавад сел дар интиҳо.

Султон ба Маҳамшод муроҷиат кард:

— Ҳазрат чӣ мефармоянд?

Шайхи бузургвор гулӯ афшонда чунин фатво дод:

— Банда собиқан ҳам ба аълоҳазрат арз карда будам, ки ин шоир рофизист, баддин аст, акнун ба заммы ин, атои муборакро чунин хор кардааст, хунаш мубоҳ аст.

Мурофиа дар ғайби «айбдор» ба итмом расид, акнун навбати ҳукм баровардан буд.

— Ӯро дастгир бояд кард,— гуфт султон. Ба Аёзи Аймоқ, ки низ дар сӯҳбати хосса ҳозир буд, фармуд: — Аз думболаш саворон бифрист, ӯро бигиранд ва баста оваранд.— Таммуле

карду чунин фармон дод: — Носпоси баддинро ба пои фил бояд андохт.— Гашта такрор кард: — Ба пои фил!

...Фармон ба зудӣ дар шаҳр овоза шуд. Мардумон ба изтироб афтоданд, дӯстони шоирро ваҳшат фаро гирифт. Маликушшуаро сахт ошуфтахотир гашт. Намедонист чӣ кор кунад. Тасаввури ҳалоки шоир дар зери пои фил мудҳиш буд, ноҳинҷор буд. Унсурӣ мефаҳмид, ки куштани чунин суханофарини бузург, ки Фирдавсист, ба султон бадномии абад хоҳад овард ва балки оғози вожгунии салтанати ӯ хоҳад буд. Наход ки султон инро нафаҳмад?

Баногоҳ ба ёди вай Шарафуддини Моҳак омад. Шоири мусофир дар хонаи он хоҷа манзил карда буд, хоҷа дӯсти ӯст, бояд бо ӯ машварат кард. Унсурӣ рост ба кӯшки Моҳак равон шуд.

Пирамард аз ташрифи ногаҳонии маликушшуаро дар ин пагоҳии барвақт ҳайрон шуд ва ҳатто ба хавотир афтод: магар ягон воқеаи ғайриоддӣ ва нохуше рӯй дода бошад?

Бечора аз куҷо медонист, ки воқеа аз бадтарин гумони ӯ садчанд батар аст.

— Хоҷа, як ҳодисаи фаҷеъ рух дод,— дар меҳмонсарои хоҷа нишаста сухан оғоз кард Унсурӣ.

— Намедонам ба чӣ сабабе Фирдавсӣ атои султонро рад карда ба ходими ҳаммом, шарбатфурӯш ва навкари хазинадор бахшидаанд. Ин хабар ба даргоҳ расида, ин пагоҳ дар як соати машъум амри султон содир шудааст, ки шоирро ...оҳ, ман чисон гӯям, бо кадом забон гӯям... амр содир шуда ки Фирдавсиро дастгир бикунанд ва ба пои фил андозанд.

Ранги Моҳак канд:

— Дастгир?.. Ба пои фил? Ё раббӣ!!

Ба Унсурӣ чунин намуд, ки хоҷа баъд аз кандани рангаш чеҳраи сиёҳҷурдаи ӯ гашта сиёҳтар шуд. Ҳам гӯё ки ӯро аз китфаш зер карда бошанд, ҷуссааш хамид, чашмонаш пӯшида шуданд.

— Амр дар ҳузури киҳо содир шудааст? На ин ки аз муқаррабон ҳеҷ кадоме ҷуръат накард, ки султонро аз додани чунин амри шанеъ боздорад?

— Худ медонед, ки чунин ҷуръат бехатар нест, ғайримумкин аст... Мегӯянд, ки шайхи бузург хуни Фирдавсиро мубоҳ кардаанд.

— Э вой, э вой, ин чӣ золимист, чӣ номардумӣ, чи даррандаҳӯӣ! Ҳаким ва шоири муаззамро ба зери пои фил? Оё аз

шоҳони пешин ҳеҷ яке чунин коре карда? Шумо ба ёд надоред?

— Хоҷаи азиз, ҳоло вақти ин гуфтугӯ нест, фурсат танг аст. Банда ба назди шумо барои машварат омадам: чӣ кор бояд кард, ба Фирдавсӣ чи тавр огоҳӣ диҳем, то ки чораи эҳтиётро бубинад? Ӯ дар сафар аст? Алъон то куҷо расида бошад?

— Намедонам,— бо ғояти андӯҳу навмедӣ гуфт Моҳак.

— Савореро аз думболаш давонем магар? — маслиҳат андохт Унсурӣ.

— Бале... илоҷи дигар нест.

— Ба ман ин мумкин нест, худатон медонед, ба шоҳ зуд маълум мешавад.

— Ман савор мефиристам,— гуфт Моҳак.

— Бисьёр хуб,— гӯё бори гароне аз дӯши Унсурӣ афтид,— аммо зудтар бояд фиристод, ҳам фиристодаи шуморо бо ғояти шитоб рафтан мебояд, зеро имрӯз ё фардо навкарони султон аз паи Фирдавсӣ афтанд. Хайр, хоҷаи азиз.— Унсурӣ бархост,— умед аст, ки бо мадади шумо ин мушкил осон шаваду кор ба хайрият анҷомад.

Моҳак писари хурдиаш — ҷавони бистусесола Насриддинро аз ҳавлии дарун садо карда фармуд, ки зуд аспи йӯрғаи сиёҳмушкинро ба ем бандад ва пасон зин зада худ ба сафари роҳи дароз ҳозир шавад. Худи Моҳак ба ҳуҷраи болохона баромада сари хонтахта нишасту ба навиштан машғул гардид. Руқъае ба номи Фирдавсӣ навишта, ӯро аз воқеа огоҳ кард ва таъкид намуд, ки вай ба Ҳирот наравад, балки ба он нарасида таноби роҳ сӯ Тирмиз кашаду аз Ҷайхун гузашта ба Тӯронзамин паноҳад. Аммо баъд фикр кард, ки хат фиристодан беэҳтиётӣ мешавад — аз қазо мумкин аст, ки хат ба дасти маъмурони шоҳ афтад. Руқъаро дарронда партофт. Чун писараш ба сафар ҳозир шуда, аспро зин зада баровард, Моҳак ба вай фармуд:

— Савор шав, сӯи Қобул бирон. Тез бирон, аз ақиби Фирдавсӣ бирас. Дар манзилҳо зиёд наист, то тавонӣ шабона ҳам саворӣ бикун.

Сипас ба ҷавон фаҳмонд, ки вай Фирдавсиро аз чӣ бояд огоҳ кунад ва чӣ гӯяд.

Насриддин зоди сафарашро дар хӯрҷин андохта ба роҳ афтод.

Фирдавсӣ бо Абӯ Дулафу Бобак дар роҳ зуд-зуд фуромада дам гирифта бешитоб мерафтанд. Акнун ба куҷо ҳам шитоб кунанд? Аспҳоро монда накарда бояд пеш рафт.

Насриддин бошад, то онҳо як фарсах тайи масофа мекарданд, ки бо аспи йӯрғааш ду фарсах роҳ мепаймуд. Бо ин равиш вай ба онҳо дар роҳ, дар деҳае, ки аз вай то Қобул камобеш чаҳор фарсах монда буд, расид.

Мусофирони тусӣ дар лаби ҷӯй ба истироҳат нишаста нону ангур тановул мекарданд (дуто нон ва ду хӯша ангурро яке аз деҳотиён, ки хонааш дар ҳамон ҷои қароргирифтани мусофирон буд, бар ҳасби одати мусофирнавозии мардуми мо барои онҳо оварда буд). Аспони аз зин бароварда ва ба дарахт басташуда низ дам гирифта беда мехӯрданд.

Фирдавсӣ аз хабари фармони шоҳ ба дастгир кардану ба қатл расониданн худаш як такон хӯрду дам назад, сукут кард, ба андеша рафт. Абӯ Дулафу Бобак сахт ба изтироб афтода беқарор гардиданд.

— Ҳай дареғ, бо айби ман он се бечораи бегуноҳ ҳам ба бало гирифтор шудаанд,— надомати аламнок кард Фирдавсӣ. Вай ходими ҳаммом, шарбатфурӯш ва навкари хазинадорро дар назар дошт, ки ҳам аз инъоми шоир маҳрум монда ва ҳам ба зиндон андохта шуда буданд.— Мурувватн ман бароящон нагбат бор овардааст,—гуфт боз Фирдавсӣ,—дар ин дуньёи дун аз хайр шарр мерӯяду некӣ бадӣ мезояд...

Ин буд нахустин суханоне, ки пас аз огоҳӣ ёфтани шоир аз маҳкуми қатл шудани худаш ҳамроҳонаш аз забони ӯ шуниданд.

Ниҳоят ҳар чаҳорашон ба роҳ афтода, шомгоҳ вориди Қобул шуданд.

Соҳиби корвонсарое, ки мусофирони мо дар вай қарор гирифтанд, шинос ва мухлиси шоир буд: дар вақти сафари аз Ҳирот ба Ғазнӣ Фирдавсӣ бо ҳамроҳонаш дар корвонсарои ӯ ду рӯз таваққуф карда ва Абӯ Дулаф бо хоҳиши аҳли корвон — шиносони сафарӣ ва дигар мусофирони муқими корвонсаро барои онҳо «Шоҳнома» хонда буд, соҳиби корвонсаро ҳам хониши ӯро бо шавқу завқ шунида, ба Фирдавсӣ ибрози ихлосу эҳтиром намуда буд. Аз хабари овардаи Насриддин ӯ ҳам ба хавотир афтода ба шоир чунин маслиҳат дод:

— Шумоён ба Ҳирот меравед? Хеле хуб, ҳеч хавф набаред, равон шавед. Агар навкарони султон ба ин ҷо расида шуморо пурсанд, ман мегӯям: «Роҳӣ шуданд, гуфтанд, ки ба Балх мераванд, аз Балх ба Марв, аз Марв ба Сарахс, аз Сарахс ба Нишопур». Ҳамин тавр навкаронро ба роҳи Балх равона мекунам. Худо хоҳад, дар он тарафҳо шумоёнро наёфта, овора шуда бармегарданд.

— Агар ба фиреб пай баранду баргашта ба шумо дарафтанд, ки чаро дурӯғ гуфтӣ, шумо чӣ кор мекунед? — хотиррасон кард Фирдавсӣ.

Соҳиби корвонсаро ин тарафи корро ҳам фикр карда будааст. Вай чунин ҷавоб дод:

— Мегӯям: «Ман чӣ донам, ман онҳоро огоҳ карда будам, ки роҳи Балху Марв душвор, кӯҳу кӯталҳояш бисьёр аст, беҳтар ки шумоён бо роҳи Ҳирот биравед, бинобар ин эҳтимол онҳо дар роҳ аз нияташон гашта ба тарафи Ҳирот тоб хӯрда бошанд».

Абӯ Дулаф пурсид, оё беҳтар нест, ки вай ба навкарон бигӯяд, ки чунин мусофирон ба корвонсарои ӯ наёмадаанд, вай онҳоро надидааст ва намедонад? Мардак ҷавоб дод, ки аздусар дар корвонсарои ман таваққуф кардани онҳоро пинҳон доштан мумкин нест, зеро ба Қобул ворид шуда ба ин корвонсаро фуруд омаданашонро бисьёр касон дидаанд.

Хулласи калом, маслиҳати ошнои кобулии шоир ба вай маъқул афтод. Вай «таноби роҳ сӯи Тирмиз кашидан»-ро, ки Моҳак барои ӯ салоҳ дида буд, ихтиёр накард.

Нисфишабӣ вай бо ҳамроҳонаш Қобулро тарк кард. Бобак акнун савори сеюм буд: бо хоҳиши Фирдавсӣ соҳиби корвонсаро бо солори як корвони ба Қобул омада гуфтугӯ карда аз вай асперо ба нархи нисбатан арзон барои пешхизмати шоир харида буд.

Роҳи калон аз Қобул ба самти шимоли ғарбӣ баъд аз як манзил ба ду ҷудо шуда, яке сӯи Балх ва дигар сӯи Ҳирот мерафт. Мусофирони мо роҳи Ҳирот пеш гирифтанд. Писари Моҳак ва соҳиби корвонсаро онҳоро то сари дуроҳа гуселонда, дар ин ҷо бо эшон хайрбод карданд ва ақиб гаштанд.

...Ду навкари мусаллаҳи шоҳ — таъқибкунандагони Фирдавсӣ ба Қобул баъди ду рӯзи рафтани ӯ расиданд ва бо гуфтаи соҳиби корвонсаро ба роҳи Балх асп андохтанд...

## На роҳи пеш, на роҳи пас

Баъд аз тайи роҳи дури пурмашаққат мусофирони тусии мо оқибат дар як шомгоҳи намнок ба Ҳирот расида, дари хонаи Абӯбакри Исмоили саҳҳофро кӯфтанд.

Соҳиби хона баромада, аз дидори дӯсти шоираш хушнуд гардид. Фирдавсӣ хастаҳол, кӯфти роҳи дароз дар андому ха-

ракоташ хувайдо буд, бинобар ин Абӯбакр дар сари дастархони меҳмондорӣ вайро бо пурсуҷӯ ноороҳат накард.

Меҳмонони мондашуда дар меҳмонхонаи соҳиб баъд аз намози хуфтан дарҳол майли хоб карданд.

Фирдавсӣ ба хоби камроҳати пирона ягон ду соат орамиду бедор шуда, дигар хобаш набурд. Вай на дар он ҳоле буд, ки ба хоби тӯлонии роҳатбахш рафтан тавонад. Хотири парешон дар хоб ҳам ҷамъ намешуд ва хаёлоти ошуфта ором намегирифт. Ӯ дар торикии хона бо чашми во балои ба сараш омадаро нахустин бор бо тамоми даҳшату фоҷиаи он эҳсос кард. Андешаҳои гарон дили хастаи ӯро мефишурданд. Агар соҳиби корвонсарои Қобул таъқибкунандагони ӯро ба роҳи Балх равона карда натавониста бошад, онҳо пагоҳ-фардо ба Ҳирот мерасанд, ва агар равона карда бошаду вай, Фирдавсӣ, аз ин ҷо ҳаракат кунад, мумкин аст дар роҳ ба онҳо дучорояд, зеро онҳо то Тус рафта, ӯро наёфта, ба эҳтимоли қавӣ бо роҳи Ҳирот бармегарданд. Дар ҳар ду сурат дастгир шудани ӯ муқаррар аст. Чӣ бояд кард? Куҷо бояд рафт. Дар куҷо паноҳ бояд ҷуст? Билфарз, бархезаду бо мадади толеъ дастгир нашуда ба хонааш, ба Тус бирасад, оё дар он ҷо аз хатар эмин хоҳад буд? Душманони бадкинаш шайх Абулқосимҳо, Абдуннабиҳо ва инчунин Арслонхони ҳоким ҳам аз фармони султон шоду мамнун ва аз марҳамати вай умедвор, магар ӯро осуда мегузоранд, баста ба Ғазнӣ намефиристанд? Ҳошо!... Дар қаламрави султон Маҳмуд вай ба куҷое, ки равад, дар дастраси султон аст. Магар ба ҷануб, ба қаламрави ҳукмдорони Буваӣҳӣ биравад? Дуруст, онҳо донишдӯст ва шоирпарваранд, аммо аз султони Ғазнӣ пайваста дар тарсу ҳаросанд; султон барои лашкаркашӣ ба Эрони Ғарбиву Ҷанубӣ ба қасди истилои он диёрҳо мунтазири баҳонае ва фурсатест, бидуни шак он ҳукмдорон ба шоири гирифтори ғазаби шоҳ осон-осон паноҳ нахоҳанд дод... Ё ки ба Хоразм биравад? Аммо Хоразмшоҳ домоди султон — шавҳари хоҳари вай аст, бегумон бо аввалин талаби султон шоири гурезаро ба Ғазнӣ равона хоҳад кард... Ё балки сари ғарибашро ба Мовароуннаҳр бигирад? Аммо волии он диёр Алптегини қарохонӣ, турки бесавод, дар андешаи бехатарии ҳокимияташ аз тарафи ҷануб худро дӯсти султон Маҳмуд тарошида аз вай дилҷӯӣ мекунад, аз чунин волӣ чӣ умеди ҳимоят аст? Билфарз умеди ҳимоят ва паноҳгоҳ дар яке аз ин диёрҳо пайдо ҳам шуд, аммо бо ин пириву нотавонӣ сафари он сарзаминҳои дур, тайи биёбону кӯҳсоронро чӣ тавр метавон таҳаммул кард? Бигӯем, ки таҳаммул муяс-

сар ҳам шуд, вале як фарди пирсоли аз хешу табор ва ёру диёр дурафтода дар он ғарибиҳо чи тавр зиндагӣ ба сар мебарад?.

Дарҳои халосӣ баста. На роҳи пеш, на роҳи пас. Ҳоли Фирдавсӣ ба ҳоли нахчире, ки сайёдон аз шаш тараф дар иҳоташ гирифта роғу рахнаи гурезашро баста бошанд, монанд буд.

Чи замони наҳс, чи рӯзгори машъумест, ки корномаи умри ӯ — «Шоҳнома»-и ба шоҳон бахшида ва ба подшоҳи вақт пешкашшуда назди онҳо ба вай на ин ки сарафрозӣ, номи нек, иззату ҳурмат, балки таҳқир, ҳориву забунӣ овард?

Боз ёди хона, пазмонии тоқатфарсо ба ҳамсари меҳрубонаш, ба духтари дилбандаш Манижа, ба ёру дӯстонаш дили реши шоирро рештар мекард. Вай бе онҳо ба ин ҳол аст, онҳо бе вай ба чӣ ҳоланд?...

Шоир мегирист.

Бо ин ҳама, Фирдавсӣ дар охир ба худ қарор дод, ки ҳарчи бодо бод ба ватанаш равон мешавад. Кашиши ватан ғалаба кард.

Пагоҳӣ сари дастархони ношто ҳикояти шоир аз он чи дар Ғазнӣ аз сари ӯ гузашт, оғоз ёфт. Дар дарбори Ғазнӣ қадр наёфтани «Шоҳнома» Абӯбакри Исмоилро ба ҳайрат афканд ва фармони шоҳ ба дастгир кардану зери пои фил андохтани Фирдавсӣ ӯро на камтар аз дӯстони ғазнигии шоир ба ваҳшат андохт. Нахустин фикре, ки ба сари Абӯбакри Исмоил омад, ин буд ки «омадани Фирдавсиро бояд пинҳон дошт», зеро Абӯбакр аз эҳтимоли ба Ҳирот расидани таъқибкунандагони шоир чиддан ба хавотир афтод. Бархоста берун баромада ба хизматгораш фармуд, ки дарвозаро маҳкам кунад ва ҳар кӣ омада ӯро пурсад, гӯяд ки хоча дар хона нестанд.

Боз даромада нишаст. Фирдавсӣ гуфт, ки таваккал ба худо, вай фардо шаб бо ҳамроҳонаш ба роҳ мебарояд, ба ватанаш меравад. Вале Абӯбакр ин таваккали ӯро хато донист:

— Хатар қоим аст, устод, чораи дафъаи хатарро бояд андешид, на ин ки ба истиқболи вай рафт.

— Чора намебинам,— гуфт Фирдавсӣ.

Саҳҳоф тааммул карда ба ӯ чунин чавоб дод:

— Шумо имрӯз дар ин чо бе малоли хотир дам гиред, ба ман ичоза диҳед фикре бикунам, то шояд чорае пайдо шавад.

Пас аз ношто вай баромада ба кучое ғайб зад, соате пас боз омад, ба хизматгор аспашро зин кардан фармуд, савор шуда равон гардид ва то бегоҳӣ бедарак буд.

Дар хуфтан баргашта, дар мехмонхона ба Фирдавсӣ чунин гуфт:

— Шуморо, устод, то як муддат пинхон шудан мебояд, то вақте ки фармони шох кӯхна ва ин гирудор пасанда шавад, ё таъқибкунандагонатон аз пайдо кардани шумо навмед шуда ба Ғазнӣ баргарданд. Ман ба деха рафта будам. Аз шахр ду фарсах дуртар дехкадаи кӯчаке хаст, он чо хешони ман зиндагӣ мекунанд: кадхудо додари аёли ман, кадбону хохарзодаам аст. Дар боғчаашон як хонаи тобистоннишин доранд, ки дар вай дар хар фасли дигар хам истиқомат кардан мумкин аст. Холо он хона холист, агар розӣ шавед, шуморо дар вай чо мекунем. Хешонро розӣ кардам, шуморо ба онхо ғоибона як нафар донишманди хоразмӣ ва ошнои деринни худам муаррифӣ кардам, гуфтам, ки ин донишманд чанде дар Хирот зиста китобе навиштан мехохад, барои ин кор як чои хилвати беғавғо мечӯяд.

Фирдавсӣ ба вай чавоб нагуфта ба андеша рафт. Абӯбакр медид, ки вай мутараддид аст, дудилагии ӯро бартараф кардан хоста боз чунин суханхо ронд:

— Устод! Чархи фалак дар мадораш ба гардиш аст, вай ба гуфтаи устод Рӯдакӣ «Кухан кунад ба замоне хамон кучо нав буд ва нав кунад ба замоне хамон ки хулқон буд». Хадиси пои фил хам кӯхна мешаваду филбон хам намемонад. То он вақт шумо дар дехкада гӯшанишин мешавед.

— Танхо? — пурсид Фирдавсӣ.

— Оре, танхо,—гуфт Абӯбакр,—сохибхонахо ба будани мардони дигар раъй накарданд. Барои Абӯ Дулафу Бобак дар ягон махалли дигар чои иқомат пайдо мекунем. Инхо гох-гох дар фурсатхои мусоид ба наздатон меравaнд, хабар мегиранд, фармоишоти шуморо бачо меоранд, чунон ки худам хам, албатта, аз шумо пайваста хабардорӣ хохам кард.

— Ман розӣ нестам, аз бобочонам чудо шудан намехохам,— гириста гуфт Бобак.

— Агар устод ба зистани дар он дехкада розӣ шаванд, лоақал Бобак бояд дар хизматашон бошад, ба устод дастьёр даркор аст; дар бораи худам устод харчи фармоянд, қабул мекунам,— гуфт Абӯ Дулаф.

— Агарчи хешонам ба «донишманди хоразмии» бузургвор, чунон ки ман шуморо ғоибона ба онхо муаррифӣ кардаам, хизмат карданро ба худ вочиб дониста дар ин бора қавл хам доданд, вале ман боз мекӯшам ба будани дастьёр дар назди шумо онхоро розӣ кунам,— ваъда дод Исмоил ба Фирдавсӣ.

Дар ин мавзӯъ боз чанде гуфтугузор карданд, дар охир Фирдавсӣ пешниҳоди дӯсташро қабул намуд. Абӯ Дулаф, ки монанди худи Фирдавсӣ кайҳо боз хонаву чояш, оилаашро пазмон шуда ва бозгашти ба Тӯсро бесаброна интизорӣ мекашид, шоир ба Тус баргаштагии ӯро салоҳ дид. Аспҳоро ба фурӯхтан қарор доданд, онҳо пас аз кӯчидани Фирдавсӣ ба деҳкада фурӯхта хоҳанд шуд, ғайр аз аспи Абӯ Дулаф, ки вай савора бар он бо яке аз корвонҳои бозаргонии роҳгузар хоҳад рафт.

Рӯзи дигар дар аввали шаб пеш аз баста шудани дарвозаҳои шаҳр чахор савор аз ҳавлии саҳҳоф баромада равон шуданд. Баъд аз якчанд дақиқа шаҳри ғарқи торикӣ дар ақибашон монд. Роҳи ноҳамвори пурфарозу нишебро фақат дар дурахши хираи ситораҳо медиданд.

Инак сиёҳии деҳкадаи дар бағали талҳо орамида намудор гашт. Сукути онро сагҳо халалдор ё балки таъкид мекарданд, ки бо ак-аку нӯла, монанди шақшақаи шабгардони миршабҳои шаҳр, аз худ ба дуздон ва ба ҳамдигар огоҳӣ медоданд. Деҳа кайҳо хуфта буд, саворон вориди деҳа шуда, Абӯбакр пешпеш, ҳамроҳонаш аз қафо, ба тангкӯчае, ки як савор дар он базӯр меғунчид, ҳамиданд. Дар охири тангкӯча Абӯбакр дари пастаки аз навдаҳои дарахт бофташудаеро бо дастаи қамчинаш сахт-сахт кӯфта буд, ки баъди як дам кадхудо омада аз дарун тамбаи дарро бардошта меҳмононро пешвоз гирифт. Аспҳои ононро бо ҳамдастии Бобак дароварда дар меххо баста, хӯрҷинҳоро аз болои онҳо фуроварданд. Меҳмонон дар рӯшноии хираи сиёҳчароғи сафолин, ки зани Ҳошим (номи кадхудо Ҳошим буд) даргиронда оварда ба дасти шавҳараш дод, бо пайраҳаи байни дарахтҳову буттаҳо сӯи хонаи даруни боғ роҳ гирифтанд. Соҳибхонаҳо хонаро ба эҳтимоли омадани меҳмонон покиза рӯбучин ва бо намаду кӯрпачаҳо ороста буданд. Дар назари деҳотиён ва авомон ҳар як донишманди калон валӣ аст, аз ҳамин рӯ Ҳошим пеши Фирдавсӣ дукат шуда дасти ӯро бӯсида ба он даст чашму пешонӣ сойид. Абӯбакр ӯро огоҳ кард, ки ташвиши дастархон ёзондан накашад, зеро меҳмонон худ хӯриши лозима доранд, оби ҷӯш бошад бас аст.

Баъд аз хӯроки шом ҳар чаҳорашон дар ҷогаҳи қатор андохташуда ба хоб рафтанд.

Саҳарӣ Абӯбакри Исмоил ва Абӯ Дулаф ба бозгашти ба шаҳр ҳозир шуданд. Вақти видоъ Фирдавсӣ ва Абӯ Дулаф ҳамдигарро оғӯш карда гиристанд.

— Хуш бирав, азизам, ту ба ман ҳамчу фарзанди худам арҷмандӣ, Абӯ Дулаф, ман дар ин ҷаҳон аз ҳеҷ кас ин қадар



некиҳо, ин қадар сидқу вафодорӣ надидам, ки аз ту дидам, миннати ту дар ду ҷаҳон бар гардани ман аст. Хуш бирав, сафарат бехатар бод, дуои ман бадрақаи роҳи туст.

Шоир инро мегуфту худ фикр мекард, ки «Мабод ки ин дидор дидори охирин бошад». Ҳамин фикр аз дили Абӯ Дулаф ҳам мегузашт, вале ҳар дуяшон ҳам онро ба забон овардан намехостанд ва умед мекарданд, ки ин тавр нахоҳад шуд.

— Ҷудоӣ аз шумо ба ман беҳад гарон аст, устод, вале чӣ кунам, ки зарурат пеш омадааст. Бо аҷзу ниёз аз яздони пок барои шумо хоҳони саломат ва офиятам. Агар дар ин ҷо дер монед, ман боз меоям, ба дидоратон мерасам.

Абӯ Дулаф Бобакро ҳам оғӯш кард, ҷавонак ҳунгас зада гирист. Абӯ Дулаф ба вай таъкид кард, ки мудом аз ҳоли устод хабардор бошад ва дар хизматашон ҳеҷ кӯтоҳӣ накунад.

— Устодро нахуст ба худо, пас он ба ҷаноби Абӯбакр, сониян ба ту супурда меравам, аммо ту ба устод аз ҳама наздиктарӣ, мушфиқу ғамхорашон, асои пириашон бош.

Фирдавсӣ аз Абӯ Дулаф хоҳиш кард, ки чун ба Тус расид, дар хонаводаи шоир аз ноком иву парешонҳолии ӯ гап назанад, фақат гӯяд ки ӯро бо кори «Шоҳнома» боз якчанд муддат дар Ғазнӣ мондан лозим омад.

Шоир ва дастьёраш Абӯ Дулафро ҳамроҳи Абӯбакри Исмоил ба шаҳр гуселонда, аз қафояш бо дилаҳои гирьён монданд. «Чи марди наҷиб ва накӯкорест! — ба дилаш дар бораи Абӯ Дулаф мегуфт Фирдавсӣ.—Дӯсти ниҳоят қадрдон, ниҳоят вафодор. Ба поси хотири ман аёлу фарзандонашро гузошта ба ин сафар баромад, ҳамин қадар машаққату сарсониҳои сафарро таҳаммул кард, дар ҳамаи ин муддат ман аз ӯягон калимаи шикоят нашунидаам». Шоир, албатта, аз Абӯбакри Исмоил ҳам беҳад миннатдор буд. Гуфтори ботинӣ дар бораи Абӯ Дулаф ва ҳисси миннатдорӣ аз Абӯбакри Исмоил хаёли шоирро ба дӯстони дигараш кашид, вай Муҳаммади Лашкарӣ, Ҳусайни Қутайб, Шарафуддини Моҳак, Абӯсаъди Маншурӣ, Ҳамидуллоҳи Найсонӣ, Салоҳиддини дуредгар, ҳатто Аббоси Шодобӣ ва саройбони кобулиро ба ёд овард. Дар назари шоир инҳо ҳам монанди Абӯ Дулафу Исмоил инсонҳои ҳақиқӣ, поктинат, бошарофат, накӯкор буданд, вай аз эшон некиҳои беминнат ва ё ба ивази некии худаш сипосу қадрдонии сидқӣ дида буд. Ба дилаш мегузашт ки: «Бе чунин мардум ҷаҳон чӣ гуна мебуд? Сард, хушк, берӯҳ мебуд. Барои ҳамин гуна мардумон зистан, «Шоҳнома» офаридан меарзид. Ман «Шоҳнома»-ро барои шоҳон нигоштам, вале фаҳми қадру арзиши

ранҷҳоям, достонҳоямро дар инҳо дидам, сипосу миннатдорӣ ва муҳаббатро аз инҳо ва амсоли инҳо дидам. Бигузор султон маро кушад, вале ман намемирам, то дар ҷаҳон ҳамчу инҳо мардумоне ҳастанд, ман ҳастам, зиндаам».

Бобак мегирист. Барои вай ҳам дар нимаи роҳ мондану дар деҳкадаи гумноме ба муддати номаълум зистан аламнок буд. Охир, вай чӣ кадар шоду хуррам аз Ғазнӣ сӯи ватан, сӯи Ширин, ба роҳ баромада буд. Ширин чашм ба роҳ аст, вай ба Бобак қавл дода буд, ки ту ҳар чӣ қадар дар сафар дер монӣ ҳам, мунтазир мешавам, сабр мекунам. Аммо падару модараш ҳам сабр мекарда бошанд ё на, ҷавон дар ин бора чандон хотирҷамъ набуд. Ширин шонздаҳро пур кард, ба ҳафдаҳ қадам монд, мабод ки падару модараш кай баргаштани Бобакро надониста, дер мондани ӯро баҳона карда духтарашонро ба хостгори дигаре дода фиристонанд. Вай Ширини сиёҳчашмаки чилкокулро зеботарин духтари деҳа медид. Ҳар гоҳ ки бо вай дар кӯю кӯча вомехӯрд, ё вакте ки Ширинро модараш аз тарики ҳамсоягӣ бо супорише назди Фотимабону ё Равшан мефиристод, Бобак аз вай чашм канда наметавонист. Ширин чун медид, ки ҷавонак ба ӯ чашм дӯхтааст, шармгинона табассуме мекарду мерафт. Бо вай дар кучо ва чӣ тавр танҳо ба танҳо вохӯрда гапзанон кардан мумкин? Дар кӯча ё дар ҳавлӣ, пеши чашми одамон, ин мумкин нест, одат намебардорад. Аммо ишқ чорасоз аст: Бобак донист, ки духтар рӯзе ду бор — пагоҳӣ ва гашти рӯз ба чашмаи масҷид барои об меравад. Ҷавони ошиқ соати рафтани ӯро поида сари чашма раванда шуд. Он ҷо дар ҳузури дигар занону духтарон ва ҷавонони обгир бо Ширин дохили гуфтугӯ шуда натавонад ҳам, лоақал то таги дарашон ё то ними роҳ бардошта бурда додани кӯзаи вазнини ӯро таклиф кардан мумкин — таклифи ёрӣ ба духтари нозуки шонздаҳсоларо ҳеҷ кас айб намекунад. Ӯ чандин бор ҳамин тавр кард. Пас духтарак ҷаро аз ёрирасони хизматгузораш миннатдор набошад, ба он ҷавони хандончеҳраи пайвастаабрӯ, хушфеъл, ширинзабон, чусту чобук рӯи хуш надиҳад ва ҳатто рафта-рафта ба вай меҳр набандаду ҳар бор вакти вохӯрдан бо вай дилакаш натапад? Бешитоб пахлӯи ҳам қадам зада торафт озодона, торафт хуррамона, торафт шӯхона чақ-чақ мекарданд, аммо на писар ва на духтар боре ҳам дар бораи муҳаббаташон сухан нагуфтанд — онҳо ҳанӯз суханони лозимаи изҳори муҳаббатро ёд нагириф-

та буданд, намедонистанд. Аммо дар ин боб чашмҳо, нигоҳҳо гӯётаранд. Як дафъа Бобак дар дами дари хонаи Ширин ба худ ногоҳ ҷасорате — худаш намедонист аз куҷо — пайдо карду як бӯса аз лаби духтар рабуд. Вай аз куҷо медонист, ки дар он дам падари Ширин дар боми оғил панҷшоха ба даст хошок тит мекунад. Мардак чашмаш ба он ҳар ду дар ҳамон лаҳзае, ки ҷавон духтари ӯро бӯсид, ғалтиду ҳамчу хошоки шарораафтода даргирифт. Ба ҷои ӯ падари баномустар шояд худдорӣ мекарду ҳоли ҳозир дидаро нодида мегирифт, аз афтодани номи духтараш ба забони мардум меандешид, вале Яздондод марди ҷоҳили бадқаҳре буд, вай аз бом ба кӯча хез зада фуромада бо алфози қабеҳ Бобакро дашном дод ва ба таъқибаш афтод. Панҷшоха дар дасти марди хашмгин хавфнок буд, Бобак гурехт. Ӯ медонист, ки дар хона падар ба духтараш дармеафтад, ӯро мезанад, ҷавон ба ҳавлӣ омада ошуфтаву саросема ба бону тавалло кард, ки «Бибиҷон, зудтар ба хонаи ҳамсоя равед, Ширинро халос кунед, ки падараш ӯро мезанад, шиканҷа мекунад; гунаҳгор манам, воқеаро ба шумо баъд мегӯям». Бону аз «ошиқу маъшуқ»-ии Бобаку Ширин огоҳ буд, донист ки розИ онҳо ба падару модари духтар маълум шудааст (авомон «ишқбозӣ»-и духтаронашонро гуноҳи азим медонистанд), ҷодараш ро ба сараш гирифта ба хонаи ҳамсоя шитофт, дид, ки Ширини бечора дар кунҷаки айвон рӯ ба девор карда ба ҳоли раҳмангезе нишастаасту падари ҳашмгинаш ҷӯб ба даст болои сараш истода ӯро дашном медиҳад. Модар ҳам дар паҳлуи Ширин нишаста буду мегирист — аён буд ки духтаршро аз калтаки падар ҳимоя мекунад. Занак ба ҳурмати Фотимабону бархоста ӯро бо таъзим истиқбол кард, мард ҳам чӯбашро партофта хиҷолатомез аз сари духтараш дур шуд.

— Ҷӣ ҳодиса? Ширин магар гуноҳе кардааст? Агар гуноҳ карда бошад, шумо ба хотири ин ки ман ният дорам ӯро хостгорӣ кунам, ин бор аз гуноҳаш гузаред,— оромонаву дӯстрӯёна гуфт бону.

Ширин бархоста ба хона даромада ғайб зад.

— Ӯро озор надиҳед. Ман бохабарам, гуноҳ ба Бобаки мост, ман ӯро танбеҳ медиҳам,— гуфт боз Фотимабону.— Ӯ ба духтаратон ошиқ шуда, Ширин ҳам гӯё ба ӯ бемайл нест. Ин ба ҷавонон айб нест. Рост мегӯям, ман фардо ё пасфардо меоям ва Ширинро барои Бобак хостгорӣ мекунам, умед дорам, ки шумо қабул мекунед...

Ӯ дар вокеъ пас аз ду рӯз омада Ширинро расман хост-

горӣ кард. Модари духтар ва шавҳараш хостгориро бо андак андешамандии зоҳирӣ, вале бо хурсандии ботинӣ пазируфтанд. Чаро ҳам хурсанд набошанд, ки духтарашон ба оилаи давлатманд ва машхур меафтад ва худашон бо шоир қаробати хешӣ пайдо мекунанд.

...Бобак як қисми дирамҳоеро, ки бобоҷон гох-гох ба вай медод, ҷамъ намуда пинҳонӣ барои арӯсаш гӯшвора, бозубанд, ангуштарини арзонбаҳо харида, якҷоя бо шеърҳое, ки дар бораи ишқи худ ва фироқи Ширин навишта буд, дар рӯмолча баста нигоҳ медошт. Фирдавсӣ ва Абӯ Дулаф аз ин кори вай огоҳ буда, пеши худ механдиданду барои он ки ҷавонро шарм надоронанд, тағофул мекарданд.

Пазмонии хона ва аёлу фарзандон роҳи бозгашти ба ватанро, рӯзу шабҳои дар роҳ гузаронидаро ба Абӯ Дулаф ниҳоят дароз менамоёнданд. Боришҳои тирамоҳӣ аз Ҳарирӯд гузар кардан ва дигар душвориҳои сафарро душвортар гардонида, мусофиронро ба ду рӯз-се рӯз истодан дар манзилҳо маҷбур менамуданд. Абӯ Дулаф дар Ҳирот корвонеро мунтазир нашуда, савора бо якчанд нафар майдасавдогароне, ки ҳамчунин аспсавору харсавор буданду азми Сарахс ва шаҳрҳои дигар доштанд, ба роҳ баромада буд. Ӯ ба Сарахс расида дар меҳмонсарой фуруд омад. Меҳмонсарои дуошьёна дар берунтари шаҳристон буд, дар ҳар ду ошьёна ҳуҷраҳои хурд-хурд ва барои маркабҳои мусофирон дар сарой тавилаҳо мавҷуд буданд. Абӯ Дулаф, ки аз кӯфти роҳи дароз хеле хаста шуда буд, қарор дод, ки ду рӯз дар меҳмонсаро истода дам гираду аспи мондашудаашро низ дам диҳад.

Бегоҳии рӯзи дуввум, ҳангоме, ки Абӯ Дулаф дар қабати якуми меҳмонсаро ба дами ҳуҷраи худаш истода буд, ду марди савор вориди сарой шуданд. Аз онҳо яке миёнсол, дигарӣ аз ӯ ҷавонтар буд, калони ғӯл, сиёҳии риши анбӯҳаш гӯё ки ба рӯяш қир молида бошанд, то зери чашмонаш хазида, дар пешониаш доғи дарози захм ӯреб афтода буд, хурдӣ рӯйпаҳни бинипачақ буда, риши хокиранг ва тунуки тор-тор, мисли ин ки ҳар торро алоҳида ба занаҳдонаш овехта бошад, дошт. Бар сари ҳар ду кулоҳи сиёҳи душоха, дар камарбанди фароҳи симкӯбашон ханҷари каҷ ҳамоил. Айнан монанди навкарони дарбори султон Маҳмуд, ки Абӯ Дулаф онҳоро дар Ғазнӣ дида буд. Дили вай хавф бурд — мабод ки таъқибкунандагони Фирдавсӣ бошанд. Навкарон пиёда шуда аспҳои гилолуда-

ашонро ба саиси меҳмонсаро, ки давон омада ба хизматашон ҳозир шуда буд, супурданд. Калонӣ омирона, бо такаббури сипоҳиёна ҳуҷра хост, саройбон лангон-лангон (ӯ ба як пой мелангид) ҳар дуро ба болохона бурда ба ҳуҷрае даровард. Дили Абӯ Дулаф дар такопӯ. Вай мунтазири саройбон шуд, саройбон аз ҳуҷраи навкарон баъди якчанд дақиқа фуруд омад. Абӯ Дулаф аз ӯ пурсид:

— Кӣ будаанд? Аз куҷо омадаанд?

Ба бахти бад, гумони ӯ рост баромад:

— Аз Тус омадаанд,— гуфт саройбон,— навкарони султон будаанд.

Абӯ Дулаф безобита шуд:

— Чикора буданашонро пурсидед? Чӣ мегӯянд?

— Барон чи бошад, ки аз Фирдавсии шоир пурсон шуданд: «Номи ӯро шунидаӣ?» Гуфтам, номи он азизро кӣ нашунидааст? Пурсиданд, ӯ ба ин ҷо омада буд ё на? Гуфтам, тобистон омада буданд, ин ҷо як шаб хоб карда рафтанд, азми Ғазнӣ доштанд. Боз пурсиданд, магар ӯ дар бозгашт ба сарои ту нафуромад? Гуфтам на, худашон ба Бухоро рафта мулозимашонро ба Тус равона кардаанд, вай ҳоло инҷост, мунтазири корвоне ё дигар ҳамсафаронест, меҳоҳад ҳамроҳашон ба ватанаш баргардад. Пурсидам, шумо ба Фирдавсӣ коре доред магар? Гуфтанд напурс, бирав мулозими ӯро пеши мо фирист.

Саройбон равон шуд. Абӯ Дулаф аз ӯ ба назди навкарони султон даъват шудани худашро шунида, як лаҳза ҳайрону ҳаросон истоду пас бо ҷадал аз қафон ӯ рафта боздошташ:

— Соҳиб, саисро фармоед, зуд аспи маро зин бизанад.

Саросемагии ӯ зоҳир буд, саройбон ҳайрон шуд:

— Чӣ шуда? Меравед? Бо ин шитоб?

— Ман ба ҳеҷ ваҷҳ набояд бо ин навкарон рӯбарӯ шавам, инҳо Фирдавсиро, агар ёбанд, баста ба Ғазнӣ мебаранд. Султон ба Фирдавсӣ ғазаб карда, ҳол он ки устод ҳеҷ гуноҳ надоранд. Сухан дароз аст, соҳиб, алъон фурсати гуфтан нест. Ба эҳтимоли қавӣ инҳо ба ҷон устод маро ҳоҳанд бурд, ман бояд фавран аз ин ҷо ғайб бизанам.

Саройбон бо хомӯшии хавотиркашона чанде ба чашми гӯянда нигоҳ карда истоду дигар суоле надод. Саисро садо карда оҳиста фармуд:

— Бидав, аспи ин касро зин бизан. Зуд!

Саиси ҷулхундипӯши побараҳна ва ба як чашмаш гул афтода давон ба тавила рафт.

Абӯ Дулаф ба ҳуҷрааш даромада, саросема чизҳояшро, ки

иборат аз як даст сарулибоси тоза ва ду-се ҷилд китоб буд, ба хӯрҷин андохт ва онро бардошта баромадани шуда буд, ки дар паси дар ногаҳон ба навкари ғул бархӯрд.

— Ассалом алайкум, мулло. Хӯрҷин ба китф, куҷо меравед? — бо лабханди хунуки тамасхурмонанде пурсид ғул.

— Ба Тус,—ҷавоб дод Абӯ Дулаф.

— Номатон чист?

Абӯ Дулаф номашро гуфт.

— Ҳамроҳи Фирдавсӣ будед? Ӯро куҷо монда омадед?

— Ҳар ҷо ки монда омада бошам, ба шумо чӣ?

— Ман ҳар чӣ пурсам, бекилуқол ҷавоб диҳед, мулло,— бо оҳанги амр гуфт ғул,— дар куҷо монда омадед ӯро?

— Он кас Бухоро рафтанд,— ҷавоб дод Абӯ Дулаф,— аз он ҷо ба Самарқанд, Чоч, Фарғона мераванд.

— Чаро танҳо рафт, шуморо ҳамроҳ набурд?

— Лозим медонистанд,— ситезаомез ҷавоб дод Абӯ Дулаф, зеро дар боран Фирдавсӣ беҳурматона «ӯ», «вай» гуфтани навкар қаҳри ӯро меовард.

— Ту ба вай кӣ мешавӣ? — ба «ту» гуфтан гузашта боз суол дод ғул.— Хеш? Мурид? Ё хизматгор?

— Шогирд,— гуфт Абӯ Дулаф.

— Ҳа-а, шогирд... Ришат қариб сафед шудаасту ҳанӯз шогирд?

— Роҳ бидеҳ, гузарам, ман шитоб дорам,—бо қаҳру нафрати ниҳонӣ гуфт Абӯ Дулаф.

— Ту ба ҳеҷ ҷо намеравӣ,—бо лаҳни дурушт гуфт навкар.— Хӯрҷинатро бигузор. Устоди туро султон талаб доранд, вай набошад, ба ҷояш ту меравӣ. Мо то фардо ин ҷо мемистем, асппоямонро дам медиҳем, худамон ҳам дам мегирем. Ту мемонӣ, бе рухсати ман аз сарой берун намебароӣ.

Абӯ Дулаф оташин шуд, эътироз кард:

— Ман бандии ту нестам, озодам, ту чӣ ҳақ дорӣ ки маро боздорӣ? Ин худсарист, ман ба султон арз мекунам.

— Арзатро дар Ғазнӣ мекунӣ, мулло. Мо туро ба Ғазнӣ мебарем, он ҷо ту ба султон куҷо мондаву куҷо рафтани устодатро ҳам арз мекунӣ. Тамом, ман гуфтам, ту шунидӣ,— навкар пас гашту аз зинапоя боло рафт.

Дар вақти гуфтугӯи ӯ бо Абӯ Дулаф саройбон ва чанде дигар аз мусофирони дар меҳмонсаро манзилгирифта низ ҳозир буданд, онҳо медиданд, ки навкар ба каси бегуноҳ зӯроварӣ, бедодгарӣ мекунад, аммо ҳеҷ кадомашон ба муқобили бедодгарии навкари султон ҷуръати даҳон кушодан накард.

Абӯ Дулаф озурдаву хашмгин ночор ба ҳуҷрааш баргашта хӯрҷинро аз китфаш афканд.

Шаб даромад. Дар ҳуҷраҳо мусофирон шамъ гиронда дар оташдонҳои кунҷакӣ алов карда хӯрок мепухтанд, дастархонҳояшонро бо неъмати алвон ороста, гирди он бо ҳамҳуҷраҳо ва ёру ҷӯраҳояшон давра гирифта нишаста бо хӯру нӯш ва чақчақи дилкушо аз давуғеҷи рӯзона истироҳат мекарданд. Фақат ҳуҷраи Абӯ Дулаф торик ва хомӯш буд. Вай ҳатто ба шамъ даргирондан ҳам ҳавсала накард, гурусна бошад ҳам, гуруснагиашро ҳис намекард, нон ва мавиз, ки дошт, аз гулӯяш намегузашт. Парешонҳолу дармонда, ғарқи ғаму андӯҳ, бо ду даст сарашро гирифта дар ҳуҷраи торики худ менишаст. Фикр мекард ки магар хезаду оҳиста баромада гурезад, аммо баъд аз он ки навкар ӯро аз рафтан манъ кард, аспи зин кардааш аз зин бароварда шуда буд, онро аз нав зин задану савор шуда аз меҳмонсаро берун рафтан ғайримумкин буд, дарвозаи меҳмонсароро ҳам баъд аз хуфтан маҳкам карда буданд, вале агарчи маҳкам ҳам накарда буданд, ба аввалин садои суми асп навкарон берун омада ӯро бозмедоштанд. Ногаҳон фикри тозае ба сараш омад: агар ба навкарҳо ришва таклиф кунад чӣ шавад? Ӯ бо худ камобеш то панҷ ҳазор дирам пул дошт, ки як қисми онро Фирдавсӣ аз баҳои аспи ба фурӯш рафтааш ба вай дода буд. Шамъро гирифта баромада ба ҳуҷраи ҳамсоя даромаду онро аз шамъи фурӯзони он ҳуҷра даргиронда баргашт (зеро гӯгирд ё дигар воситаи оташафрӯзӣ мавҷуд набуд). Аз таи хӯрҷин ҳазор дирам бароварда дар ҳамьёнаш андохта баромаду ба ҳуҷраи навкарон равон шуд.

Навкарон ҷомаю мӯзаҳошонро кашида, сабук шуда, баҳузур нишаста буданду таом мехӯрданд.

— Биёед, мулло, биёед, марҳамат, биншинед,— аз ғайри чашмдошти Абӯ Дулаф муроот кард навкари ғӯл.

Абӯ Дулаф нанишаст ва дам назада ба гӯянда ҳамьёни пурро дароз кард.

— Ин чист? — ҳайрон шуд навкар.

— Ҳазор дирам,— ҷавоб дод Абӯ Дулаф.

— Ба мо овардӣ? — боз ба «ту» гуфтан гузашт навкар.— Барои чӣ?

— Барои он ки шумо маро раҳо кунед. Ман як нафар тусии бечораам, дар хона аёлу кӯдакон дорам, ки се моҳ инҷониб чашм ба роҳи мананд. Дар хизмати Фирдавсӣ будам, акнун рухсати бозгашт гирифта ба ватанам равонам.

— Бишин,— амр кард ғӯл.

Абӯ Дулаф хоҳам-нохоҳам нишаст.

Навкар бо лабханди истеҳзо пурсид:

— Мехоҳӣ ҷони худатро ба ҳазор дирам бихарӣ?

— Яъне чӣ? Ман чаро ҷонамро мехаридаам?

— Охир, агар мо туро ба Ғазнӣ барем, албатта, бо фармони султон ба ҷои устодат кушта мешавӣ. Бо ғазаби султон ҳазл мекунӣ?

— «Маро метарсонад, ба гумон, ришваи зиёдтар мехоҳад», ба дилаш гузаронд Абӯ Дулаф. Гуфт:

— Пас ба гуфтаи шумо, агар ҷонамро харидан хоҳам, ба чанд харида метавонам?

— Ҷонат ширин бошад, ба хариданаш хасисӣ накун.

— Ман пули зиёд надорам.

— Ҷонат ширин бошад, меёбӣ.

— Чанд мехоҳед?

— Мо ду нафарем, ба хар яки мо ақаллан ҳазор дирамӣ ду ҳазор бидеҳ,— талаб кард ғул.

Шарики вай бар рӯи фарохаш табассуми хунуке давонда, чашмони кӯчакашро ба Абӯ Дулаф дӯхта, барои чӣ бошад, ки каф ба каф мемолид, гӯё ки ҳамин дам ба расидани ҳазор дирам нигарон буду шодӣ мекард.

— Агар боз ҳазор дирами дигар ёбаму биёрам, шумо маро ҳақиқатан раҳо мекунед? — пурсид Абӯ Дулаф.

— Биёр, боз ҳазор дирам биёру ба куҷое ки хоҳӣ, рафтан гир, мо туро надидем, ту моро надидӣ.

Абӯ Дулаф бархоста рафтанӣ шуд.

— Ту ҳар чи қадар ҳам пул бидиҳӣ, ман туро раҳо намекардам, лекин ту, агар рост гуфта бошӣ, аёлу кӯдакони хурдсол доштай, ки чашм ба роҳи ту будаанд, ба ту раҳм кардам,— лозим дид бигӯяд ғул.

Абӯ Дулаф баромаданӣ шуда буд, ки навкар дар роҳи аз Қобул сӯи Балх наёфтанашон «гурезаҳо»-ро ба хотир оварда пурсид:

— Сабр кун, устодат ва ту аз Қобул, ки баромадед, ба Ҳирот бо кадом роҳ омадед?

— Аввал ба роҳи Балх равон шудем, лекин дар манзили нахуст ба мо гуфтанд, ки он роҳ аз кӯҳсорон мегузарад ва душвор аст, бинобар ин ба рост тоб хӯрда ба роҳи Ҳирот баромадем,—маслиҳати соҳиби корвонсарои Қобулро ба ёд оварда ҷавоб дод Абӯ Дулаф.

Навкарон вақте ки дар Қобул ба гуфтаи соҳиби корвонсаро бовар карда дар таъқиби Фирдавсӣ ба роҳи Балх афто-

данд, чун шитоб мекарданд, дар манзили якум, ки деҳкада дар қади роҳ буд, наистода пеш рафта буданд. Ҳоло навкари ғул пушаймон шуд, ки чаро дар он деҳкада напурсид, ки дирӯз ё парерӯз аз он ҷо мусофироне гузаштанд ё на.

Абӯ Дулаф баъд аз соате боз ҳазор дирам оварда ба навкарон дод.

Он шаб хоби ӯ ҳаром шуд. Ва ин на фақат аз аламу озурдагии ӯ буд. Дар саҳни сарой ташвишу тараддуд буд, ҳар замон ғалоғулае баланд мешуд: навкарон саройбонро садо карда аз вай шароб, созандаю сароянда, амрад талаб менамуданд. Саройбон саису фаррошро ба кадом ҷоҳое барои шаробу сароянда овардан медавонд. Ниҳоят дар ҳуҷраи навкарон базми пурғавғое сар шуд. Мусофирон ҳама аз хоб монданд. Сипас навкарони маст бо шӯру ғавғо ба ҳуҷраҳо зада даромада ба бошандагон дармеафтиданд, аз онҳо бо дӯғу пӯписа чизе рӯёндани мешуданд. Саройбонро боз маҷбур мекарданд, ки аз мусофирон барои мо пул ҷида биёр, бигӯ, ки навкарони султон бе роҳхарҷӣ мондаанд. Саройбони бечора ҳуҷра ба ҳуҷра гашта пул мечид. Шаб ҳама шаб дар меҳмонсаро аҳвол ҳамин буд, то он ки бомдод дамиду Абӯ Дулаф савор шуда ба роҳ афтод.

## Гӯшанишини сиррӣ

Деҳкадае ношинос, ҳуҷрае монанди корхонаи тусии шоир дар даруни боғча, агарчӣ аз он хурдтар ва безебтар ҳам бошад, воқеан **ҷои хилват буд.**

Дар вай зиндагонии ғарибонаи шоир оғоз ёфт.

Боғча аз се тараф дар иҳотаи похсадевори пастаке афтода буд, хона сӯи ҳавличаи Ҳошим паҳлу гардонда меистод, онро аз пеш ва аз чап дарахтону токзор панаҳ мекарданд. Фасли хазон буд, шамолу боронҳои сарди тирамоҳӣ барги дарахтонро меафшонданд. Дарахтони бараҳнаву нимбараҳна, лонаҳои вайрону холии паррандагон дар шохҳои онон, деворҳои бороншуставу ҷо-ҷо ғалтида, осмони тира,— ин манзараи тирамоҳӣ дар дилҳо маҳзунӣ, ҳасрату андӯҳ падид меовард.

Бобак ҳафтае як бор хараки соҳибхонаро савор шуда ба шаҳр мерафт, харид карда меомад, ба Абӯбакри Исмоил хабар бурда хабар меовард. Хӯрок мепухт, барои таҳорати устод об ҳозир мекард; рӯбучини ҳуҷра ҳам ба ӯҳдаи ӯ буд... Ҳар гоҳ, ки аз ин шуғлҳо ӯро фароғате даст медод, ӯ монан-



ди пештара порчаҳои манзуми шоирро аз ёд мекард, ё ки барои Ширинаш пинҳонӣ шеър менавишт. Пӯшоки устодаш ва худашро зани Ҳошим — Дилшодбону шуста медод. Гоҳ-гоҳ Абӯбакри Исмоил омада дар он кунҷи танҳоӣ дар пеши шоир як шаб хоб карда мерафт. Мусоҳибати вай дилхоҳтарин соатҳои зиндагонии Фирдавсӣ буд.

Барои сайри фикру хаёл замоне мусоидтар аз танҳоӣ нест. Шоир дар бораи айёми гузаштаи умраш фикр мекард. Дар тӯли умри ҳафтодуяксола чиҳое ки аз сари ӯ нагузашт. Ними ин умр ба «Шоҳнома» сарф шуд. Таърихи дуҳазорсола бо тамоми ҳақиқатҳояш, ривояту афсонаҳояш, неку бадаш, фоҷиаю мазҳакаҳояш, ҷангу ҷидолҳои бешумораш аз нав аз сари шоир,—на, аз дили вай гузар кард. Вай Аҷамро зинда гардонида ба ҳамзамонон, ба омадагонуояндагон намоёнд. Оё дар ҷаҳон фарде чунин кореро анҷом додааст? Вай одамият ва муруввагро ситуд, хирад ва додро ситуд, тоҷдорони бохираду бехирад, додгару бедодгарро нишон дод, ҷангҳои дод ва бедодро тасвир кард, то ки шоҳон бихонанду панд бигиранд. Ӯ дар рӯи Замин чунон як коҳи муаззаме аз назм барафрошт, ки завол ҳаргиз ба он роҳ намеёбад, дар Замин тухми бебаҳое, ки исмаш сухан аст, кошт. Ин кишти ҳамешасабз, ҳамешазой, ҳамеша барӯманд ба худи ӯ чӣ ҳосиле овард? Нокомӣ, номуродӣ овард. Оне ки шоир аз ӯ умеди некӣ дошт, бадӣ пеш овард. Ӯ хушбахтӣ меҷуст, бадбахтӣ ёфт. Э дареғ, чаро вай ҳосили заҳмати сиюпанҷсолааш, асари бемислу монандашро ба он тоҷдори тиҳимағз, ба бадгавҳари дунҳиммат, он ба зар тавонгару ба дониш гадо бахшид? Шоҳ Маҳмуд ӯро ранҷонд, сахт ранҷонд, он ситамгари аз одамияту муруввaт бехабар мехоҳад ӯро ба пои фил андозад, аммо шоир дар ҳаққи ӯ чизе хоҳад гуфт, ки ҳаргиз ҳеҷ шоире дар ҳаққи ҳеҷ подшоҳе нагуфтааст. Гуфтаи ӯ то абад ҳамчу санади бадномии шоҳ хоҳад монд, зеро

Ки шоир чу ранҷад, бигӯяд ҳиҷо,
Бимонад ҳиҷо то қиёмат баҷо.

Бо ҳамин хаёлоти аламнок Фирдавсӣ дар он гӯшаи танҳоӣ ҳаҷви машҳури худро дар бораи султон Маҳмуд навишт, ки ҳазор сол инҷониб вирди забони наслҳост. Оқибат, ба гуфтаи шоири дигар:

Гузашт шавкати Маҳмуду дар замона намонд
Ҷуз ин фасона ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

Зимистон даромад, заминро саросар лиҳофи сафеди барф пӯшонд. Дар мобайни хонаи хунук сандалӣ шинонданд, шоир дар он нишаста соатҳо ғарқи фикру хаёл мешуд, ё дар ҳаҷвномааш мулоҳиза карда байте аз он кам менамуд, ё байти наве бар он меафзуд, ё ки «Йӯсиф ва Зулайҳо»-ро ба даст гирифта ба тасҳеҳу такмили он машғул мегардид. Аз «Шоҳнома» дилсард шуда буд, ба он нигоҳ карданаш намеомад, ба хондани китобҳои дигар низ ҳавсалааш намонда буд. Рӯзҳо гоҳе офтоб дар паси туманҳо нопадид ва ҳаво тира мегардид, дар ин гуна рӯзҳо шоир махсусан дилтанг мешуд; чун боз офтоб тобон шуда барфҳоро об мекарду аз лаби бом чак-чак қатра мечакид, ин ҳам ба тори асаби ӯ захма мезад.

— Чаро Фирдавсӣ аз султон бахшоиш намехоҳанд, ба вай тавбаномае намефиристанд? Агар манзумае мутазаммини тавба мефиристоданд, шак нест, ки султон гуноҳашонро мебахшид.

Ҳамин тавр мегуфт Ҷавҳарии Заргари шоир ба Исмоили саҳҳоф. Исмоил аз ихлосу эҳтироми хоси Ҷавҳарӣ нисбат ба Фирдавсӣ огоҳ буда ва ӯро ҳамчу шахсе мӯътамаду мӯътабар мешинохт, аз ин рӯ пинҳоннишини деҳкада будани Фирдавсиро ба ӯ гуфта буд, вале дар куҷо будани он деҳкадаро пинҳон медошт. Ҷавҳарӣ ба ҳоли Фирдавсӣ бисьёр дилаш месӯхт ва аз ғояти дилсӯзӣ ҳатто мегирист. Қасидагӯйи ҳиротӣ ду бор ба қасидаҳояш аз султон атоҳо гирифта, сидқан дӯстдоранда ва парастандаи вай шуда буд, ба овозаи бахшояндагиву додгарии султон Маҳмуд,—овозае, ки маддоҳон ва дигар чоплусони дарбори султон паҳн мекарданд, бовар дошт. Вай аз Исмоил илтимос кард, ки як бор ӯро ба назди Фирдавсӣ барад. Мехост шоири гурезаро ба дурустии ақидаи худаш дар бораи султон бовар кунонда ба бахшоиш пурсидан аз ӯ розӣ намояд.

— Розӣ кардан наметавонед, дар ин бора бо устод гуфтугӯ карданатон суд надорад,—ҷавоб медод Исмоил ба ӯ.

— Хуб, ҳар чи ҳам бошад, як бор маро ба наздашон баред, агар розӣ карда натавонам, лоақал бо эшон дидор мекунам, ҳолпурсӣ мекунам,— исрор менамуд Ҷавҳарӣ.

Саҳҳоф ночор ӯро як шаб ба деҳкада бурд.

Ҳаво хунук, хона ҳам мисли берун хунук буд. Шамъ дар токча милт-милт сӯхта фақат андаке рӯшноӣ медод. Фирдавсӣ ва Бобак гирди сандалӣ нишаста буданд. Бобак суолу ҷаво-

би Бузургмеҳр ва мӯбадонро аз ёд меҳонд, устод гӯш мекард. Ҷавҳарӣ шоирро нисбат ба он ки бори охирин дар Ғазнӣ дида буд, пиртар ёфт. Ӯ беморнамо, танаш коста ва рангу рӯяш зардӣ гирифта буд. Хонаи нимторики танг ва ҳақир бо палоси кӯҳна, бо сандалии пастаки бар рӯяш кӯрпаи чиркин пӯшондашуда, тарошае чанд дар пеши оташдон, манзили дарвешон ё ҳуҷраи толибилми қашшоқеро ба хотир меовард. Гувоҳи бечорагиву ғарибии раҳмангезе. Фирдавсӣ бо каммадории пирона ба пешвози меҳмононаш бархост. Ҷавҳарӣ ӯро оғӯш карда фих-фих гирист. Ӯ ба ҳоли шоири ҷафокаш, ки ба ночорӣ дар ин кунҷи узлат пинҳон шудааст, мегирист. Омадагон ба ду кодоки холии сандалӣ нишастанд. Фирдавсӣ узр хост, ки меҳмонони гиромиро ба ҷуз як коса шарбати ангур бо ҳеҷ чиз зиёфат карда наметавонад.

— Чӣ ҷои узр гуфтан аст, устод, мо худ ғами моидаамонро* хӯрда омадаем,— гуфт Абӯбакри Исмоил ва хӯрҷинашро пеш кашиду аз он чаҳорто нон, ҳалво, мавиз, як тикка гӯшти яхнӣ баровварда ба рӯи сандалӣ гузошт. Вай каме қаҳваи кӯфта ҳам оварда буд, Бобак дар оташдон алов карда ба обу қаҳваҷӯшонӣ андармон шуд.

Саҳҳоф ҳозиронро ба хуриш таоруф карду сари гуфтугӯро боз намуд:

— Банда хилваткадаи шуморо, устод, ғайр аз мавлоно ба ҳеҷ кас маълум накарда будам,—ба Ҷавҳарӣ ишора карда гуфт ӯ,—зеро банда агар дар Ҳирот ба амонати** ду шахс эътимоди комил дошта бошам, яке мавлоно мебошанд. Хостори зиёрати шумо шуданд.

— Мамнунам, аз эшон хеле мамнунам,—бо овози хаста гуфт Фирдавсӣ.

— Аз ҳамон рӯз, ки ин ҷаноб дар деҳкада узлат гирифтани хазратро ба банда маълум карданд, соате набуд, ки банда дар бораи ҳазрат фикр накунам,— гуфт Ҷавҳарӣ.— Фикр мекардаму мегиристам, ки,— гуфторашро бар ҳасби одати худ бо суханпардозӣ давом дод ӯ,— ҷаро фалаки ҷафопеша маҳз ҳамчу шумо ваҳиди замон ва нодираи давронро ҳадафи тири ҷафои хеш сохт. Дар намоз даст ба дуо мебаровардаму мегуфтам «Худовандо, ҳазрати Фирдавсиро дар паноҳи худат нигоҳ дор ва аз ҳаводиси наҷоташон бахш». Пайваста орзуи дидор мекардам. Шукр, имрӯз аз марҳамати ҷаноби Абӯбакр дидор

* *Моида* —дастархон бо хӯрданиҳо.
* *Амонат* — ростӣ, бошарафӣ, сидқ.

муяссар шуд. Ҳазрат ки худ хирадманд ва ҳаким ҳастанд, аз он чи амри қазову қадар будааст, худро набохта, пешомадҳои талхро бо сабурии ҳакимона таҳаммул мекунанд, иншооллоҳ подоши ин сабуриҳо аз лутфи худованди хоҳад расид. Поёни шаб субҳ аст, офтоб аст, рӯшноист.

Баъд аз аҳволпурсиҳо як дам хомӯшона «моида»-и саҳҳофро тановул карданд. Дар ин миён қаҳва ҳам тайёр шуд, Бобак онро ба пиёлаҳо рехт. Ҷавҳарӣ қаҳваи гармро ҳӯрт кашида, ба гуфтани он чи мехост ба Фирдавсӣ бигӯяд, шурӯъ кард:

— Ҳазрат! Имрӯзҳо банда як чиз андешидам, иҷоза фармоянд ба тариқи маслиҳат арз кунам. Дар ин мушкил ки шуморо пеш омадааст, чора чист? Салоҳи кор кадом аст? Оё на он аст, ки аз султон бахшоиш хоста шавад? Сари хамро шамшер намебурад. Агар ҳазрат қасидае мутазамммини узру тавба иншо кунанду ба даргоҳи олӣ бифиристанд, чӣ шавад? Бошад, ки султон он чиро, ки аз ҷониби шумо гуноҳ донистаанд; афв фармоянд? Банда ба умед «бошад ки» гуфтам, вале дилам гувоҳӣ медиҳад, ки афви гуноҳ, албатта содир хоҳад шуд. Дар мушкили шумо ҳаминро маслиҳат мебинам, агарчи ба хирадманде ва ҳакиме ҳамчу шумо маслиҳат додани банда густохӣ ва беадабист.

Фирдавсӣ сукут кард ва пасон аз токча харитаи худро гирифту аз даруни он вараҷе чанд бароварда ба Ҷавҳарӣ дароз кард ва гуфт:

— Бихонед. Бо овоз бихонед.

Бобакро фармуд:

— Чароғро бияфрӯз.

Бобак чароғи сиёҳи нафтсӯзро даргиронда дар токча паҳлуи шамъ гузошт.

Ҷавҳарӣ вараҷҳоро ба шамъу чароғ наздик бурда ба хондан шурӯъ кард:

### «Гуфтор дар ҳаҷви султон Маҳмуд»

«Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой!
Зи кас гар натарсӣ, битарс аз худой»...

Оре, ин ҳамон ҳаҷвнома буд, ки баъдҳо дар муқаддимаи нашрҳои бешумори «Шоҳнома» дарҷ шуда ва машҳури олам гардид.

Шоир гӯё бо шоҳ рӯбарӯ истода, қаламашро теғ сохта ба ӯ хитоб мекард:

Надидӣ ту ин хотири тези ман,
Наяндешӣ аз теғи хунрези ман,
Ки баддину бадкеш хонӣ маро,
Манам шери нар, меш хонӣ маро.

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Ҷахон аз сухан кардаам чун бихишт,
Аз ин беш тухми сухан кас накишт.

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Басе ранҷ бурдам бад-ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ...

Ҷавҳарӣ вақте ки ба ин байт:

Ба дониш набуд шоҳро дастгоҳ,
Вагарна маро барнишондӣ ба гоҳ

расид, дар чеҳрааш ва овозаш осори як навъ тарсу бим зоҳир гашт. Шоири шоҳдӯст ва тарсу дар ҳаққи шоҳ суханони нешдори занандаро ёрои бар забон овардан надошт. Қироаташро қатъ карда варақҳоро ба Исмоил дод:

— Шумо хонед.

Исмоил хонд:

Пашизе * беҳ аз шаҳриёре чунин,
Ки на кеш дорад, на оину дин.
Парасторзода ** наёяд ба кор,
Агарчанд дорад падар шаҳриёр.
Сари носазоён барафроштан
Ва з-эшон умеди беҳӣ доштан
Сари риштан хеш гум кардан аст,
Ба ҷайб — андарун мор парвардан аст.
Дарахте ки талх аст вайро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи бихишт,
В-ар аз ҷӯи хулдаш *** ба ҳангоми об
Ба беҳ ангубин **** резию шаҳди ноб,
Саранҷом гавҳар ***** ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.
Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷомаи ту ҳама анбарӣ

---

* *Пашиз* — пулаки моҳӣ, пули пучак.
** *Парастор* — ин ҷо ба маънои ғулом, каниз.
*** *Хулд* — бихишт.
**** *Ангубин* — асал.
***** *Гавҳар* — зот, асл.

В-агар ту шавӣ назди ангиштгар,
Аз ӯ ҷуз сиёҳӣ наёбӣ дигар.
Зи бадгавҳарон бад набошад аҷаб:
Нашояд сутурдан сиёҳӣ зи шаб.
Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.
Зи бад-асл чашми беҳӣ доштан,
Бувад хок бар дида анбоштан.

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Бинолам ба даргоҳи яздони пок,
Фишонанда бар сар пароканда хок,
Ки: ё раб, равонаш дар оташ бисӯз,
Дили бандаи мустаҳиқ барфурӯз.

Фирдавсӣ ба Ҷавҳарӣ гуфт:

— Ин аст «тавбанома»-и ман ба султон!

Ҷавҳарӣ аз ҳаҷвнома бехабар буд, забонаш лол гашт. Сукут кард. Бо чунин нотарсиву ошкоргӯӣ ва бо чунин тундию талхӣ султонро айбдор кардани Фирдавсӣ ӯро ба ҳайрат афканд ва тарсонд.

— Қаҳваатон хунук шуд, нӯшед,— гуфт ба вай Исмоил.

Ҷавҳарӣ қаҳваро нӯшиду пиёлаи холиро рӯи сандалӣ гузошта, ниҳоят боз ба забон омад.

— Бале,— гуфт ӯ,— пас аз ин ҳаҷвнома, дар воқеъ, чӣ ҷои узру тавба? Ин шабеҳи эълони ҷанг аст.

— Ман медонам,— гуфт Фирдавсӣ ба ӯ,— маслиҳате ки шумо ба ман медиҳед, аз рӯи дилсӯзӣ ва некхоҳист, аммо кор аз тавбаву узрхоҳӣ гузаштааст... Назди шоҳи бехираду бедониш, худкома, пастфитрат, ҷаҳолатпешаи маърифаткуш сар хам кунам? Ҳошо! Вай Шаддоди замон аст, ки ҳазорон мардуми бегуноҳро бо тӯҳмати қарматӣ будан бераҳмона мекушад, пайваста ба кишварҳои наздику дур тохта, ин баддин бо номи дин мардумкушӣ ва ғоратгарӣ мекунад. Зару моли беҳисобе, ки аз ғорату яғмои кишварҳо ба даст овардааст, ба хазинаҳояш намегунҷад, вале раиятҳои бадбахташ аз хироҷҳои гарон хонабардӯшанд ё аз гуруснагӣ ҷон мекананд. Пеши чунин шоҳе сар хам кардан ба зиллату ҳақирии худ тан додан мебуд. Бигузор ба вай чоплусони гадотабъи беномус сар хам кунанд, банда аз он тоифа набудаам ва нестам. Гумон мекардам, ки ин мустабид «Шоҳнома»-ро хонда аз корҳои савобу хатои шоҳони пешин панд мегирад, вале ӯ на хондан мехоҳад ва на панд гирифтан. Аслан «Шоҳнома»-ро ба вай бурдани

ман хатое буд, ки аз он пушаймонам, аз худованд мехоҳам, ки ин хатои маро бар ман биёмурзад.

...Нисфишабӣ Ҷавҳарии Заргар ва Абӯбакри Исмоил бо Фирдавсӣ хайрбод карда сӯи шаҳр саворӣ намуданд.

Дар охирҳои зимистон Абӯ Дулаф аз Тус ба Ҳирот омад. Абӯбакри Исмоил дар аввал ӯро нашинохт — ровӣ дар роҳи дароз аз ҳунукиҳо ва шамолҳои дашту биёбон хеле азоб кашида, лоғар шуда, чеҳрааш ранги сиёҳтоб гирифта ва очингҳои майда бароварда, ними ҳар ду бари рӯяшро риши анбӯҳи чингила пӯшонда буд, вале худ солиму бардам менамуд.

Баъд аз салому алайк нахустин пурсиши ӯ дар бораи Фирдавсӣ буд, Исмоил ӯро осуда кард, ки устод, шукр, сиҳатсаломатанд. Саҳҳоф аз хабарҳои Тус ҷӯё шуд ва пурсид, ки ӯ, Абу Дулаф, ба устод чи хабари хуш овард, ровӣ бо андӯҳ гуфт:

— Дареғо, ки ҳеҷ як хабари хуш наёвардам; хабаре ки ки дорам, ба устод гуфтан наметавонам.

— Чӣ воқеа? Чаро гуфтан наметавонед? — хавотир кашид Исмоил.

Абӯ Дулаф оҳи дардноке баровард:

— Устодро модарашон барои дарду аламҳо зоида будаанд магар... Он ҳама мусибатҳо, ки устод кашиданду мекашанд, кам будааст, ки боз як мусибати тоқатшикан, ҳамчу як қотилу роҳзани бемурувват ба қасди эшон дар камин будааст. Завҷаи устод вафот карданд.

— Худовандо! — даст бар сар зад Исмоил.— Не, не, зинҳор ин хабари машъумро ба устод нарасонед. Не, не, ба ҳеч ваҳч. Гӯед, ки саломатӣ, хотирҷамъист. Маслиҳатомезии дурӯғ дар ҳамин гуна маврид аст.

— Албатта,..— парешонхотирона гуфт Абӯ Дулаф.

Вай шомгоҳ аспакӣ сӯи деҳкада равон шуд. Ба ҷои ин ки аз хабари саломатии устодаш ва аз мулоқоти дарпешистода бо вай шод бошад, ношод ва малул буд. Дар нимторикӣ, пасон дар торикӣ мобайни боғоту киштзорони холӣ ва дашт оҳиста асп меронду рӯзҳои бемории Фотимабону ва вафоти ӯро ба ёд меовард. Дар Тус вай якчанд бор ба аёдати бонуи бемор рафта буд. Як бегоҳ аҳволи бону бад шуд. Абӯ Дулаф низ дар сари болини ӯ ҳозир буд. Бону бо табу тоб дар бистар хобида мегиристу менолид, овози пур аз аламу ҳасрати ӯ ҳанӯз дар гӯши Абӯ Дулаф танин дошт:

«Бечора ҳамсарам, нокому номурод ҳамсарам, маҳбубам, на ин ки рӯи туро надида мемирам? Охир, ту дар куҷоӣ, ба пиронсолӣ дар кадом диёри ғурбат сарону саргардон гаштаӣ? Тоҷи сарам, муттакоям будӣ. Оҳ, ин чи қисмати талхтар аз заҳр, чи сарнавишти шум буд, ки насиби мо шуд? Э вой, агар ту дар ғурбат фавтида бошӣ, инак ман ба пеши ту мешитобам, барои Фотимаи бадбахтат дар паҳлуи худат ҷой бигузор. Агар зинда бошӣ,— илоҳо баъд аз сари ман боз сольёни дароз умр биниву ба шодии фарзанду набераҳоят зиндаю саломат баргардӣ. Ман ёди азизи ту, муҳаббати туро ба хок мебарам».

Дар тирамоҳи гузашта, вақте ки Абӯ Дулаф устодашро дар деҳкада гузошта рафт, пеш аз он ки ӯ ба Тус бирасад, фармони султон Маҳмуд ба дастгир кардану ба пои фил андохтани шоир ва гуреза будани ӯ ба тусиён маълум шуда буд — навкарони ба ҷустуҷӯи Фирдавсӣ баромада ин хабарро ба Тус оварда буданд. Воқеаи даҳшатангез ба аҳли хонаводаи шоир ҳам маълум шуда буд. Абӯ Дулаф ҳамон ривоятеро, ки худаш бофта буд, такрор мекард, яъне устодаш сар ба Мовароуннаҳр, ба Бухорову Самарқанд гирифт.

Омадани вай Фирдавсиро он қадар шод кард, ки гӯё писараш зинда шуда ба суроғи падараш омада буд. Албатта, шоир нахуст аз аҳволу саломатии аҳли хонаводааш пурсон шуд. Абӯ Дулаф бо сари хам ва чашмони ба зер афканда ҷавоб дод, ки аҳли хонаводаи ӯ ҳама дар саломату офиятанд. Боз хабари дигар: вақте ки ду навкари султон дар таъқиби Фирдавсӣ ба Тус расида, фармони султонро дар бораи ҳабсу қатли шоир маълум кардаанд, дар шаҳр шӯру валвала бархостааст, мардумон дар изтироб афтода, ба султон нафрат мехондаанд, атрофиёни шайх Абулқосим, уламо ва охундҳо дар зоҳир изҳори таассуф кунанд ҳам, дар ботин шодӣ мекардаанд.

Фирдавсӣ шубҳа надошт, ки агар ин вақт ӯ дар Тус мебуду махфӣ ҳам мешуд, он зотҳо ӯро ба ҳукуматдорон дошта медоданд. Абӯ Дулаф боз хабар овард, ки дар хонаҳо ва маҳфилҳои тӯсиён шоҳномахонӣ дар авҷ аст, ҳатто авомон ҳам абьёти китобро аз бар карда месароянд.

Ровӣ як ҳафта ҳамнишину ҳамдами устод шуду рафт, ба Тус баргашт. Баъд аз он ёрони кунҷи узлати шоир боз ҳамон ҳаёлоти худаш ва Бобак буданду бас.

Шаш моҳ аз гӯшагириву маҳҷурии шоир гузашт.

Зимистон рафт, баҳор омад. Табиат аз хоби гарон бедор шуда бо оби боронҳои баҳорӣ рӯй мешуст. Рӯз ба рӯз замин сабзу хуррам, дарахтони боғ гулпӯш мешуданд, талҳоро бой-

чечаку лолаи хандон мепўшонд; паррандаҳо шодона нағмасаро мегардиданд, аммо ин ҳама ҷилваҳои баҳори дилафрўз дили шоирро намеафрўхтанд, ў шамол хўрда бистарӣ шуда буд, таб мебаровард. Давоҳои табибӣ аз шаҳр овардаи саҳҳоф ба тани заифгашта чандон нафъ намекарданд. Бемориӣ тўл кашид, Фирдавсӣ ба ваҳми марг афтод. Ҳаёли ин ки мумкин аст ў дар ин гўшаи бекасӣ бимирад, ўро ба даҳшат меовард. Ба Абўбакри Исмоил мегуфт ки «Агар ба лутфи худовандӣ беҳ шавам, ба ватан бармегардам». Дар миёнаҳои баҳор беморӣ рў ба беҳбудӣ овард. Бо кўшиши Абўбакри ғамхор ва Бобаки парастор ў баъд аз ду ҳафта сиҳат ёфта ба по бархост.

Дар ин миён хабар расид, ки султон Маҳмуд аз нав бо лашкари гарон ба сафари Ҳинд рафтааст. Дар бораи ба пои фил андохтани Фирдавсӣ гуфтугўҳо пасанда шуда буданд. Фирдавсӣ вазъиятро барои аз гурезгоҳаш берун омадан мусоид дониста, ба тараддуди сафар афтод.

## Ба Ватан, ба Ватан!

Бо исрори шоир дўсти саҳҳофаш барои ў дар яке аз корвонҳои роҳгузар шутуре киро кард.

Рўзе аз рўзҳои охири баҳор Фирдавсӣ бо дастьёраш дар ду каҷоваи ҳамоили шутур нишаста роҳи Тусро пеш гирифтанд.

Сафарашон бе ҳаводис, ба хайрият гузашт.

Вақте ки ба Тус расиданд, тобистон дар ҷўшу ҷавлон буд. Шоир ба манзараҳои мўниси ҷонаш бо хаяҷони қалбиву дидаи пазмонӣ менигарист. Дар шўълаи офтоби тобон майсаи киштҳои ғалларо, дар каланду хишовад сабзавот ҷунбуҷўли мардону занонро, дар нишеби теппаҳо чаридани подаю рамаҳоро дида дилаш меболид. Аз боғу роғ бўи диловези сабзаю шукуфаҳо ба машом мерасид. Қашафрўди пуроб солҳои бачагӣ ва ҷавонии шоирро, айёмеро, ки вай дар рўд бо ҳамсолону рафиқонаш шиноварӣ мекард, ё саҳаргоҳони серуни роҳатафзоро, ки ў дар соҳили рўд гардишкунон дар фикраш тартибу услуби қиссаи навбатии «Шоҳнома»-ро тарҳ менамуд, ба ёди вай меовард.

Шоир аз куҷо медонист, ки ин шодию фараҳмандиаш аз дидори ватан ба зудии зуд ба мотами сиёҳ табдил меёбад?

Дар Бож ўро духтару домодаш, набераҳояш ба ҷои нидоҳои шодӣ бо гирьяи ҳой-ҳой пешвоз гирифтанд. Найсонӣ,

Равшан ҳам мегиристанд. Фотимабону дар байни онҳо набуд. Фирдавсӣ ба фоҷиа пай бурд, ҳис кард, ки кадом як банди дилаш канда шуд, поҳояш суст шуданд, беҳолона ба замин фурӯ нишасту ду даст бар сар зада фиғон бардошт:

— Эй вой хок ба сарам! Во Фотимаҷонам, во ёри меҳрубонам, хамсари аз ҷон азизтарам! Ман сӯи ту мешитофтам, ту куҷо рафтӣ? Чаро аз ман пештар рафтӣ? Эй пири бадбахт, ба ватан расидиву боз ғариб шудӣ!...

Хамсояҳо омада, ба азодории шоири мусибатзада шарик шуданд, навҳа андохтанд. Ҳавлӣ мотамсаро гашт. Пирамардон ӯро тасаллӣ медоданд, мегуфтанд, ки ӯ худ ҳаким аст ва беҳтар аз ҳар кас медонад, ки аз қазову қадар гурез нест, гирьяву нола рафтаро бознамеорад ва зинда ҷуз сабр чора надорад.

Фирдавсӣ як ҳафта мотам гирифт, дар сари қабри ҳамсараш қурбониҳо кард. Чору ночор ба мусибати наваш мадоро карда, кам-кам ба худ омад.

Дар ин миён аз ҳама ғамгинтар Бобак буд. Ширини ӯро як моҳ пеш ба шавҳар дода буданд. Духтарак ба ҳафдаҳ қадам монд, аз Бобак дарак нест, падару модари Ширин дигар дар хона нигоҳ доштани духтари болиғаашонро номумкин дониста, ӯро ба никоҳи яке аз барзгарони ҷавон дароварда буданд. Бобаки ноком ду рӯз аз деҳа гум шуд, Фирдавсӣ ба суроғаш ба ҳар тараф одам фиристод, ӯро дар роҳи Нишопур дар як корвонсаро ёфтанд ва гардонда оварданд. Сарафканда ва малул буд, ба пои хоҷааш ва устодаш афтида гирист. Фирдавсӣ аввал ӯро ҷанг кард, ки чаро ба вай ҳеҷ чиз нагуфта ин тавр дуздона гурехт, вале баъд тасаллӣ дод:

— Гиламанд бошӣ, аз ман гиламанд бош, писар: ман туро ба сафар бурдам ва дер нигоҳ доштам. Чора набуд, ба ту одат карда будам; бе ту ҳоли ман мушкил мебуд. Ту ба ман ба ҷои писарам писар шудӣ. Ин қадар ғусса махӯр, худатро ба даст гир.

— Намехоҳам, дигарашро намехоҳам,— гӯён мегирист ҷавони ҳиҷронзадаи номурод.— Фотеҳа карда буданд... ба вай савғотӣ оварда будам...

Бобак гирьён аз ҳуҷра баромад.

Фирдавсӣ духтарашро ба наздаш талабид.

— Бобак ба ман ба ҷои писарам писар шуд,— гуфт ӯ ба Манижа,— ту ӯро додарат бидон меҳрубонаш бош. Бароят духтари хуберо хостгорӣ бикун. Ҳаққи хизмати Бобак ба гардани ман аст, як-ду ҷариб заминамонро ба номи ӯ васиқа мекунам.

Аз мобайн ду моҳ гузашт. Қор бад-он анҷомид, ки Бобакро ба духтари яке аз кашоварзони деҳа хонадор карданд. Фирдавсӣ ба ҷои падари домод ва Манижабону ба ҷои модараш шуда, хароҷоти тӯи арӯсӣ ва маҳри арӯсро бардоштанд. Андаке бештар аз як ҷариб замини меросии шоир бо васиқа ва мӯҳри қозӣ ба Бобак бахшида шуд.

Фирдавсиро шайхи бузург Абулқосим мусулмони риёӣ ва маҷуси ниҳонӣ эълон кард. Абдуннабии шодобӣ дар ҷомеъи Тобирон ба ҷамоат мегуфт, ки гирифторшудан ғазаби подшоҳи исломро набояд ба масҷид роҳ дод. Уламо ва охундҳо, пайравон ва шогирдони онҳо аз Фирдавсӣ канорагир шуда, ба маҷлису маъракаҳояшон даъваташ намекарданд, ба саломаш базӯр алайк мегуфтанду мегузаштанд. Арслонхони ҳоким бошад, агар султон дар сафари Ҳинд намебуд, бешак шоирро гирифта ба Ғазнӣ мефиристод.

Фирдавсӣ ба ҷаҳону ташвишҳои он пушт гардонда, худро дар ҳуҷраи даруни боғаш маҳбус кард. Манижабону ӯро парасторӣ менамуд. Найсонӣ меомад, бо шоир шоҳмот мебохт, латифаҳо мегуфт. Муҳаммади Лашкарӣ ва дигар дӯстону мухлисони шоир аз ҷумлаи фозилони шаҳр ба зиёраташ меомаданд, Фирдавсӣ дар сӯҳбати онҳо ягон соат ҳам бошад ғаму андӯҳро фаромӯш мекард. Вақтҳои дигар вай ба ибодат дода мешуд. Аз китобҳо фақат Қуръон мехонду бас. «Йӯсифу Зулайхо»-яшро (ки дар шеърият бо «Шоҳнома» ба муқоиса намеояд), беҳтарин асари худ мешумурд, ва ба ин достон порчаҳои наве изофа мекард.

Аммо пиршоири ҷафокашро боз ҳам осуда нагузоштанд.

Шӯҳрати «Шоҳнома» рӯзафзун буд. Достонҳои он нусхабардорӣ шуда даст ба даст мегаштанд. Шоҳбайтҳо, пандҳо, ҳикматҳои он ба ҳукми зарбулмасал даромада, мисраъҳои ҳаҷви шоҳ Маҳмуд ба забонҳо афтода буданд. Ҳаҷвро нахустин бор дар Ҳирот Абӯбакри Исмоил ва Абӯ Дулаф хонда буданд ва нахустин шунаванда Бобак буд. Бобак баъзе байтҳои ҳаҷвномаро аз ёд карда буд ва ба ҷӯраҳояш мехонд, ки бад-ин восита ӯ сабабгори паҳн шудани он байтҳо гардид, чунончи ин байтҳо:

Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Маро барниҳодӣ ба сар тоҷи зар
В-агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ.

Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёраст номи бузургон шунуд.

Шӯҳрати шоир ва «Шоҳнома»-и ӯ рег ба кафш ва кайк ба тунбони шайххову охундхо меандохт. Абдуннабии шодобӣ дар ҳама ҷо овоза меандохт, ки Фирдавсӣ ба подшоҳи ислом осӣ шуда, аз ғазаби ӯ гурехта дар деҳаи худ пинҳон шудааст. Хатибон ҳар гоҳ ки дар хитобаҳояшон ба қарматиҳо, мӯътазилиҳо, фалсафиҳои бадкеш лаънат мефиристоданд, маҷусон ва «ситоянда»-и онҳоро низ фаромӯш намекарданд. Фақат иғвоҳои онон аз ҳуҷумҳои забонӣ он сӯ намегузашт, онҳо ҷуръати аз гуфтор ба кирдор гузаштан намекарданд, зеро фозилон ва адибони шаҳр, оммаи мардум муҳибби шоир буданд, ба хоркунандаи ӯ шоҳ Маҳмуд нафрат мехонданд. Боре Найсонӣ ба устод хабар овард, ки дар ҷомеъи Тобирон баъд аз намоз, вақте ки шайх Абулқосим ба ҷамоат дар бораи Фирдавсии «эътизолмазҳаб» ва «ситояндаи маҷусон» сухан меронд, Муҳаммади Лашкарии пир бо овози баланд ба ӯ ҷасурона эътироз кард: «Ҳазрат! Чунин суханҳо, ки дар ҳаққи Фирдавсӣ мешунавем, далел надоранд, ҳама фарзӣ ва гумонианд; аз шаҳри мо чунин як марди бузург ва шоири шаҳир баромадааст, ки дар Машрику Мағриб ҳамто надорад, моро бо вай ифтихор кардан мебояд, на ин ки дар ҳаққаш бадгӯӣ кардан!» Инро гуфта Лашкарӣ аз масҷид бадар рафт, дар ҷамоат ғалоғула бархост, бештарини ҳозирон ба тасдиқи сухани вай овоз бароварданд.

## Боз ҷалои ватан

Бо ин аҳвол як сол гузашт.

Як вақт дар Тус воқеае рӯй дод, ки аз он баъд душманони Фирдавсӣ далертар шуданд. Шайх Муслим бинни Тоҳир номе аз ҳамкасабаҳои шайхи бузурги ғазнавӣ Маҳамшод азми тавофи Каъба намуда, сари роҳ якчанд муддат дар Тус тавaққуф карду дар аввалин ҷумъа аз минбари масҷиди ҷомеъ ваъз гуфт. Бо хашму оташинӣ қарматиёнро дашном дод, тусиёнро сарзаниш кард, ки дар шаҳрашон ба вуҷуди доиёни исмоилия ва қарматия тоқат меоранд, ба «қайду камъ» *-и эшон мусоҳила мекунанд, ихвониёни кофирпешаро, ки дар хуфья маҷлисҳо сохта бидъаташонро таблиғ мекунанд, нодида мегиранд. Воиз Абӯалӣ ибни Синоро ба ёд оварда гуфт, ки вай аз қаҳри сул-

---

* Яъне банд ва таъқиб кардан.

тони динпаноҳ гурезон ва дар шаҳрҳои Хуросону Эрон паноҳчӯӣ аст ва ба Тус ҳам омада, назар ба хабарҳои ба дорусалтана расида, дар ин ҷо низ ба худ шогирдон ва муридон пайдо карда, дар ҳалқаи онон дарс гуфтааст ва ҳам аҷаб нест бо ҳаммазҳабаш Абулқосими Фирдавсӣ боздид ва ба якҷоя амал кардан паймон карда бошад. «Шумо тусиҳо мусалмонед,— мегуфт шайх Муслим,— насоиҳо, абевардиҳо, самангониҳо, чоҷармиҳо, ки Ибни Сино аз шаҳрҳои эшон гузаштааст, низ мусалмонанд, вале ҳеҷ кадоматон ҳаракате ҳам накардед, ки он даҳрии фалсафиро боздошта ба дасти султон супоред, балки бисьёре аз шумоҳо ӯро бо иззату икром пазира шудед, беморонатонро пеши вай табобат кунондед»...

Баъди ин танбеҳу таънаҳои шайх дар Тус гирогири қарматиён, исмоилиён, ихвониёни ҳақиқӣ ва гумонӣ оғоз ёфт. Мардумони ҷоҳили мутаассиб бо таҳрики шайху оҳундҳо ба хонаҳои «бадкешон» ҳуҷум оварда, он бадбахтонро мегирифтанд, мекуштанд, ба зиндон мекашонданд.

Хатари дастгир шудан ба Фирдавсӣ ҳам таҳдид мекард. Дӯстонаш ба ӯ маслиҳат медоданд, ки агарчи муваққатан бошад ҳам, Тусро тарк карда сари худро ба ягон тараф бигирад, вале ӯ розӣ намешуд. Куҷо биравад? Дар мулкати султон Маҳмуд барои шахсоне ҳамчу Фирдавсӣ дар ҳеҷ куҷо сарпаноҳ нест. Султон худ барои шӯҳрати ислом дар Ҳинд бараҳманкушӣ мекунад, аммо дар ғайби вай дар дохили мамлакат шайх Маҳамшодҳо, шайх Абулқосимҳо, шайх Муслимҳо, Абдуннабиҳо бояд ҳазорон қарматӣ, исмоилӣ, мӯътазилӣ, фалсафиро тасаддуқи сари султони динпаноҳ бикунанд...

Аммо Фирдавсӣ маслиҳати дӯстонашро қабул намекард.

— Умри ман тамом шудааст, бақияаш ба заҳмате, ки ман барои муҳофизати он бояд бикашам, намеарзад,— мегуфт ӯ ба онҳо.— Агар сари пири ман ба эшон даркор бошад, бигузор бигиранд.

Ҳомиёни «дини мубин» бошанд дар гирогири бадкешон ба пириву ҷавонии онҳо нигоҳ намекарданд. Хабари азимати султон аз Ҳинд ин гирогирро қувват дод. Оташ ба ҷангал афтода буд, хушку тар месӯхт. Вакили молиёт Абӯиброҳим, ки аз некхоҳони сиррии Фирдавсӣ буд, як шаб Абӯ Дулафро ба ҳузураш хонда ба таври сиррӣ гуфт, ки устодро бигӯ, дар ягон гӯша махфӣ шаванд, зеро ҳоким ният дорад, ки баробари аз Ҳиндустон ба пойтахти худ баргаштани султон, ба иҷрои фармони ӯ роҷеъ ба боздошт кардани шоир, ӯро таҳти муҳофизати навкарон ба Ғазнӣ фиристад.



Абӯ Дулаф дар ғояти изтиробу ошуфтаҳолӣ назди Муҳаммади Лашкарӣ давид. Ӯро аз қазия огоҳ карда гуфт:

— Ман устодро аз розӣ кардан ба тарки шаҳр оҷизам, магар ин ки ҷаноби шумо ба миёна дароед.

Муҳаммади Лашкарӣ фавран савор шуда бо ҳамроҳии Абӯ Дулаф ба Бож равон гардид.

Дар ҳуҷраи даруни боғ Фирдавсӣ бо Найсонӣ шоҳмот мебохт.

— Ҳазрат, шуморо махфӣ шудан на танҳо зарур, балки ҳатмӣ гардид,— нишаста сухан оғоз кард Лашкарӣ.

Абӯ Дулаф аз вакили молиёт шунидаашро нақл кард.

Лашкарӣ бо ҷиддияти тамом суханашро идома дод:

— Бидуни таъхир ба Табаристон биравед, ҳазрат. Ба Табаристон гуфтанам се ваҷҳ дорад. Аввалан, он диёр ҳоли ҳозир қаламрави султон нест ва аз дастраси вай дуртар ҳам ҳаст; сониян, амири Табаристон аз нажоди Яздигирди Шаҳриёр аст ва чун шумо таърихи Сосониёнро назм кардаед, ӯ бешак шуморо мӯҳтарам хоҳад дошт; солисан, ӯ китобатонро ба ҷон харидор хоҳад шуд, зеро кист ки корномаи обову аҷдодашро дӯст надошта бошад?

Гӯянда вақте ки дид Найсонӣ ва Абӯ Дулаф таклифи ӯро маъқул медонанд ва тарафдорӣ мекунанд, боз ҷиддитар шуд:

— Сухан тамом, ҳазрат, рахти сафар барбандеду худро аз хатар ва дӯстонатонро аз хотирпарешонӣ бираҳонед.

Акнун Фирдавсиро ба ҷуз қабули ин пешниҳоди дӯстонаш чора намонд.

Як шаби тор дар беруни дарвозаи ғарбии Тус онҳо як-як шоирро оғӯш карда ва гириста,— зеро гумон мекарданд, ки шояд аз ин баъд ба дидори ҳамдигар нарасанд,— бо вай видоъ карданд.

Дар ин сафари дур ҳамсафари Фирдавсӣ пешхизмати собиқаш Абдулло буд. Абдулло акнун кадхудо шуда, бо аёл ва писару духтари хурдсолаш дар Шодоб мезист. Вай то маркази Табаристон гуселондани Фирдавсиро ба ӯҳда гирифт.

Биёбону кӯҳсорон паймуданд, аз рӯдҳо, дараҳо, ағбаҳо убур карданд, аз Нишопуру Бастому Симнону Рай ва боз якчанд шаҳрҳои калону хурд гузаштанд. Фирдавсӣ дар шаҳрҳо иззату икром мееёфт, агарчи ин иззату икром аксаран дар ҳуфья ба амал меомад, зеро он шаҳрҳо ё дар қаламрави султон Маҳмуд буданд, ва агар дар қаламрави ӯ набошанд, дар дастраси ӯ воқеъ шудаанд. Ҳоли ҳозир фақат Табаристон як дараҷа аз таҷовузи ӯ дар амон аст: ҷояш дур, сониян қаторкӯҳи баланд ва

Ҷангали Мозандарон садди роҳаш мебошанд. Амирони Бувайҳӣ ҳам ба ҳурмати нажоди амири Табаристон, ки аз насли охирин шоҳаншоҳи Сосонии Эрон Яздигирди Шаҳриёр аст, аз чашм ало кардан ба мулки вай худдорӣ менамоянд.

Фирдавсӣ бо мушояати Абдулло баъди ду моҳ ба Омул — пойтахти амири Табаристон расид. Як манзил ба шаҳр нарасида аз омили маҳаллӣ хоҳиш кард, ки қосиде ба назди амир фиристода барои шоир иҷозати ба шаҳр ворид шудан бипурсад. Ҳоким Сипаҳбуди Шаҳриёр на фақат иҷозат дод, балки худаш бо муқаррабонаш баромада шоирро пешвоз гирифт. Дар шаҳр барои истиқомати вай як ҳавлии хуб тахсис ва ба хизматаш хизматгорҳо таъйин карданд. Дар он ҳавлӣ Абдуллоҳ як ҳафта пеши устод дам гирифт ва баъд бо роҳи омадаашон ба Хуросон баргашт.

Фардавсӣ ба меҳмонии амир даъват карда шуд. Зиёфат ва сӯҳбат аз пагоҳӣ то нисфи рӯз давом кард. Сипаҳбуди Шаҳриёр пирамарди хушсимо ва босалобате буд, оҳиста ва ботамкин ба забони фасеҳи адабӣ, вале ба лаҳҷаи табарӣ сухан мегуфт. Ҷомаи оддӣ аз бӯрд (карбос)-и тунуки табарӣ ба тан дошт. Рӯзи дигар Фирдавсиро савор карда ба мақомгоҳи тобистонии амир бурданд. Он ҷо дар соҳили ҷанубии баҳри Хазар боғи дилкушое буд, ки лимузору хурмозор ва гулзорҳои атрафшон дошт. Дар шипанги калони мунаққаш ҷои нишаст ороста буданд; ҷавонписарони хушлибос ва канизакони соҳибҷамол дар зарфҳои заррину симин таомҳои лазизу хушбӯй мекашонданд. Дар маҷлиси зиёфат ду писари калонсоли амир, вакили даргоҳ, дабири хос ва боз чанде аз аъёну ашроф ҳозир буданд.

Сипаҳбуди Шаҳриёр «Шоҳнома»-ро варақ мезад. Аз шоир пурсид: — Таърихи ниёи * моро ҳам назм кардед?

— Оре, ҷаноби олӣ, «Шоҳнома» бо он таърих хатм мешавад,— ҷавоб дод шоир.

Амир китобро аз поёнаш аз чап ба рост варақ гардонда сарлавҳаи «Кушта шудани Яздигирд ба дасти Хусрави осиёбон»-ро ёфт ва хонд. Андӯҳе ба чеҳрааш соя андохт. Китобро ба дабир дода фармуд:

— Бихон.

Дабир ба хондан шурӯъ кард:

...Бишуд ** осиёбон, ду дида пуроб,
Ба зардӣ ду рухсор чун офтоб,

---

* *Ниё* — бобо.
** *Бишуд* — ба маънои омад.

Ҳамегуфт к-«эй довари кирдигор,
Туй бартар аз гардиши рӯзгор.
Бад-ин нописандида фармони ӯй *,
Ҳам акнун бипечон дилу ҷони ӯй.
Бари шоҳ шуд, дил пур аз шарму бок,
Рухонаш пуробу лабон пур зи хок,
Ба наздики ӯ андар омад ба хуш,
Чунон чун касе роз гӯяд ба гӯш,
Яке дашна ** зад бар тиҳигоҳи *** шоҳ,
Раҳо шуд ба захм-андар аз шоҳ оҳ,
Ба хок-андар омад сару афсараш,
Ҳамон нони кашкин ба пеш-андараш...

Дар чашмони сипаҳбуд ашк пайдо шуд ва ӯ фиҳ-фиҳ гирист; ҳозирони маҷлис ҳама бо қиёфаҳои ғамгинона сарҳошонро фурӯ андохтанд.

— Лаънати худо ба он марзу мазбону осьёбонаш буд! — дашном медод сипаҳбуд кушандагони ниёяшро пас аз се қарни ҳалоки ӯ дар Марв.

Вай бо дареғу ҳасрат мегуфт, ки агар марзбони хоини Марв Яздигирдро намекушт, ниёи ӯ оқибат бар тозиён (арабон) зафар меёфт ва шоҳаншоҳии Сосониён то ин замон барҷо мемонд («ва балки ин замон дар тахти шоҳаншоҳӣ ба ирсият ман менишастам», ба дилаш мегуфт ӯ).

Баъд аз фоҷиаи Яздигирд ҳаҷви султон Маҳмуд хонда шуд. Баъзе атрофиёни амир онро бо шавқу завқ, вале худи амир бо хомӯшии андешамандона гӯш карданд.

Дар мулоқоти дигар бо Сипаҳбуди Шаҳриёр шоир китобашро пеши ӯ гузошта гуфт:

— Чун ин авроқ ахбори ниёгони шумост, шоиста аст, ки ман инро ба шумо тақдим бикунам.

Сипаҳбуд ба китоб даст нарасонда, як нафас ба он назар дӯхта истоду гуфт:

— На, мавлоно. Шумо китобро нахуст ба номи султон Маҳмуд кардаед, атои султон ба шумо гарчанде ба қадри арзиши китоб набуда ва шумо онро қабул накардаед, вале ба ҳар ҳол китоб аз назари ҳумоюнӣ гузаштааст. Акнун инро ба ман тақдим карданатон ва қабул кардани ман шоиста намебуд.

Монанди дигар моликони Эрон Сипаҳбуди Шаҳриёр ҳам аз

* Амири хоин, ки ба куштани Яздигирд фармон дода буд.
** *Дашна* — теғ, ханҷар.
*** *Тиҳигоҳ* — мобайни шикам ва паҳлу.

султони муқтадири ҷангҷӯй метарсид. Агар дар дарбори Ғазнӣ шунаванд, ки «Шоҳнома»-и ба номи султон буда ва мӯҷиби эроди ӯ шуда акнун ба амири Табаристон тақдим гардида ва қабул ёфтааст, султон ба амир хашм хоҳад гирифт. Алҳазар аз хашми ӯ. Аз ин гузашта вай, Сипаҳбуди Шаҳриёр, ҳаҷви султонро хонд ва ҳам дар маҷлиси худ хононд, ки ин ҳам боиси хашми султон нашуда намемонад. Ин хавфро бояд аз миён бардошт. Амир ба шоир чунин мулоҳиза баён кард:

— Ин ҳаҷв, агар интишор ёбаду ба гӯши султон расад, оқибаташ ҳам барои шумо ва ҳам барои мо хеле бад хоҳад шуд... Ҳаҷвро ман аз шумо мехарам. Мехарам ва дар пеши чашми худатон месӯзонам.

«Рост мегӯяд», ба дилаш гуфт Фирдавсӣ. Агар оқибати кор фақат барои ӯ бад мебуд, ӯ ба он ҳеҷ эътибор намекард, зеро муносибати баъдинаи худро бо султон Маҳмуд ба ҳарчи бодо бод ҳавола ва ҳаргуна тарсу бимро аз дилаш бадар кардааст, аммо акнун дар сурати шоеъ шудани ҳаҷвнома хатар ба мизбонони вай ҳам таҳдид мекард, ки шоир инро ҳеҷ намехост ва ба чунин ҳол сабабгор шуданро ба худ тамоман нораво медонист.

Шаб хоби шоир гурехт. Вай то бомдод нахуфта хаёлу андешаҳои аламнокашро дар мисраъҳои зерин тарҳ кард:

Ба Ғазнин маро гарчи хун шуд ҷигар
Зи бедоди он шоҳи бедодгар,
Қ-аз он ҳеҷ шуд ранҷи сисолаам,
Шунид аз замин осмон нолаам.
Ҳамехостам то фиғонҳо кунам,
Ба гетӣ аз ӯ достонҳо кунам,
Бигӯям зи модарш, ҳам аз падарш,
Натарсам зи кас ҷуз Худованди арш,
Кунамончунон рӯсиёҳ аз нахуст,
Ки натвонад онро ба ҳеҷ об шуст.
Чу душман намедонад аз дӯст боз,
Ба теғи забонаш кашам пӯст боз,
Валекин ба фармудаи муҳташам
Надонам к-аз ин байн чун сар кашам.
Фиристодам ар гуфтае доштам,
Ба наздики худ ҳеҷ нагзоштам.
Агар бошад ин гуфтаҳо носавоб,
Бисӯзон ба оташ, бишӯяш ба об.
Гузаштам, аё сарвари некрой.

Аз ин доварӣ то ба дигар сарой.
Расад лутфи яздон ба фарьёди ман,
Ситонад ба маҳшар аз ӯ доди ман.

Пагоҳӣ ин манзумаро ба қабати ҳаҷвномааш ниҳода ба Сипаҳбуди Шаҳриёр фиристод.

Аз Сипаҳбуд ба вай сад ҳазор дирами табарӣ (қурбаш нисбат ба дирами бувайҳию ғазнавӣ камтар) расид. Ин буд баҳои як нусха «Шоҳнома», ки Фирдавсӣ ба Сипаҳбуд тақдим кард, ва баҳои ҳаҷви султон, ки Сипаҳбуд онро аз шоир харида ба оташ супурд.

Ду сол гузашт.

Фирдавсӣ ҳамоно дар Табаристон мезист. Аз ватанаш, хешонаш хату хабар набуд. Аз вай ҳам ба онҳо хабаре намерасид. Ӯ зинда аст ё на, ва агар зинда бошад, ба чӣ ҳол аст, онҳо намедонистанд. Хавотир мекашиданд, Манижабону мегирист, беқарор буд, ки мабодо падараш дар ғурбат бимирад ё балки мурда бошаду хокаш дар ҳамон тарафҳои касмаёб мондааст?

Дар соли дуввуми ғайбати Фирдавсӣ хавотиркашии хешон ва дӯстони ӯ, беқарории духтараш аз ҳад гузашт. Манижа ба кӣ нолида метавонист? Албатта, фақат ба шавҳараш. Ӯ зорӣ мекард, ки Рустамзод ба суроғи падару падарарӯси гумшуда биравад ва аз ӯ хабаре биёрад. Рустамзод ваъда ба тирамоҳ дода мегуфт, ки пас аз бардоштани ҳосили киштҳо ва таҳияи асбоби зиндагии зимистон меравад. Ғами рӯзгори падару модари пир ҳам ба ӯҳдаи Рустамзод буд.

Дар Тӯс овоза шуда буд, ки султон Маҳмуд гуноҳи Фирдавсиро бахшидааст, аммо дар ин бора аз Ғазнӣ хабари расмӣ нарасида буд. Султон Маҳмуд он рӯзҳо боз ба Ҳиндустон юриши навбатӣ пеш гирифта буд, Манижа якзайл даст бароварда ӯро дуои бад мекард: «Илоҳо аз аспаш ғалтида гарданаш шиканад, сараш зери сангҳо монад! Ё фили савориаш ӯро ба замин зада пойкӯб кунад! Падарҷонамро хор кард, илоҳо худаш хору зор бимирад!»

Дар миёнаҳои тирамоҳ Рустамзод, марди чиҳилсолаи солиму бақувват, ба суроғи падарарӯсаш сафари Табаристон пеш гирифт. Роҳи дарозу душвор савора дар як моҳ тай карда шуд. Ниҳоят дар аввали зимистони соли 1017 домоду падарарӯс дар шаҳри Омул ба дидори ҳам расиданд.

Фирдавсӣ бо ҳамроҳии Рустамзод ба ватан баргаштан ихтиёр кард. «Одамӣ ҳама умр хокам кучо гӯён зиндагӣ ба сар мебарад,— мегуфт ӯ,— паймонаи умрам, ки пур шудааст, хоҳ дар хоки ватанам ва хоҳ дар зери пои филони Маҳмуд бимирам, барои ман тафовут надорад».

Дар аввали баҳор ҳар ду сӯи Хуросон ба роҳ афтоданд.

Сафари бозгашт қариб чаҳор моҳ тӯл кашид: дар шаҳрҳо ва рӯстоҳо дӯстдорони каломи нафис шоирро бо меҳмондориҳо ва маҷлисҳои шеъру суруд аз роҳ бозмедоштанд. Ӯ гоҳо дар манзилҳо чаҳор-панҷ рӯз меистод.

Шоир дар ин сафар метавонист шӯҳрати худаш ва китобашро назора кунад. Дар байни халқ маҷлисҳои шоҳномахонӣ расм шуда буданд. Султон Маҳмуд бо айбмонӣ ба «Шоҳнома» ва фармони қатли шоир шӯҳрату овозаи китоби ӯро бештар карда буду бас. «Шоҳнома» ба тавассути нусхабардориҳо дар саросари Аҷам интишор меёфт. То он замон ҳеҷ китобе ин қадар ба дили мардумон нанишаста буд.

Фирдавсӣ бо Рустамзод ба Тус дар аввалҳои тобистон расиданд. Шоирро хешон ва дӯстонаш пешвоз гирифта ба дидораш шодӣ карданд. Шоир пир рафта буд, пиртар баргашт, вале нерӯи танаш он қадар накоста буд, вай ҳатто бардам менамуд. Манижа ба шодиёнаи баргаштани падараш гӯсфанд кушонда тӯй дод. Як ҳафта пои меҳмонон аз даргоҳи Фирдавсӣ канда намешуд: ҳамдиёрон аз дуру наздик ба зиёраташ меомаданд.

Пасон дар Бож дар хонаи худ бо парастории Манижаи меҳрубон зиндагонии орому якнавохти шоир сар шуд. Аммо пирӣ пирист: тобу тавон торафт мекост, пойҳо суст, чашмони хира хиратар, гӯшҳо гарон мешуданд.

Аз вай ба Ғазнӣ ҳам хабарҳо мерасиданд.

Султон ҳеҷ гумон накарда буд, ки «Шоҳнома» то ин дараҷа қадру қимат пайдо мекунад ва то ин андоза ҷолиби ҳусни таваҷҷӯҳи халқ мегардад. Шӯҳрати рӯзафзуни китоб султонро ҳайрон, нафрату лаънати халқ ба хоркунандагони шоир дили ӯро сиёҳ мекарданд. Ӯ мекӯшид, ки дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ фикр накунад, номи Фирдавсӣ барои ӯ монанди дандони дардманде гардида буд, ки ҳар гоҳ агар даст расонанд, дард мекунад. Ба атрофиёнаш дар ҳузури вай аз Фирдавсӣ ё аз «Шоҳнома» ёдовар шуданро манъ карда буд.

Соли 1025 султон бори ёздаҳум ба ҷаҳоди Ҳиндустон рафт, дар бозгашт мебоист аз шаҳри Наҳравола мегузашт, роҷа (ҳоким)-и Наҳравола аз дасти истилогари бемурувват ба кӯҳистон паноҳида, дар қалъае ҳисорӣ шуда буд, султон хост

он қалъаро гирифта роҷаро ба итоат оварад, аммо вазираш Ҳасан ибни Муҳаммади Микол, ки дар он қарибӣ ба ҷои Майвандӣ таъйин шуда буд, эътироз кард ва гуфт:

— Лашкари мондашударо дар миёнаи роҳ ба як мусодама ва муқоталаи * нав андармон кардан беандешагист.

Бо султон фақат ҳамин вазир бо ин шева гап задан метавонист — вайро султон дӯст медошт ва бо навозиш Ҳасанак меномидаш (аз ин рӯ ин вазир ба таърихи салтанати Ғазнавиён бо номи Ҳасанаки Микол дохил шудааст). Маҳмуд аз бетакаллуфӣ ва ҳатто аз дуруштиҳои ӯ намеранҷид.

— Бо роҷа на ҷанг, балки таҳдиди ҷанг басанда аст, вай аз таслим шудан ҷора надорад,— ба суханаш афзуд вазир.

Саҳар ӯ мулозими худро бо ҳамроҳии ду навкар бо номаи таҳдидомез ва талаби таслим ба қароргоҳи роҷа равона кард.

Лашкари Ғазнӣ дам мегирифт, султон дар лаби рӯд ҷодар зада буд, вақте ки Ҳасанаки Микол ба ҷодгари вай ба салом омад, шоҳ аз ӯ пурсид:

— Ба роҷа нома навиштӣ?

— Навиштам, фиристодам, ин соат вай бояд номаро гирифта бошад,— ҷавоб дод вазир.

— Аз номи худат навиштӣ?

— Чаро? Аз номи султонам, албатта.

— Чӣ навиштӣ?

Ҳасанак хандиду гуфт:

— Фақат ду сатр: «Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб, Ману гурзу майдони Афросиёб».

— Чӣ? — тааҷҷуб кард султон.— Қу такрор бикун.

Ҳасанак байтро такрор кард.

— Забони паҳлавонон, мардони майдон,— гуфт шоҳ.— Байт аз кист?

— Аз Абулқосими Фирдавсӣ,— гуфт Ҳасанак.

Султон дар ҷавоби суолаш мунтазири шунидани ин ном набуд. Дилаш фишурда шуд.

— Фармуда будам, ки назди ман аз ӯ ном нагиранд,— гуфт ӯ пас аз сукут.

— Имрӯз номи ӯ вирди забони хосу ом аст, пас ғуломони султонам чи тавр аз ӯ ном нагиранд,— гуфт Ҳасанак ва дар дасти рости шоҳ нишаста суханашро идома дод: — Бечора шоир, ин ҳама ранҷ бурду самар надид. Ба подоши ранҷи сию-

* *Мусодама ва муқотала* — задухӯрд ва кушокушӣ.

панҷсолааш чӣ ёфт? Ҳукми қатл. Аз Тус омадагон мегӯянд, ки ӯ бемори бистарист.

Шоҳ дар замираш аз кардаи худ дар ҳаққи Фирдавсӣ эҳсоси пушаймонӣ мекард. Ба худ ҷазм кард, ки ба Ғазнӣ расида, чораи аз дили шоир баровардани озори гузаштаро хоҳад ҷуст ва бад-ин равиш забони маломатгаронро ҳам баста, худро дар чашми халқ сафед хоҳад кард.

Дар Тус дар бошишгоҳи Фирдавсӣ он чи ногузир буд, рӯй дод.

Тирамоҳ, ҳаво абр ва нам, офтоб дар паси тумани ғализ нопадид. Чеҳраи табиат андӯҳбор. Дар шоххои бараҳнаи дарахтон селаҳои зоғони сиёҳ бо қиғу қоғи шодона суруди омад-омади зимистонро месароянд.

Абулқосими Фирдавсӣ дар бистари марг.

Ба Манижабону, ки дар сари болини ӯ гирьён нишастааст, бо садои нимшунаво мегӯяд:

— Ҳама... биёед...

Абӯ Дулаф, Рустамзод, пирамард Найсонӣ, Равшан, Бобак, набераҳои шоир (писару духтари Рустамзод ва Манижа), ки дар ҳонаи шафат хомӯшу ғамнок нишаста буданд, даромада гирди бистари бемор ҳалқа заданд.

— Ман... меравам... Видоъ мекунам...— бо овози хастаи нимшунаво сухан оғоз кард Фирдавсӣ.

Манижа, писару духтари ӯ, дигар занон фиғон бардоштанд. Найсонӣ, ки ҳамчунин ашки чашмонаш ба риши сафедаш мечакид, онҳоро ором кард.

— Ба марги ман нагирьед. Ман... аз шумоён... розиам... шумоён ҳам аз ман... розӣ бошед... Ба ҳар кадоматон... аз ман ягон... вақт... озоре расида бошад... бубахшед... Ба ҳам... меҳрубон... ғамхор бошед... Яздонпараст, беозор... бошед... Дилҳотонро ҳамеша... аз кина, ҳасад, риё... пок доред... Ба мардумон... некӣ бикунед...

Хастагӣ ба ӯ дигар маҷоли сухан гуфтан надод, лабонаш меҷунбиданд, вале суханаш шунида намешуд.

Вай оромона ҷон супурд.

...Дарьёи хурӯшоне аз одам ӯро ба манзили охиринаш гусел мекард. Даҳҳо ҳазор саллаҳои сафед дар дарьёи одам ба кафкҳои мавҷ монандӣ доштанд, рӯи он дарьё тобут ҳамчу завраҷе шино мекард. Барои видоъ бо шоири маҳбуби достонсарои беҳамто тӯда-тӯда мардум аз шаҳру деҳоти дуру наздик

омада ба азодорон мепайвастанд. Ҷанозаро ба ҷомеъи шаҳр бурданд. Тобутро дар саҳни масҷид гузошта, мунтазири шайхи бузург Абулқосими Гургонӣ шуданд, — ӯ мебоист омада ҷанозаи шоирро мехонд.

Пири фартут асозанон бо якчанд нафар муридони худ пайдо гардид, аммо наздик наёмада, бо нӯги асояш тарафи тобут ишора карда, бо овози рагдори гулӯхарош якбора чунин гуфт:

— Ин шахс умри худро ба ситоиши маҷусони бадбуньёд зоеъ кард, мехост динро рахна кунад, ман ҷанозаи чунин касеро намехонам ва ҳам иҷоза намедиҳам, ки ӯро дар қабристони мусалмонон гӯронанд.

Шайх инро гуфта баргашту рафт.

Дар издиҳом ғавғо бархост. Ҳарчанд, ки ба мусулмонон сухани шайхи фақеҳ ва воизи бузургро гардониданн нораво буд, ғалоғулаи ҳайрату норизоӣ ва эътироз баланд гардид.

Имоми деҳаи Бож ба минбар баланд шуд:

— Мусалмонон! — хитоб кард ӯ ба издиҳом.— Ором шавед. Боке нест, ҷанозаро ман мехонам. Гувоҳӣ медиҳам дар ин хонаи худованди якто ва қодир, ки ҳазрати Абулқосими Фирдавсӣ мусалмони покдин буданд. Тобути ҳазратро бардоред, ба боғи худашон баред, дар боғи худашон дафн мекунем.

Тобутро бардоштанд, издиҳом аз қафои он сӯи дарвозаи Разон равон гардид. Аз дарвоза баромада ба боғи шоир дохил шуданд ва тобутро ба айвони ҳуҷраи даруни боғ гузоштанд. Аз издиҳоми бисьёрҳазора на фақат он боғи калон, балки кӯчаҳо ва майдонҳои деҳа низ пур шуда буданд. Имоми божӣ такбир оғоз кард. Қариб ним аср пеш сайри шоир дар ҷаҳони достонҳои безаволаш аз ҳамин ҳуҷра оғоз ёфта, аз ҳамин ҳуҷра вай дари он ҷаҳони аҷоибро ба рӯи халқҳо боз карда буд, акнун дар ҳамин ҷо бо онҳо видоъ мекард.

Дар боғ даҳ-дувоздаҳ марди бақувват дар зери чанор хок канданд, гӯр ба зудӣ кофта шуд.

Абри боронии тирамоҳӣ бар чеҳраи осмон чодари тирагун кашида, ба замин ҳамчу ашки чашми мотамзадагон қатраҳо мечаконд. Дам ба дам шамоли сард вазида якто-нимто баргҳои зарди дар шохи дарахтон мондаро меафшонд. Дар тори сафедору ар-арҳои урьён зоғони сиёҳ нишаста ҷунбишу тараддуди мардумонро назора мекарданд.

Вақте ки ҷасади шоирро ба лаҳад мениходанд, фиғону нолаи хешовандон, дӯстони наздику барзгарони шоир аз нав ба фазои боғу деҳа печид. Дар он замон занҳо аз ҷумлаи хешовандони марҳум низ ҳангоми дафн дар сари қабри ӯ ҳозир

мешуданд. Манижаи жӯлидамӯй мушт бар сари бараҳна ва тани фигораш мекӯфту фарьёд мекашид, занон рӯмоли афтидаашро ба сараш партофта, ӯро оғӯш карда аз лаби гӯр ба канор кашидании мешуданд, вай тан надода дод мезад:

— Во падарҷонам, қиблагоҳам, қуввати ҷону танам, аз дуньёи бевафо ком ҷустеду ноком рафтед. Эй азизон, маро ҳам бо қиблагоҳам гӯронед, ман бе падарҷонам ин зиндагиро чӣ кунам?!

— Во ҳасрато, во мусибато! — навҳа меандохт Найсонӣ.— Падари суханварони Аҷам рафт, форсӣ ятим монд!

— Дод! Дод! Вай офтоби мо буд, нураш ба дилҳои мо тобон буд! — нафир мекашид дигаре.

— Вовайло, вовайло, ба маргат зиндагӣ сиёҳ пӯшид! — мегирист Алии Риёзӣ писари Муҳаммади Лашкарӣ.

— Султони шуаро рафт, мулки сухан бесарвар монд! — менолид шоире.

— Эй ҳакими ҳукамо, ба забон ой, ба ёдгори вопасин ҳикмате бигӯй, то мо бар сафҳаи синаҳои фигор бинависем! — нидо меандохт яке аз мударрисони тусӣ.

Танини овози Абӯ Дулаф ба ҳаво печид, ки «Шоҳнома» дар даст шеъри устодашро қироат мекард:

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб,
Пай афкандам аз назм кохе баланд
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Басе ранҷ бурдам бад-ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам!

## Хотима

Ҳафтаи мотам ҳанӯз ба охир нарасида, корвонаке иборат аз ду шутурсавор ва якчанд аспсавор дар саҳедадам аз дарвозаи шарқии Тус вориди шаҳр шуданд.

Корвонак ба қалъаи ҳокимнишин расида дар пеши дарвозаи он қарор гирифт. Солори корвонак марди сипоҳии миёнсол ба дарвозабонон на кӣ будани худашро гуфт ва на хоҳиш кард, ки омадани корвонакро ба ҳоким маълум намоянд, балки мутакаббирона ба онҳо амр кард, ки дарвозаро кушоянд.

Онҳо итоат накарданд, он гоҳ бо «имон бурут»-и солор тобеони мусаллаҳи ӯ дарвозабононро бо ҳамлаи найзаҳошон тарсонда дуртар ронданду дарвозаро худашон кушода даромаданӣ шуданд, аммо вай аз дарун маҳкам будааст, марди сипоҳӣ онро бо дастаи қамчинаш тақотақ кӯфт, аз дарун овоз баромад:

«Кист?» Сипоҳӣ бо овози дурушт чавоб дод ки:

— Навкарони султон. Кушо!

Дар дарун марди камондоре ба бурчи дидбонии дарвоза баромада як нигоҳ карду ғайб зад, пасон дарвоза кушода шуд ва омадагон бо аспону шутуронашон ба қалъа даромаданд.

Ғуломони султон ҳатто дар қалъаҳои ҳокимони маҳаллӣ ҳам бо калону хурд ҳамин навъ омирона муомила мекарданд ва задану кӯфтан, ҳатто кушта партофтани касони аз фармонашон сарпечидаро ба худ чоиз медонистанд. Чабрдидагон аз тарс чуръат намекарданд, ки ба калонтарҳо арзеву шикояте баранд ва агар баранд ҳам, додашон ба чое намерасиду баракс боз гирифтори балоҳои нав мешуданд.

Алқисса омадагон ба қабули ҳоким даромаданд. Онҳо аз султон ба Фирдавсӣ сила оварда буданд. Сила чиҳил ҳазор динор буд. Ба ҳокими Тус амр шудааст, ки ин силаро ба Фирдавсӣ расонад.

Ҳоким Арслон Чозиб ба фиристодагони дарбори Ғазнӣ вафоти Фирдавсиро маълум карда, гуфт, ки силаро ба ворисони ӯ супурдан мебояд. Фиристодагон ин таклифро қабул накарданд.

— Бо фармони шоҳ,— гуфт солори корвонак,— мо силаро бояд ба дасти худи Фирдавсӣ медодем, аммо агар вай вафот карда бошад, вафоти ӯро ба шоҳ арз карда, дар бораи сила ба фармони нави шоҳ мунтазир бояд шуд.

Ҳоким ночор ба Ғазнӣ қосид фиристод.

Сила овардагон дар интизори фармони нави шоҳ як моҳро дар Тус ба айшу нӯш гузарониданд. Арслон чозиб иппратдӯст ва майхора марде буд, рӯзе ё шабе намегузашт, ки дар кӯшки хоссаи ӯ бо ширкати «корвонсолор»-и ғазнигӣ базме бо майнӯшӣ, созу наво ва рақси канизакони моҳлиқо ороста нагардад. Ҳамроҳон ё худ навкарони солор дар дигар маҳфилҳои ба худашон муносиб вақтхушӣ мекарданд.

Ниҳоят қосид аз Ғазнӣ фаро расид. Фармони нави султон айни ҳамон таклифи ҳокими Тус буд, яъне сила ба ворисони Фирдавсӣ дода шавад.

Ҳоким ҳамаи авлоди шоирро аз хурд то калон ба қалъа

даъват карда, фармони шоҳро эълом ва онҳоро бо атои мулукона табрик намуда гуфт:

— Соҳиби давлат шудед, шукр гӯед, шодӣ кунед, султони раиятпарвари атобахшро дуо кунед.

Навкарон якчанд саночи пури динори тиллоро оварда ба пеши Манижа ва писару духтари ӯ гузоштанд.

Манижабону пероҳани кабуди мотамро ҳанӯз аз танаш накашида буд. Чашмонаш аз ашк тар буданд. Бо овози гирьяолуд ба ҳоким гуфт:

— Ба чӣ шодӣ кунем, ҷаноби олӣ? Оё ба марги падару бобо шодӣ кунем, ки худ рафту ин давлат ба мо гузошт. Қатраҳои бороне, ки рӯзи дафни падарам ба турбати ӯ борида буд, ҳанӯз нахушкидаасту шумо мегӯед «шодӣ кунед!» Чаро дар зиндагии падарам қадри ӯро надонистанд, хору зораш карданд, тӯҳматзадаи куфру бидъаташ карданд, дар ғурбат сарсону саргардонаш карданд? Чаро силаро дар зиндагиаш нафиристоданду вайро шод накарданд? Чаро мунтазир шуданд, ки ӯ ба хорӣ бимирад? Магар ман ва ин набераҳои падарам он кулфату мусибатҳои ба ноҳақ ба сари падарам омада, он ҳама бедодӣ, он тӯҳматҳои сиёҳро, ки ба подоши ранчи сиюпанҷсолааш дар ҳаққи ӯ карданд, фаромӯш карда метавонем? На, наметавонем. Мо аторо намегирем. Равони поки падарам ба мо қабули ин атои шоҳро намебахшад.

Мушовирон ва муқаррабони ҳоким ҳарчанд ба Манижабону насиҳат карданд, суд набахшид, Манижабону аз қавлаш нагашт.

— Меравем,— гуфт ӯ ба шавҳараш ва бачаҳояш.

Ҳамаашон аз боргоҳи ҳоким бадар рафтанд.

Ҳоким, мушовирон, фиристодаи дарбори Ғазнӣ ҳайрону сокит монданд.

Сукутро аввал фиристодаи дарбори Ғазнӣ шикаст:

— Чӣ бояд кард? Ин саночҳои динорро бардорему ба Ғазнӣ баргардем магар? — пурсид ӯ аз ҳоким.

— На, аввал қазияро ба султон арз бояд кард, то чӣ фармоянд,— гуфт ҳоким.

Қосиди ба дарбори Ғазнӣ фиристодашуда ин бор аз султон чунин фармон овард: ба пули сила дар биёбон работе бисозанд ва дар девори работ лавҳае нақш кунанд бад-ин маънӣ, ки ин работро бо амри сайфуддавла ва аминалмилла Низомиддин султон Маҳмуд ибни Носириддини Сабуктегин ба силаи «Шоҳнома», ки ба ҳаким Абулқосими Фирдавсии шоир фирис-

тода шуда, вале аз қазо ӯ дар он ҳангом аз қайди ҳаёт раста буд, буньёд карда шуд.

Пас аз якчанд сол работи калоне бо сардоба, корвонсаро ва ҳуҷраҳои бисьёре барои мусофирон дар роҳи байни Нишопур ва Марв пайдо гардид. Ҳаким Носири Хусрави Алавӣ баъд аз бистуду сол ва Низомии Арӯзии самарқандӣ баъд аз наваду чаҳор соли вафоти Фирдавсӣ он работро бо чашми худ дидаанд.

Бахшида шудани «гуноҳ»-и Фирдавсӣ аз тарафи султон Маҳмуд ба дигар бадхоҳони шоир, чунончи ба шайх Абулқосими Гургонӣ бетаъсир намонд. Маълум, ки сарварони дин ҳамеша дар бораи шахсҳо ва воқеаҳо мутобиқи хоҳиши подшоҳи вақт ҳукм мекарданд. То вақте ки султон аз Фирдавсӣ дар қаҳр буд, шайхи бузургвор ӯро кофир мехонд, баъди аз қаҳр фуромада нисбат ба шоир нармтар шудани султон назари шайх ҳам ба Фирдавсӣ зуд дигаргун шуд — вай сабаби табдили назар карданашро ба як хобе, ки дидаасту рост будани он шубҳанок аст, ҳамл намуд: гӯё вай дар хобаш Фирдавсиро мебинад, ки дар боғи биҳишт сайр карда гаштааст, аз ӯ мепурсад: ту ки маҷусони бадкешро мадҳ карда кофир шуда будӣ, чӣ гуна ба биҳишт ғалтидӣ? Фирдавсӣ гӯё ба ӯ ҷавоб додааст ки: барои як байти дар бораи худо гуфтаам аз худо бахшоиш ёфтам ва он байт ин аст:

Надонам чиӣ, харчи ҳастӣ, туӣ.<br>Ҷаҳонро баландию пастӣ туӣ.

Аммо табдили назари ҳам султон Маҳмуд ва ҳам дигар бадхоҳони Фирдавсӣ аз таъсири афкори халқ буд, ки шоирро дӯст медошту медорад ва ин дӯстдорӣ дар тӯли ҳазор сол ҳеҷ кам нашуда, балки ҳамоно меафзояд.

1984—1987

# МУНДАРИЧА

## Қисми якум


Хонаводаи деҳнишин . . . 5
Шаби эҷод . . . 10
Иғво . . . 15
Шикоят . . . 17
Баҳс бо имом . . . 20
Хироҷ . . . 26
Адолат чист? . . . 34
Ваъзи шайх Абулқосим . . . 37
Узли ҳоким . . . 42
Шаби гирифтани моҳ . . . 43
Абӯ Дулаф . . . 47
Ҳусайни Қутайб . . . 52
Шоири ноком . . . 60
Хонандаи рисолаи мамнӯъ . . . 66
Итмоми «Шоҳнома» . . . 70
Даъват . . . 73
Дар Бағдод . . . 75
Зиёрати Токи Кисро . . . 82
Асирон . . . 83
Сабаби даъват . . . 85
Доғи фарзанд . . . 96
Мулоқот бо вазир . . . 98
Сафар . . . 108
Дар Ҳирот . . . 111


## Қисми дуввум


Дар Ғазнӣ . . . 127
Мулоқот бо маликушшуаро . . . 131
Мусоҳиба дар корвонсаро . . . 136
Дар манзили Моҳак . . . 141
Мубоҳиса . . . 146
Баҳс бо Фаррухӣ . . . 148
Дар қабули вазир . . . 154
Дидор бо Исфароинӣ . . . 160

Ранҷиши Унсурӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166
Маслиҳати Моҳак . . . . . . . . . . . . . . . . . . 170
...Ва бурд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 172
Андеша ва илҳоми Унсурӣ . . . . . . . . . . . . . . 176
Мушоара . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 179
Як нагоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183
Дар кабули шоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . 186
Ҳасад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 195
«Пири соддадил» . . . . . . . . . . . . . . . . . 199
«Каромот» ва «Кашфиёт»-и шайх» . . . . . . . . . . 202
Таҳқиқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 207
Шоир ва шоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 213
Бозгашт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 220
На роҳи пеш, на роҳи пас . . . . . . . . . . . . . 226
Гӯшанишини сиррӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . 240
Ба ватан, ба ватан! . . . . . . . . . . . . . . . 250
Боз ҷалои ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . 253
Хотима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 265

*Сотим Улугзаде*

**ФИРДОУСИ**

(на тадж. языке)

Муҳаррирон *Ӯ. Кӯҳзод* ва *Р. Атоева*
Ороиши *В. Безушко*
Муҳаррири ороиш *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *И. Ҳамроев*

БИ № 1388

Ба матбаа 29. 06. 87 супурда шуд. Ба чопаш 26. 11. 87 имзо шуд. КЛ 04550. Формати 60×84 1/16. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барчаста. Ҷузъи чопии шартӣ 15.81. Ҷузъи рангаи шартӣ 16.391. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13,768. Адади нашр 20.000. Супориши № 490. Нархаш 1 с. 20 тин.

Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рӯдакӣ, 33.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.